Барои тақвияти заминаҳои моддиву техникӣ ва эҷодии муассисаҳои фарҳангӣ ва мувофиқу мутобиқ намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳо ба талаботи даврони соҳибистиқлолӣ дар баробари таҳияву тасвиби асноди меъёриву ҳуқуқӣ барномаҳои давлатӣ, қабул ва маблағгузорӣ карда шуданд. Аз ҷумла қабул ва татбиқи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» (2005), «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015» (2005); «Барномаи рушди кино барои солҳои 2006-2010» (2005); «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010» (2006), «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимии фарҳанг ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» (2006), «Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» (2007), «Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» (2010), «Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2010), «Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» (2010), «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020» (2011); «Барномаи рушди санъати сирк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 -2017» (2012); «Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019» (2012), «Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020» (2012), «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (2015), «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» (1916), «Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» (2017), «Барномаи давлатии рушди санъати Шашмақом, Фалак ва мактаби суннатии «устод-шогирд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» (2017), «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» (2017), «Барномаи рушди Китобхонаи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» (2021), «Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» (2022), «Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» (2022) ва ғайра имкон доданд, ки муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи нави таърихӣ тадриҷан рушд ёфта, ба комёбиҳои назаррас ноил шаванд. Дар ин маврид, Президенти мамлакат дар Паёми хеш (20 апрели соли 2012) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти татбиқи барномаҳои давлатиро дар рушди фаъолияти китобдорӣ хуб арзёбӣ намуда, таъкид карданд, ки: **«Таи чанд соли охир татбиқи барномаҳои муҳимми давлатӣ имкон дод, ки**

ҳаҷми фонди китобхонаҳои мамлакат рӯ ба афзоиш ниҳода, ниёзи хонандагон дар самти дастрасӣ ба дастовардҳои асри иттилоот ҳар чӣ бештар қонеъ гардонида шавад. Ин аст, ки имрӯз дар шаҳру деҳоти мамлакат беш аз 1300 китобхонаи оммавӣ ва 120 мағозаи фурӯши китоб фаъолият дошта, танҳо дар панҷ соли охир 30 китобхонаи нав ва дар соли гузашта 20 фурӯшгоҳи нави китоб мавриди истифода қарор дода шуд. Бо дарназардошти ин, метавон гуфт, ки суннати китобдӯстӣ ва фарҳангпарварӣ, ки ба мо аз гузаштагони тамаддунсозамон ба мерос мондааст, имрӯз ҳам ба таври ибратбахш идома дорад» [2].

Дар радифи қонуну қарорҳо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили барномаву консепсияҳо, оинномаву созишномаҳо, қоидаву дастурамалҳо низ қабул шуданд, ки барои ривоҷу равнақи ҳаёти фарҳангии ҷомеа, таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои фарҳангӣ, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии онҳо ва тарбияи мутахассисони соҳаи фарҳангу ҳунар мусоидат карда, самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди фарҳангро муайян намуданд.

Дар заминаи густариши робитаҳои бисёрҷониба, минтақавӣ ва дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ даврaи нави ҳамкориҳои судманд дар соҳаи муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ оғоз ёфт.

Қисми сеюми моддаи 10-и Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшударо ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии мамлакат муқаррар кардааст ва ин имкон медиҳад, ки дар фаъолияти қонунгузории ҷумҳурӣ афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба инобат гирифта шаванд. Аз ин рӯ, тамоми қонунгузории мамлакат оид ба масъалаи пешниҳоди ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ҷиҳати иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа ва истифода аз дастовардҳои он аз Оинномаи Созмони Милали Мутаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (аз 16 ноябри соли 1945), Эъломияи ҳуқуқи башар (аз 10 декабри соли 1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуққои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (аз 16 декабри соли 1966) сарчашма гирифтаанд.

Илова бар ин, дар даврони истиқлол теъдоди зиёди созишномаҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар ба тасвиб расидаанд. Аз ҷумла, созишномаҳои ҳамкорӣ байни ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Беларус, Қирғизистон, Мисри Араб, Фаронса, Лаҳистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Федералии Олмон ва дигар давлатҳо ба имзо расида, мавриди истифода қарор гирифтанд. Тибқи созишномаҳои батасвибрасида, ҷонибҳо муваззаф шуданд, ки дар асоси қонунгузории миллии давлатҳо ҳамкориҳои мутақобиларо чиҳати баргузории намоишгоҳҳо, озмуну фестивалҳо, симпозиуму конфронсҳо, сафарҳои ҳунарӣ, барқарор намудани робитаҳо байни театрҳо, иттиҳодияҳои консертиву гурӯҳҳои эҷодӣ, осорхонаву китобхонаҳо ва дигар ташкилотҳои фарҳангӣ ривоҷ диҳанд. Ҳамзамон тарафҳо уҳдадор гаштанд, ки баҳри татбиқи табодули иттилоот, ҳифзу барқарорсозӣ, нигоҳдориву тармими мероси фарҳангӣ, роҳ надодан ба воридоту содироти ғайриқонунии арзишҳои фарҳангӣ ва барои мутақобилан дастрас будан ба хазинаи китобхонаҳо, осорхонаҳо ва бойгониҳои давлатӣ бо мақсади истифода дар пажӯҳишҳои фарҳангӣ, илмӣ ва таҳсилотӣ мусоидат намоянд.

Ҳамин тавр, қабули силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба соҳаи фарҳангу ҳунар, ки аз Конститутсия сарчашма гирифтаанд, барои татбиқи сиёсати фарҳангии давлат дар ҳаёти ҷомеаи навини Тоҷикистон ва рушди муносибатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ мусоидат карданд.

Адабиёт

1. Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: mmk.tj/content/ конститутсияи-ҷумҳурии-тоҷикистон

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2012 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2012. – 21 апрел.

3. Раҳмон, Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2011 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2011. – 21 апрел.

БУРХАНОВА ЛЕЙЛА МАРИУСОВНА - кандидат юридических наук, профессор кафедры «Гражданское право» Ташкентского государственного юридического университета

РАЗВИТИЕ КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ УЗБЕКИСТАН: ИСТОРИЧЕСКАЯ РЕТРОСПЕКТИВА И НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ

В Республике Узбекистан, в связи с ее национально-государственным устройством, в настоящее время действуют два вида конституции: Конституция Республики Узбекистан и Конституция Республики Каракалпакстан. Базируясь на единой экономической и политической основе, они в тоже время имеют различия, объясняющиеся разными пределами территории, на которую распространяется их юридическая сила, особенностями исторического и национального развития, спецификой задач, которые вытекают из суверенных прав Республики Узбекистан и Республики Каракалпакстан.

Действующая новая редакция Конституция Республики Узбекистан [1] не является первой в истории государственности страны. Не считая двух конституций Туркестанской АССР, конституций Хорезмской советской социалистической республики и Народной социалистической республики Бухары, ей предшествовали три конституции советского периода развития нашей Республики.

Первая Конституция, принятая в 1927 году, закрепила вхождение нашей республики в состав СССР и соответствующий ее правовому положению как союзной республики суверенитет, структуру органов государственной власти, которые возникли в период образования Узбекской ССР[2].

Вторая Конституция, которая была принята в 1938 году, провозгласила, завершение строительства основ социалистического общества. Юридически демократичная и рациональная, эта конституция оказалась демократическим фасадом, за которым не все положения находили реальное воплощение. Третья Конституция, принятая в 1978 году, содержала немалый демократический потенциал, который мог бы быть с успехом использован в интересах народа. Но многие положения конституции остались лишь на бумаге. Декларируемые ею положения не подкреплялись необходимыми процедурами, правовыми гарантиями, отсутствовал механизм конституционного надзора и контроля. Действие конституции ограничивалось нормативными актами, главным образом подзаконного характера[3].

В первые же годы социально-экономических преобразований в Республике Узбекистан, начавшихся после провозглашения ее независимости, в качестве одной из актуальных задач встала задача разработки и принятия Конституции. На начальном этапе реформы шел частичный пересмотр действующего основного закона, наполнение его новыми положениями. Но этот путь не решал проблемы по

существу. Поэтому наряду с обогащением Конституции новыми положениями, сразу же была начата работа по подготовке проекта новой конституции, которая отражала бы факт появления на политической карте мира нового суверенного демократического государства - Республики Узбекистан[4].

По мнению ученых, необходимость принятия новой конституции объяснялась двумя факторами: переходом Республики на рыночные отношения и провозглашением ее государственной независимости. С таким мнением нельзя не согласиться. Переход на рыночные отношения требовал твердых конституционных основ рыночной экономики. Без конституционного закрепления новых отношений собственности, демократизации экономических и политических отношений такой переход не мог быть осуществлен. Переход к рынку требовал новых юридических правил, которые устранили бы препоны, мешающие развитию различных форм собственности, функционированию бирж, банковского дела, инвестиционных процессов рыночных отношений. Нужны были правовые нормы, которые опирались бы на нормы международного права и создавали бы всем гражданам равные правовые возможности. Действовавшая же конституция не способствовала решению этих задач.

Что же касается второго фактора, то здесь уместно отметить, что ни одно государство не может считаться подлинно суверенным, если в Основном законе не закреплены принципы государственного и общественного строя, права и свободы граждан, экономические основы и стратегические направления развития. Конституция 1978 года, как и две предыдущие, не была Конституцией суверенного государства, она была приспособлена к унитарной и командно-административной системе управления.

Обретение нашей Республикой независимости потребовало конституционного закрепления природы нового государства, принципов ее внешней и внутренней политики, приверженности правам человека, принципам государственного суверенитета, идеалам демократии и социальной справедливости.

Идея необходимости разработки новой конституции Республики прозвучала уже на первой сессии Верховного Совета XII созыва в марте 1990 года, но реальное воплощение в жизнь она получила в июне этого же года на второй сессии Верховного Совета того же созыва, образовавшей под председательством первого Президента Республики И.А. Каримова Конституционную комиссию из 64 человек. В данную комиссию вошли представители Республики Каракалпакстан и областей, руководители хозяйств, предприятий, государственные и общественные деятели, ученые. Первое заседание Конституционной комиссии состоялось 12 апреля 1990 года. На нем была образована рабочая группа в составе 32 человек, а также шесть подгрупп для подготовки разделов проекта Конституции, в состав которых были включены 50 научных работников и специалистов- правоведов. Первым шагом в разработке проекта Конституции стала подготовка ее концепции. Первоначально было подготовлено три концепции, на основе которых была выработана одна, которая и стала основой для работы рабочей группы и Конституционной комиссии в целом. После полутора лет работы над проектом ее последний вариант 26 сентября 1992 года был опубликован в печати для всенародного обсуждения.

Важнейшим этапом подготовки проекта Конституции стало его всенародное обсуждение которое по решению X сессии Верховного Совета XII созыва от 2 июня 1992 года, началось 26 сентября 1992 года. Обсуждение проводилось в трудовых коллективах, по месту жительства населения, на радио, телевидении, в печати, с помощью других средств массовой информации. В обсуждении приняли участие рабочие, дехкане, служащие, пенсионеры, студенты, ученые, писатели, врачи и другие слои населения. С учетом поступивших в адрес Конституционной комиссии

замечаний и пожеланий, проект Конституции был доработан и 21 ноября 1992 года и вновь опубликован для дальнейшего обсуждения, что с одной стороны дало возможность удостовериться населению страны в том, что его мнение во многом учтено и нашло отражение в новом варианте проекта, а с другой стороны, дало новый импульс процессу обсуждения. Стали поступать новые пожелания и предложения. В общей сложности, в результате всенародного обсуждения в проект Конституции было внесено около 80 изменений и дополнений, многие из которых имели важное принципиальное значение.

В начале декабря 1992 года всенародное обсуждение проекта было завершено и его последний вариант Конституционная комиссия передала на рассмотрение XI сессии Верховного Совета Республики Узбекистан XII созыва. При обсуждении проекта в Верховном Совете депутаты также внесли ряд изменений и дополнений. Обсуждение проекта завершилось историческим событием — принятием Верховным Советом 8 декабря 1992 года новой Конституции Республики Узбекистан.

В отличие от конституций советского периода истории Республики Конституция независимого Узбекистана - документ, вобравший в себя общечеловеческие правовые ценности, которые прошли проверку временем. При сравнении Конституции Республики Узбекистана с конституциями других стран мира, можно заметить, что она отвечает самым демократическим нормам и стандартам международного сообщества. Главная задача Конституции — обеспечение формирования в Республике гражданского общества и социально — ориентированного демократического правового государства. Конституция закрепила такие основополагающие принципы гражданского общества, как подчинение всей деятельности социальных и политических институтов интересам народа, свобода и личная неприкосновенность человека, свобода слова, свобода вероисповедания, свобода выражения своих мыслей, свобода печати, свобода собраний и объединений, право на равную защиту со стороны закона и свободное судопроизводство, свободный доступ граждан к информации о процессах, происходящих в обществе и деятельности органов власти. Закреплено и суверенное право народа на власть и определены пределы суверенитета государства, ограничивая его интересами народа. Власть призвана защищать права граждан, поддерживать порядок в обществе и в интересах народа пресекать преступные действия. Конституция Республики Узбекистан четко разграничила полномочия государственной и общественной властей, различных ветвей государственной власти, центральных органов власти и органов власти на местах.

Конституция Узбекистана 1992 года охватывает своим регулированием все наиболее важные сферы жизни узбекского общества и государства и отличается краткостью и четкостью формулировок, а также структурированностью. Вместе с тем с момента принятия, то есть с 8 декабря 1992 года в Конституцию внесено 16 раз изменения и дополнения. Поправки вносились в 1993, 2003, 2007, 2008, 2011, 2014, 2017, 2018, 2019 и 2021 годах.

Поэтому на основе Конституционного закона от 01.05.2023 года «О Конституции Республики Узбекистан» принята путем всенародного голосования на референдуме Республики Узбекистан, проведенном 30 апреля 2023 года, новая редакция Конституции Республики Узбекистан. Конституционный Закон вступил в силу 1 мая 2023 года со дня официального опубликования итогов референдума опубликования итогов референдума Центральной избирательной комиссией Республики Узбекистан.

Новая редакция Конституции Республики Узбекистан принята в подтверждение приверженности правам и свободам человека, национальным и общечеловеческим ценностям, принципам государственного суверенитета, подтверждает верность идеалам демократии, свободы и равенства, социальной справедливости и солидарности, с осознанием высокой ответственность за построение гуманного демократического государства, открытого и справедливого общества, в котором высшей ценностью является человек, его жизнь, свобода, честь и достоинство, ставит целью обеспечение достойной жизни граждан, межнационального и межконфессионального согласия, благополучия и процветания многонационального родного Узбекистана. В статье 1 Основного закона прямо закреплено, что Узбекистан — суверенное, демократическое, правовое, социальное и светское государство с республиканской формой правления.

Говоря о характерных особенностях Конституции независимого Узбекистана, следует сказать и о таких ее качествах как выразительность, точность формулировок, конкретность, делающих ее запоминающимся, доходчивым и понятным документом. Конституция Республики Узбекистан является одной из наиболее рационально составленных конституций стран, входящих в СНГ.

Список использованной литературы

1. Конституция Республики Узбекистан (новая редакция). Национальная база данных законодательства, 01.05.2023 г., № 03/23/837/0241.
2. Агзамходжаев А.А., Уразаев Ш.З. Развитие конституции Узбекской ССР. Ташкент. Гос. изд-во Узбекской ССР, 1957.
3. Уразаев Ш.З. Новая Конституция СССР - основной закон нашей жизни. Ташкент: Узбекистан, 1978.
4. Уразаев Ш.З. Комментарий к конституции Республики Узбекистан. Ташкент. Узбекистон, 2001.

АКМАЛЗОДА АМИРХОН ҲАСАН – усоискатель Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

ГОСУДАРСТВЕННАЯ ВЛАСТЬ КАК РОДОВОЙ ОБЪЕКТ ПРЕСТУПЛЕНИЯ

Государственная власть как объект преступления является одним из важнейших объектов уголовно-правовой охраны, так как обеспечивает стабильность, порядок и устойчивость правопорядка в обществе. Уголовное право защищает государственную власть, поскольку ее устойчивое функционирование – основа существования государства и реализации прав граждан. Посягательства на государственную власть охватывают деяния, которые представляют угрозу не только отдельным органам или представителям власти, но и всему государству и обществу в целом.

Государственная власть как объект преступления включает в себя систему взаимоотношений, которая обеспечивает управление обществом, защиту интересов государства и выполнение функций всех ветвей власти: исполнительной, законодательной и судебной. Преступления против государственной власти создают угрозу нормальному функционированию государственного механизма, подрывают авторитет и устойчивость власти, а также нарушают общественную безопасность.

Значение государственной власти как объекта преступления заключается в том, что любые посягательства на нее могут подорвать доверие граждан к государственным

институтам и нарушить функционирование важных государственных структур. Это требует особого внимания со стороны государства и правопорядка, так как безопасность и стабильность общества напрямую зависят от силы и авторитета государственной власти.

Преступления против государственной власти можно классифицировать на несколько основных категорий:

- Посягательства на конституционный строй и суверенитет – это преступления, направленные на подрыв основ государственного устройства. В таких преступлениях объектом выступают основы конституционного строя, такие как суверенитет, территориальная целостность и независимость государства. Примеры включают измену государству, сепаратистскую деятельность, организацию восстаний и антиконституционные действия.

Посягательства на конституционный строй и суверенитет являются одной из самых опасных категорий преступлений против государственной власти. Эти преступления направлены на подрыв основ государственного устройства, нарушение целостности и независимости государства и представляют угрозу как для внутренней стабильности, так и для международного положения страны. Важность охраны конституционного строя и суверенитета обусловлена их центральной ролью в обеспечении прав и свобод граждан, стабильности государственного управления и национальной безопасности.

Конституционный строй – это система правовых и политических норм, определяющая принципы организации государственной власти, взаимодействие между ветвями власти, а также гарантии прав и свобод граждан. Конституционный строй закрепляется в основном законе страны – Конституции, которая является высшим правовым актом и определяет основы функционирования государства.

Суверенитет – это независимость государства, его способность самостоятельно и независимо от внешнего вмешательства осуществлять внутреннюю и внешнюю политику. Суверенитет включает в себя как политическую независимость, так и территориальную целостность страны, что предполагает защиту границ и исключительное право на управление своей территорией.

Посягательства на конституционный строй и суверенитет ставят под угрозу эти основополагающие принципы, нарушают стабильность и устойчивость общества и государства, а также препятствуют реализации прав граждан.

Государства стремятся обеспечить особую охрану конституционного строя и суверенитета, устанавливая строгие меры ответственности за их нарушение. В уголовном законодательстве большинство стран предусматривает особо тяжкие наказания за эти преступления, включая длительные сроки лишения свободы и даже пожизненное заключение в случае особо опасных посягательств, например, при совершении измены в условиях военного положения.

Правовая защита конституционного строя и суверенитета включает не только уголовно-правовые, но и административные меры, такие как контроль над СМИ и финансированием политических организаций. Особое внимание уделяется международному сотрудничеству в борьбе с угрозами суверенитету, такими как терроризм, киберпреступления и трансграничные угрозы.

С развитием глобализации и информационных технологий появляются новые формы посягательств на конституционный строй и суверенитет. В частности, информационные войны, кибератаки, вмешательство во внутренние дела через социальные сети и другие современные инструменты стали актуальными угрозами для многих государств. Кибератаки на государственные структуры, манипуляция

общественным мнением, распространение дезинформации могут дестабилизировать обстановку и подорвать доверие граждан к государственным институтам.

Многие государства разрабатывают специальные правовые нормы и технологии, направленные на защиту от подобных угроз, а также усиливают международное сотрудничество для борьбы с киберугрозами и информационными посягательствами на суверенитет.

Посягательства на конституционный строй и суверенитет государства представляют серьезную опасность для его стабильности, безопасности и независимости. Уголовное законодательство предусматривает строгую ответственность за данные деяния, что подчеркивает их особую общественную опасность. Современные угрозы требуют пересмотра подходов к защите конституционного строя и суверенитета, а также усиления международного сотрудничества в области обеспечения безопасности и борьбы с информационными и киберугрозами.

- Преступления против государственной безопасности – действия, направленные на подрыв безопасности государства, дестабилизацию или подрыв авторитета власти. К ним относятся шпионаж, террористическая деятельность, создание и поддержка экстремистских группировок, подрывная деятельность.

Преступления против государственной безопасности представляют собой одну из самых серьезных категорий преступлений, направленных на подрыв стабильности и устойчивости государства. Эти преступления угрожают как внутреннему правопорядку, так и международной позиции государства. Государственная безопасность охватывает защиту суверенитета, территориальной целостности, внутреннего порядка, а также обеспечение непрерывного функционирования государственных институтов. В уголовном законодательстве преступления против государственной безопасности рассматриваются как особо опасные, и за их совершение предусмотрены строгие меры ответственности.

Преступления против государственной безопасности охватывают деяния, которые представляют угрозу политическим, экономическим и социальным устоям государства. Эти деяния направлены на нарушение нормального функционирования государственной системы, подрыв доверия к властным структурам, дестабилизацию общественной жизни, создание условий для конфликта или подрыв национальной безопасности.

Государственная безопасность включает широкий спектр вопросов, таких как защита государственных тайн, предотвращение внешнего вмешательства, защита от террористических угроз и поддержание общественного порядка. Преступления, направленные против этих аспектов, подрывают основы государства, и их последствия могут привести к серьезной дестабилизации.

Уголовное законодательство включает особые составы преступлений, направленных на защиту государственной власти. Например, посягательства на конституционный строй или государственную безопасность имеют более строгие меры наказания. Такая правовая охрана продиктована высокой общественной опасностью данных деяний и необходимостью защиты стабильности государства.

Важно, что государственная власть как объект преступления отличается своей спецификой – она представляет собой абстрактную категорию, которая охватывает не конкретные лица или структуры, а отношения и систему, обеспечивающую управление обществом. Поэтому доказательство таких преступлений требует установления угрозы не отдельным лицам, а всему государству или системе правопорядка.

С развитием глобализации и технологий появляются новые угрозы государственной власти, такие как киберпреступления, информационные атаки и вмешательство во внутренние дела государства через социальные сети и интернет-

ресурсы. Эти формы преступлений могут представлять значительную опасность для государственного суверенитета, особенно в эпоху информационных войн и манипуляции общественным мнением.

Для эффективного противодействия преступлениям против государственной власти государствам необходимо адаптировать свое законодательство и создавать новые механизмы защиты. Это может включать как правовые новации, так и усиление сотрудничества на международном уровне для предотвращения глобальных угроз безопасности и стабильности.

Государственная власть как объект преступления – это комплекс общественных отношений, направленных на поддержание и обеспечение нормального функционирования государственного механизма. Ее защита требует внимательного подхода и особого уровня правовой охраны, так как угрозы этому объекту могут подорвать стабильность государства и общественного устройства. Уголовное законодательство играет важную роль в защите государственной власти, отражая стремление государства и общества к сохранению порядка, суверенитета и безопасности.

АЛИЕВ ФАРУХ ШАРИФОВИЧ -
мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии ДДТТ, н.и.ҳ., дотсент

АҲМИЯТИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН

Фарҳанг маҷмӯи арзишҳои моддию маънавие мебошад, ки инсоният онҳоро офарида, бо мақсади рушди маънавии шахс истифода мебарад[9].

Чунин як арзиши фарҳанги инсонӣ ҳуқуқ буда, дар таҳқиқоти илмии солҳои охир ақидаҳо оид ба муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ ҳамчун ҷузъи муҳимми фарҳанги инсонӣ ҳукмрон гардида истодаанд. Фарҳанги ҳуқуқӣ тамоми арзишҳои марбут ба функсияҳои ҳуқуқ, низоми меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқ, ки ба ҳадафи он мувофиқанд дар бар мегирад. Фарҳанги ҳуқуқӣ ҳам тартиботи ҳуқуқии мавҷуда ва ҳам фаъолияти муассисаҳои гуногуни иҷтимой-сиёсӣ ва давлатиро таъмин мекунад [4] . Раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ба умқи таърих рафта мерасад. Дар баробари пайдоиши давлат ва аввалин меъёрҳои иҷтимоӣ, кӯшишҳои шахс барои дарк кардани мавқеъ ва нақши худ дар низоми ҳуқуқӣ, бунёди намунаҳои рафтори ҳуқуқӣ ба назар мерасиданд [2].

Давлатҳо барои аз байн нарафтан ва устувории пояҳои давлатдорӣ диққати асосиро ба ҷавонон медоданд, зеро ҷавонон, ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ нисбат ба наврасону миёнасолон ва калонсолон неруи қавӣ доранд ва ҳам бо мақсади нигоҳ доштани тамаддун, фарҳанг, забону афкори миллатҳо хизмат намуда, меросбаранд.

Ҷавонон ҳамчун гурӯҳи асосии аҳолии кишвар, бевосита дар низоми давлатдории миллӣ дар ҳама давру замон барои рушди давлат ва миллат нақши асосиро иҷро менамоянд. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар давлатдории миллӣ диққати асосӣ ба ҷавонон дода мешуд. Зеро ин қишри ҷомеа дар дилхоҳ марҳилаи таърихӣ неруи асосии давлат ба шумор мераванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26-уми декабри соли 2019 чунин қайд намуданд: «Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа,

хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад» [8].

Аз қадим, ниёгони мо нисбат ба ҷавонон эътибори хосса медоданд, ба онҳо илму дониш ва малакаву кордониро меомӯхтанд. Махсусан, диққати асосии онҳо ба омодагии ҷавонон ба аспсаворӣ, шамшерзанӣ ва маҳорати ҷанг равона гардида, баъди супоридани санҷишҳои махсус онҳо ҳамчун ҷавони комил эътироф мегардиданд. Чи тавре ки муҳаққиқи ватанӣ А.Ғ. Холиқзода доир ба низоми ҳуқуқии тоҷикон қабл аз ислом менависад: «Қобилияти амалкунии пурраи шахс баъди ба синни 15-солагӣ расидан ба вуҷуд меомад. Дар ин вақт, маросими махсус дар ҳузури гурӯҳи бизоатмандон бо пӯшонидан ва бахшидани камарбанд ва пироҳани муқаддас иҷро мешуд» [16]. Аз ин расмиёт бармеояд, ки тоҷикон дар таърихи давлатдории худ ба ин табақаи аҳолӣ, яъне ҷавонон диққати махсус дода, маросими махсуси мустақил эътироф намудани ҷавононро доштаанд, ки бо одати пӯшонидани камарбанд ва бахшидани пироҳани муқаддас анҷом дода мешуд. Ин расмиёт гувоҳи умед доштан ба ҷавонон ва тарбия намудани онҳо баҳри рушд ва эмин нигоҳ доштани давлатдории миллӣ маҳсуб мегардид.

Бояд қайд намуд, ки ба мушкилиҳои ҷавонон дар давлатҳои Шарқи қадим низ диққат медоданд. Аз ҷумла, дар Бобулистони қадим ҷавони болаёқатро ба корҳои арзанда таъмин намудан яке аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб мерафт [10] . Донистани падидаҳои муҳимми ҳуқуқӣ ва давлатӣ барои худогоҳӣ ва дар навбати дигар ташаккули давлат ва ҳуқуқ ва умуман рушди босуботи фарҳанги ҳуқуқӣ, ки аз он ҳосил мегардад аз ҷониби ҷавонон бениҳоят зарур мебошад. Дар ин ҷода, Қонуни шоҳ Ҳаммурапӣ (асри XVIII пеш аз милод) низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ин ҳуҷҷат ҳамчун намунаи қонуни классикии Шарқи қадим ҳисобида мешавад. Он бори аввал ҷузъҳои фарҳанги ҳуқуқиро муаррифӣ мекунад: «... заифонро хафа накардан, адолати мазлумро барқарор кардан ....» [3].

Тавре муҳаққиқ Ф. Тоҳиров менависад: «Дар замони дигаргуниҳои қатъии низоми иҷтимоӣ, фарҳангии ҷамъият рӯ овардан ба таърихи барпо шудан ва инкишоф ёфтани давлат ва ҳуқуқ, ҷамъбаст кардани таҷрибаи таърихии бунёди давлат ва ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи то пойдор гардидани усули маъмурию бюрократӣ ва худсарии ҳокимият аҳамияти махсус дорад» [14].

Рӯ овардан ба таърихи давлатдории гузаштагони худ ва огоҳӣ пайдо намудани ҷавонон аз падидаҳои муҳимми давлативу ҳуқуқии хеш, аз як ҷониб заминаи худшиносию худогоҳии ҷавонон мегардад ва аз ҷониби дигар бошад, заминаи ташаккули маърифати ҳуқуқии онҳо мешавад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва барҳӯрди тамаддунҳо бо мақсади пойдор мондани арзишҳои миллӣ бояд фарҳанги ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ фарҳанги умумии ҷомеа боло бардошта шавад, ки ин бевосита аз ҷавонон шурӯъ мегардад. Воқеан, муаллифони китоби «Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш» дуруст қайд менамоянд, ки «…кӯр-кӯрона тақлид намудан ба низоми ҳуқуқии ғайр, ворид намудани қонуну унсурҳои бегона ба низоми ҳуқуқии тоҷик фарҳанги ҳуқуқии миллиро коҳиш дода, сабаби аз байнравии он мегардад. Чи тавре мегӯянд, миллатеро аз байн бурдан хоҳанд, нахуст фарҳангашро аз миён мебаранд. Бинобар ин, бояд фарҳанги ҳуқуқӣ, ки қисми таркибии фарҳанги умумӣ аст, ҳифз карда шавад» [12].

Ҷавонон ҳамчун категорияи аҳолӣ аз ҷониби илмҳои гуногуни ҷамъиятшиносӣ ба мисоли фалсафа, сотсиология, демография, психология, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ вобаста ба соҳа омӯхта мешаванд.

Фарҳанги умумии ҷомеа васеъ буда, тамоми намудҳои фарҳанг ба он дохил мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқӣ як навъи фарҳанги умумии ҷомеа мебошад, ки дар навбати худ ба зернамудҳо ҷудо мешавад. Яке аз зернамудҳои он фарҳанги ҳуқуқи инсон буда, фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон аз дохили он бармеояд.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар давлатҳои ҳуқуқбунёд сатҳи дониши ҳуқуқӣ, дарки қонунҳо, қобилияти истифодабарӣ ва татбиқи онҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт инъикос менамояд. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон як намуди фарҳанги ҳуқуқи инсон мебошад. Вижагиҳои фарҳанги ҳуқуқи инсон пеш аз ҳама дар сатҳи дониши ҳуқуқии онҳо, донистани қонунҳои амалкунандаи кишвар, риоя, иҷро ва истифодаи ин қонунҳо зоҳир мегардад. Чи тавре ки баъзе муҳаққиқон қайд менамоянд: «Дар ҷомеаи шаҳрвандии рушдёбанда ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аҳамияти хоса доранд ва ба фарҳанги умумии ҷомеа ворид карда мешаванд» [13].

Ба андешаи Э.С. Насриддинзода «Фарҳанги ҳуқуқӣ – ин қисми таркибии фарҳанги умумии ҷомеа ва фард маҳсуб меёбад». Мувофиқи ин андеша фарҳанги ҳуқуқӣ, қисми таркибии ҳам фарҳанги умумӣ ва ҳам фарҳанги фард эътироф мешавад [7].

Мутобиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб мешавад [5]. Дар ин замина, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар дар маҷмуъ ва махсусан фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун насли нав, самти муҳимми сиёсати давлатии Тоҷикистон мебошад. Мантиқист, ки ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аз сиёсати ҳуқуқии давлат бевосита вобастагӣ дорад[11] . Агар сатҳи фаҳмиши ҳуқуқии аҳолии кишвар баланд бошад, сиёсати ҳуқуқӣ ба таври муассир ташаккул меёбад, зеро донистани қонунҳо шаҳрвандонро барои иштироки фаъолона дар чорабиниҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд гардонида, давлатро низ ба қабул намудани меъёрҳои ҳуқуқии зарурӣ ва такмил додани низоми қонунгузорӣ водор месозад.

Воситаи муассири мубориза бо зуҳуроти номатлуб ин ташаккули фарҳанги баланд дар насли наврас, алалхусус фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад.

Бинобар ин, муҳаққиқ У.А. Азиззода дар мавриди ташаккули хуқуқи ҷиноятии шӯравӣ дар солҳои 1917-1924, қайд менамояд, ки дар ин солҳо болоравии фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии аҳолӣ шароит фароҳам овард то мардум якҷоя бо мақомоти давлатӣ алайҳи нобаробариҳои қонунгузорӣ ва такмили он мубориза баранд[1] . Принсипҳои баланди ахлоқӣ, завқи зебоипарастӣ, фарҳанги сиёсии ҷавонон танҳо бо роҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд ва бо ин робитаи ногусастанӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки донистани қонунҳо ва муносибат ба иҷрои онҳо бояд ба ҳар як шаҳрванди ҷавон хос бошад. Ин як навъ заминаи иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ва раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мегардад.

Марҳилаи муҳим дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонон қабули Конститутсияи Тоҷикистон соли 1994 буд. Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 5-ум муқаррар менамояд, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд [6].

Ф.Тоҳиров чунин менависад: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳиятан бузургтарин ҳуҷҷати миллӣ ва давлатии кишварамон буда, дорои аҳамияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ мебошад. Аз ин рӯ, хуб донистани қонуни асосии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои наврасону ҷавонон, ки ояндаи пойдорию пешрафти миллату давлатанд, ҳам фарзу ҳам суннат аст. Бояд, ки наврасону

ҷавонон усулҳову ғояҳои дар Конститутсия нишондодашударо хуб дарк карда, дар раванди ҳаёти ҳаррӯзаи худ онҳоро татбиқ карда тавонанд» [15].

Чунин тарзи баррасии масъала аз ҷониби муҳаққиқи варзидаи ватанӣ Ф. Тоҳиров аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф бевосита ба ҷавонон таъкид менамояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқиашон Конститутсия ва қонунҳои ҷорирo донанд ва аз онҳо истифода намуда тавонанд. Аз андешаронии муаллиф бармеояд, ки махсусан донистани ҳуқуқу озодиҳо, Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда, ҷиҳати рушди давлату миллат ва пойдор мондани онҳо барои ҷавонон муҳим ва зарур аст. Ин нуқтаи назар бори дигар муҳим будани масъалаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро дар раванди ташаккули давлати ҳуқуқбунёд собит намуда, аз мавзуи тадқиқоти алоҳида будани он, гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, Дар асоси моддаи 41- уми Конститутсия дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад. Риоя ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳо дар заминаи фарҳанги баланди ҳуқуқӣ амали карда мешавад, ки ин вазифаи конститутсионии ҳар як шахс мебошад. Дар асоси моддаи 10-уми Конститутсия қонунҳо пас аз интишори расмӣ амал мекунанд. Бо мақсади шиносоии аҳолӣ ба қонунҳо меъёри мазкур муқаррар гардидааст. Яъне як навъ алоқаманди байни моддаи 10-уми Конститутсия ба моддаи 41 - уми Конститутсия дида мешавад. Агар шахс ҳуқуқвайронкуни содир намуд ва баҳона пешоварад, ки намедонист ин кирдор манъ мебошад. Дар асоси моддаи 10 - уми Конститутсия аввал посух мегирад, ки қонунҳо пас аз интишори расмӣ ба қувваи амал медароянд. Яъне дар рӯзномаҳои расмӣ нашр мешаванд, ки шаҳрвандонро зарур аст бо онҳо шинос шаванд ва сипас бо моддаи 41- уми Конститутсия қонеъкарда мешавад, ки надонистани қонун шахсро аз ҷавобгари истисно намекунад. Аз меъёрҳои таҳлил гардида бармеояд, ки шиносои бо қонунҳо баландбардоштани фарҳанги ҳуқуқии худ, риоя ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳо ин вазифаи конститутсионии ҳар як шахс мебошад.

Адабиёт:

1. Азизов У.А. Формироваание советского уголовного права и особенности развития инистутов преступления и наказания в Таджикистане [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http www. https://cyberleninka.ru /article/n/formirovanie-sovetskogo-ugolovnogo-prava-i-osobennosti-razvitiya-institutov-prestupleniya-i-nakazaniya-v-tadzhikistane-1917-1924-gg. (санаи мурочиат: 26.04.2021)
2. Воронцова Н.В. Влияние глобализации на правовую культуру // Законность в современном обществе: сборник статей международной научно-практической конференции: в 2 частях. – 2017. – С. 78-80.
3. Евтушенко И.И. Факторы формирования правовой культуры старшеклассников в современных условиях. Педагогические науки. – 2013. – № 6. – С. 21.
4. Жинкин С.А. О технологиях юридического воздействия на правовую культуру личности в современной России // Очерки новейшей камералистики. – 2018. – № 3. – С. 19-23.
5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.02.2020)
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 4.

7. Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – С. 58.

8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/219752019 (санаи мурочиат: 01.02.2020 с.).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, № 519. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/520_tj.pdf. (санаи мурочиат: 10.10.2024 с.).

10. Кузнецов В.В. История Вавилона. – Л., 1956. – С. 36.

11. Редков С.К. Реформы 19 века и их влияние на правовую культуру российского общества // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова. – 2012. – № 4. – С. 59.

12. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе, 2016. – С. 11.

13. Снашков С.А. Правовая культура как фактор информационной безопасности // Вестник Челябинского государственного университета. – 2013. – № 22 (313). – С.180.

14. Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 3.

15. Тоҳиров Ф. Мақоми Конститутсия дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонон // Ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон. Маводҳои конфронси умумиҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2005. – С. 29.

16. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе, 2002. – С. 71.

ХОЛИҚЗОДА А.Ғ. - Директори Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти ҶТ

ХОЛИҚОВА М.Ғ. – муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқи ДБССТ

КОНСТИТУТСИЯ КАФИЛИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА СУБОТИ СИЁСИИ ҶОМЕА

Яке аз аломатҳои муҳимми Конститутсия дар шароити муосир, ки ба вазифаи асосии он табдил ёфтааст ин ҳафзи ваҳдати ҷомеа ва низому тартиб аст. Аз воситаҳои муассири такмили ин ваҳдат ташаккул ва рушди падидаи шаҳрвандӣ маҳсуб мегардад. Падидаи шаҳрвандӣ, ки яке аз нишонаҳои шакли идораи ҷумҳурии давлат мебошад[64], вай ботинан бо баробар эълон кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон қатъи назар аз миллату нажоду динашон одамони як давлатро ба ваҳдати иҷтимоии устувор табдил медиҳад. Албатта, мумкин аст, ки тавассути вазифаи ҳифзи тартибот ва низом масъалаи марбут ба ваҳдат ва ваҳдати миллиро низ мавриди барарсӣ қарор дод. Вале раванди вайроншавӣ ва осебпазирии ҷомеаҳои муосир бо парокандагии давлатҳои миллӣ дар шароити имрӯз ба як

[64]Имомов А. Нақши Конститутсия дар давлатдории миллии тоҷикон. – Душанбе, 2011. – С. 279.

хатари асосии сиёсӣ ва бесарусомонии давлатҳои ҷавон табдил ёфта, мавзуи мазкурро аз назари илми ҳуқуқ мубрам гардонидааст. Агар ба ин таҳдиду хатар аз дохил назар намоем дар бештари мавридҳо ҷавҳар ва маҳаки ин нооромӣ, аз адами ваҳдати миллӣ ва заъфи алоқаи устувори иҷтимоӣ байни аъзои он рӯх медиҳад.

Сӯиистифода ва такмили ин равандҳои осебпазир дар шароити муосир дар пасманзари ҷаҳонишавии манфиатҳо васеъ ба назар мерасад. Неруҳои дохилии сараввал **марказгурез** ва баъдан **ваҳдатгурез** ҳамеша барои неруҳои душманони миллату давлат ҳамчун аскарони бепул хизмат менамоянд. Мушкил ва тазоди маънавӣ он аст, ки ин гурӯҳҳо низ дар зинаи ташаккул ва рушду мақомгириашон ҳамчун неруи сиёсӣ ва марказгурез дар хаймаи меъёрҳои конституттсионӣ худро ҷо мекунанд ва аз ҳимояти конститутсия ва падидахои демократӣ васеъ истифода мекунанд. Аммо раванди баъди ходисот муайян мекунад, ки дар зинаи муайяни таъсиррасониашон ин гурӯҳҳо меъёрҳои конститутсионо ба осонӣ пушти сар ва сарфи назар менамоянд. Чунки хоҷагони маблағгузори эшон назди онҳо мақсаду ҳадафҳои худро мегузоранд. Боиси таассуф аст, ки аксари инқилобу ҳаракатҳои бенизоми вайронкунандаи низом ва ваҳдати ҷомеаҳо аз ибтидои асри XX зери нақшаи асрордонони илми ҷаҳонӣ ва мардумони бо ном интихобшудаи сиёсӣ ва динӣ рӯх додааст. Ҳатто дар инқилобҳои бузурги сотсиалистӣ даст доштани онҳоро баъзе аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ бозгӯӣ мекунад. Аз ин хотир, инқилобҳои рангаи аввали асри XXI дар сиёсати имрӯзаи ҷаҳонӣ ҳодисаи нав нест.

Оё ба ин равандҳои таҳдидовар конститутсия имкон дорад, ки муқовимати ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ намояд? Зеро яке аз вазифаҳои муқаддаси конститутсия ҳифзи ҳамин низом, тартиботи умум ва ваҳдати иҷтимоӣ аст. Пас конститутсия муаззаф аст, ки ба ҳифзи тартиб ва низом яксара хизмат намояд ва ҷомеаро аз парокандагӣ дифоъ созад. Вале раванди муносибати нодуруст ва нобаробари шаҳрвандон ва гурӯҳҳои сиёсӣ аз як ҷониб ва бетарафии мақомоти масъулу аҳли зиё аз ҷониби дигар бо ин сарчашмаи асосӣ ва муҳим дар зинаҳои муайяни бӯҳронӣ кори тартибот ва низомро аз зери назари конститутсия дур менамояд. Ин ҳолатҳо асосан дар шароитҳои баланд шудани набзи сиёсии ҷомеа, афзоиши буҳрони идорӣ зери фишорҳо ва омилҳои мухталифи объективӣ ва субъективӣ, одатан бо дастгирии нерухои хориҷӣ рӯх медиҳад. Дар мадди аввал думболагирӣ ва тобеият ба Конститутсия дар ҳамаи зинаҳои рафтори инсонӣ, ки гарави муттаҳидӣ ва ваҳдат аст ба зиёд шудани даъвоҳои сиёсӣ ва ҳақталабиҳои ҷомеа ва масъулин ҳамчун одати болоравии маърифати конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ муносибат менамоянд. Вале, ин раванди аз ҳад ва андоза берун такя кардан ба меъёрҳои конститутсионӣ дар шароитҳои буҳронии сиёсӣ ва аз сарҳади талаботҳои конститутсионӣ зери фишори бетартибиҳо ва гурӯҳҳои мухталиф гузаштани неруҳои ҳақталаб, дар асл як намои муташаккили воридшавии неруи фасодовар ба ҷомеа аст.

Дар чунин сурати аз андоза берун такя кардан ба Конститутсия ва меъёрҳои он ва дар асл оғоз кардан ба дуршавӣ аз талаботи меъёрҳои конститутсионӣ бо мақсади рупӯш кардани ҳадафҳои нопок як навъ бемории шуури ҳуқуқӣ аст, ки ба баландшавии табъи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа оварда мерасонад. Ин гурӯҳи сиёсии омодашуда дар сухан ва амалкардҳои мухталиф ва аз номҳои дигарон мубрамияти меъёрҳои конститутсионро ба чашми омма афзоиш дода, ба фазои иҷтимоӣ як норозигиии доимиро тавлид менамоянд. Чунин бемории шуури иҷтимоӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва фазои иттилоотӣ аз нодуруст муносибати популистона намудан нисбат ба меъёрҳои ин санади олии ҳуқуқӣ оғоз мегардад. Онҳое, ки чунин огоҳона ва мақсаднок паноҳгоҳҳои меъёрҳои конститутсияро ба бозори баҳсҳои кӯчагӣ ва

майдонҳо ҷиҳати пӯшонидани ҳадафҳои ғаразноки гурӯҳӣ мекашанд, дар асл на ҷонибдори конститутсия ва меъёрҳои он, балки диллетант ва фасодовари низому ваҳдати миллӣ мебошанд, ки ба манфиати душманони миллат ва давлат ҳамчун неруи инқилобӣ хизмат мекунанд. Конститутсия ба чунин тарғиботу муносибатҳои ватанфурӯшонаи рақибон ва неруҳои сиёсӣ эҳтиёҷ надорад, чунки онҳо аз конститутсия манфиат ва ғаразҳои сиёсии худро меҷӯянд. Ба ёд орем давраи аввали ҷангҳои шаҳрвандӣ ва ё ташкили инқилобҳои рангаи супориширо, ки чи тавр меъёрҳои конститутсияро сӯиистифода менамоянд.

Конститутсия бошад вазифаи марказиаш ҳифзи оромӣ, амният ва ваҳдати саодатовари ҷамъият аст. Конститутсия озодӣ ва ҳуқуқҳои сиёсиро танҳо ба хотири рушди гуногунандешӣ ва демократия дар доираи манфиатҳои миллӣ, мутобиқ ба талаботи қатъии меъёрҳои конститутсионӣ бо мақсади саодату оромӣ ва ҳамоиши мавзуни ҳаққҳои инфиродӣ ва ҷамъиятӣ эълон ва эътироф мекунад. Демократия дар асл ин риояи меъёрҳои конституутсионӣ, назму тартиб ва адолату оромии ҷомеа аст, ки тавассути муқаррароти конститутсионӣ ҳамчун иродаи озоди халқ муқаррар шудааст. Ҳар қадаре, ки маърифати ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ дар ҷомеа баланд бошад, шаҳрвандон босаводу худшинос бошанд, муттаҳид атрофи Роҳбари давлат ва мақомоти конститутсионӣ шаванд, ба ҳамон андоза иммунитети конститутсионии ҷомеа қавӣ ва сӯиистифодаи арзишҳои конститутсионӣ аз ҷониби душманон ва диллетантон номумкин мегардад. Албатта, дар баробари ин эҳтиром, риоя ва татбиқи меъёрҳои Конститутсия бояд аз ҷониби мақомоти хифзи ҳуқуқ ва ҳокимияти судӣ дар сатҳе қарор дошта бошад, ки барои сӯиистифода намудани онҳо ба рақибони сиёсӣ ва душманони миллат имкон фароҳам наорад.

Муҳимтарин хосияти Конститутсия дар паҳнои иҷтимоӣ ин шароити мусоид фароҳам овардан ба рушди иҷтимоии инсони алоҳида, макомгирии муовифиқи он бо ҳифзи мақоми ҳуқуқии шахс ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шахсиаш аст, ки ҳамчун нуктаи муҳимтарини ҳассос ва таркиббанди дорои шуур – атоми иҷтимоӣ баромад мекунад. Ин атоми дорои хиради тамоюли иҷтимоӣ дошта, дар қиёс бо атоми табиӣ дорои шуур, тафаккур ва фаҳму ҳадафҳо аст. Аз ин рӯ, васли он бо дигар узвҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ дар муқоиса ба васли табиӣ дар ҳолатҳои ҷудогона ба маротиб сахттару қавитар мешавад. Муҳимтарин хосияти ин атоми иҷтимоӣ фаҳми раванди ҳодисот, муносибати оқилона ва мақсаднок бо олами атроф ва одамони дигари аъзои ҷомеа аст, ки бо мурури замон васли ӯро бо дигар арзишу субъектон неру мебахшад. Фард дар муносибат бо дигар таъиноти иҷтимоӣ ба сони маҷмуи муносибатҳои равонӣ, кимиёӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар равандҳои мусбат баромад мекунад[65]. Шахс бо чунин хислатҳои иҷтимоияш ҳамчун «атоми ҷамъият ва зинаи асосии васлшавӣ, болотарин ва ягона субъекти кирдори фаҳмшаванда бо чунин бори амонати вазнин»[66] ба ташаккули низом ва ваҳдати ҷомеа даст мезанад.

Ҷиҳати таъмини ваҳдати миллӣ дар ҷомеа дар баробари Конститутсия падидаҳои мафкуравие тимсоли худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, патриотизми конститутсионӣ ва шуури ҳуқуқии давлатӣ низ ба тарзи худ хизмат мекунанд. Мо атрофи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва патриотизми конститутсионӣ дар асарҳои дигари худ[67] маълумоти муфассал додем. Инак дар бораи шуури ҳуқуқии

[65]Вебер М. Понимающая социология / Пер. с немец. М. Левиной. – М.: АСТ, 2021. – С. 211.
[66]Вебер М. Понимающая социология / Пер. с немец. М. Левиной. – М.: АСТ, 2021. – С. 211.
[67]Ниг.: Холиқзода А. Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе 2013. – 684 с; Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 584 с. ва ғ.

давлатӣ, ки нисбати он кам муаллифон изҳори назар кардаанд, мехоҳем ибрози назар намоем.

Шуури ҳуқуқии давлатӣ ҷузъе аз шуури хуқуқии ҷомеа аст, ки мазмунан атрофи консепсия ва ғояю мақсадҳои давлат, ки дар Конститутися, консепсияю стратегияҳои идораи давлатӣ таҷассум ёфтаанд, коркард шудааст. Мақсади шуури ҳуқуқии давлатӣ дуруст фаҳм ва ҳазм намудани сиёсати идоракунии давлат ва ба шаҳрвандон, дуруст ва мутаносиб расонидани мақсаду ҳадафҳои давлат ва моҳияти фаъолияти мақомоти давлатӣ аст. Ин равиши фаҳмиши шаклии шуури ҳуқуқии давлатро мемонад. Дар таҳлилҳои илмӣ олимони ҳуқуқшинос ба масъалаҳои ботинии шуури ҳуқуқии давлат назар намуда, ҷавҳари онро дар иртиботи рӯҳӣ ва равонии халқ дар паҳнои муайяни сиёсӣ бо мақсадҳои муайян низ андозагирӣ кардаанд.

Яке аз чунин олимон Иван Илин мебошад. Ӯ андеша дорад, ки мансубияти рӯҳии одамон, қабилаҳо ва миллатҳо, табиатан, онҳоро ба ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ зери асосҳои ҳуқуқи умумӣ, ҳокимияти умумӣ ва ҳудуди умумӣ водор менамояд. Умумияти рӯҳии ҳаёт, ҳамоҳангии рӯҳияи эҷодкорӣ ва умумияти руҳии фарҳангӣ асоси амиқу воқеии муттаҳидӣ ва ягонагии ҳар давлатро ташкил медиҳад.[68] Ҳамин тавр И. Илин дар бораи муттаҳидии давлат изҳори назар намуда ба ҷанбаи рӯҳияи муттаҳидии халқ бештар таваҷҷуҳ мекунад. Аз ҳамин нукта вай асоснок ба заминаи дарк ва фаҳми сиёсати муттаҳидаи аъзои ҷомеа гузашта муваффақият ва музаффарияти онро дар ҳазми ҳамин мақсадҳо ва асосҳои мутитаҳидӣ ҳамчун орзуву омол мебинад.

Ба назари И. Илин «давлат ин шакли мусбати вуҷуди ҳуқуқии ватан аст ва ватан бошад, ин мазмуни эҷодкорӣ ва рӯҳии давлат аст»[69]. Маҳз ҳамин нукта, ба назари муаллиф, моҳият, шакли ҳастӣ, асосноккунӣ, мақсад восита шакли муътадили ташкили давлатро ифода менамояд. Илин аз ин унсурҳои давлат ба таҳлили бурду бохти давлатҳо дар масири таърих назар намуда, мушкилии асосии онҳоро дар нодуруст ташаккул ёфтани шуури ҳуқуқии давлатӣ баён менамояд. Ин ноқисии шуури хуқуқии давлатиро вай ҳамчун дефекти шуури ҳуқуқии давлат меномад. **Агар, ба назари муаллиф, ҳуқуқ бе шуури ҳуқуқӣ бемаънӣ намуда қудрат надошта бошад, давлат бидуни шуури ҳуқуқии давлатӣ пастфитрат ва мурда аст бе андешаҳои ҳуқуқии давлатӣ[70]. Дар ҳамин нукта мо эҳсос мекунем, ки муаллиф зери мафҳуми шуури ҳуқуқӣ дар баробари донишҳо дар бораи барномаҳои ҳуқуқии давлат идея ва мафкураҳои ормонии онро низ мадди назар дорад. Яъне идеологияи давлатӣ ҳамчну унсури муҳимми устории давлат низ аз ҷониби муаллиф масъалагузорӣ мегардад.**

Ҳамин тавр, ғояи шуурии ҳуқуқии давлатӣ таркибан дар майдони амалия рӯ ба васеъшавӣ оварда, дар заминаи умумияти рӯҳии халқ, **мафкураи давлатиро дар худ ҷой** медиҳад. Кори идораи давлат ва муваффақияту музаффарияти он дар думболи шуури ҳуқуқии давлатӣ ба **мафкураи худшиносии миллӣ, давлатӣ ва патриотизми сиёсӣ** наздик мегардад. Имрӯз васли онро олимони ғарбӣ бо **патриотизми конститутсионӣ** дар заминаи принсипҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои башарӣ ҷустуҷу доранд. Мо ба масъалаи мазкур аз кадом қирра нигоҳ накунем сухан дар бораи умумияти халқи таҳҷоӣ мақсаду ҳадафҳо дар сатҳи ҷомеаи сиёсӣ меравад. Ин умумият бидуни дарки худшиносии фардӣ, воқеият ва зарурати

[68]Ильин И. Общее учение о праве и государстве. – М.: АСТ, 2006. – С. 314.
[69]Ильин И. Общее учение о праве и государстве. – М.: АСТ, 2006. – С. 315.
[70]Ильин И. Общее учение о праве и государстве. – М.: АСТ, 2006. – С. 316.

зиндагии дастаҷамъона, фаҳми меъёрҳои конститутсионӣ ва баҳои ҳуқуқӣ додан ба санадҳои меъёрии давлатӣ ҳамчун шоҳроҳи давлатсозӣ ғайриимкон аст.

Маҳз ба ҳамин хотир, ҷомеаи бунёднамудаи ин навъ субъектони фаҳмкунанда ва инчунин атомҳои дорои шуури бинои давлатӣ аз ҳодисаҳои атоми табиӣ дар ваҳдату устуворӣ фарқу тавофут доранд. Қаробати он бо аъзои оила, падару модар, ватан ва гурӯҳи иҷтимоӣ баъзе маврид аз васли атомҳои фулоду оҳан қавитар мегардад. Ба сифати ширеши муттаҳидкунандаи ин васлшавии аъзои иҷтимоӣ дар паҳнои давлат омилҳо ва амалҳои мухталифи Конститутсионӣ баромад мекунанд. Мисол, адли конституттсионӣ, баробарии конститутсионӣ, қадршиносии ҳуқуқу озодиҳо, адли иҷтимоӣ ва ғ. Бузургию устуворii кохи давлатдорӣ маҳз аз ин арзишҳои конститутсиогнӣ сахт вобастааст. Шоир ба маврид гуфтааст:

Кох он бошад, ки ҷуз додаш пайи бунёд нест,
Кох он набвад, ки бунёдаш ба ҷуз бедод нест.
Кохи Кисро ҷуфтноми нек агар бинӣ ҳанӯз,
Ин зи сақфи оҳанин в-аз пояи пӯлод нест.
Ин давоми давлат аз файзи адолат густарист,
В-арна дар хишту гил ин андоза истеъдод нест.
Ҳар куҷо адл аст онҷо ҷойи адл асту салоҳ,
В-андар он ҷо муфсидинро фурсати ифсод нест.
Додгоҳу додёру додхоҳу додрас,
Ҷумла барбоданд агар бар додашон иршод нест.

Фарди ҷомеасоз ҳамчун ячейкаи ибтидоии дорои шуур ба сохтумони ваҳдати иҷтимоӣ оқилона рӯ меорад ва дар доираи фаҳму таъбир, вазифаҳои зиндагӣ ва саодаташ хирадмандона ба иҷтимоъ тамоюл карда, дар паҳнои меъёрҳои коснтитутсионӣ бо манфиати дигарон ва ҳукуқу озодиҳои бунёдӣ васл мегардад. Ин васлшавиро маҳз меъёрҳои конститутсионӣ бо пешниҳоду ҳуқуқу озодиҳо дар доираи манфиати шахсию ҷамъиятӣ дар сарҳади ҳамоиши мавзуни манфиатҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ қолабрезӣ мекунад.

Шаҳрванд дар ин раванд дар баробари таҳти таъсири қонуниятҳои иҷтимоӣ ва фишори нафарону манфиатҳои дигарон қарор гирифтанаш бо фаҳму идроки шахсӣ ва манфиатҳои худиаш бо истифода аз озодиҳои конститутстионӣ ва ҳуқуққои эълоншудааш, кӯшиши ворид шудан ба як ҷомеаи бонизом ва таҳти қонунияту арзишҳои умда сохташуда менамояд. Вай ба хотири таъмини саодату оромӣ ва рушди иҷтимоияш аз баъзе ҳаққои инфиродӣ даст кашида, таҳти талаботи қонунҳои умда ворид мешавад. Фард ба аъзои фаъол шудан ва узви устувори ин ҷомеа гардиданаш ҳамчун ҷузъи низом, ваҳдати миллӣ ва иҷтимоӣ баромад карданаш, дар қонуни асосии ташкили ин ҳаёти дастаҷамъона ҳадди ниҳоии ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳии худро пайдо менамояд. Ин ҳадди ниҳоиро дар шароити муосири давлатҳои демократӣ Конститутсияи давлатҳо кафолат додааст.

Фарди дар муносибатҳои иҷтимоӣ дар паҳнои конститутсия ба ҷомеа ва давлат васлшуда дар асл мисли ҷузъи ибтидоӣ, нуктаи муҳимми атомии васли ҷамъият ва давлат, бо эҳсосу идроку донишу малакаю таҷриба унсури муҳимми васли ваҳдати миллӣ ва сиёсӣ мегардад. Ҳар қадаре, ки ин атом дар мисоли фарди мушаххас аз илму дониш баҳравар, таҷрибаи кофӣ, фаҳми дурусти арзишҳоро дошта бошад, ба ҳамон андоза вай имкон дорад дар устувории ҷомеа мисли ширеши устувори маънавӣ ва ҳуқуқӣ хидмат намояд. Инсони мисли атом бо дигар узвҳои ҷомеа дар иртиботи қавӣ қарор дошта, бо дарки масъулият дар муносибатҳои

иҷтимоӣ ворид шуда, бо фаҳм ва донишу таҷриба мақоми худро хирадмандона дар васати муносибатҳо муқаррар менамояд.

Бузургтарин сифати ин атоми зинда дарк ва фаҳми муносибатҳо ва бо озодии ирода ворид шудан ба онҳо аст, ки ба табиати иттиҳоду гурӯҳҳои иҷтимоӣ неруи ақлонӣ мебахшад. Васли аъзои ҷомеаро хирадмандона бо манфиату ҳадафҳо ва решаҳои таърихию замонӣ васл менамояд. Маҳз дар заминаи ҳамин фаҳмнамоӣ, шиносоӣ вобаста аз шарту шароитҳои субъективӣ васлшавии объективӣ рӯх медиҳад ва ба ҷомеа неруи ваҳдат бахшида мешавад. Дар ин раванд Коснтитутсия ҳамчун паҳнои васеъ ва хирадмандонаи олӣ барои васли оқилона ва одилона заминаҳои ҳуқуқӣ дар асоси озодии ирода ва риояи адл фароҳам оварда ба устувории ваҳдати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи ваҳдати миллӣ хизмат мекунад.

Нуктаи ибтидоии ин ваҳдати иҷтимоӣ ба худшиносии шахс, сипас ба худшиносии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динии ҳар фарди аъзои ҷомеа такя мекунад. Худшиносӣ ҳамчун маҳаки худдаркнамоӣ, атрофшиносӣ ва барои худ мақомҷӯйи махлуқи бошуур зери донишу савод ва таҷрибаи андӯхта дар ин раванд ба худнамоӣ ва худмуайянкунӣ машғул мешавад.

Ҳар қадаре, ки шахс донишманд бошад, саводи илмӣ ва касбии соҳавӣ дошта бошад, таҷриба дар илму амалия карда бошад ба арзишҳои миллӣ ва динӣ дуруст ошноӣ дошта, маърифати ҳуқуқиаш баланд бошад, вай дар раванди хушиносӣ ба ҳамон андоза мақоми устувори маънавӣ ва касбӣ пайдо намуда, дар нуктаи васли муносибатҳои иҷтимоӣ устувор қарор мегирад. Ин устуворӣ дар лаҳзаҳои асосӣ ба манфиати ваҳдати ҷомеа ва давлат қатъӣ хизмат менамояд. Конститутсияи халқӣ барои чунин ашхос ҳамчун манбаи гаронмояи маънавӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати озод бо иродаи худ истифода намудани истеъдоди худшиносӣ ва имкони худмуқараркунӣ дар ҷамъият хизмат менамояд.

Иродаи озод, заминаҳои ҳуқуқии одилона ва истеъдод барои рушди маънавии фардӣ ва ифодаи матлабу ҳадафҳои иҷтимоии шахси соҳибхирад хизмат намуда, барои рушди мафкураи ӯ ва зуҳури намои арзандаи саодати молию маънавиаш хизмат мекунад. Бо ҳамин тартиб Конститутсия ҳамчун заминаи озоди муттаҳидии инсонҳои соҳибхирад девори истиқлоли сиёсӣ ва ваҳдати миллиро устувор мекунад ва ҷомеаро ҳамчун организми зиндаи иттиҳоди оқилон ва хирадмандону қонундонҳо дар фазои ягонаи ҳуқуқӣ муттаҳид месозад, ки онро бо забони иҷтимоӣ ва ҳукуқӣ ваҳдати миллӣ меноманд.

ФАРАНГИСИ ИЗЗАТУЛЛО - ассистенти кафедраи фалсафа ва таърихи ДБССТ. Email: Farangis.izatullo92@mail.ru Тел: 559697878

ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар байни шахс ва ҷомеа муносибатҳои бешумор дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти онҳо ба вуҷуд меоянд. Қисми муҳими ин муносибатҳо дар ҷомеаи ҳозиразамон хислати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ доранд. Вобаста ба ин муносибати шахс ва ҷомеа шакли сиёсӣ пайдо мекунад. Барои амалӣ гардонидани муносибатҳои сиёсии байни шаҳрванд ва давлат алоқамандии онҳо хислати ҳуқуқи пайдо мекунад. Ҷиҳатҳои асосии чунин муносибатҳои ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд вобаста ба

мавқеи онҳо дар ҷомеа мувофиқи Конститутсия амалӣ мегарданд. Берун аз марҳилаи таърихии инкишоф ҷомеа ва давлат муайян кардани моҳият ва таъиноти чунин муносибатҳо хислати назариявӣ дорад. Зеро ки моҳият, таъинот ва мазмуни он давраи муайяни рушди ҷомеа ва давлатро ифода мекунад. Чунки Конститутсия ҳуҷҷати ҳуқуқии муҷаррад набуда, хислати иҷтимоӣ дошта маҳсули давраи муайяни таърихии ин ё он ҷомеа ва давлат мебошад.

Доир ба ин Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд, ки "Конститутсия, ки метавон онро шиносномаи давлат ва бахтномаи миллат номид, бори нахуст Тоҷикистонро ба ҷаҳониён чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифи намуд, забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ эълон ва рамзҳои давлатии мамлакатро муайян кард, ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ ва халқро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимяти давлатӣ эътироф намуд"[71].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакл ва мазмуни ҳозира дар натиҷаи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо роҳи райпурсии умумиҳалқӣ қабул карда шуд.

Чи гунае маълум аст маҳаки асосии бунёд ва инкишофи давлатдории миллии Тоҷикистони навин ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 алоқамандии зич дорад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд хусусияти бартариятнок пайдо намуда ҳифзи онҳо ба вазифаи асосии давлат мубадал гашт. Тоҷикистон ба роҳи тамоман дигари нави рушд, бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ шуруъ намуд ва бо мувафақият пеш рафта истодасст. Дар чуини шароит баъзе доктарина ва падидаҳои илмии ҳуқуқи маъмурии ватанӣ бояд моҳиятан ва бо таври ҷиддӣ вобаста ба платформаи рушди давлатдорӣ аз нав омӯхта ва пажӯҳиш карда шаванд[72].

Дар матни Конститутсия ба таври умумӣ раванди гузариш ба давраи нави инкишофи иҷтимоӣ - йқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа инъикос карда шудааст. Яке аз моҳияти давлат иҷтимоӣ будани он муайян карда шудааст, ки дар қисми дуюми моддаи якуми ин Конститутсия эълон карда шудааст, ки Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, давлат барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад[73]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади ҳуқуқии Тоҷикистон мебошад, ки фаъолияти тамоми муассисаҳои иҷтимоиро ба танзим меорад ва муносибатҳои ибтидоии иҷтимоиро барои тамоми ниҳодҳои фаъоли ҷомеа, аз он ҷумла унсурҳои хориҷӣ фароҳам меорад. Моҳияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ирода ва манфиати халқи ҷумҳурӣ буда, мувофиқи иродаю манфиати қувваҳои сиёсии дар ҷомеа ҳукмрон меъёрҳое муқаррар мекунад, ки таркиби сохтори ҷамъиятро муайян менамояд. Қайд бояд кард, ки ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳои асосии шаҳрвандон ва одамон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун меъёри инсонӣ статуси конститутсионӣ ва иҷтимоияшро низ шомил аст. Дар ин санад ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳои асосӣ аз як тараф хусусиятҳои фарогирандагӣ, ҳамагонӣ, устуворӣ ва бунёдиро ифода кунад аз тарафи дигар тақдири инсонро тавассути ягон ҳуқуқи ғайриасосӣ вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ, касбу кор ва иродаи шахсии инсон сурат

[71] Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ. – Душанбе: "Дониш", 2019. – саҳ.6.

[72] Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023 – саҳ.12.

[73] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: "Нашриёти Ганҷ". – 2016. 135 саҳ.

мегирад. Яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ ба меҳнат мебошад, ки он дар сатҳи Конститутсия ва қонунҳо, аз ҷумла дар моддаи 35: "Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст, кафолат дода шудааст.[74] Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст. Ҳоло Конститутсия пешбинӣ мекунад, ки ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат таъминот ва ҳифзи иҷтимоӣ, никоҳ ва оила манфиатҳо модару кӯдакро ҳифз мекунад. Ба занони ҳомиладор, модарони кӯдаки ширмакдошта ва фарзанди то як соладор ғайр аз танаффуси умумӣ барои истироҳат ва хӯрокхӯрӣ, маконидан ва хӯрокдиҳии кӯдак, танаффуси иловагӣ муқаррар карда мешавад. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифода бурдани меҳнати занон ва ноболиғон манъ карда шудааст. Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии оила ва баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2 августи соли 2011) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (8 майи соли 2024) қабул карда шуд.

Мазмуни Конститутсия ба вазъи ҳақиқии ҷамъият, ба таносуби қувваҳои ҳукмрони ҷамъият ва даврахои инкишофи ҷамъият вобаста бошад. Конститутсия бояд ба муносибатҳои ҷамъиятии вуҷуд дошта мувофиқат кунад. Барои обрӯю таъсири Конститутсияро таъмин намудан, аз сатҳи инкишофи ҷамъият қафо мондан ва ё аз он канда шудан қабул нест. Мазмуни иродаи ба шакли Конститутсияи ҳуқуқи дароварда шудаи халқ бояд ба Конститутсияи ҳақиқӣ, яъне шароити моддӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷамъият мувофиқат кунад. Мавзӯъ ва хусусияти ба танзимандозии Конститутсия ба дараҷаи шуури ҷамъиятӣ низ таъсир мерасонад. Пеш аз ҳама бояд қабули Конститутсияи нав аз тарафи ҷамъият дастгирӣ ёбад. Падидаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии наве, ки Конститутсия муқаррар менамояд, бояд ба мардум фаҳмо бошанд, моҳият ва мазмуни онро дарк намоянд ва тарафдории онҳо воқеӣ бошад. Бинобар ин дар рафти таҳияи лоиҳаи Конститутсия ва ба он тағйироту илова дохил кардан ин омилҳо ба назар гирифта мешаванд. Бояд қайд кард, ки ҳолатҳои дар боло номбаргардида дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйироту иловаҳое, ки ба он дар раъйпурсиҳои умумихалқӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни 2003 ва ва 22 майи соли 2016 дохил карда шуданд пурра риоя гардидаанд.

Хулоса, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи иҷтимоии инсон ва шаҳрванд мақоми махсусро ишғол мекунад. Давлат бошад ҳарчи бештар бо роҳи амалӣ кардани маҷмӯи тадбирҳои иҷтимоӣ барои фаъол ва пурзӯр гардидани мавқеи инсон ва ҷамъият кафолат дода сатҳи зиндагии шоистаи онҳоро таъмин менамояд.

Адабиёт:

1. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе "Ганҷ Нашриёт", 2018. – 436 саҳ.

[74] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: "Нашриёти Ганҷ". – 2016. 135 саҳ.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Нашриёти Ганҷ”. – 2016. 135 сах.

3. Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ. – Душанбе: “Дониш”, 2019. – 620с.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои ҳуқуқ дар давраи истиқлолият//Маҷмӯи мақолаҳои конфронси илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 октябри соли 2019)/Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И. – Душанбе, 2020. – 265 сах.(бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)

5. Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023 – 408 с.

ҲАБИБОВ СУДОШАН ИЗЗАТУЛЛОЕВИЧ
устоди калони кафедраи фалсафа ва таърихи ДБССТ
Email: abibov94@mail.ru. Тел: 989141436

НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

«Конститутсия роҳи рушди ояндаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро муайян намуда, заминаҳои асосии сохтори давлатӣ ва низоми сиёсиро фароҳам оварда ва барои бунёди ҷомеаи воқеии шаҳрвандӣ, таҳкими минбаъдаи дастовардҳои истиқлолият, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, татбиқи ҳадафҳои тақдирсози стратегӣ ва нақшаву лоиҳаҳои созанда ва дар натиҷаи ин ҳама болоравии нуфузу эътибори кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ пойдевори боэътимод гузошт».

Эмомалӣ Раҳмон – *Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон*

"Конститутсия" истилои лотинӣ буда, маънои муайян кардан, муқаррар намудани асосҳои низоми сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа, принсипҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, низоми мақомоти он, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсонро ифода менамояд. Конститусия асосҳои низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии давлатро муайян мекунад. Ҳамзамон ин санади муҳим, ҳуҷҷати таъсиси давлат буда, ҳадафҳои асосии бунёдии онро муайян менамояд. Дар ин санади олӣ чунин масъалаҳо дар мисоли ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодии меҳнат, озодии виҷдон, озодии сухан ва матбуот, баробарии шаҳрвандӣ, озодии ҷамъиятҳо ва иттиҳодияҳо, ҳуқуқи интихобот ва ғайра аҳамияти муҳиммро дорад. Яъне Конститутсия ҳуқуқҳои мавҷудаи инсониро муттаҳид намуда, ҳифз менамояд. Дар ин хусус сиёсатмадори амрикоӣ Бенжамин Франклин ҳанӯз дар нимаи дуввуми асри XVIII чунин ибрози ақида намудааст, ки: "Конститутсия ин қуллаи бузургест, ки миллат ба он такя менамояд ва мо бояд принсип ва арзишҳои олидоштаи онро ҳифз намоем".

Ба андешаи олимону донишмадони маъруфи давлатшиноси тоҷик Ашурбой Имомов ва Зариф Ализода давлатдории имрӯзаро бе Конститутсия тасаввур кардан имконнопазир аст, зеро масъалаҳои асосӣ, бунёдӣ ва калидии ҷомеа дар ин санади муҳим муқаррар карда шуда, дар давраи муосир дар аксари давлатҳои ҷаҳон конститутсия

ҳамчун арзиши муҳим, яке аз рамзҳои давлатдорӣ, роҳу василаи асосии қонунӣ гардонидани сохтори давлативу ҷамъиятӣ ва меҳвари низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.[75]

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки маҳаки асосӣ баҳри пешрафти ҷомеа, қабули қонунҳо, мавҷудияти Конституция ин доштани истиқлолияти давлатӣ аст. Танҳо истиқлолият ва озодӣ ба пешрафти ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд поягузори асосӣ мебошад.

Аз ҳамон рӯзе, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид (9 сентябри соли 1991), зарурияти қабули Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва қонуни гадонидани дастовардҳои истиқлолият ба миён омад. Дар ин раванд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки: "Ҳадафи асосии мо барпо кардани давлати демократию ҳуқуқбунёд аст. Дар ин ҷода, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади воломақоми миллат ва шоҳсутуни устувори сулҳу ваҳдат, роҳнамои ҳамешагии мо хоҳад буд"[76]. Ҳамин тавр, моҳи феврали соли 1992 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис дода шуд, ки моҳи апрели худи ҳамон сол лоиҳаи мазкур дар матбуот рӯий чоп омад. Аз сабаби муташаниҷ будани авзои сиёсӣ дар мамлакат ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ баррасии лоиҳаи пешниҳод гардида ва қабули он дар мамлакат ғайри имкон гардид. Баъд аз баргузории иҷлосияи тақдирсоз, яъне Иҷлосияи 16-уми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти қабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Марбут ба лоиҳаи мазкур якчанд давлатҳои мутараққии ҷаҳон ва ташкилотҳои байналхалқӣ андешаҳои хешро иброз намуданд.

Барои омода намудани лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ аз ҷумлаи олимон, махсусан ҳуқуқшиносон, гурӯҳи корӣ ташкил карда шуд. Лоиҳаи омода намудаи ин гурӯҳ 13 апрели соли 1994, бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мӯҳлати то 15 июни ҳамон сол ба муҳокима гузошта шуд. Ҳамон вақт тарафи мухолифин аз иштирок дар муҳокимаи ин ҳуҷҷати тақдирсоз даст кашида буд. Баъди ба инобат гирифтани фикру андешаҳои мардум, лоиҳаи Конститутсия ба райпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда шуд[77].

Бо ҳамин 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи райпурсии умумиҳалқӣ қабул гардид. Дар меъёрҳои он хислати олӣ доштани ин санади муҳимми давлатӣ дарҷ гардидааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дорад, шиносномаи миллат ҳисобида мешавад. Мувофиқи он ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътирф, риоя ва ҳифз намуда, ҳуқуқу вазифаҳои инсон эътироф ва кафолат дода мешавад.

Яке аз масъалаҳои дигари он, ки дар ҳаёти инсон аҳамияти муҳиммро дорад ин дахлнопазирии шахсият, манзил ва монанди онҳо мебошад, ки дар ин санади муҳими давлатӣ дарҷ гардидааст. Инчунин дар Конститутсия номи давлат ва сохтори давлатдорӣ таҷассум меёбад, ки дар асоси он низоми давлатдорӣ муайян карда мешавад. Ҳамаи қонунҳои мавҷуда аз Конститутсия сарчашма мегирад, ки дар он ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуққои шаҳрвандӣ аҳамияти аввалиндараҷаро дорад. Яъне Конститутсия дар ҳақиқатан бахтнома ва шиносномаи миллат аст. Дар сарсухани Конститутсияи Ҷумҳурии

---

[75] Ниг.: Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023 – 408 с. С. 18-34.

[76] Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ. – Душанбе: "Дониш", 2019. – 620с.

[77] Ҳотамов Н.Б., Довудӣ., Мулоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳот ва тавзеҳот. – Душанбе: "ЭР - Граф», 2019. – саҳ. 454.

Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки “Мо халқи Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсиро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин конститутсияро қабул ва эълон менамоем".[78]

Бо шарофати қабули Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, халқи тоҷик чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва дорои таъриху фарҳанги ғанидошта эътироф гардидааст.

Мавқеи Конститутсия, ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар муайян ва равон кардани мазмуни қонуни сершумор ва санадҳои муҳимми ҳуқуқии бузург мебошад. Аз ин рӯ Конститутсия ва меъёрҳои он дар ташаккулёбии низоми ҳуқуқӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди мамлакат аҳаммияти муҳиммро дорад. Қобили зикр аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ҳамчун, яке аз Конститутсияҳои беҳтарин эътироф гардидааст, ки ин пеш аз ҳама ишора ба он меъёрҳои Конститутсия мебошад, ки онҳо зербинои мустаҳками ҷомеа ва давлати демократиро гузоштаанд.

Қабули Конститутсия барои аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровардани истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатӣ, ба созиш овардану ҳамбастагии тамоми қишрҳои ҷомеа, таъмини ваҳдати миллӣ, вусъат додани корҳои бунёдкорию созандагӣ, таҳкими фаъолияти сохторҳои давлатӣ, тақвияти василаҳои боэътимоди ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешрафти соҳибкорӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар ва муаррифии шоистаи Тоҷикистони азиз ба аҳли башар ва ҷомеаи байналмилалӣ заминаҳои боэътимодро фароҳам овард.

Табиист, ки Конститутсия санади шахшуда нест ва бо мурури пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд ба набзи ҷомеа созгор карда шавад. Бо дарназардошти зарурат ва ба талаботи рушди замон мувофиқ гардонидани воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ карда шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Ворид намудан тағйиру иловаҳо ба Қонуни Асосии давлат, тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, як одати маъмул ва раванди табиист. Аз ҷумла, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Маротибаи дуюм дар асоси пешниҳоди аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлси намояндагон раъйпурсии умумихалқӣ дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия 22 июни соли 2003 сурат гирифт. Тағйиру иловаҳои мазкур ба мақсади такмили минбаъдаи низоми сиёсӣ ва давлатии кишвар, амиқ гардонидани унсурҳои декморатӣ дар ҷомеа, такмили тартиби таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, фароҳам овардани асосҳои конститутсионии инкишофи минбаъдаи иқтисоди озод ва соҳикборӣ ва бо дарназардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию сиёсӣ, ки дар таъмини субботу оромии баргаштнопазири ҷумҳурӣ ифода меёфтанд, нигаронида шуда буд. Маротибаи сеюм тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ворид карда шуданд. Лоиҳаи тағйиру иловаҳо аз суйи аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардид. Мазмуну моҳияти тағйироту иловаҳоро ба Қонуни асосии кишвар, пеш аз ҳама таъмини рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа; баланд

[78] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Нашриёти Ганҷ”. – 2016. 135 саҳ.

бардоштани сатҳу сифати зиндагониии мардум; мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи ҳифзи онҳо; таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ; мутобиқ гардонидани матни Конститутсия ба қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медоданд. Тағйиру иловаҳои воридшуда ба ғайр аз бобҳои ҳафтум ва даҳум боқӣ тамоми бобҳои дахлдори Конститутсияро фаро гирифтанд.

Бояд қайд намуд, ки бо шарофати истиқлолияти давлатӣ рӯзи 6-уми ноябри соли соли 1994, яъне расо 30-сол муқаддам Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи давлатиро қабул намуд. Ба таҳия ва қабули ин санади муҳими давлатӣ, шиносномаи миллат азму талошҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бағоят бузург мебошад. Ин ҳама ба ташкили давлати миллӣ, пойдор гардидани сулҳу субот дар кишвар ва ба эҳёи ваҳдати миллӣ замина фароҳам овард. Бояд қайд намуд, ки ҳифзи ин санади муҳими давлатӣ баҳри пешрафти ҷомеа муҳим ва зарурӣ буда, пос доштани он вазифаи ҳар як фард мебошад. Риоя, эҳтиром ва ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси ба саодат ва хушбахтӣ расидани миллати тоҷик гаштааст, бояд ба одати ҳаррӯзаи ҳар як сокини мамлакат табдил ёбад.

Адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Нашриёти Ганҷ”. – 2016. 135 саҳ.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе “Ганҷ Нашриёт”, 2018. – 436 саҳ.
3. Имомов А. Вазифаҳои (функсияҳои) Конститутсия//Маҷалаи академияи ҳуқуқ.2015. – №1 (13). – С.43-45.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои ҳуқуқ дар даврaи истиқлолият//Маҷмӯи мақолаҳои конфронси илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 октябри соли 2019)/Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И. – Душанбе, 2020. – 265 саҳ.(бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)
5. Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ. – Душанбе: “Дониш”, 2019. – 620с.
6. Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (1 ноябри соли 2023) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023 – 408 с.
7. Ҳотамов Н.Б., Довудӣ., Мулоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳот ва тавзеҳот. – Душанбе: “ЭР - Граф», 2019. – 644 с.

ГУЛЗОДА НАҶИБА АБДУЛМАҶИД –
н.и.п., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел: (+992) 888846363.

НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

Ҳануз 30 сол муқаддам – 6-уми ноябри соли 1994 дар таърихи давлатдории тоҷикон саҳифаи наве оғоз ёфт, барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳо ва созмонҳои байналхалқӣ падидаи нав қабули Конститутсия ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Қабули Конститутсия барои ҷомеаи тоҷик дар таҳкими давлатдории навин нақши муассир гузошт.

Дар ин рӯз халқи Тоҷикистон бо вуҷуди вазъи душвори сиёсиву иқтисодӣ ва нобасомониву мушкилоти солҳои аввали истиқлолият, Конститутсия бо камоли масъулияти шаҳрвандӣ, дарки қарзи ватандорӣ ва такя ба арзишу муқаддасоти таърихиву фарҳангии худ ба тариқи раъйпурсии умумихалқи нахустин Конститутсияи давлати соҳибистиқлол қабул карда, бо чунин иқдоми таърихӣ орзую ормонҳои чандинасраи ниёгони хешро амали намуд. Боиси ифтихор аст, ки Қонуни асосии мо дар миқёси кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дуюмин Конститутсияи бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда мебошад ва аз ҳамон замон то имрӯз мардуми мо ин санаи тақдирсозро ҳамасола чун яке аз ҷашнҳои муқаддаси давлативу сиёсӣ бо шукуҳу тантана таҷлил менамоянд.

Конститутсия – қонуни асосии давлат аст, ки пеш аз ҳама сохти ҷамъиятию давлатӣ, ҳуқуқу вазифаҳо ва озодиҳои шаҳрвандон, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатиро ба танзим медарорад. Конститутсия заминаҳои асосии сохтори давлатӣ ва низоми сиёсиро тағйир дода, низоми идоракунии авторитариро ба низоми шаффофи демократӣ иваз намуд ва дар Тоҷикистон барои густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити мусоид муҳайё гардид [1, с.150].

Конститутсияи аввалини мо заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овард, то ба сафи давлатҳои демократии ҷаҳони муосир ворид шавем ва ҳамчун субъекти комилҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардем. Маҳз Конститутсияи кишвар эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро ба сифати мақсади ниҳоии мо муайян кард, ки мардум ва кишвари тоҷикон дар ин роҳи интихобкардаи худ устуворона қадам ниҳода истодаанд.

Конститутсия барои мардуми тоҷик ба осонӣ ба даст наомад. Гумроҳию нодонии мардум ва ҳирсу ҷаҳолатпарастии баъзе хоҷагони беруна ба сари мо ҷанги шаҳрвандиро бор намуданд. Ин ҷанги бемаънӣ барои миллати тоҷик ва давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон хисороти зиёди моливу ҷонӣ ва руҳиву равониро дар пай дошт. Дар натиҷа 157 ҳазор шаҳрвандон дар ин ҷанги бе маънӣ ҷони худро аз даст дода, аз лиҳози иқтисодӣ 10 миллиард долари ИМА зарари иқтисодӣ ворид намуд. Хисороти рӯҳӣ-равонӣ, маънавиву ҷамъиятиро бо ягон ченак ҳисоб карда намешавад. Ба таъбири устод Айнӣ «мо, тоҷикон… шамшери зангзадаи ҷаҳлу ҷаҳолати аз бобоён мерос мондаро боз аз нодонӣ ба сари якдигар бардоштем» ва ёд овардан талх ҳам бошад, харобкориву хунрезӣ кардем. Ва хуб шуд, ки ақли солим боло гирифту миллати тоҷик дар дар атрофи роҳбари ҷавону кордон, миллатсозу ваҳдатофар, эҳёкунандаи таъриху фарҳанг, эъморгари давлатдории навини тоҷикон

Эмомалӣ Раҳмон ҷамъ омада, роҳи сулҳу салоҳ ва зиндагониии мусолиматомезро пеш гирифтанд [2, с.89].

Баъди ба даст овардани Ваҳдати миллӣ дар кишвар то як андоза низому тартибот дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар соли 1999 ба Конститутсияи Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки ин тағйирот асосан дар бораи парламенти Тоҷикистон мебошад, ки порлумони таъсисгардида, аз Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат мебошад. Ҳамчунин фаъолияти ҳокимияти қонунгузор мувофиқи таҷрибаи маъмулии ҷаҳонӣ ба роҳ монда шуд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми апрели соли 2010 қайд шудааст, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, тамоми рукнҳои давлатро барои амалан таъмин намудани ҳифзу риояи он масъул сохтааст».

Албатта, дар сатҳи конститутсионӣ ба сифати арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқу озодии инсон қадами муҳим дар пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқии онҳо мебошад. Вале аз эълон гаштани ин меъёр солҳо гузашта истода бошад ҳам то ҳол вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷой дорад. Бинобар ин таъкиди Президент дар хусуси масъулияти тамоми рукнҳои давлат барои таъмини ҳуқуқу озодии инсон як фишанги муҳим дар фаъол шудани онҳо дар амалӣ намудани ин вазифа мебошад [3, с.250].

Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд «Такмили Конститутсия ба мо имконият дод, ки дар таҳкими минбаъдаи дастовардҳои Конститутсия ият, мустаҳкам гардонидани рукнҳои давлатдори, ваҳдату суботи ҷомеа, бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрванди, рушди иқтисодиву иҷтимои ва сиёсиву фарҳанги, болоравии обруву нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилали қадамҳои боз ҳам устувор гузорем». Бояд зикр кард, ки Конститутсияи кишвари мо ифодакунандаи манфиатҳои тамоми мардуми Тоҷикистон буда, мақсаду мароми наслҳои имрӯзаю ояндаи моро дар худ таҷассум кардааст.

Боиси хушҳолист, ки имрӯз дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, илм, маориф, иқтисодиёт, фарҳанг, варзиш ва дигар самтҳо ҷавонон бо муҳаббат машғули фаъолиятанд. Дар самти илму ихтироот ҷавонони шавқманд хеле зиёданд. Имрӯз онҳо чун дигар ҷавонони ҳамнабзи сайёра навоварӣ менамоянду худро ҳамқадами аср меҳисобанд. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки ҷавонон ба илм таваҷҷуҳи беандоза доранду бо боварӣ метавон гуфт, ки ояндаи илми кишвар умедбахш аст [4, с.108].

Конститутсия воқеан шоҳсутун ва шиносномаи давлат, санади тақдирсоз ва таъминкунандаи сарнавишти ҳар халқу миллат мебошад. Маҳз ба шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва қабули Конститутсия бунёди давлати навини тоҷикон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шуд ва он ба сифати сарчашмаи олии низоми ҳуқуқии мамлакат эътироф гардид.

Боби дуюми Конститутсия ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро ба танзим намуда, кафолати ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои онҳоро муқаррар кардааст. Дар он чандин падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муттаҳид карда шудаанд. Аз ҷумла, падидаҳои шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии инсон, ҳуқуқу озодӣ ва кафолати онҳо, ки мақоми инсон ва шаҳрвандро дар ҷамъият ва давлат муайян менамоянд. Давлат ба воситаи меъёрҳои Конститутсия ба худ ӯҳдадорӣ гирифтааст, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд [5, с.1-9].

Тадриҷан зиндагӣ беҳбуд ёфт, корҳои барқарорсозии иншооти харобшуда оғоз гардид, ба фаъолияти сохторҳои гуногуни давлатӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, Артиши миллӣ ва Қӯшунҳои сарҳадӣ таъсис ёфтанд. Ин имкон дод, ки рукнҳои аввалини давлатдории тоҷикон таҳким ёбад, муҳоҷирони иҷборӣ ба Тоҷикистон баргардонида шаванд, заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба вуҷуд ояд, ҷомеа фаъол гардад, обрӯи байналмилалии кишвар баланд гардад, насли нав дар рӯҳияи эҳтиром ба Конститутсия ва меҳру муҳаббат тарбия карда шавад. Ба низоми ҳуқуқу озодии конститутсионии шаҳрвандон ҳамеша аз рӯйи он баҳо дода мешавад, ки давлат дар кадом ҳаҷм онҳоро муқаррар карда то кадом дараҷа ба тадбиқи онҳо кафолат додааст.

Имрӯз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд асосҳои сохтори Конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар матни Конститутсия ба таври умумӣ раванди гузариш ба давраи нави инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа инъикос карда шудааст. Моҳияти давлати иҷтимоӣ будани он муайян карда шудааст, ки ҳадафи асосии он барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона мебошад. Асоси иқтисодии ҷумҳуриро Конститутсия гуногуншаклии моликият, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият муқаррар кардааст. Моҳияти демократии Тоҷикистон дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ сурат гирифтани инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда шудааст [6, с.358].

Бояд қайд кард, ки илова ба ҳамаи ин Конститутсия боз хусусиятҳои хоси дигар низ дорад, ки онҳо санади махсуси сиёсӣ-ҳуқуқӣ будани онро тасдиқ менамоянд. Дар хусуси хислати махсуси ҳуқуқӣ ва созишӣ доштани конститутсияҳо ва хусусан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи идомаи ҷанги шаҳрвандӣ таҳия ва қабул гаштааст, мо дар баъзе навиштаҳои худ ибрози назар кардаем. Конститутсия алоқа ва муносибати байни давлат ва инсону шаҳрвандро инъикос намуда, ба ӯҳдаи давлат эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати онҳоро мегузорад ва инсон ва шаҳрвандро ӯҳдадор менамояд, ки вазифаҳои асосии дар худи Конститутсия муқаррар гаштаро иҷро намоянд [7, с.2-15].

Конститутсия волотарин ва пураразиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан нуру зиё, меҳру вафо, ободиву озодӣ, ҳамфикриву ҳамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми тоҷик ва Тоҷикистони азиз овард. Конститутсия роҳи имрӯзи ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд. Маҳз бо шарофати ба даст даровардани Конститутсия ба наврасону ҷавонони мо имконият фароҳам омад, ки дониш, қобилият ва маҳорати хешро дар ҳамаи самтҳо инкишоф диҳанд, ватани худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд, пешсаф бошанд ва ба сӯи ояндаи нек усуворона қадам гузоранд. Конститутсия зиндагии нооромии мо мардуми тоҷикро ба манзараи рангорангу дилфиреб ва ватани азизамонро ба як макони беназир бемислу монанд ва макони сайёҳони хориҷӣ табдил дод. То имрӯз дар муддати 30 – сол Конститутсия сарзамини бузурги мо дар тамоми самтҳо аз қабили илму маориф, санъату фарҳанг, иқтисоду иҷтимоиёт ва ғ. ба пешравиҳои зиёд ноил гардид [8, с.11-18].

Конститутсия хусусияти марҳилавӣ дорад. Он ба давраи нисбатан дуру дарози таърихии инкишофи ҷомеаи муайян таъин ва қабул карда мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи тағйир додани он масъулияти хеле ҷиддӣ буда, шитобкорӣ ва бемасъулиятиро намеписандад. Зеро ки раванди тағйиру илова дохил кардан ба

Конститутсия метавонад дар зери таъсири манфиати ҷории қудратҳои сиёсӣ сурат гирад ва ба ҷойи беҳтар намудани нерӯи созандагӣ ва бартараф сохтани нуқсонҳои он, омилҳои нави бесамарро бор кунад [9, с.98].

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки Конститутсия давлатӣ имконияти зиёд барои ба даст овардани рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, эмин нигоҳ доштани манфиатҳои давлат аз ҳаргуна хавфҳои эҳтимолие, ки аллакай чандин давлатҳои ҷаҳон аз сар гузаронида истодаанд, инчунин самаранок истифода намудани иқтидорҳои мавҷудаи дохилӣ, ташкили корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва таъсиси ҷойҳои нави кориро медиҳад. Дар охир гуфтан зарур аст, ки бигзор 30 солагии Конститутсия давлатӣ ба мардуми Тоҷикистон дастовардҳои назаррас, барои ҳар як шаҳрванди кишвар бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбиҳои хеле зиёдро оварад.

Адабиёт

1. Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. – 2-ое изд. – М., 2000. – С.150.
2. Достиев А. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия, внесение изменений и основные положения. – Душанбе, 2001. – С. 89.
3. Имомов А. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998 гг.). – Душанбе, 1998. – С.250.
4. Имомов А. Ҳуқуки конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, Оли Сомон,1997. – С. 44–78.
5. Имомов А. Основные этапы развития Конституции Таджикистана // Давлат ва ҳуқуқ. – 2002. -№1. – С.1- 9.
6. Имомов А. Нақши конститутсия дар бунёди давлатдории миллии Тоҷикистон. Душанбе.2011. – 358с.
7. Имомов А. Процесс подготовки и принятия новой конституции Республики Таджикистан. «Ведомости АН Республики Таджикистан». – 1995. -№3. – С.2-15.
8. Имомов А. Развитие концепции конституции суверенного государства (на опыте Таджикистана).// Советское государство и право. – 1991. - № 11. – С.11 - 18.
9. Михалева Н.А. Социалистическая конституция. Проблемы теории. – М., 1982. – С.150.
10. Конституция США: История и современность. – М:, 1988. – С.98.
11. Теоретические основы советских конституций. - М., 1981. – С.100.

АҚРИЗОЕВ МАҚСУД МАҲРАМБЕКОВИЧ - доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси таърихнигорӣ маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, омӯзгори калони кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел.: +992988665711; E-mail: akrizoev92@mail.ru

КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН КАФОЛАТИ ҲУҚУҚ ОЗОДӢ ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи олии яке аз гаронбаҳотарин арзишҳои умумибашарӣ – озодии инсон мебошад. Зарурият ва муҳимияти қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонротдар бунёди давлатдории миллӣ Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомали Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи таърихии XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муроҷиатномаи худ ба халқи шарифи Тоҷикистон 12-декабри соли 1992, ки он вақт Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистонро бар уҳда доштанд, таъкид намуда, аз ҷумла, дар Муроҷиатнома иброз доштанд, ки “асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст”.[9, С - 33]

Муҳимтарин хусусияти соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Конституттсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 6- уми ноябри соли 1994 муқаррар ва танзим ёфтааст. Асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистонро низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори давлатдорӣ ва мустаҳкам намудани низоми ҳуқуқии он таҳкурсии бузургеро мегузорад. Конститутсия дар бораи мафҳму моҳият, шакл, таркиб ва мақсаду вазифаҳои давлат маълумот медиҳад. Муҳимтарин хусусиятҳои Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар моддаи 1- уми Конститутсия зикр ёфтааст. [6; С-67] Конститутсияе, ки аз ҷониби мардум пазируфта шуд, рӯйи арзишҳои башарӣ такия намуда, ба монанди Конститутсияи кишварҳои мутамаддини ҷаҳон дорои як силсила хусусиятҳою вижагиҳои мушаххас мебошад. Эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои кишвар вазифаи ҳар як шахс мебошад ва ба ин мақсад баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвиқи риояи арзишҳои волои умумибашарӣ ва миллӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ бояд кӯшиш намоем.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ эълон гардидааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро эълон мекунад. Ҳамзамон, бо ин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун маҳаки фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва худидоракунӣ нишонаи сифати ҳуқуқии санадҳои меъёрии онҳо эътироф мешавад.

Дар Конститутсия оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар моддаи 14-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мутобиқи мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва мақомоти худидоракунии маҳалиро муайян мекунад ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегардад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати иҷтимоӣ эълон карда, бартарияти табақавиро манъ кардааст. [7; С-157] Сиёсати

давлатро ба ҳифзи иҷтимоӣ, беҳбудии зиндагии ҳар як инсон новобаста аз баромади иҷтимоӣ равона кардааст. Муқаррар намудани ин принсипҳо дар низоми давлатдорӣ, албатта ба кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон – ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ заминаи ҳуқуқиро фароҳам меорад. Ҳадафи асосию ниҳоии Конститутсия ин ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқи озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати дахлнопазирии шахс, фароҳам овардани шароит барои гуногунандешӣ, озодии сухан, кафолати дахолатнопазирии моликият, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 18-уми Конститутсия яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарин ин ҳуқуқ ба зиндагӣ мебошад, ки мувофиқи банди 2-уми ин модда ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин. Мувофиқи Конститутсия дахлнопазирии шахсро давлат кафолат дода, ба ҳеҷ кас шиканҷа ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон аз рӯи мазмун ва хусусиятҳояшон ба гурӯҳои зерин ҷудо мешаванд.

1.Ҳуқуқу озодиҳи шахсӣ.

2.Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ.

3.Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ

4.Ҳуқуқу озодиҳои фарҳангию иҷтимоӣ.

Моддаҳои 18-26 пурра ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвадон бахшида шудаст. Мувофиқи моддаи 27-уми Конститутсия шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, дар муҳокима ва қабули қонуну қарорҳои дорои аҳамияти умумидавлатӣ ва маҳалӣ дошта иштирок намоянд. Ин ҳуқуқ бо имконияти ба маҷлисҳои вакилони халқӣ ва мақомоти дигари давлатиӣ, интихоб кардан таъмин карда мешаванд. Шаҳрвандон ҳақ доранд, дар маҷлис, гирдиҳамомӣ, намоиш, ки қонун муқаррар кардаст, иштирок намоянд. [5; С-168]

Мутобиқи моддаи 29-уми Конститутсия ҳеҷ касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест. Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Дар моддаи 30-уми Конститутсия омадаст, ки таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезад, манъ аст. Сензураи давлати ва таъқиб барои танқид манъ аст. Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунад. Дар моддаи 42-уми Конститутсия зикр гардидаст, ки ҳар як шахс вазифадор аст қонунҳои Конститутсияро риоя кунад, ҳуқуқу озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекеунад, омадааст дар моддаи 43-уми Конститутсия. Дар баробари доштани ҳуқуқ ва фарҳанг ҳар як шаҳрванд ӯҳдадор аст, ки ёдгориҳои таърихӣ ва дигар сарватҳои маданиро муҳофизат намояд.

Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии эҷодиёти илмӣ,техникӣ ва бадеӣ дода мешавад. Ин озодӣ бо роҳи ҳаматарафа вусъат додани таҳқиқоти илмӣ, фаъолияти ихтирокорӣ ва навоварӣ, ривоҷ додани адабиёт ва санъат таъмин карда мешавад. Давлат барои ин шароити зарурии моддӣ муайян мекунад.

Моддаи 45-уми Конститутсия ба андоз бахшида шудаст, ки мутобиқи он додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардаст, вазифаи ҳар як кас мебошад. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупоридагонро вазнин менамояд, қувваи бозгашт надоранд.

Хусусиятҳои давлатии Тоҷикистон дар моддаи якуми Конститутсия нишон дода шудаанд. Баъзеи ин хусусиятҳо даставвал дар Эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон муқаррар гардида, баъдтар дар Конститутсия соли 1978 инъикос карда шудаанд. Дар бораи хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ ва ягонагии Тоҷикистон алоҳида сухан меронем. Ҳоло бошад оид ба хусусиятҳои Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ таваққуф намоем.

Роҳи демократии инкишофро пеш гирифтани Тоҷикистон тасодуфӣ нест. Дар замони ҳозира аксарияти давлатҳои нав соҳибистиқлол гардида, маҳз роҳи демократии тараққиётро пеш мегиранд. Зеро тартиботи демократии давлатдорӣ нисбат ба шаклҳои дигари идораи давлат чанде бартариҳо дорад.

Демократикунонӣ хусусияти ҷунбиши ҷаҳонӣ дорад. Вале ҷараёни демократкуниро ҳамаро фарогиранда ва бечунучаро шуморида беасос аст, чунки давлатҳои нав сохтори демократиро интихоб карда на ҳама вақт ғояҳою арзишҳои онро ҳифз карда метавонанд. Хавфи баргаштани онҳо ба тартиботи авторитарӣ ё инкишофи нимдемократӣ аз байн намеравад. Ба ин сабабҳо зиёданд. Пеш аз ҳама муқобилияти онҳое, ки парвардаи содиқи низоми пешинаи сиёсианд, ки дар элитаи маъмурию ҳарбӣ мавқеи устувор доранд, мавҷуд набудани шароити зарурии иҷтимоию фарҳангӣ ва ба қадри даркорӣ инкишоф наёфтани муассисаҳои зарурии ҷамъиятӣ ва ғайраҳо устувории сохтори демократиро халалдор мекунад. [7; С-234]

Ғайр аз ин барои давлатҳои нави роҳи демократиро интихобкарда, ба монанди Тоҷикистон низоъҳои этникӣ ва минтақавӣ аз ҳама хавфнок аст. Зеро ки манфиатҳои этникию минтақавии одамон аз арзишҳои демократӣ, аз ҳуқуқу озодииҳои фардии инсон боло гузошта мешавад. Дар натиҷа масъалаи ҷалб кардани одамон ба идории давлат ва ҷамъият, инчунин паҳнгардии имтиёзҳо аз рӯи мансубияти этникӣ ва минтақавӣ ҳал мегардад. Ҳамаи ин барои пойдоргардии тартиботи демократӣ монеаи ҷиддӣ мебошад.

Асоси иҷтимоӣ сохтори демократии давлат, нисбат ба ҳар гуна тартиботи дигари сиёсӣ васеъ мебошад. Давлати демократӣ одатан, иродаи аксарияти кулли мардумро ифода карда, мувофиқи манфиати онҳо амал мекунад. Ҳеҷ ягон гурӯҳи иҷтимоӣ ё қуввaҳои ҷамъиятию сиёсӣ, миллӣ, этникӣ аз иштирок кардан дар идории давлат маҳрум карда намешаванд. Тартиботи демократӣ ҷараёни ҳамаро фарогиранда мебошад. Ҳар касе ки ба рушду камоли давлат ҳавасманд аст, дар муассисаҳои демократии давлат ва ҷамъият ҳуқуқи иштирок доранд.

Дар ҷомеаҳои ба табақаҳои мухталиф тақсимшуда, шарти аввали ҷори кардани тартиботи демократӣ, ваҳдати миллӣ мебошад. Барои ин дар асоси иродаи нек аз даъвоҳо гузашткунӣ ва созиш намудан қадами аввали ҷомеаи демократӣ мебошад. Тоҷикистон, ки сохтори давлатии худро демократӣ муайян карда аст, бояд монеаю нуқсонҳои имрӯзаро бартараф карда бо ин роҳи наҷиб устуворона пеш равад. Мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ демократия дар ду шакли асосӣ: намояндагӣ ва бевосита амалӣ гардонида мешавад.

Демократияи намояндагӣ аз ҳама бештар ба воситаи мақомоти намояндагии давлатӣ - Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ амали мегардад. Президент низ намояндаи интихобии тамоми халқ аст. Маҳз ба Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Конститутсия аз номи тамоми халқи Тоҷикистон ҳуқуқи сухан гуфтан додааст.

Аз лиҳози сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ Конститутсия аллакай хизмати бемисли худро барои мардуми тоҷик кардааст. Чунки маҳз дар доираи майдони ҳуқуқии он заминаи ҳуқуқии барҳам задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ муҳаё шуда, Сулҳу Ваҳдаи миллӣ ба мо даст дод. Тӯли 33 соли Истиқлолият таҳкурсии мустаҳками эъмори давлати соҳибихтиёр гузошта шуд. Дар ин замина рушди устувору босуръати ҷомеа, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, пайвастан бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ таъмин гардид.

Конститутсия инсонро ҳамчун меҳвари асосӣ қарор дода, муҳимтарин рукнҳои зуҳурёбии инсон - ҳуқуқу озодиҳои онро низ ҳамчун арзиши олӣ эътироф намудааст.

Конститутсия инчунин муаррификунандаи давлату миллат дар сатҳи умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад, маҳз дар он асосҳои сиёсати хориҷии давлат муайян гардида, тибқи он давлат ҳамкориҳои берунаи худро амалӣ менамояд.

Имрӯз ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баромад намуда, дар радифи тамоми давлатҳои дунё аъзои СММ ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ буда, дар арсаи умумиҷаҳонӣ нуфузи рӯзафзун касб менамояд. Аз ин ҷост, ки ташаббусҳои созанда ва бунёдкоронаи Сарвари давлат дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба об, ҳифзи муҳити зист, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва сепаратизм дигар ташаббусҳои вобаста ба таъмини амнияти минтақавию ҷаҳонӣ пайваста ҳамовозӣ пайдо намуда, Тоҷикистон ҳамчун давлати пешво дар ин самт эътироф гардидааст.

Конститутсияи ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бунёди давлати навин ва пешрафту дастовардҳои онро таъмин намуда, барои ноил шудан ба мақсадҳои олии миллатамон хизмат мекунад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст: “Аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва бахтномаи миллат дар роҳи эъмори давлатдории навини тоҷикон, пайвастани он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад”.

Конститутсия ба сифати қонуни олии кишвар заминаи бунёдии ҳуқуқии мамлакат барои эҳёи қабули дигар қонунҳо, санадҳо, амрҳо, фармоишҳо, консепсияҳо ва илова бар ин низоми ҳуқуқии кишвар, заминаи эҷод ва такмили минбаъдаи қонунгузорӣ муайянсозандаи пешрафти ҷомеа ва давлат мебошад.

Бояд қайд намуд, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими пояҳои Истиқлолияти давлатӣ ва дар ин замина тақвият бахшидан ба дурнамои ташаккули соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мусоидат намуда, ба марҳилаи сифатан нави таърихи инкишофи давлати Тоҷикистон ва низоми қонунгузорӣ замина гузошт.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории кишвар ва таҳкими сиёсати ҳуқуқии мамлакат хело назаррас буда, маҳз дар заминаи муқаррароти меъёрҳои он дурнамои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян ва муқаррар гардидааст.

Дар Конститутсияи ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, моҳият ва вазифаҳои давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ ва шакли идораи давлатдории Тоҷикистон, ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, асосҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон эълон шудаанд, ки дар ин самт нақши мақомоти гумрук низ ҷиҳати амалишавии дахлнопазирии ҳудуди кишвар, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми интиқолёбии молу воситаҳои нақлиёт, ҳадафҳои сиёсати хориҷии давлат, асосҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат назаррас мебошад.

Мақомоти гумрук мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ буда ҳимояи Истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеи ва ҳуқуқиро ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 4 кишвар: Авғонистон (1374 км), Ӯзбекистон (1332км), Хитой (494км) ва Қирғизистон (987км) ҳаммарз мебошад. Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи ғанидошата, таъсиси онро ба се марҳилаи таърихӣ ҷудо меномоянд.

Давраи якум, ки ба асрҳои VII-VI пеш аз мелод мебошад. Мусаламаст, ки пайдоиши гумруку ташаккулёбии фаъолияти гумрукиро ба пайдоиши давлатҳо, сарҳадоти онҳо ва ташкили бозорҳои дохиливу хориҷӣ нисбат медиҳанд. Ҳануз аз асрҳои VII-VI пеш аз мелод бо пайдоиши фаровони мол ва ташкили бозорҳои гуногун дар минтақаи Осиёи марказӣ раванди савдои байни қавмҳо ва халқҳо оғоз гардида буд.

Дар ин замон аҷдодони мо аз руи маҳали ҷойгиршавиашон чун пули пайвасткунандаи миёни кишварҳои Машриқзамин, аз қабили Ҳиндустону Чин ва мардумони минтақаи назди Волгаю Қазоқистон, Сибиру Аврупои Шарқӣ дониста мешуданд. Омили мазкур зарурати назорат ва танзими гардиши молро ба миён гузошт.

Бори нахуст мафҳуми “Боҷи дарвоза” (ҳоло боҷи гумрукӣ), ки дар асл аввалин низоми назорати гумрукии минтақа буд, мавриди истифода қарор гирифт, ки аз таърихи ғании фаъолияти гумрукии халқи тоҷик гувоҳи медиҳад.

Давраи дуюм, ки он ба Иттиҳоди Шуравӣ дар ташкили гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад. Гумрук дар Тоҷикистони Шуравӣ низ вуҷуд дошт, боз ҳам бо дарназардошти манфиатҳои умуми-шуравӣ ва бе инобати мавқеи миллатҳои ҷумҳуриҳои дигар фаъолият мекард.

Зеро дар ҳудуди Осиёи Миёна ягона гузаргоҳи гумрукии Иттиҳоди Шуравӣ дар дидбонгоҳи шаҳри Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолият дошт ва танҳо 7 апрели соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи назорати гумрукии “Панҷӣ Поён” ташкил шуд.

Давраи сеюм он даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз мавҷудияти мақомоти гумрук ва фаъолияти муназзами он дар сохтори Ҳукумати кишвар яке аз нишондиҳандаҳои воқеии Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Ин ҷо мувофиқи мақсад мебошад, ки атрофи ташакилёбии мақомоти гумрук, ҳамчун ҷузъи сохтори давлатӣ, ба тозагӣ ташкил гардида, то ба имрӯз як чанд маротиба шакли ташклию ҳуқуқии ин ниҳод аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бознигарӣ шудааст.

Саридораи назорати гумрукии назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №14 аз 22 январи соли 1992) таъсис дода шуд.

Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 1993 таҳти №288 Саридораи гумруки назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон) табдил дода шуд.

Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 1994 таъсис ёфт.

Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 январи соли 2002 таҳти №475 таъсис дода шуд, ки дар асоси он Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори таркибиии Вазорат ба ҳайси Департаменти гумруки Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуд.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006 дар сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дод шуд, ки то ҳол фаъолият менамояд.

Дар баробари ташкили гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳими дигар он ин қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи гумрук ба шумор мерафт, ки дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии мамлакат дар моҳи ноябри соли 1992, нахустин пояҳои ҳуқуқӣ тавассути қабули аввалин Кодекси гумрук ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарифи гумрукӣ” тасдиқ гардида, қабул шудааст. Сипас баъди қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон 1994 дар доираи талаботҳои мавҷуда зарурияти таҷдиди назар намудан ба Кодекси гумрук ба миён омада, соли 1997 ва 2004 - ум Кодекси гумрук аз нав қабул гардид ва имрӯз Кодекси гумруки соли 2004 бо тағйиру иловаҳои қабулгардидааш амал карда истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҳамагӣ як нуқтаи гумрукии Панҷи Поён ба кишвар мерос монда буд. Имрӯз бошад, мақомоти гумруки Тоҷикистон дорои 5 раёсати минтақавии гумрукӣ, 18 гумрук ва 56 дидбонгоҳи гумрукӣ (37 дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадӣ ва 19 дидбонгоҳи гумрукии дохилӣ) мебошад. Агар дар солҳои аввали таъсисёбӣ мақомоти гумрук аз бинову иншоот ва техникаву таҷҳизотҳои назорати гумрукӣ танқисӣ мекашид, имрӯз тамоми воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук бо иншооти замонавӣ таъмин буда, аз таҷҳизотҳои техникии назорати гумрукии муосир, истифода мебаранд.

Раёсатҳои минтақавии гумрукӣ аз 5 адад иборат мебошанд, ки инҳоянд:

1.Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе соли 1996, ташкил шуда, ки он шуъбаҳои дастгоҳи марказии раёсат ва як гумрук ва 9 дидбонгоҳи гумрукӣ иборат мебошад, то имрӯз фаъолият дорад.

2.Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд, санаи 10 июни соли 1992, таъсисёфта то имрӯз дар 12 гумруку 19 дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва як минтақаи озоди иқтисодӣ адои хизмат намуда, аз шумораи дидбонгоҳҳои гумрукии болозикр 7 тояшон мақоми байналмилалӣ дошта, аз ин 5 адад ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва 2 адад ба Ҷумҳурии Қирғизистон рост меояд.

3. Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Хатлон, соли 1993, таъсисёфта то имрӯз фаъолият намуда ва он бо ду кишвар сарҳади гумрукӣ дорад. Раёсати гумруки

вилояти Хатлон имрӯзҳо дар 4 гумруку 11 дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва се минтақаи озоди иқтисодӣ адои хизмат намуда, аз шумораи дидбонгоҳҳои гумрукии болозикр 3 тояшон мақоми байналмилалӣ дошта, аз ин 2 адад ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва 1 адад бо Афгонистан рост меояд.

4. Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, соли 1993, таъсисёфта то имрӯз фаъолият намуда, он бо се кишвар сарҳади гумрукӣ дорад. Кормандони гумруки ВМКБ имрӯзҳо дар 1 гумруку 7 дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва як минтақаи озоди иқтисодӣ адои хизмат намуда, аз шумораи дидбонгоҳҳои гумрукии болозикр 1 тояшон мақоми байналмилалӣ дошта, аз ин 2 адад ба Ҷумҳурии Халқии Хитой 1 адад, ба Ҷумҳурии Исломии Афгонистан 4 адад ва Ҷумҳурии Қирғизистон 1 адад рост меояд.

5.Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Турсунзода, 23 августи соли 1993, таъсисёфта то имрӯз фаъолият намуда ва он бо як кишвар сарҳади гумрукӣ дорад. Кормандони гумруки шаҳри Турсунзода, имрӯзҳо дар 7 дидбонгоҳҳои гумрукӣ, адои хизмат намуда, аз шумораи дидбонгоҳҳои гумрукии болозикр 1 тояшон мақоми байналмилалӣ дошта, аз ин 2 адад ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон рост меояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Раёсатҳои минтақавии гумрукӣ дар татбиқи сиёсати бо самари гумрукӣ нақши калиди дошта дар таъмини амнияти иқтисодӣ, ғани гардонидани буҷети давлатӣ ва мубориза алайҳи қочоқ саҳми босазо доранд.

Дар нақшаи идоракунии Хадамоти гумрук Донишкади такмили ихтисос, Лабараторияи гумрукӣ, Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона ва КВД “Равзанаи ягона” муҷҳаз бо тамоми имкониятҳои соҳавӣ, фаъолият менамоянд, ки яке аз дастовардҳои мақомоти гумурк дар замони муосир ба шумор рафта саҳми худро дар татбиқи босамари фаъолияти гумрукӣ мерасонанд.

Маврид ба зикр аст, ки пас аз таъсис додани мақомоти гумрук дар кишвар зарурати такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон пеш омад.

Ин буд, ки солҳои 1995-2001 ба ҳайси маркази таълимӣ ва аз соли 2001 то инҷониб дар мақоми Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Самтҳои асоси раванди бозомӯзӣ ва такмли ихтисоси Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумрук инҳо мебошанд:

-курси ибтидои барои кормандони нав ба кор қабулгардида дар мақомоти гумрук;

- курси такмили ихтисоси командони мақомоти гумрук аз руи категорияҳо;

- курси такмили ихтисоси мутахассисони барасмиятдарории гумуркӣ

Баъди анҷоми курсҳои такмили ихтисос ба шунавандагон шоҳодатнома (кабуд ва сурх) ва сертификати Донишкадаи такмили ихтисоси Хадамоти гумрук дода мешавад.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои муҳимеро мутобиқи моддаи 462 Кодекси гумруки Ҷумҳурии тоҷикистон иҷро менамояд. Бинобар ин, мо онхоро ба се самт ҷудо намудем.

Таъмини амнияти иқтисодии кишвар ба воситаи ташкили дурусти назорати гумруки ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соддагардонии расмиёти гумрукию савдо;

Таҳкими сиёсати тиҷорати хориҷӣ ва ғани гардонидани буҷети давлатӣ Муқовимат бар зиддӣ қочоқ ва ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ.

Роҷеъ ба масоили таъмини амнияти иқтисодӣ дар вақти назорати гумрукӣ ва соддагардонии расмиёти гумрукию савдо аз ҷониби мақомоти гумрук тамоми дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо технологияҳои муосири муоинаи гумрукӣ муҷаҳаз гардида ва дар ин замина дар мақомоти гумрук Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона (СИАЯ) ва Равзанаи ягона (РЯ) ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти гумрук ва стандартикунонии расмиёти гумрукӣ Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи гумрук аз соли 2014 дар низоми вақти воқеӣ фаъолият намуда истода, тавассути он шакли электронии декларатсиякунонӣ ва барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт пурра ҷорӣ гардидааст. Дар баробари ин, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №410, аз 1 сентябри соли 2020 низоми миллии “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ” бо фарогирии 11 мақомоти ба низом шомилшуда мавриди истифодаи расмӣ қарор гирифт, ки тибқи он дархост ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификат, инчунин, мубодилаи иттилоот байни сохторҳои ваколатдор тариқи электронӣ сурат мегирад.

Таҳлили фаъолияти Равзаи ягона, ки аз якуми сентябри соли 2020 бо фаррогирии 11 мақомоти ғайритарифи бо ҳадафи аз байн бурдани мубодилаи қоғазӣ ва электрони намудани 22 номгӯи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ҳангоми амалиёти савдои хориҷӣ дар сохтори мақомоти гумрук то ҳол фаъолияти худро самаранок ба роҳ мондааст.

О ид ба таҳкими сиёсати тиҷорати хориҷӣ ва ғани гардонидани буҷети давлатӣ (фискалӣ) бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масоили ташаккули фаъолияти гумруркӣ аҳамияти махсус дода, бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон, таъмини риояи тартиби муқарраргардидаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт, назорат ва барасмиятдарории гумрукиро такмил дода, аз ҳисоби зиёдворид гардидани молу воситаҳои нақлиёт қисми даромади Бечети давлатиро аз ҳисоби воридоти пардохтҳои гумруркӣ таъмин менамояд.

Оид ба таҳкими, ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии ҷумҳурӣ бо 120 давлати хориҷӣ ба роҳ монда шуда, гардиши савдои хориҷӣ, ки дар соли 1991 маблағи 131.1 млн. доллари ИМА-ро ташкил медод, дар соли 2023 он ба 8 328,9 млн. доллари ИМА расид, ки сатҳи афзоиши он қариб 63,5 маротибаро ташкил медиҳад.

Фаълияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук дар муқовимат бар зиддӣ қочоқ ва ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ нишон медиҳад, ки мақомоти гумрук аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш сади роҳи гурӯҳои қочоқчиён дар сарҳади гумрукӣ гаштааст, шоистаи таҳсин аст.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 инҷониб аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук ва аз соли 2013 аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, инчунин, иштирокчии як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ дар соҳаи гумрук мебошад. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2004 дар асоси меъёрҳои эътирофшудаи Конститутсияи ҷумҳурӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия ва қабул гардида буд, аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор гирифта, ба принсип ва меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва содагардонии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото) мутобиқ гардонида шудааст.

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва институтҳои молиявӣ дар доираи лоиҳа ва барномаҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрук,Сафорати ИМА дар Тоҷикистон, Иттиҳоди аврупо “БОМКА”, Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон “UNDP”, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо “САҲА” ва ғайраҳо ҳамкориҳои зиҷ дорад.

Бо мақсади рушиди мақомоти гумрук барои даврaҳои минбаъда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019 таҳти №537, Барономаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, (Барнома аз 6, қисм, 15 банд ва 57 зерабан) қабул гардида ва он тибқи ҷадвалӣ амалисозии бандҳои Барнома таҷдиду азнавсозии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои панҷ соли оянда амали гардида истодааст.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо мақомоти гумруки кишвари мо дар радифи мақомоти гумруки давлатҳои дигар дорои низоми муайян ва инфрасохтори муосир буда, аз дастовардҳои илмию техникӣ ва инноватсионӣ самаранок истифода мекунад

Мавриди ба зикр аст, ки имрӯз гумруки мамлакатро баҳри ноил гаштан ба ҳадафҳои гузоштаи худ маҳз саҳми Конститутсия назар мебошад, зеро, ки мақомоти гумруки ҷавон байди ба дастовардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи қонунгузории худро дар асоси бахтномаи миллат (Конститутсия) ба рох монда вобастат ба давру замон онхоро боз дар доираи сарчашмаи қонунгузории мамлакат таҷдиди назар намудааст.

АДАБИЁТҲО:

1. Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи райпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда ва тағйиру иловаҳои ба он 26 сентябри соли 199, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016;

2. Тафсири илмиву оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, «Шарқи Озод» соли 2009;

3. Иқтибос аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2023;

4. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 бо тағйиру иловаҳои охирин;

5. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020;

6. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ, М.Оймаҳмадов, Душанбе, «Ирфон» соли 1998;

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №410, аз 1 сентябри соли 2020 низоми миллии “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ”

КЕНҶАЕВА Р.Ҳ. – дотсенти кафедраи молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
тел:917866062

ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ШАРОИТИ ВУСЪАТИ РАВОБИТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои узв ва вакилони ин мақоми олии қонунбарор ба халқи шарифи Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 – дар анҷоми соле, ки барои мардуми шарифи Тоҷикистон воқеан ҳам таърихӣ ба ҳисоб меравад, ироа гардид. Воқеан, Паёми Сарвари кишвар сарчашмаи боэътимод, фарогири иттилоот ва маълумоти омории амиқу дақиқ, таҳлилу хулосароиҳои мантиқиву бебаҳс, дастуру супоришҳои ба ояндаи дурахшон ҳидояткунанда мебошад.

Дар Паём самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ватани азизамон Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқ, хулосабарорӣ, натиҷагирӣ ва ояндабинӣ қарор гирифта, аз амалишавии ҳадафҳои стратегӣ, рушди бемайлони тамоми ҳаёти ҷомеа ва боз ҳам беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мужда дода шуд. Дар Паёми навбатӣ Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки таъмин намудани

рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Пешвои маҳбуби миллат хотирнишон карданд, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат мебошад. Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст.

Пас аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мустаҳкам гардидани оилаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуда, давлат баҳри беҳтар намудани шароити оилаҳо, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак ғамхорӣ менамояд ва барои омода кардани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ тадбирҳои амалӣ меандешад.

Худ маърифати ҳуқуқӣ маҷмӯи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст. Инчунин, маърифати ҳуқуқиро метавон ба маънои маҳдуд ва васеъ баррасӣ кард:

- ба маънои маҳдуд, маърифати ҳуқуқӣ низоми муносибатҳоест, ки байни одамон ва ташкилотҳои гуногун дар натиҷаи ҳамкории дарозмуддати онҳо ташаккул ёфтааст. Табиист, ки ин гуна муносибатхо бо қонун танзим ва аз тарафи давлат ҳифз карда мешаванд;
- ба маънои васеъ ин мафҳум тамоми анбори донишҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки инсоният пештар ҷамъ кардааст ва аз тарафи одамон дар ҳаёти харрӯза, дар муносибат бо ҳамдигар, дар меҳнат ва дигар соҳаҳо татбиқ карда мешавад. Ба ин маъно, маърифати ҳуқуқӣ асоси рафтори қонуншикании шаҳрвандон мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005 баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати тарбиявии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигар тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Ташаккули инсони комил истифодаи якҷояи ҳамаи намудҳои тарбияро талаб мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд: тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносӣ касбии баландихтисос, ки барои фаъолияти ҳуқуқӣ дар шароити вусъати равобити байналмилалӣ омода мебошанд, такмили сиёсати таҳсилот дар соҳаи тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, баланд намудани сатҳи донишомӯзии ҳуқуқи байналмилалӣ бо дар назар доштани дурнамои ҳалли бахсҳои ҳуқуқӣ дар судҳои байналмилалӣ, такмили тахассус пас аз гирифтани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои дорои донишҳои махсуси иттилоотӣ дар шароити васеъ шудани иттилои ҳуқуқӣ, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ, тарбияи кадрҳои нави ҳуқуқшиносон, ки барои кор дар шароити роҳандозии ҳукумати электронӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ омодаанд, мустаҳкам намудани унсурҳои иттилоотӣ ва технологии сиёсати таҳсилот бо дар назар доштани ворид шудани

технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани махзани иттилоотии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, иттилоъгардонии фаъолияти судӣ, тафтишотӣ, мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятқорӣ.

Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки бевосита аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва калидии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намояд ва шаҳрванд худро дар ҷомеа комилан озод ва бехатар эҳсос намояд.

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо), ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониву мулоқот ва суҳбатҳояшон иброз намуданд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа, дар замири ҳар шаҳрванд парваридани ҳисси масъулият барои пешрафти мамлакат, эҳтироми амиқ ба арзишҳои фарҳангиву зеҳнии миллат, шинохт ва арҷгузориву риояи ҳуқуқи инсон шарти аслӣ ва ҳатмии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад.

Таъмини волоияти қонун ва риояи ҳатмии ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон омили асосии пойдории тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳу субот ва оромию осоиши ҷомеа мебошад. Эълони Соли маърифати ҳуқуқӣ иқдоми муҳим ва арзишманд буда, метавонад дар такмил ва танзими қонунгузории мамлакат, баланд бардоштани донишу тафаккури ҳуқуқии шаҳрвандон, қонуният, баробарӣ ва адолат асоси воқеӣ гузорад.

Дар робита ба эълон гардидани Соли маърифати ҳуқуқӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023 «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» ба тавсиб расида, мувофиқи ин фармон соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон карда шуд. Дар банди дуюми фармон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шуд, ки барои иҷрои ин фармон дар муҳлати як моҳ нақшаи чорабиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Дар ин асос Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 низ таҳия гардида, бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024 тасдиқ карда шуд.

Барои инкишофу такмили қонунгузорӣ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ таъсири мусбат мерасонад, зеро ҳар чи қадаре, ки маърифати ҳуқуқӣ, яъне донишҳои ҳуқуқӣ, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқ ва қонун, риояи бечунучарои қонунҳо дар мамлакат рушд намояд, мо ба ҳадафҳои конститутсиониамон мерасем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимну вохӯрию суҳбатҳояшон оид ба бунёди оилаи солиму уствор, тарбияи фарзандони солеҳ, таълиму тарбияи наслҳои имрӯзу оянда дар руҳияи ватандӯстӣ, баҳри пойдорию устувории Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, оилаи солиму фарзандони солеҳро асоси давлату миллати устувори солим арзёбӣ менамоянд.

Дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик оила ҳамчун институт, мактаби бузурги тарбиядиҳанда ва ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ, сухан гуфтан ва қадам гузоштан ба ҳаёти мустақилона маҳз дар оила аз бар карда мешаванд.

Маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст.

Тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ фаъолияти мақсадноки доираи муайяни субъектҳо оид ба паҳн намудани дониш оид ба ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва роҳҳои татбиқи онҳо, ба таври мунтазам таъсир расонидан ба шуур ва рафтори насли наврас бо мақсади ташаккули ақидаҳо, арзишҳои мусбӣ, самтҳо, муносибатҳое, ки риоя, иҷро ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин ташаккули шуури ҳуқуқиро таъмин мекунанд.

Иттилооти ҳуқуқӣ маҷмуи тадбирҳое аст, ки дар давлат ба таъмини дастрасии шаҳрвандон ва ташкилот ба иттилооти ҳуқуқӣ дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ нигаронида шудаанд. Ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилоти давлатӣ, дигар мақомоту ташкилоте, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан доро мебошанд.

Маърифати баланди ҳуқуқӣ- ин риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва итоат ба қонунро дар назар дорад. Одамони дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ бар зидди назари равандҳои ҷамъиятӣ нестанд, балки дар халли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамоянд. Мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона мебошад, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ эҳтиром гузошта мешавад.

Арзишҳои ҳуқуқӣ арзишҳое фаҳмида мешаванд, ки дар қонун комилан ё қисман таҷассум ёфтаанд. Ба чунин арзишҳо озодӣ, адолат, баробарӣ, кумаки мутақобила, яъне арзишҳое дохил мешаванд, ки дар доираи чорчӯбаи қонун ва ахлоқ амал менамоянд. Дар айни замон муҳимтарин арзишҳои демократӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон озодӣ, ҳуқуқи инсон ва сулҳу суботи давлат мебошанд.

Арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ дар шароити волоияти қонун бо мазмуни нав пур шудаанд, зеро падидаи ҳуқуқӣ вобаста ба тағйирёбии шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ метавонад рушд ёбад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар шароити муосир ташаккул ёфтааст, қодир аст кафили арзишҳои ҳуқуқии демократӣ бошад.

Адабиётҳо:

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.

2.Кодекси оилаи ҶТ. – Душанбе, 2009.

3. Ҳуқуқи байналхалқӣ. / Зери таҳрири: д.и.ҳ., проф. Менглиев Ш.М. – Душанбе, 2008.

4.Кодекси граждании ҶТ, қисми-1. – Душанбе, 2009.

5. Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ». / Маҳмудов М., Холиқов А. – Душанбе: «Шарқи озод», 2008.

6. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он. – Душанбе: «Эҷод», 2007.

7.Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии ҶТ. – Душанбе: ЧДММ «Сифат-Офсет», 2010.

ҶАБОРОВ ҒАНИ НАБИҶОНОВИЧ,
АКРАМОВ МАМАРАҶАБ дотсентони кафедраи молия ва андози МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АСОСГУЗОРИ СОҲИБИХТИЁРИ ВА ЯКПОРЧАГИИ КИШВАР

Истиқлолият волотарин ва пуразиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри ХХ аст, ки нахуст дар заминаи давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ намуда, ҳамчун шакли давлатдории мутаммаддину пешрафта сабзид, ба камол расид ва ташаккул ёфт. Халқи Тоҷикистон дар марҳилаи наву тақдирсоз симои роҳбари худро дар шахсияте медид, ки он бевосита аз байни халқ баромада ва барои халқ дар шароити гузариш фаъолияти пурмасъулиятро ба душ гирифта метавонад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун вакили халқ, ки дар байни зиёда аз даҳ номзад интихоб гардида буд, ҳамеша ба ростгӯй, хақиқатҷӯй, серталаби нисбат ба худ ва дигарон дар ҳамаи иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ нақши аввалиндараҷа мебозад. Ӯ савганд ёд намуда гуфт: «… кори худро аз сулҳ оғоз ҳоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем…»

Ин садоқату самимиятро дар ҷараёни хидматҳояш дар назди халқу Ватан Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон бараъло собит намуда истодааст. Маҳз Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон Сарвари давлат барномаи мукаммали аз бӯҳрони сиёсӣ, иктисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани кишварро ба миён гузошт [1,с.92]. Вақт ва таҷрибаи таърихии давраи истиқлолият исбот намуданд, ки роҳи муайянкарда ва пешгирифтаи Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон алтернативаи дигар надошт. Таърихи давлатдории навини Тоҷикистон собит сохт, ки мардуми кишвар дорои қувваи солим ва тавоноест, ки пеши роҳи ҳамагуна моҷароҷӯиро гирифта метавонад ва обрӯву нуфузи кишварро дар арсаи байналмиллали собит ва ҳифз менамояд. Аз нигоҳи имрӯза ва оянда бо ифтихор бояд таъқид кард, ки суханрониҳо ва фаъолияти амалии Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон дар ин Иҷлосия ба қалби мардуми кишвар роҳ ёфта, яке аз асосҳои боварии халқ ба Сарвари давлат ва роҳбарияти нави мамлакат гардиданд. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон масъулияти олии созандагиро ба зимма гирифта, тавонист манфиати умумимиллиро аз манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳи ва махаллию минтақавӣ боло гузорад.

Бо шарофати сиёсатӣ хирадмандонаи Сарвари давлат Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон халқи Тоҷикистон ҳамчун қисми чудонашавандаи ҷомеаи ҷахонӣ, эҳтироми озоди, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ва ба мақсади демократикунонии ҷомеа, бунёди давлати соҳибихтиёр, хуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона Конститутсияи нави мамлакатро бори нахуст дар таърихи давлатдории навин бо рохи раъйпурсии умумихалқи қабул намуд, ки дар он ҳама дастовардҳои башарият дар бобати озодии инсон, хуқуқи шаҳрванд, ҷомеаи демократии, хуқуқбунёд ва дунявӣ дарк шудаанд.

Истиқлолияти Тоҷикистон барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, таъйин намудани самти ҷараёни инкишофи ҷомеа дар солҳои баъдӣ ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард. Сарвари давлат изҳор дошт, ки мо вазифадорем, аввал амнияти давлатамонро таъмин намоем, артишро созмон дода, милиса, кумитаи амнияти милли, дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро мустаҳкам намоем, зеро давлате, ки худашро муҳофизат ва ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин карда наметавонад, аслан арзише надорад. Дар як муддати кӯтоҳ дар шаҳру ноҳияҳо мақомоти Кумитаи давлатии амнияти

миллӣ ва милитсия аз нав созмон ёфта, онҳо бо аслиҳа ва муҳимоти ҳарбӣ таъмин шуданд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кори ин мақомот сафарбар гардиданд. Бо вуҷуди касодии иқтисодӣ, Сарвари давлат ба таъсиси артиши миллӣ шурӯъ намуд ва барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии худ чораҳои мушаххас андешид.

Муҳимтарин дастоварди таърихии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид, он аст, ки вай тавонист дар кӯтоҳтарин муддат оташи ҷанги хонумонсӯзи дохилиро дар Тоҷикистон хомӯш созад. Дар кори хотима бахшидан ба ҷанги дохилӣ ҳодимони милитсия ва Кумитаи амнияти милли хизматҳои шоён карданд [2, с.164]. Дар ноҳияҳои бар асари ҷанг тамоман харобшуда, ҳокимияти давлати, мақомоти идоракуни ва таъминкунандаи ниёзи мардум таъсис ёфт ва фаъолияташро дар шароити нави сиёсию иқтисодӣ оғоз намуд. Ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуд, ки дар муддати кӯтоҳ мақомоти маҳаллии ҳокимиятро барқарор намуда, тартиботи қонуниро нисбатан беҳтар ҷорӣ кунад, фаъолияти вазоратҳо, идораю кумитаҳои давлатии ҷумҳуриро ба низом оварад. Халқ бовар кард, ки ҳукумат устувор гардидааст, он қодир аст, амнияти ҷомеаро таъмин намояд. Истиқлолият неъмати бузургест. Вай бунёд ниҳодани пояҳои устувори давлатдорӣ, тоб овардан ба имтиҳони душвори ҳаёти мустақилона, ба роҳ мондани иқтисодиёти муосир ва устувор нигоҳ доштани давлати демократиро дар назар дорад. Моҳияти асосии истиқлолияти мо ва мақсади ниҳоии он ин аст, ки қадри шаҳрванд ва инсон ба дараҷаи меъёрҳои олии давлатдории муосири демократӣ баланд бардошта, ба ӯ имкон дода шавад, ки соҳиб, нигаҳбон ва пешбарандаи давлатдории хеш бошад.

Баъд аз истиқлолият Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон, Суруди Миллии нав гардид. Пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдории худ - артиши миллӣ, қувваҳои сарҳадиро ба вуҷуд овард ва устувор гардонд. Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналхалқи пазируфта шуд ва бо аксари мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иктисодӣ ва фархангӣ барқарор намуд [3,с.201]. Асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ эътироф гардид [4,с.148]. Ҳамин тавр, хизмати таърихии Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти Миллӣ аз он иборат аст, ки маҳз ӯ ихтиёри давлатдориро даст оварда, пеши роҳи хатари нобудии онро гирифт, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуд, сохтори фалачгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи хуқукро барқарор сохт. Артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дод, барои таъкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё намуд, заминаи сулҳи миллиро матрах кард, аксари гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонид, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро гузошт, ислоҳоти конститутсиониро дар мамлакат амалӣ гардонид, Конститутсияи нави Тоҷикистонро эҷод кард, барои 27-июни соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти ҷомеа заминаҳои хуқуқиву сиёсиро фароҳам сохт, сулҳи тоҷиконро ба даст овард, ки барои ҷаҳониён таҷрибаи беназир аст, аҳволи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро дар арсаи байналмилалӣ афзуд.

АДАБИЁТ:

1. «Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо». Дар партави асарҳо, мақолаҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон.- Душанбе, «Адиб», 2015.
2. Шарифзода Абдуфаттоҳ, Фаттоев Саймурод «Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ» Китоби 2. Нашри дуюм. Душанбе: «Ирфон». - 2011. –372 саҳ
3. Шарифзода Қосимӣ, Абдуфаттоҳ Заробиддин «Эмомалӣ Раҳмон: Оғози марҳилаи нав» Китоби 7. Нашри дуюм. Душанбе: «Ирфон». - 2011. –372 саҳ.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – пешвои миллат» ш. Душанбе, 25 декабри соли 2015, № 1259

ХОЛБАЕВ СОБИР БОРАТОВИЧ -
Руководитель кафедры Высшей школы судей при Высшем судейском совете Республики Узбекистан,
доцент, кандидат юридических наук

ЗНАЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПРОГРАММНОГО ДОКУМЕНТА ВО ВНЕДРЕНИИ И РАЗВИТИИ КЛАСТЕРНОЙ МОДЕЛИ

В сегодняшние стремительно меняющиеся времена любая страна, исходя из приоритетных задач, определенных в ее национальной стратегии, должна стремительно развивать экономику, повышать благосостояние населения, поддерживать различными способами предпринимательство, еще больше укреплять свои позиции в мировом сообществе, и пытаться войти в честную конкуренцию с другими странами.

Кластерная модель уже несколько лет признана одним из приемлемых методов производства во многих странах и широко внедряется в экономику. В эффективном развитии этой модели прежде всего важно адаптировать существующую бизнес-среду и условия ведения бизнеса к требованиям и принципам свободной рыночной экономики, к общепринятым международным нормам и стандартам, направить кластерную деятельность на производство инновационных, экономически выгодных и качественных продуктов, усилить защиту прав кластеров и их участников. Для реализации столь сложных мер политика кластеризации должна быть тщательно и безупречно разработана государством, не допускать ошибок и недостатков в ее реализации.

Возникают закономерные вопросы: какие меры следует предпринять изначально, какую организационно-правовую базу создать для внедрения и развития кластерной модели в стране? Кратко остановимся на этом вопросе.

В мире не существует единой и обобщенной теоретической концепции реализации кластерной модели. Даже с точки зрения теории существует сильный конфликт мнений. Потому что для применения этой модели необходимо учитывать экономические и социальные условия каждой страны и демографическое положение населения. На ранних этапах формирования кластерной политики в США и европейских странах процессы реализации этой модели были всесторонне и глубоко изучены и проанализированы, и на их основе сотни городов и регионов разработали свои стратегии кластеризации.

Для американских кластеров характерно то, что их деятельность основана на принципах партнерства и направлена на коммерциализацию научно-исследовательской и инновационной деятельности с целью достижения сильной конкуренции[90].

В Европейском Союзе политика кластеризации осуществлялась на основе таких стратегических программных документов, как Европейская региональная хартия 1985 года, Лиссабонская стратегия 2000 года, Концепция кластерного развития в европейских странах, Манифест кластеризации в странах ЕС 2006 года, Европейский кластерный меморандум 2008 года и другие подобные документы. В последнее время важные направления для реализации такой политики указаны в политических документах Европейской комиссии и Совета Европейского Союза, в том числе в специальных

[90] https://works.doklad.ru/view/0ncSCVLkoOo/all.html

программах, таких как «Seventh Framework Programme – FP7» на 2007–2013 годы, «Horizon 2020» на 2014–2020 годы и «Horizon Europe» на 2021–2027 годы[91,92].

В этом смысле важно принять специальный стратегический программный документ по развитию кластерной деятельности как нового правового института в любой стране, где нацелено внедрение кластерной модели. Для этого всесторонне и глубоко изучаются, анализируются и сопоставляются разработка и внедрение модели кластеризации в зарубежных странах, процессы развития, их результаты, положительные и отрицательные стороны, возникшие проблемы, ошибки и недостатки, правоприменительная практика, существующие условия в соответствующей стране, а при необходимости должны быть привлечены квалифицированные кадры из зарубежных стран в области стратегического анализа, маркетинга, экономики, права, информационных технологий, компании, специализирующиеся на подготовке программных документов, финансовые и банковские учреждения.

Опыт зарубежных стран показывает, что производственная деятельность в кластерной модели, основанная на науке и современных технологиях, приносит хорошие результаты в тех отраслях, которые не требуют больших затрат и трудоемкости, но, в большинстве случаев, основываются на инновационной деятельности и экономии ресурсов, соответствуют международным экологическим стандартам и позволяют быстро и широко использовать достижения науки. Однако эта модель менее эффективна в секторах, требующих больших затрат и приносящих малую прибыль[93].

Согласно источникам, если XX век был эпохой высоких технологий в промышленности, то XXI век — это эпоха высоких инновационных технологий, направленных на развитие человеческого капитала. Ведь в настоящее время только 5% национального богатства развитых стран состоит из природных ресурсов, 18% — из произведенного капитала, и 77% — из знаний и способности эффективно их использовать. Учитывая это, в последние десятилетия многие страны разрабатывают собственные "кластерные стратегии", целью которых является развитие конкурентоспособных преимуществ национальной экономики. Формирование инновационных кластеров способствует эффективной интеграции интеллектуальных и финансовых ресурсов как внутри, так и за пределами кластера.

К сожалению, в некоторых странах бывшего Советского Союза кластерная модель преимущественно внедряется в сельском хозяйстве, а затем в различных отраслях промышленности. Эффективность деятельности кластеров в этих отраслях остается низкой из-за ряда факторов: управление производством часто основывается на устаревших подходах, техника морально устарела, не хватает квалифицированных кадров, обучение и повышение их квалификации осуществляется на низком уровне, и недостаточно налажен процесс внедрения научных достижений. Поэтому мы считаем, что эта модель даст хорошие результаты, если внедрять и развивать ее в тех областях, где широко применяются последние достижения науки и современные информационно-коммуникационные технологии[94].

Ученые К.Г. Гедз и О.А. Аничкина, рассматривая инновационную политику, направленную на развитие кластеров и формы её поддержки, высказывают следующее мнение: «Важной отличительной характеристикой кластера является его инновационная

[91] https://1economic.ru/lib/114899

[92] http://clusterland.by/wp-content/uploads/2019/11/eabr_clusters_07_2019.pdf

[93] https://naukaru.ru/ru/nauka/article/509/view

[94] Гедз К.Г., Аничкина О.А. Инновационная политика и формы её поддержки с ориентацией на кластеры. Сборник. Проблемы современной экономики (II). Челябинск: “Два комсомольца” 2012. С - 22.

направленность. Некоторые продвинутые кластеры создаются в тех местах, где в области техники и производственных технологий происходит или ожидается «коренной перелом», а также существует возможность выхода на новые «рыночные ниши». В связи с этим многие страны с развитой экономикой и страны, которые только начинают развивать рыночную экономику, все чаще используют «кластерный подход» при формировании и регулировании своих национальных инновационных программ».

Как мы отмечали, процессы внедрения и развития кластерной модели должны осуществляться комплексно и охватывать широкий спектр мероприятий, поэтому срок действия стратегического программного документа должен быть рассчитан не на среднесрочную, а на долгосрочную перспективу, представлять собой либо один долгосрочный стратегический документ, либо два стратегических документа, рассчитанных на долгосрочную и среднесрочную перспективы[95].

Российский ученый М.Ю. Хлынин, говоря об подходах к созданию и развитию промышленных кластеров, отмечает: необходимо помнить, что кластерный подход является одним из подходов, направленных на повышение конкурентоспособности экономики, и лишь при условии, что он применяется вместе с другими комплексными мерами, можно получить больший положительный эффект от его реализации.

Кроме того, необходимо учитывать, что развитие кластерной модели тесно связано с другими факторами, методами и критериями, которые могут повлиять на улучшение производства. Поэтому, как бы качественно и содержательно ни был составлен стратегический программный документ, как бы строго ни контролировалось его исполнение, если на развитие экономики продолжают оказывать негативное влияние другие факторы, продолжаются правонарушения и коррупционные явления, а деловая среда и социальная инфраструктура в районе или отрасли, где кластер осуществляет свою деятельность, находятся в плохом состоянии, то в этом случае кластерная модель не даст ожидаемого результата.

Обычно кластеры представляют собой крупные объединения, включающие в себя несколько цепочек производства и состоящие из многочисленных участников, занимающихся разными направлениями. Поскольку процессы кластеризации осуществляются в широком масштабе и комплексно, и в этот процесс вовлекается множество организаций, инициативу по кластеризации соответствующего сектора или региона, а также поддержку этого процесса должна осуществлять государственная власть, в первую очередь правительство, которое должно играть «ведущую роль». Другие субъекты также могут проявлять инициативу, однако объединение всех заинтересованных и вовлеченных организаций может представлять для них сложность.

Еще один важный аспект, который следует учитывать при разработке стратегического программного документа с учетом зарубежного опыта, заключается в том, что исследователи выделяют два основных подхода к кластерной политике: либеральный и дирижистский.

Либеральная модель – это рыночный механизм, в котором роль государства минимальна и ограничивается лишь снятием препятствий для естественного развития, без прямого вмешательства со стороны правительства. Либеральная кластерная

[95] https://www.dissercat.com/content/formirovanie-i-razvitie-promyshlennykh-klasterov

стратегия характерна для стран с традиционно либеральной экономической политикой, таких как США, Великобритания, Австралия и Канада[96,97].

В дирижистской модели государство играет более активную роль. Это включает участие в процессе формирования кластера: от выбора приоритетных направлений и финансирования программ развития кластера до целенаправленной разработки основных факторов, необходимых для его успешного развития. Подобная стратегия характерна для таких стран, как Франция, Южная Корея, Сингапур, Япония, Швеция и Финляндия[98].

Э.И. Мантаева и Е.В. Куркудинова, на основе сравнительного анализа традиций развития зарубежных моделей, предлагают применять для формирования региональных кластеров «смешанную» модель. По их мнению, государство должно сосредоточить внимание на создании условий, которые инициируют и поддерживают процессы кластеризации, а главное – его меры должны носить рекомендательный характер. Ведь формирование кластера – это скорее эволюционный процесс, который нельзя искусственно ускорить. Следует помнить, что кластеры, не обладающие внутренним движущим механизмом и искусственно созданные «сверху», могут иметь короткий жизненный цикл.

Мы также считаем, что участие и поддержка государства в кластерной политике необходимы. Однако границы такого участия должны быть четко определены, чтобы оно не мешало свободному развитию кластерной деятельности, не нарушало основные рыночные принципы, а также обеспечивало соблюдение таких принципов, как равенство прав участников кластера, имущественная независимость, демократичность управления и добровольность членства.

Кроме того, в случае формирования кластеров по принципу инициативы "снизу-вверх", сами кластеры и их участники оказываются более заинтересованными в этом процессе. Они активно участвуют в разработке внутренней и внешней политики кластера, а также в установлении порядка управления и контроля, что в результате способствует созданию производства, основанного на демократических процессах. Эти аспекты являются характерными чертами либеральной модели. С этой точки зрения, мы считаем, что даже государства, реализующие кластерную политику на основе дирижистской или смешанной модели, по мере развития кластерной деятельности должны постепенно "приближаться" к либеральной модели.

НОДИРОВ Ф.М. - ДОТСЕНТИ ДБСТ

КАФОЛАТҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ СОҲИБКОРӢ

Ислоҳоти саросарии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии солҳои Истиқлоли давлатӣ боиси ба вуҷуд омадани сохторҳои нави истеҳсолкунандаи мол, кор, хизмат ва дар маҷмӯъ кордиҳандаи нав чун соҳибкор ба вуҷуд омад. Барои таъмин намудани фаъолияти самараноки соҳибкорӣ дар баробари ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, кафолати ҳуқуқии он низ омили муҳимтарини ҳуқуқи баромад менамояд.

[96] https://interactive-plus.ru/e-articles/374/Action374-130368.pdf

[97] Хулхачиева Э.П. О возможностях реализации кластерной политики в условиях перехода к инновационной экономике: зарубежный и отечественный опыт. // Вестник Калмыцкого института гуманитарных исследований РАН, 4, 2013. С – 5.

[98] https://tourlib.net/statti_others/mantaeva.htm

Фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи шаклҳои гуногуни моликият ба амал бароварда мешавад. Мувофиқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад.

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад[99].

Онҳо низоъро дар ҷомеа ба ҳайси навъи махсуси бархурд ва зиддияти ҷамияти қабул надоштанд. Низои ҷамъияти зуҳури муборизаи байниҳамдигарии қувваҳои гуногуни ҷомеа мебошад, ки дар он ҳар нафар манфиатҳои худро дорад. Муттаносибаи шаклҳои гуногуни низоъ: иқтисодӣ, сиёсӣ, ғоявӣ, миллӣ, байнихалқӣ, минтақавӣ ва ғайра вуҷуд дорад.

Дар Ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна низоъшиносӣ бо сиёсатшиносӣ якҷоя хоси истиқлолияти ин чумҳуриҳо мебошанд. Тоҷикистон нисбати дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дар ин масъала пешсаф аст. Дар Тоҷикистон бошад низоъшиносӣ ҳамчун фанни мустақил дар мактабҳои оли дарс дода мешавад. [3.с.16-22.].

Аз ҷиҳати моҳияти психолигияш низои иҷтимои ҳамчун вазъияти мушкил дар назар дошта мешавад. Вазъи ногувор ё мушкилро метавон бо чунин нақша ифода намуд: «вазифа → имкониятҳои шахсий → талош → шароитҳои муҳит» [4.с.215.], ки дар инсон шиддати психологиро ба вуҷуд меорад. Вазъияти мушкил дар ҳаёту фаъолият ва муносибатҳои иҷтимоии у ба миён омада метавонад.

Таркиб ва сохтори низоъ аз масъалаи печида мебошад. Низои иҷтимоиро ба намудҳои зиёд тақсим менамоянд. Масалан, ҷомеашиноси тоҷик Иномов Шарофиддин низоъҳои иҷтимоиро чунин тақсимбанди намудааст:

1. Низоъҳои дохили низоми (низоъҳо дар чаҳорчубаи як низом – оила, гуруҳ, давлат, ҷомеаи байналхалқӣ).
2. Байнинизоми (низоъҳо дар сохторҳои муҳими низоъҳои гуногун ва байни низомҳои чун падидаи том ва ташаккулёфта).
3. Фаронизоми (ҳамаи низомҳои ичтимоиро фаро мегирад).

Ба андешаи А. Маслоу хусусиятҳои низои иҷтимоӣ ба толаботҳои иҷтимоӣ, масъалаи талабот ба бехатарӣ ва дифоъ, талаботҳои иҷтимоӣ, талабот ба эҳтиром, талабот ба худнишондиҳӣ ва талабатҳои физиологии инсон олоқамандии зич дорад. Ҳангоме, ки ин талаботҳои инсон қонеъ намегардад инсон ба низоъ меравад.

Низоъҳоро вобаста ба доираи ҳаёти фаъолияти инсон ба низоъҳои оилавӣ, маишӣ, истеҳсолӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ ва ғайра ҷудо менамояд. Олимон А. Я. Анципов, А. И. Шипилов низоъҳои иҷтимоиро ба ду навъи бузург тақсим намудаанд:

а) Низоъҳои иҷтимоӣ.

б) Низоъҳои дохили фардӣ.

Онҳо низоъҳои иҷтимоиро ба зернамуди асоси тақсим менамоянд:

1.Низоъҳои байнифарди ё байнишахси (низоъҳое, ки амалан натиҷаи бархурди фардҳо аст).

2.Низоъҳои шахсият – гуруҳ (низое, ки дар он шахсияти алоҳида дар баробари гуруҳ қарор дарад).

3.Низоъҳои гуруҳҳои хурди иҷтимоӣ (низое, ки дар дохили гуруҳҳои хурди иҷтимоӣ зоҳир мешаванд).

4.Низоъҳои гуруҳҳои миёна (низоъҳое, ки дар коллективҳо, муассисаҳо, халқаҳои хурди иҷтимоӣ, муассисаҳо ба амал меоянд.

5.Низоъҳои гуруҳҳои бузурги иҷтимоӣ.

6.Низоъҳои байналмиллали. [6.с.207-208.].

Ин олимон низоъҳои байналхалқиро низ дар навбати худ ба намудҳои зерин ҷудо менамоянд:

1. Низои байни ду давлат (низои байнидавлати)
2. Низои байни давлати алоҳида ва гуруҳи давлатҳо
3. Низои байни гуруҳи давлатҳо.
4. Низои байни эътилофҳо (коалитсияҳо) – и давлатҳо.
5. Низои байни иттиҳодияи давлатҳо.
6. Низои минтақави.
7. Низои байни минтақави.
8. Низои байниқутби – байнинизоми (биополяри).

Дар асоси таҳлилҳои байналмиллалива таҳаввулотҳои охири қарни XX донишманди англис Хаткинтон Самуэл [7.с.33.] дар асараш «Низои тамаддунҳо» ё бархурди тамаддуниҳо ба хулосае меояд, ки «низои ояндаи тамаддунҳо ризогии ҷамбасти ин тадриҷии низоъҳои глобалӣ дар ҷаҳони муосир хоҳад шуд. Аммо ин назарияро «гуфтугуи тамаддунҳо» бароварда нодурустии онро исбот намуд.

Фуксионализм ва намояндаи машҳури функсионализми сохтори – нақши Талкотт Парсонс низоъро хавфноктарин падидаи иҷтимоӣ шуморида якдили, ҳамгироӣ ва ризоияти одамонро шарти асосии инкишофи ҷомеа номидааст. Талкотт Парсонс (1902-1979) низоъро харобасозандаи функсияҳои институтҳои ҷамъияти меномад. Сотсиологи амрикои Люиса Козера дар асараш «функсияҳои

низои иҷтимои» - низоъро падидаи мусбӣ ва ҳатто муҳимтарин унсури инкишофи ҷомеа номидааст. Кеннет Боулдинг бошад андеша дорад низои иҷтимоӣ дар табиати худи олами зинда нухуфтааст. Онҳо худ доимо дар кушиши мубориза мебошанд.

Ҳамин тариқ бояз зикр намуд, ки низоъ дорои омилҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад.

Омилҳои объективии пайдоиши низоъҳои иҷтимоӣ.

Масъалаи ошкор намудани сабабҳои пайдоиши низоъҳои иҷтимоӣ барои ифода ва ҳал намудани онҳо аҳамияти муҳим дорад. Надонистани неъруҳои инкишофдиҳандаи низоъҳои иҷтимоӣ танзиму пешгуии оқибатҳои онро номумкин мегардонад. Баъдан мувофиқи чаҳонбинии фалсафӣ ҳар як падидаи иҷтимоиро сабаби муайяне ба вуҷуд меоварад. Масъалаи омузиши низоъҳои иҷтимоӣ дар омузишҳои мутафаккирони замони қадим ва муосир дарёфт намудан мушкил нест. Ҳануз донишмандони Юнони Қадим Героклид (VI – V то мелод) сабаби асосии ҳаракату тағйироти олами моддиро дар муборизаи тарафҳои ба ҳам зид медид. Адам Смитт муборизаи байни синфҳои ба ҳам зидро сабаби пайдоиши низои иҷтимоӣ номидааст. Чарлз Дарвин зиндагиро, ҳаётро мубориза номида буд. «Мубориза барои зинда мондан» формулаи асосии ҳаёти мавчудоти зинда аст. Зигмунд Фрейд (1856 – 1939) психологи австрияги сабаби ба вучуд омадани низоъҳои ҷамъиятиро дар психолигияи одамон ҷустуҷу кардааст.

Эрих Фромм низоъҳои иҷтимоиро таҳлил намуда ба хулосае меояд, ки онҳо аз сабаби дар ҷамъият шахс талаботҳояшонро воқеи гардонида наметавонанд ба вучуд меояд. Психологи амрикои У. Мак – Даугалли (1871 – 1938) сабаби падойши низоъҳои иҷтимоиро дар табиати худи инсонҳо вобаста медонад. Низоъ мисли тарс, худтасдиқнамоии одамон ва дигар инстинктҳои иҷтимои қисми ҷудонопазирии табиати инсон буда, ба меърос мегузарад.

Донишманди австрияги, дорандаи ҷоизаи Нобелӣ Конрада Лоренс (1903 – 1989) аввалин шуда дар илми ҷаҳони исбот намуд, ки сабаби пайдоиши низои иҷтимоӣ табиати агрессивӣ ва ҷангхоҳии одамон мебошад.

Назарияи марксистӣ сабаби пайдоши низоъҳои иҷтимоиро дар дастрасии баробар надоштани одамон ба захираҳои табии ва иҷтимоӣ, аз ҷумла истеҳсолоти неъматҳои моддӣ медонист. Муборизаи синфӣ, зиддиятҳои одамон барои воситаҳои истеҳсолот, неруи асосии инкишофу тағйиротҳои иҷтимоӣ мебошад.

Ба андешаи сотсиологи амрикоӣ Люнза Козер талош барои ба даст овардани арзишҳо, статуси иҷтимоӣ, неъматҳои моддию маънавӣ, низоъҳои иҷтимоиро ба бар меоранд.

Сотсиологи немис Ралф Дарендорф мубориза ва майли одамонро ба ҳукмронӣ ва ҳокимият медонад. Талоши одамон ба мақому манзалати сиёсӣ низоъҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Кеннет Боулдинг сотсиологи амрикоӣ андеша даорад, ки табиати биологии инсон моҷароҷу аст. Майл ба истисмору ғораткуниро дорад. Манфиатҳои одамон неруи ҳаракаддиҳандаи рафтори низоии онҳо ба ҳисоб меравад.

Низоъ падидаи табий ва қонунмандии иҷтимоӣ буда, шинохти замина, сабаб ва ангезаҳои он кори ниҳоят мушкил аст. Бешак дар амалия ҳар ҷониби низоъро мо ангезаи возеҳро мебинем, ҳарчанд он дар ҳар кадом инсон метавонад гуногун бошад ва ҳатто мутаззод бошад. Шинохти он дар асл калиди дарки муаммои низоъ аст. Сабабҳои низоъ дар бофтаи худи ҷомеа нухуфтааст, ташаккули тадриҷӣ ва тулонии ҷомеа сабабгори шаклгири ва шиддати зиддиятҳои зиёд ва гуногун дар сохтор ва

соҳаҳои мухталиф ва сатҳи он мегардад, ки ангезаҳо хосили ангеза ва омилҳои гуногунанд, мазмуни нисбатан гуногун доранд. Сатҳи шиддати онҳо мухталиф буда, таъсири гуногун доранд. Зиддиятҳо бошгар хислат ва мазмуни ҷомеа ва неъруи мутаҳарики он мебошад.

Шинохти зиддият ва табиати он ниҳоят мушкил аст, махсусан омил сарчашма ва ангезаҳои асли, ғайриасли ниҳоят мухталиф таҳлил шудаанд. Инчунин намудҳои гуногуни зиддият мисли зиддияти байни имконот ва талаботи рузафзун (одамон, ҷомеа, ҷаҳон, байни давлат чун ниҳоди созмондеҳу созмонгир ва бозор, байни манфиатҳои маҳаллию миллӣ ва асоснок гардидаанд. Шаклҳои зиддият ҳам гуногун мебошанд, мисли зиддиятҳои ақлию зеҳни, оштинопазир (антогонисти) ва ғайриоштинопазир чун шаклҳои асосии зиддиятҳо шинохта шудаанд.

«Низоъ аслан зодаи омил ва сабабҳои зиёд аст, ки онҳо қисман ба ҳам зид ва мухолиф мебошанд». Яъне аз гуруҳҳои ба вуҷудоварандаи низоъ ба иродаю хоҳиши низоиҳо вобастаги надоранд, ки дар илми низоъшониси онро сабабҳои объективӣ мешуморанд.

Низоъшиносони рус Соколов, Анцупов ва Шипилов чунин сабабҳои объективии пайдоиши низоъҳои иҷтимоиро қайд намудаанд:

1. Бархурди табии манфиатҳои моддӣ ва маънавии одамон дар раванди ҳаёту фаъолияти онҳо. Масалан, ҳамкороне, ки дар як коллективи меҳнати фаъолият менамоянд ба ҳамдигар алоқаманд вазифаҳои ба зиммаошон гузоштаро иҷро мекунанд. Ин олоқамандии онҳо ҳангоми аз кор озод буданашон ҳам давом мекунад. Аммо бо мурури ҳамкориҳои бардавомашон онҳо бо тадриҷ бархурд менамоянд. Ин бархурди манфиатҳои онҳо объективӣ буда, ба майлу хоҳишашон вобастагӣ надорад.

2. Қоидаҳои заифи ҳуқуқии ҳалли зиддиятҳои ҳаёту фаъолияти одамон. Масалан, ҳангоме, ки роҳбар зердасташро таҳқир менамояд, зердаст барои вазъи конфликтиро ба миён наоварад кушиш менамояд худро аз ин ҳолат гурезад. [4.с.216-217.].

3. Қонеъ нагаштани талаботҳои ҳаётии одамон.

Рӯз ба рӯз сарватҳо ва неъматҳои моддӣ камёфт шуда истодаанд. Одамон барои қонеъ гардонидани талаботҳои ҳастиашон ба ҳам маоши меҳнатӣ ба ҳаёт ва заруратҳои аввалиндараҷа намерасад. Тақсимоти манзил, замин ва дигар неъматҳои моддӣ сабабҳои асосии пайдоиши низоъҳои иҷтимоӣ мегарданд Дар Тоҷикистон бештар дар масъалаи манзил, замин, ҷои кор, об, сузишворӣ ва дигар неъматҳои моддӣ низоъ сар мезананд. Илова ба ин хусусияти типологияи миллати точик ин аст, ки ба якдигар дағали мекунем, нисиҳатро ҳамчун таҳқир қабул менамоем, гуши танқидшунав надорем, мубориза бурда, мехоҳем то дараҷае талаботҳоямонро қонеъ гардонем.

Ба андешаи сотсиологи поляки Я. Сепанский яке аз сабабҳои объективии пайдоиши низоъҳои иҷтимоӣ бенизомии ҷамъият мебошад, ки дар чунин падидаҳо зоҳир мегардад:

1. Истеҳсолӣ (аз кор бозмондани истеҳсолот ва бекорӣ).
2. Иқтисодӣ (беқурбшавии пул, баланд рафтани нархи молу хизматрасонӣ ва напардохтани музди меҳнат).
3. Иҷтимоӣ (нобаробарии байни одамон, синфҳо ва гуруҳҳову табақаҳои иҷтимоӣ).
4. Сиёсӣ (аз байн рафтани собиқ иттиҳоди шуравӣ, ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва ғ.).

5. Идеологӣ (муборизаи либералҳо ва коммунистҳо, дар Тоҷикистон демократҳо ва ҷонибдорони динӣ) [8.с.68.].

Хулоса низои иҷтимоӣ падидаи ногузири ҷамъияти буда, дар ҷомеа ва умуман олами зинда вучуд дорад. Ҷомеа - афкори низоъ аст. Инсон хоҳу нохоҳ ба ин зуҳуроти иҷтимоӣ ру ба ру мешавад. Аммо бояд донист, ки низои иҷтимоӣ ду оқибат ё вазифаи худро дорад: конструктивӣ (созандаи мусбӣ) ва диструктивӣ (харобсозанда ва манфӣ) – ро иҷро менамоянд. Низои иҷтимоӣ ҳам оқибатҳои барои ҷомеа ногувор ва ҳам оқибатҳои инкишофдиҳандаи ҷомеаро ба бор меорад. Зеро ба андешаи Марксистон «Зиддият – манбаи инкишоф аст»

Дар охир бояд ҳаминро қайд кард, ки низоъ шакли бархурд ва муборизаи байни фардҳову гуруҳҳои иҷтимои зоҳир шуда, оқибатҳои чиддӣ ва харобиоварро ба бор меорад. Аз ин хотир бо низои иҷтимоӣ оммаи мардум бояд муносибати канорагуёна намуда дар шуури онҳо, ҳатто дар доираҳои илми низоъ падидаи хислатан ва мазмунан манфӣ ва ҳадди ақал номатлуб арзёби бояд шавад. Ба андешаи онҳо низои иҷтимоӣ низоми тартиботи ҷамъият, сулҳ, фаъолияти созандаю эчодкоронаи одамонро харобу фалач месозад. Аммо баръакси он бисёри аз муҳаққиқони моҷарошинос низои иҷтимоиро падидаи тасодуфӣ, даргузар шуморида онро рукни табии, қисмати ҷудонопазири ҷамъият ва хусусияти инкишофу ҳаракати он номидаанд. Ҳатто баъзеи онҳо низоъро падидаи сирф мусбӣ мешумориданд, ки таҳаввули равандҳои иҷтимоиро мусоидат мекунад.

Адабиёт

1. Муқаддимаи низоъшиниси – Душанбе, 2006. С. 46
2. Соколов С. Д. «Сотсиология конфликтологии» - Москва, 2001. С. 94-95.
3. Махмадов А. «Низоъшиносӣ дар Руссия ва Осиёи Миёна» - (мукаддимаи низоъшиносӣ), Душанбе, 2006. с. 16-22
4. Анципов А. Я., Шитилов А. И., «Конфликтология». Москва, 2004, С. 215
5. Шарофоддин Имомов «Таъсири низоъ: навъ, сотх ва ҳаракати он (ниг ба китоби Муқаддимаи низоъшиносӣ), Душанбе, 2006. с. 46-74
6. Анципов А. Я., Шипилов А. И. «Конфликтология», Москва, 2004. С. 22.
7. Хоктингтон С. Бархурди тамаддунхо – столкновение цивилизации. М., 2001с., С. 33.
8. Зайцев А. К. Социальные конфликты. М., 2000. С. 68.

АБДУЛЛОЕВА ЛАТОФАТ МУЗАФАРОВНА -
Ассистенти кафедраи фалсафа ва таърихи
Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон

НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ МАОРИФ ВА НАҚШИ ОМӮЗГОРОН ДАР САТҲИ БАЛАНД ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС

Миллате ёфт намешавад, ки барои ҳифзи манфиатҳои худ тарбияи миллии худро дар сатҳҳои гуногун ба роҳ намонда ва ё рӯ ба илм ва ё маориф наоварда бошад. Иқтидори миллии ҳар як кишвар ба маориф, илм ва маърифати шаҳрвандони у вобаста мебошад. Мафҳуми маориф аз ҷамъи «маърифат» гирифта

шуда, ба маънои шинохтан ва дарк кардан мебошад. Маърифат масдари мими ё калимаи «арафа» мебошад . Касоне, ки бо забони араби ошной доранд, медонанд, ки масдари мим ба маънои таъкид, пурқуввати ва зарурати шайро ифода менамояд. Аз ин хотир, «маърифат» ба маънои шинохти худи инсон аз олами ботинии инсон аст. Дар шакли дигар гӯем шинохти инсон дар асоси тафсири инсон аз ҷониби худи инсон аст, ки ин шинохт амри хеле зарури ва ҳатми буда, вожаи маориф, ҷамъи маърифат аст ва дар луғату фарҳангҳои тафсирӣ ба маъноҳои гуногун омадааст, ки яке аз маънои истилоҳиаш раванди таҳсил, омӯзиш, донишазхудкуни ва пажуҳиши илмист[5, С.5–6].

Гузаштагони мо низ дар самти маориф саҳми арзандаи худро дар осорхонаи таърихии маърифати ҷаҳонӣ гузоштаанд, ки он ниёзе ба мисол овардан надорад. Ташаккули соҳаҳои гуногуни илм, санъат адабиёт, фалсафа, илмҳои дақиқ дар аҳди Сомониён то ба имрӯз ҳамчун сарчашмаи илмии даврaҳои баъд шинохта шудааст. Аммо мутаассифона, низоми сиёсии он давр гӯши шунавое надошт, ки гуфтаҳои муттафаккирони худро шунавад ва зонуи адаб зада маърифти ҳастии хешро дар асоси илму дониш шиносанд. Дар асоси гуфтаҳои бузургони мо дигар миллатҳо худро сохтанд, пеш рафтанд, вале мо ҳоло ҳам дар аввали хат ҳастем.

Дар аксар ҳолатҳо сарварони сиёсии гузаштагони мо (шоҳону амирон) ба танпарварӣ машғул буда, бештари вақти худро ба ишратбозиҳо сипарӣ намудаанд. Масалан, агар мо ба омӯзиши соҳаи илм ва маорифи 200 сол пеш баргардем, мебинем, ки Аҳмади Дониш баъд аз сафарҳое, ки дар Русияи подшоҳӣ дошт, ислоҳоти куллиро дар соҳаи мактабу маориф пешниҳод намуд. Вале, мутаассифона манғитиҳо ба ин ислоҳот нафақат гуш надоданд, балки мухолиф ҳам буданд. Ё масалан, Садриддин Айнӣ хеле талош намуд, ки дар замони худ пояҳои маорифро дар Аморати Бухорои фарсуда мустаҳкам намояд. Дар ин бобат китобҳои таълимии худро ба монанди «Тартил-ул-Куръон», «Тахзиб-ус- сибён», «Заруриёти диния» ва ғайра таълиф намуд. Чунон ки аз асарҳои баъдии ӯ маълум аст, раванди таълимии мактаби куҳнаро сахт танқид намудааст.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо хизматҳои нотакрори худ Садриддин Айнӣ, Садри Зиё, Бобоҷон Ғафуров, Зариф Раҷабов, Муҳаммад Осимӣ ва чанд тани дигар раванди ташаккулёбии мактабу маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро поягузори намудаанд. Вале дар баробари он боз саҳлангории зиёде аз ҷониби сарварони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар масалаи Тоҷикистон ба чашм мерасад, зарфиятҳои илмии ин миллат ба инобат гирифта нашуд. Аз ин сабаб кишвари Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ақибмонда буда, ҳамчун сарчашмаи маводи хом мавриди истифода қарор мегирифт. Яъне метавон гуфт, ки қобилияти зеҳнӣ ва фаҳмиши илмии ин мардум нисбат ба шароити мавҷуда хело болотар меистод. [3, С.70]

Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон ноумедона ба домани истиклолияти сиёсӣ чой гирифт, зеро ӯ бо 94% овоз ба боқи мондани Иттиҳоди Шӯравӣ умед дошт. Элитаи сиёсии он даврa тағйирнопазир боқӣ монда буд, чун намехостанд тағйир ёбанд, ҳол он ки мавҷҳои тағйирёбии ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ба машоми баъзе аз соҳибназарон расида буд. Боз ҳамон анъанаи дерина дар бозсозӣ ва рӯзҳои аввали истиқлолият, яъне эҷоди монеҳо аз ҷониби сарварони сиёсии кишвар дар баробари ин боз омилҳои дигаре даст ба даст дода Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ сохт.

Кишваре, ки дар буҷаи давлатии худ ҳадди ақал ба арзиши 10 ҳазор (доллар) сармояи давлати надошт. Баъд аз оғози гуфтушунид умеде бар дилҳо зинда гардид.

Идомаи ин раванди музокирот дар натиҷа созишномаи сулҳ ва ризояти миллиро ба даст овард. Баъди созишномаи сулҳ аввалин коре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кард, рӯ овардан ба соҳаи маориф буд. Зеро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк намуда буд, ки то ин соҳаи муҳимми иҷтимоии мардум дуруст нагардад, наметавонад гиреҳҳо мушкилоти дигареро бикушояд. Гарчанде ҷанги шаҳрвандӣ ба рушди соҳаи маориф монеа гардид ва ҳисороти зиёд ба миён овард, вале сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Тоҷикистон ва талошҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардид, ки дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд ва таваҷҷӯҳу ғамхорӣ ба ин соҳа сол аз сол бештару беҳтар мегардад [2, С.17].

Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар зери назар ва пуштибонии худ қарор дод. Дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Дар ин давра бори сеюм аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тағйироту иловаҳо аз нав таҳия мешавад [4, С.12]. Дар баробари ин, барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардидаанд. Дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ба вазорат муяссар гардид, ки дар кушодани муассисаҳои томактабӣ бо номи «Марказҳои инкишофи кӯдакон» муваффақ гардад. Ҳамзамон, ташкили боғчаҳо ва кӯдакистонҳои хусусӣ барои рушди ин зинаи таҳсилот мусоидат намуда истодааст.

Маблағгузории ин муассисаҳо ҳамасола беҳтар гардида, дар соли 2010 ба 22,0 млн сомонӣ расонида шуд (соли 2000-ум 2,3 млн сомонӣ буд). Баробари таъсисёбии намудҳои нави муассисаҳои томактабӣ зарурати ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи муассисаҳои томактабӣ ба миён омад. Барои беҳтар намудани таъминоти методию таълимии соҳаи тарбияи томактабӣ 31 октябри 2005 таҳти № 395 «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006–2010» қабул карда шуд. Дар доираи барномаи мазкур як қатор боғчаю кӯдакистонҳое, ки ғайриқонунӣ шахсӣ гардонида шуда буданд, пас гардонида шуданд ва ҳамзамон дар аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сохтмону азнавсозии муассисаҳои томактабӣ оғоз гардид. Зарурати тарбия ва таҳсилоти томактабиро ба ҳисоб гирифта Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ»-ро таҳия намуд, ки он 2 июни 2009 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Барои амалӣ гаштани ин стандарт як қатор тадбирҳо, аз ҷумла татбиқи барномаҳои ба мактаб омода намудани кӯдаконе, ки ба кӯдакистон фаро гирифта нашудаанд, дар назар гирифта шудааст. Бо ин мақсад дар назди мактабҳо гурӯҳҳои омодагӣ ташкил гардиданд. Мувофиқи ин барнома дар кӯдакистон марказҳои гуногуни омӯзиши хат, мусиқӣ, илм, рассомӣ, дӯзандагӣ, адабиёт, сохтмон ва ғайра ташкил шуда буд. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низомномаҳои ҳамаи намудҳои мактабҳои таҳсилоти умумиро вобаста ба талаботи замони нав таҷдиди назар намуд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи боэътимоди амалӣ сохтани ислоҳоти куллии соҳаи маориф ва таъмини пешрафти соҳа дар давраи гузариш

гаштанд ва барои такмилу таҳкими соҳаи маориф шароиту имконият фароҳам оварданд.

Вазъи мактаб дар ҷомеа ба куллӣ тағйир ёфт. Нақши мактаб ҳамчун манбаи мустақили фарҳангу маданияти миллӣ васеъ гардид. Афзоиши маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ дар даврaҳои истиқлолият назаррас буда, қисмати асосии маблағҳои барои соҳа ҷудогардида маҳз ба ин зинаи таҳсилот сарф карда мешавад. Агар соли 2000 барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамагӣ 27,6 млн сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2011 ин нишондиҳанда 1 млрд 300 млн сомониро ташкил медиҳад. Сохтмони мактабҳои замонавӣ афзоиш ёфт. Шумораи мактаб-интернатҳо ҳам зиёд гардид. Тамоми муассисаҳои таълимӣ бо техника ва технологияи нав муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ дохил намудани мактабҳои миёнаи махсус» як қатор техникумҳо ба коллеҷҳои наздидонишгоҳӣ ва баъзе омӯзишгоҳҳо ба коллеҷҳои мустақил табдил дода шуданд. Дар ин давра шумораи мактабҳои олӣ низ афзуд. Филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, Донишкадаи энергетикии Маскав (донишгоҳи техникӣ) ва Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Маскав», Донишгоҳи Байналмилалии сайёҳӣ соҳибкории Тоҷикистон ва ғайраҳо таъсис дода шуданд. Маҳз дар даврони Истиқлолият муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таълими бисёрзинагии таҳсилот гузаштанд. Анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб меёбад. Соли 2011 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвият бахшидани робитаи оила бо мактаб ва баланд бардоштани ҳисси масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро таҳия ва ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуд.

19 ноябри соли 2013 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд ва муқаррар гардидд, ки вазифаҳои пешбурди сиёсати илм аз доираи ваколатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, ба Вазорати мазкур вогузор гарданд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 10 феврали соли 2014 Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) таъсис дода шуд. Аз соли 2015, дар баробари донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ворид карда шуд, қабули донишҷӯён ба ин муассисаҳо (донишгоҳу донишкадаҳо) тавассути низоми мазкур амалӣ карда мешавад. Ба ҳолати 20 июли соли 2022 дар Тоҷикистон 3940 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ вуҷуд дорад, ки дар онҳо 128 827 омӯзгор дарс медиҳанд. Миқдори муассисаҳои томактабӣ бошад ба 696 мерасанд [6, С.234].

Гарчанде дар Паёмҳои ҳарсолаи Роҳбари давлат масъалаи соҳаи илму маориф ҳамчун мавзӯи хоса мавриди баррасӣ қарор мегирифт, аммо дар Паёми имсола, нисбат ба ҳар масъалаи дигар мавзӯи рушди соҳаи маорифи миллӣ аз ҷониби Роҳбари давлат мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуд. Пешвои миллат зикр намуданд: «Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад» [1, С.99]. Такрор ба такрор атрофи мавзӯи рушди маориф, сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои миёна ва олӣ сухан намуда, Пешвои миллат барои ҳалли соҳаи мазкур гузаронидани ислоҳотро масъалаи зарурӣ арзёбӣ намуданд.

Дар робита ба рушди соҳаи маориф ба мавзӯи нақши омӯзгорон дар омода кардани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат низ чанд андешаҳо баён карда шуд. Пешвои миллат аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ даъват ба амал оварда шуд, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд. Гарчанде ҳоло омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар 5 сол як маротиба аз курси такмили ихтисос мегузаранд, аммо ба ин нигоҳ накарда рушди босуръати илму техника ва технологияи муосир аз ҳар омӯзгор тақозо менамояд, ки мунтазам барои баланд бардоштани сатҳи малакаву маҳорат ва касбияти хеш диққат диҳанд. Дар чунин шароит танҳо бо роҳи худтакмилдиҳӣ ва пайваста аз болои хеш кор намудан, ба ҳар омӯзгор имкон медиҳад, ки рисолати хешро дуруст анҷом дода, дар ҷомеа ва дар назди шогирдон обрӯву эътибори муайян пайдо намояд. Пешвои миллат ишора намуданд, ки баъзе омӯзгорон то ҳол аз рӯи конспектҳои давраи пеш дарс мегӯянд. Ин эроди Роҳбари давлат ба ҳамон омӯзгороне буд, ки то ҳол на танҳо бо маводу конспектҳои солҳои пешни, ҳамчунин бо методикаи замони гузашта дарс мегӯянд. Бехабар аз он, ки замони нав муносибати нави дарсгуиро талаб менамояд. Ба ҳамагон маълум аст, ки низоми таҳсилоти кредитӣ ва замони имрӯз аз ҳар омӯзгор дараҷаи баланди фаъолнокиро талаб менамояд.

Имрӯз дар назди омӯзгорон дар самти тарбияи насли наврас ва ҷавон вазифаҳои бисёр пурмасъулият меистад, ки иҷрои он аз як ҷониб бисёр пурмашаққат буда, аз тарафи дигар, кори арзишманд ва пуршараф мебошад. Иҷрои ин рисолат аз ҳар омӯзгор ҷонфидоиву садоқат, самимияту масъулиятшиносӣ ва кӯшишу ғайрати дучандро талаб менамояд. Чуноне ки Пешвои миллат соли 2024 ҳангоми суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш вобаста ба вазифа ва рисолаи омӯзгорон ва аҳли илму адаб дар шароити муосир чунин зикр намуданд: «Ҳадафҳои неки созандаву бунёдкорона дар даврони соҳибистиқлолии Ватан аз устодону омӯзгорон, олимону донишмандон ва дар маҷмӯъ, аз тамоми кормандони соҳаҳои илму маориф тақозо доранд, ки, пеш аз ҳама, бо донишҳои муосири илмиву техникӣ мусаллаҳ бошанд ва шогирдону таълимгирандагонро ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар сафарбар карда, ин қишри фаъоли ҷомеаро дар рӯҳияи баланди худшиносӣ ва худогоҳӣ тарбия намоянд».

Пешрафти ояндаи давлат аз кӯшишу ғайрати омӯзгорон дар самти таълиму тарбияи дурусти насли наврас дар руҳияи ватандӯстиву худогоҳӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос вобастагии бевосита дорад. Ҳар чи қадар мақоми омӯзгор дар ҷомеа баланд ва зиндагии иҷтимоии беҳтар дошта бошад, ҳамон андоза дар таълиму тарбияи насли наврас хизмати содиқона анҷом медиҳанд. Ҳавасмандкунии онҳо ба фаъолияти босифати кори онҳо вобаста буда, он ба болоравии сифати таълим муосидат менамояд. Омӯзгороне ки то вақти дарс ва ё баъди он ба савдову корҳои дигар машғул мешаванд ва бе омодагӣ ба дарс меоянд, он пастшавии сифати таълиму тарбия оварда мерасонад. Ва ё омӯзгоре ки ба хонандаву донишҷӯён самимӣ ва содиқона дарс намегӯяд ва ба ӯ сарчашмаи даромад назар мекунад, он ба раванди таълим халад ворид мекунад. Бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии кормандони соҳаи маориф Пешвои миллат дар Паёми имсолаи хеш таклиф намуданд, ки аз моҳи июли соли 2024 дар ҳаҷми 40% музди меҳнати омӯзгорон баланд бардошта шавад. Умед аст, ки чунин иқдому

дастгирӣ заррае ҳам бошад ба беҳтар гардидани фаъолияти омӯзгорон ва сатҳу сифати таълиму тарбия таъсир хоҳанд расонд.

Ҳоло чанд сол мешавад, ки Пешвои муаззами миллат бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва худшиносиву ҳисси ватандӯстии насли наврасу ҷавон озмунҳои ҷумҳуриявиро роҳандозӣ намудаанд, ки бешубҳа сол аз сол доираи васеи иштирокчиёнро фаро гирифта, ба зиёд гардидани шумораи соҳибистеъдодони ҷавон таъсир расонида истодааст. Пешвои миллат дар Паёми хеш ҳадафи баргузории озмунҳои «Илм–фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон–Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва олимпиадаву озмунҳои гуногунро ҳамчун воситаи тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии мардуми тоҷик, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии шаҳрвандон, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз унвон намуданд.

Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш дар самти пурзӯр намудани азхудкунии донишҳои замонавӣ, ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намудани наврасону ҷавонон, тақвият бахшидани қобилияти эҷодии онҳо ва ба таълими илмҳои замонавӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияи муосир боз ҳам бештар намудани корҳоро тақозо намуданд. Воқеан, таклифи мазкур аз нуқтаи назари рушди илму техника, болоравии маърифати мантикӣ-математикии наврасону ҷавонон ва рушди босуръати саноатикунонии мамлакат ва дар робита ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат аҳамияти баландро соҳиб мебошад. Бе пешрафти илмҳои дақиқ дастовардҳои назарраси илмиву техникӣ имконнопазир аст. Рушди соҳаи илму техника ва технология дар кишварҳои пешрафта собит намуд, ки танҳо бо шарофати пешрафти илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ метавон ба натиҷаҳои баланди илмӣ соҳиб шуд. Аз ин рӯ захираҳои бузурги зеризаминӣ ва гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ва тадбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар тақозо менамояд, ки илмҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ рушд намояд ва мутахассисони соҳибкасби ин соҳаҳо бо илму дониш ва дастовардҳои илмӣ дар пешрафти кишвар саҳмгузор гарданд.

Хулоса кардан ба маврид аст, ки воқеан, саҳми омӯзгорон дар рушди соҳаи маориф бисёр назаррас буда, хизмати содиқонаву пурмасъулияти онҳо дар тарбияи кадрҳои ояндасози миллат, пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва дар умум ба рушди устувори кишвар ва боло рафтани эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Рӯйхати адабиёт

1. Абдуфаттоҳ Шарифзода. Савганди Президенти Тоҷикистон. Душанбе, 2021
2. Асрорзода У., Ҷононов С. Нақши тақдирсози иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021
3. Зокиров Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ.– Душанбе, 2006
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
5. Маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Эр – граф” 2015.
6. Рустамова Х.Р. Переход к информационному обществу а РТ. Вестник ТНУ. Душанбе, 2015

7. Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давалатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.1991.–№8

АҶИКОВ АЛИХОН НУРУЛЛОЕВИЧ, ШАРИФИ ДИЛБАР – унвончӯён кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: кӯчаи Марказӣ 25, н. Данғара. Тел: (+992) 908999366, (+992) 00444428; Почтаи электронӣ: ajikovalihon@gmail.com,

МАҲФУМИ КОНСТИТУТСИЯ ВА АҲМИЯТИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии бунёди давлатӣ тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории милӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, осори таърихи ва фарҳанги милӣ мебошад. Дар Конститутсияи Ҷ.Т соҳибихтиёрӣ истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, моҳият ва вазифаҳои давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ ва шакли давлатдории Тоҷикистон, ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон эълон шудаанд.

Дар мақолаи мазкур мо дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии ҳуқуқӣ ҷанбаҳои гуногуни маҳфуми конститутсия ва аҳмияти онро дар ҷомеаи демократӣ мавриди таҳқиқ қарор додем, ки вобаста ба назария ва амалиия омузиш мавзуи мазкур дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ки роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст ва барои расидан ба ин роҳ заминаҳои устувори ҳуқуқиву сиёсиро соҳиб гаштааст аҳмияти муҳим доранд.

Дар навбати аввал оид ба маҳфуми конститутсия пайдоиш, хусусиятҳои он ва нақши он дар ҷомеа омӯзишро бароҳ мемонем. Маҳфуми конститутсия ва истилоҳи он муракаб ва гуногунҷаҳа буда, дар адабиётҳои илмӣ соҳави ва аз ҷониби сиёсатмандорону мутафакирон гуногун пешниҳод карда шудааст, ки ба низом ва шароити давлатдори вобаста мебошад. Дар илми ҳуқуқи конститутсиони бештар вақт конститутсияро бо маҳфумҳои гуногун ба мисли: ҳуҷҷати сиёсӣ, конститутсияи моддӣ, конститутсияи расмӣ, конститутсияи ҳуқуқӣ ва ҳақиқӣ маънидод мекунад.

Дар зери маҳфуми конститутсия дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан Қонуни асосии давлат фаҳмида мешавад, ки мувофиқи иродаю манфиати неруҳои сиёсӣ дар ҷамъият ҳукмрон асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори давлатӣ ва маъмурю ҳудудӣ, сохтори ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқӣ- конститутсионии инсон ва шаҳрванд, тартиби таъсис, шакли фаъолият ва салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳалӣ муқарар ва танзим карда шудааст.

Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ шакли ҳуқуқии масъалаҳои муҳимтарини ба соҳибихтиёрии давлат, сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ, шакли идораи давлат, ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, тарзи таъсис ва фаъолияти мақомоти худидораи маҳалӣ алоқаманд муаян ва танзим карда мешавад

Дар давраи ҳокимияти шӯравӣ мувофиқи таълимотӣ марксисти-ленинӣ моҳият ва маҳфуми конститутсия фақат аз рӯйи талаботи муборизаи синфӣ

маънидод мешуд. Масалан, Ф. Энгелс чунин мешуморад, ки конститутсия натиҷаи муборизаи синфи буда, “синфи ғолиб баъди музафарияти ба даст оварда, онро муқарар мекунад”. В.И. Ленинба ин монанд, моҳияти конститутсияро дар он медид, ки он таносуби ҳақиқии қувваҳоро дар муборизаи синфӣ ифода мекунад. У навишта буд, ҳар як инқилоби буржазӣ “охири охирон равияи бунёди сохтори конститутсионӣ мебошад”. Ва боз ӯ қайд карда буд, ки “конститутсия созиши байни қувваҳои таърихии ҷамъияти куҳна (двориянҳо, крепостнойҳо , феодалҳо, мутлақият) бо бржазияи либералӣ мебошад”.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Конститутсияро маҳсули андешаи миллӣ ва арзишҳои бунёдии халқи кишвар мебошад, зеро ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз маҳз ба шарофати андешаву ҳувияти миллӣ, таҳаммулгарӣ ва ҷасорату матонати сиёсии мардуми дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ қабул гардида, барои устувории пояҳои давлати мустақил мусоидат намуд.

Калимаи конститутсия (аз калимаи лотини “constitution» барпо намудан, бунёд гузоштан, таъсис додан) дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тобишҳои мухталиф истифода шудааст. Таҳлили ин калима имкон медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни ин падидаи ҳуқуқӣ муаян гарданд ва онҳо ҳангоми истифодаи амалии Конститутсия ва меъёрҳои он ба эътибор гирифта мешаванд.

Таҳлили ин калима имкон медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни ин падидаи ҳуқуқӣ муаян гарданд ва онҳо ҳангоми истифодаи амалии Конститутсия ва меъёрҳои он ба эътибор гирифта мешаванд.

Конститутсия ба сифати олии Қонуни кишвар дар шакли муаян таҳия шуда, аз суботу устувории махсус бархурдор аст. Он метавонад танҳо ба тартибе, ки худи Конститутсия муқарар кардааст, таҷдиди назар карда шавад. Конститутсияи Ҷ.Т аз тариқи райпурсии умумихалқӣ ворид карда мешавад. Аз ин,рӯ ҳар гуна кушиши ворид намудани таъғйиру иловаҳо ба Конститутсия бар хилофи тартибе, ки дар конститутсия муқараркарда шудааст, ҳамчун амали ғайриконститутсионӣ ва ғасби ҳокимият эътироф мегардад.

Конститутсия қонун оид ба таъсиси давлат, низоми фаъолияти мақомоти он, тартиби ташкил ва татбиқи салоҳияти онҳо ва омили муаянкунандаи равобити мутақобилаи байни мақомоти давлати мебошад

Конститутсия қонунест, ки тибқи он маҳдуд сохтани ҳокимияти давлатӣ ба хотири таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сурат мегирад.

Конститутсия, қонунест, ки ваҳдати сиёсии халқро шаклбанди ва таъмин менамояд ва дигар паҳлуҳои инкосгари падидаи конститутсияро номбар намудан мункин аст.

Истилоҳи “конститутсио” ҳанӯз дар Рими қадим маълум буд. Дар он давра зери ин маҳфум баъзе санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқии шоҳон фаҳмида мешуд, ки онҳо муносибатҳои ба сохтори давлатӣ алоқаманд, тартиби ворисии тахти шоҳӣ ва усулҳои ба тарзи идоракунии давлат вобастаро муқарар ва танзим мекарданд.

Конститутсия дар шакл ва мазмуни ҳозира худ ҳамагӣ қариб аз дусаду сӣ сол ин ҷониб қабул гашта амал мекунад. Асосан маҳфуми конститутсия дар вақтӣ ба амал омадани инқилобҳои буржазӣ (ба муқобили сохтори феодалӣ ва ҳуқуқи феодалӣ) ба миён омадааст. Дар вақти таназзули феодализм истилоҳӣ “Қонуни асосӣ” ба миён омадааст. Дар вақти таназзулӣ феодализм истилоҳи “Қонуни асосӣ” ба миён омад ва дар айни замон ин маҳфум бо маҳфуми конститутсия ҳаммаъно мебошад[2, с.28]

Аввалин конститутсияҳои ҷаҳон 17 – уми сентиябри соли 1787 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва баъдтар 3- юми майи соли 1971 дар Полша (ин якумин

конститутсия дар Аврупо) ва 3- юми сентиябри соли 1791 дар Фаронса қабул шудааст[1, с.47].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҳикистон соли 1994 аз тарафи олимон дар чандин сатҳ тадқиқ гашта, оиди моҳият ва таъинот ва хусусиятҳои он асарҳо навишта шудаанд. Вале тадқиқотҳои илмию оммавӣ дар хусуси мазмуни он чандон зиёд набуданд. Барои бартараф кардани ин омил чанде иқдомҳо пеш гирифта шуда, дар сатҳи муайян мазмуни Конститутсия шарҳу тафсир карда шудаанд[6]. Вале ҳанӯз эҳтиёҷ ба тадқиқотҳои чуқури илмӣ, хусусан дар сатҳӣ рисолаҳои калони илмӣ мавҷуд аст. Тафсири аввалини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҳикистон соли 1994, ки соли 2009 аз чоп баромад бешубҳа қадами ҷиддие дар омезиш ва татбиқи меъёр ва ҳолатҳои он мебошад[3].

Халқи Тоҷикистонро бахту саодати бузурге насиб шудааст, ки соҳиби чунин Конститутсияи сазовор мебошад. Чунки, агар мавқеи илмӣ ва шаҳрвандии мутахассисони худиро дар масалаи арзёбии Конститутсия як су гузорем, ба эътибори коршиносони дақиқсанҷи як қатор давлатҳои пешрафтаву мутамаддини ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили СММ ва САҲА Конститутсияи ҶТ яке, аз намунаҳои беҳтарини конститутсияҳои демократии ҷаҳонист.

Тибқи Конститутсия халқи Тоҷикистон худро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳони эълон намудааст, ки ин ифодакунандаи бевоситаи узви созмонҳои умумӣ ва минтақавӣ, ба мисли СММ ,САҲА ИДМ ва ғайра будани Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон риояи принсипҳои эътирофшудаи умумӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба уҳда гирифта, муносибатҳои дипломатии худро ба давлатҳои хориҷи барқарор менамояд, бо онҳо равобити мусолиматомез ва ҳамкориҳои судмандро дар соҳаи муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимои, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бар асоси принсипҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ, ки дар Оиномаи СММ муқарар шудаанд, ба роҳ мемонад.

Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсози мардуми куҳанбунёду соҳибтамаддуни мо оини давлату давлатдории тоҷиконро, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи халқамон идома ва сайқал ёфтааст, ҳамчунин кӯшишу талошҳои фарзандони хирадманду фарзонаи ин халқро дар роҳи расидан ба соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ ҷомаи амал пӯшонид. Ғояҳои башардӯстонаи он инъикоскунандаи суннатҳои пурғановати халқи тоҷик буда, аз барҷастатарин намунаҳои фарҳангии ниёгони ориёии мо, арзишҳоидавлатдории Сосониёну Сомониён ва мероси бузургони таъриху адабиёти аз ҷониби умумэътирофгардидаи мо сарчашма мегиранд. [7].

Дар раванди демократиикунонии ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон Конситутсия аҳмияти муҳим ва дар таъмини ин раванд шароити мусоидро ба миён оварда.

Дар моддаи1 конститутсия муқарар шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад[4]. Яъне яке аз шаклҳои реҷаи сиёсӣ мавҷуд будани реҷаи демократӣ омадааст. Дар сиёсати ҷаҳони давлатҳои демократиро шартан ба ду навъ демократияи собиқадор ё кӯҳна ва демократияи нав гӯруҳбанди мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир бо дар назардошти ду омили муҳим хусусиятҳои таҷрибаи таърихии ананаҳои сиёсии давлатдории миллӣ ва дар ҳаёт татбиқ шудани принсипи либералии демократии афзалияти ҳуқуқи инсон пояҳои давлати демократӣ худро устувор мекунад. Аҳдномаи ризояти ҷомеаи Тоҷикистон ва дар заминаи он ба вуҷуд омадани Шӯрои ҷамъияти ба ҷаҳониён на фақат намунаи демократияи мусолиҳаро

нишон дод, балки намунаи ҷомеаи шаҳрвандиеро ба арсаи таърих овард, ки роҳу усулҳои ба даст овардани ормонҳои волои иҷтимоӣ дар он ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ , яъне тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам бо истифодаи васеъи арзишҳои ахлоқиву маънавӣ таъмин карда мешавад. Ба ибораи дигар, тараққиёти ҷомеаи мо бо роҳи демократӣ ба таври мутасил идома дорад, ки дар ин раванд байни гурӯҳои гуногуни иҷтимоӣ мутобиқати манфиатҳо ба вуҷуд омада, қувваҳои умумимиллии муттаҳидкунанда ва марказшитоб нисбат ба қувваҳои худхоҳи минтақавӣ, этники ва сиёсӣ афзалият пайдо карданд. Асосии ҳуқуқии чунини пешрафтро пеш аз ҳама Конститутсияи Тоҷикистон гузоштааст. Масалан дар моддаи 8 омадааст, ки Ҳаёти ҷаъмияти дар кишвари мо дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад, мафкураи ягон ҳизбу итиҳодияи ҷамъиятӣ ва динӣ ба ҳайси мафкураи давлати эътироф намешавад ва фаъолияти ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятие, мамнуъ аст, ки хилофи арзишҳои башарӣ амал мекунанд. Дар моддаи 14 афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва аз ҷониби на фақат конститутсияву қонунҳои дохилӣ, балки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф ва ҳифз шудани онҳо таъкид шудааст. Ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсиони ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ арзишҳое мебошанд, ки ба хотири нигаҳдории онҳо маҳдудсозии ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд раво дониста мешавад. Бояд таъкид намуд, ки чор омили маҳдудкунандаи ҳуқуқи шаҳрвандон ба талаботи демократия оид ба ҳамоҳангсозии мавқеҳои мухталиф пурра ҷавобгу мебошад ва як қатор санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла Паймони байналмилаи оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 [5] , ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон расман эътироф намудааст, дар ин бобат нишондодҳои мушахас низ дорад. Аз ҷумла, дар моддаи 22 санади байналмилалии ҳуқуқи инсон барои таъсиси иттиҳодия бо дигарон ба хотири ҳифзи манфиатҳои худ зикр шуда, дар қисми дуюми ҳамин модда таъкид мешавад ки “истифода аз ҳуқуқи мазкур таҳти маҳдудият қарор дода намешавад, ғайр аз маҳдудиятҳое, ки дар қонун пешбини шудаанд ва дар ҷомеаи демократӣ барои манфиатҳои амнияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳифзи саломати ва ахлоқи аҳоли ё барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодии дигарон заруранд”.

Хулоса ҷумлаҳои дар болоишо зикршуда аҳмияти Конститутсияро дар ҷомеаи демократи инкс менамояд ва дар рӯшди демократикунонии ҷомеаи Тоҷикистон заминаи асосро ташкил медиҳад. Мо шаҳрвандони кишварро зарур аст, ки ҳифз ҳимоя ва иҷроиши констиутсияро ба одат табдил диҳем ва ҳамчун сарчашмаи ҳокимият арзишҳои ҳуқуқиву демократиро ҳифз намуда ба наслҳои ояда вазифаи худро ҳамчун меросгузорандаи ҷомеаи солиму инсондустро таҳвил диҳем.

Имрӯз зарураст ҳамаи шаҳрвандон ташкилотҳо сохторҳои ҷамиятиву давлатӣ барои тарғибу ташвиқи арзишҳои ҳуқуқиву демократӣ саҳмгузор бошанд ва барои тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтироми қонунҳову озодӣ, амнияту субот, ватандустиву меҳанпарасти ва таъмин баробарҳуқуқии онҳо бидуни фарқиятгузорӣ кушишҳо намуда шароитӣ зарурирo муҳаё намоянд.

Адабиёт

1. А.А. Мишин. Конституқионное (государственное) право зарубежных стран: Учебник. – М.: Белые альвы, 1966. – С.74
2. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. – Душанбе. 2012.496с.
3. Имомов А. Конституционно-правовое развитие Республики Таджикистан (1992-1998). –Душанбе: 1998. –208 с
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тохикистон соли 1994

5. Паймони байналмилаи оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966
6. С.Н. Якубова. Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ. - Душанбе, 2016.- 250с.
7. Тафсири Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2009

КУШАКОВА ИНОБАТ АБДУЧАБОРОВНА
-Ассистенти кафедраи забони русии
Донишгохи байналмилали сайёхи ва
сохибкории Точикистон

НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР РУШДИ ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ

Аз нигоҳи илмҳои сиёсатшиносӣ ҷомеаи демократӣ як организми диалектикии доимо рушдёбанда аст ва дараҷаи инкишофи он ба амалкардҳои озодона, фаъолона ва пурмаҳсули шаҳрвандонаш вобаста мебошад.

Асосҳои сохтори конститутсионии кишвари моро қонунҳои адолатнок, ки тибқи манфиати ҷомеа ва шахс, бартарияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, баробарҳуқуқии мардон ва занон ва адолати иҷтимоиро тарғибкунанда ташкил медиҳанд. Аз нигоҳи илмҳои ҳуқуқшиносӣ нигарем қонун нақши додгоҳро мебозад, то ки дар ҷомеа плюрализми фарҳангӣ ва сиёсӣ бошад ва баҳсҳои хешро инсонҳо танҳо бо роҳи қонун ҳал намоянд. Маҳз ба ҳамин хотир, ҷой ва нақши Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ дар рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд беандоза мебошад.

Яке аз арзишҳои умумибашарии эътирофшудаи давлати демократӣ ин ҷустуҷӯи роҳҳои татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ ба манфиати тамоми аъзои ҷомеа новобаста аз мансубияти қавмию нажодӣ маҳсуб меёбад. Аз нигоҳи муҳаққиқон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “ҳуқуқи ҳар шахсро ба ҳаёт, таъминоти иҷтимоӣ, озодии сухан, истифодаи ахбори омма, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, муттаҳид шудан, иштирок дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои ҷамъитӣ, ихтиёран дохил ва баромадан аз онҳо, ҳуқуқҳои инсон ба моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқҳои дигарро муқаррар намуда, кафолати таъмин ва назорати амалишавии онҳоро аз ҷониби тамоми мақомоти давлатӣ пешбинӣ кардааст”[2.с.276].

Бояд хотиррасон намоем, ки дар солҳои соҳибихтиёрии Тоҷикистон, дар баробари тағйирёбии соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, инчунин соҳаи иҷтимоӣ, махсусан сиёсатгузории маърифати ҳуқуқии он, дигаргунии густурдаро паси сар намуд. Дар самти инкишофи механизми амалигардонии ҳуқуқҳои гендерӣ чораҳои зарурӣ андешида, конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ паваста барои рушди маърифати ҳуқуқии халқамон ташкил карда шудаистоданд. Ҳамзамон дар меҳвари сиёсати давлат қарор гирифтани нақш ва мақоми занон дар ҷомеа бозҳам яке аз нишонаҳои рушди бемайлони демократия мебошад. Ҷумҳури Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳалаи аввали соҳибихтирии хеш кӯшиш намудки принсипҳои марифати ҳуқуқӣ ва сатҳи гуногунандешиву шуури сиёсии шаҳрвандонро боло бардорад. Мафкураи ҷавононро аз ҳаргуна иллатҳои замони муосир (аз қабили фанатизм ва хурофотгароӣ) нигоҳ дорад. Яке аз аспектҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ ин ҳимояи ҳуқуқҳои табиӣ (ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва моликият) аз ҷониби давлат ба шумор меравад. Чунин факти воқеӣ дар моддаи 18 - уми Конститутсия баён шудааст: “ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад”[1.с.8].

Ҷомеа демократӣ аст, агар ҳуқуқҳои табиӣ зери ҳимояи давлат қарор бигиранд. Барои дарки мазмуни дурусти демократия дар ҷомеа зарур аст, ки аз ҳар лиҳоз донишҳои

ҳуқуқӣ ва шуури сиёсӣ рушд кунанд. Бидуни ҷаҳонбинии сатҳи баланди маънавӣ ва ҳуқуқӣ инкишофи демократия ғайриимкон мебошад. Дар баробари ҳамин, идеалҳои сиёсӣ, арзишҳои ҷамъиятӣ ва ормонҳои инсонӣ мазмуни демократияро ташкил дода, арзишҳои муҳимтарини ҷамъитиро ба вуҷуд меоваранд. Дар навбати дигар, демократия ҳамун идеали сиёсӣ дониста шуда, арзишҳое ба монанди эҳтироми шаъну шараи фардият, баробарии ҷамъиятӣ, ҳамфикри ва дигар масъалаҳои умумиинсониро фаро мегирад. Ҳифзи чунин арзишҳоро Конститутсияи кишвари мо кафолат додааст. Конститутсия ҳамчун идеали сохтори воқеии ҷомеа ва ҷаҳонбинии ба он мувофиқе дониста мешавад, ки ба низоми муайяни арзишҳо асос меёбад. Ҳамчунин Сарқонун ба сифати идеали демократии арзишҳо принсипҳои озодӣ, баробарӣ, суверенитети халқӣ, иштироки баробари шаҳрвандон дар идораи ҷомеа баромад менамояд, ки ба сатҳ ва давраи инкишофи давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи кушод мусоидат менамояд.

Ба ҳамин тариқ, дар бахти миллати мо Конститутсия ҳамчун рамзи озодиву адолат, эҳёи арзишҳои умумиинсонӣ, саодатмандии сокинон, инкишофи илму маърифат, таъминкунандаи сулҳу амният ва рӯзгори осоишта шинохта шудааст. Халқи мо ҳамасола 6 – уми ноябрро бо як ҷаҳон фараҳу қаноатмандӣ рӯзи Сарқонунро ҷашн мегирад. Бо истифода аз фурсати муносиб ин санаи хотирмонро ба ҳамаи тоҷикони олам таҳният менамоям ва ба хонадони ҳаряк шарванди кишварамон бигзор музаффариятҳои пайваста ҳукмрон бошад.

АДАБИЁТ

1. Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷткистон. – Душанбе, 2005. – 400 с.

2. Назар М.А. Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалишавии он дар ҳаёти ҷамъитӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ): монография. – Душанбе: «ИЛМ», 2022. – 320 с.

Султонзода Т.С. - муовини Пракурори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН-КАФОЛАТИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Таҷлили 30-юмин солгарди Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имсол ба даврае рост омадааст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол чанд рӯз қабл ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатиро дар фазои сулҳу оромӣ ва ваҳдату ягонагӣ таҷлил намуда, роҳи минбаъдаи рушду тараққиёти худро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона интихоб намуд аст.

Тибқи воқеияти умумии эътирофшуда давлате, ки Конститутсияи мушаххас надошта бошад, вуҷуд дошта наметавонад, гарчанде ҳастанд давлатҳое, ки Конститутсияи ягона надоранд. Қонуни асосӣ ба воқеияти давлатӣ нигаронида шуда, давлатро ташаккул медиҳад, дар навбати худ давлат Конститутсияро ба вуҷуд меорад ва мазмуну ҳудуди амали онро муқаррар менамояд. Давлат тобеи Конститутсия буда, ба ҳайси кафили амалишавии меъёрҳои он баромад менамояд.

Конститутсия андешаи назариявии давлати ҳуқуқбунёдро, ки дар қатори дастовардҳои муҳими тамаддуни инсонӣ ҷойи намоёнро ишғол намуда, ба эъмори давлате, ки дар он ҳуқуқ моҳияти ташаккули муносибатҳои мутақобилаи шахсияту давлатро ташкил намуда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин гардида ва беқонунӣ истисно карда мешавад, нигаронида шудааст.

Аҷдодони мо барои истиқлолияти давлатӣ ба муқобили аҷнабиён мардонавор ҷангидаанд. Ба ин муборизаи озодихоҳона бо сарварии Спитамен ба муқобили забткорони юнону мақдунӣ, бо сарварии Муқаннаъ ба муқобили забткорони араб, бо сарварии Темурмалик ба муқобили забткорони муғул ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Гузаштагони мо поягузори аввалини империя дар таърихи инсоният – Шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо (550-330 то милод), тараққикардатарин давлат дар замони то забти арабҳо – Шоҳаншоҳии Сосониён (солҳои 224-651) буданд.

Яке аз сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва пайдоиши конститутсияҳо - ин Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир аст.

Эъломияи мазкур соли 539-уми пеш аз мелод аз ҷониби шоҳ Куруш – асосгузори воқеии давлати Ҳахоманишиён қабул гардидааст.

Эъломияи Куруши Кабир бо номи «Силиндри Куруш» маълум ва машҳур аст. Матни Эъломия бо забони аккадӣ боқӣ мондааст. Эъломия дар шакли гилнавишти силиндрмонанд тартиб дода шудааст.

Эъломияи Куруш яке аз манбаъҳои муқаддаси давлати Ҳахоманишиён мебошад, ки дар он ҳуқуқ ба озодии эътиқод, озодии ҳаракат, интихоби манзил, ҳуқуқ ба моликият ва ғайра ба таври возеҳ дарҷ карда шудаанд.

[125] Пограничная стража // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона : в 86 т. (82 т. и 4 доп.). – СПб., 1890-1907.

[126] Подробнее: https://www.norma.uz/socialnaya_otvetstvennost_biznesa/stop_kontrabanda

[127] Закон Республики Узбекистан «О качестве и безопасности пищевой продукции» от 30.08.1997 г. № 483-I// [Электронный ресур]: https://lex.uz/docs/18673

хотя все делаю официально и есть все разрешения. Но я нарушаю ваши исключительные права на товарный знак. Поэтому мой товар могут признать контрафактным[128].



В связи с ситуацией правонарушителю было сделано представление о нарушениях закона, их причинах и устранении приведших к ним условий.

Товары, этикетки, упаковки товаров, на которых незаконно используется товарный знак или сходное с ним до степени смешения обозначение, являются контрафактными[129]. Несмотря на это чаще в суды по-своему применяют толкование данной статьи. То есть применение данной статьи, по сути, зависит от принципа исчерпывания прав на товарный знак. Как мы знаем существует три режима исчерпания права: международный; региональный и национальный.

Международный режим не предусматривает разрешение для ввоза товара, то есть: правообладатель продал товар первому поставщику в любой стране и право продажи автоматически распространяется на будущие сделки в других странах.

Региональный режим предусматривает, что исчерпание права интеллектуальной собственности наступает после первой продажи товара в какой-либо из стран, входящих в то или иное региональное объединение.

Национальный режим предусматривает разрешение для ввоза товара, то есть: при пересечении границы страны спрашивают разрешение и неважно, сколько раз и кому продавали данный товар[130].

Таблица 1. Принципы исчерпания права на товарный знак в странах, занимающих лидирующие позиции по ВВП[131]

Место в рейтинге по уровню ВВП	**Страна**	**Принцип исчерпания права на товарный знак**
1	США	Международный
2	Китай	Международный
3	Япония	Международный

[128] Новости Министерства Юстиции Республики Узбекистан 29 oktabr 2024 yil // [Электронный ресур]: https://uzreport.news/society/biseptol-dori-vositasining-kontrafakt-nusxasini-ishlab-chiqargan-tadbirkorga-nisbatan-huqu

[129] Закон Республики Узбекистан «О товарных знаках, знаках обслуживания и наименованиях мест происхождения товаров» от 30.08.2001 г. № 267-II// [Электронный ресур]: // https://lex.uz/docs/6936

[130] Лобанова Г.Ю. Параллельный импорт в Республике Узбекистан и необходимость его внедрения в национальное законодательство // Юрист ахборотномаси – Вестник юриста – Lawyer herald. № 1 (2023) С. 40-44.

[131] Макаров В.А. Принцип исчерпания права: оценка международного опыта параллельного импорта// Международный научный журнал «ВЕСТНИК НАУКИ» 2024. № 6 (75) Том 5.

4	Германия	Региональный (ЕС)
5	Индия	Международный
6	Франция	Региональный (ЕС)
7	Италия	Региональный (ЕС)
8	Южная Корея	Международный
9	Россия	Национальный, региональный (ЕАЭС) и частично международный
10	Австралия	Международный
11	Испания	Региональный (ЕС)
12	Мексика	Международный

Таким образом параллельный импорт – это явление в международной торговле, которое нередко путают с контрабандой или контрафактной продукцией (товаром). Несмотря на некоторые схожие черты, параллельный импорт отличается от контрабанды с юридической точки зрения, а также по своим последствиям для экономики, брендов и потребителей. Ниже рассмотрим различия между этими понятиями, их влияние на рынок и предложим наглядную схему, которая поможет понять, как параллельный импорт функционирует в международной торговле.

Параллельный импорт – одно из интересных и противоречивых явлений в международной торговле. С одной стороны, он строго следует законам рынка, но, с другой стороны, законы рынка – не единственные, которые применимы к этому виду деятельности[132].

Таблица 2. Отличительные черты

Параллельный импорт	**Контрабанда**	**Контрафакт**
Легальный ввоз товаров	Незаконный ввоз товаров	Незаконный ввоз товаров
Подлинные товары	Могут быть как подлинными, так и поддельными	Поддельные товары с использованием низкокачественного или высокачественного материала
Таможенные пошлины и налоги оплачены	Таможенные пошлины и налоги не оплачены	Таможенные пошлины и налоги не оплачены
Товары продаются вне официальной сети и проходят таможенный контроль	Товары не проходят таможенный контроль	Товары не проходят или могут проходить таможенный контроль

[132] Christopher Heath, Parallel Imports and International Trade (WIPO Report presented at the Annual Meeting of the International Association for the Advancement of Teaching and Research in Intellectual Property at the headquarters of WIPO in Geneva (July 7 to 9, 1999).

Ниже приведена схема, демонстрирующая параллельный импорт, и может быть представлена следующим образом:

Производитель → Независимый поставщик (закупка по более низкой цене) → Импортер → Розничный продавец → Потребитель

Ниже приведена схема обычного импорта

Правообладатель → таможня РУз → официальный дистрибьютер → продавец → покупатель

На каждом этапе товары остаются подлинными и проходят все таможенные процедуры, что отличает их от контрабанды. Однако, в отличие от официальных дистрибьюторов, импортеры параллельных товаров не предоставляют гарантию и обслуживание, что может негативно сказаться на потребителе.

Таким образом, обсуждение параллельного импорта в отрыве от контрабанды и контрафакта имеет важное значение как для потребителей, так и для бизнеса, стремящихся сохранить баланс между защитой интеллектуальных прав и интересами потребителей.

Каждый гражданин должен знать, что продажа поддельных или контрафактных товаров является уголовным преступлением, приобретая поддельные товары, вы можете способствовать финансированию преступления, а также подвергать риску свое здоровье из-за некачественных продуктов или товаров.

Список литературы:

1. Уголовный Кодекс Республики Узбекистан// [Электронный ресур]: // https://lex.uz/docs/111457
2. Закон Республики Узбекистан «О качестве и безопасности пищевой продукции» от 30.08.1997 г. № 483-I// [Электронный ресур]: https://lex.uz/docs/18673
3. Закон Республики Узбекистан «О товарных знаках, знаках обслуживания и наименованиях мест происхождения товаров» №267-II от 30.08.2001// [Электронный ресур]: // https://lex.uz/docs/6936
4. Закон Республики Узбекистан «Об авторском праве и смежных правах» №ЗРУ-42 от 20.07.2006 г. // [Электронный ресур]: //https://lex.uz/docs/1023494.
5. Постановление Пленума Верховного суда Республики Узбекистан О судебной практике по делам о нарушении таможенного законодательства и контрабанде от 20.02.2023 г. // [Электронный ресур]: https://lex.uz/docs/6404215.
6. Пограничная стража // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: в 86 т. (82 т. и 4 доп.). – СПб., 1890-1907.
7. Новости Министерства Юстиции Республики Узбекистан 29 oktabr 2024 yil // [Электронный ресур]: https://uzreport.news/society/biseptol-dori-vositasining-kontrafakt-nusxasini-ishlab-chiqargan-tadbirkorga-nisbatan-huqu
8. Christopher Heath, Parallel Imports and International Trade (WIPO Report presented at the Annual Meeting of the International Association for the Advancement of Teaching and Research in Intellectual Property at the headquarters of WIPO in Geneva (July 7 to 9, 1999).
9. https://www.norma.uz/socialnaya_otvetstvennost_biznesa/stop_kontrabanda

ФАСЛИ 2. НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ДИГАР

САДРИДДИНОВ МАНУЧЕХР ИСЛОМИДДИНОВИЧ – д.э.н., профессор кафедры экономической теории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, e-mail: sadrman_s@mail.ru. Тел: (+992) 918565620.

НЕЪМАТОВ МУРОДЖОН АЛИДЖОНОВИЧ – докторант PhD Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Республика Таджикистан, г. Худжанд, 735700, e-mail: sadrman_s@mail.ru. Тел.: (+992) 927-25-24-23.

МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫЕ ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ ПО ВОПРОСАМ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В ПОСТСОВЕТСКИЙ ПЕРИОД

В современных условиях экономические отношения, которые связанны с общими вопросами эффективного использования водных ресурсов стран Центрально-азиатского региона в условиях, когда все страны приобрели государственный суверенитет. Особенно отмечается, что для стран региона главенствующем стали вопросы распределения водных ресурсов между странами низовья (Республика Таджикистан и Кыргыская Республика) и верховья (Республика Узбекистан, Туркменистан и частично Казахстан) в зависимости от национальных интересов каждой отдельной страны с учётом международных норм регулирования водных ресурсов межгосударственных рек. В этих отношениях Российская Федерация как главный экономический партнёр каждой отдельной страны должна стать главным регулятором вопросов распределения водных ресурсов между странами.

Проблемы водных ресурсов, как и другие проблемы, такие как глобальное изменение климата, продовольственные и экономические кризисы, дефицит природных и полезных ископаемых могут привести к дезинтеграции стран Центрально-азиатского региона, если с научной точки зрения не обосновать и не искоренить проблемы. Исходя из этого и с учётом отрицательных факторов воздействия необходимо прибегнуть к использованию новых подходов, путей интеграции и механизмов, которые могут привести к интеграции стран региона в целом. Также следует отметить, что под воздействием различных экономических факторов, среди которых необходимо выделить такие как переход на рыночные отношения, увеличения потребностей на водные ресурсы с учетом роста численности населения всех стран Центрально-азиатского региона, таяния ледников на территории стран верховья (Республика Таджикистан и Кыргызская Республика), уменьшения водных ресурсов под воздействием климатических изменений, увеличения частоты чрезвычайных гидрометеорологических явлений, финансового кризиса, урбанизации, опустынивания и других, возрастают проблемы в водном секторе страны.

Из данных международных организаций, в частности ЮНЕСКО более 4 миллиардов человек (в основном в Африканском и Азиатском континентах) наблюдается дефицит водных ресурсов и в обозримом будущем становится главной проблемой наряду с изменением мирового климата и нехваткой продовольственных товаров. Эти статистические данные международных организации явствуют о том, что проблемы

эффективного использования водных ресурсов непосредственно связаны с возникновением земледельческих работ и имеют важное значение в управлении формирования и развития устойчивого водопользования и водопотребления.

Проблемы эффективного использования водных ресурсов были актуальными во всех этапах развития общественного порядка, особенно в условиях, когда на территории стран Центрально-азиатского региона (Республика Таджикистан, Республика Узбекистан, Кыргызская Республика, Туркменистан и частично Казахстан) большим преобладанием отдавались рыночным механизмам и рычагам управления. Так, после распада советского государства, то есть начало 90-х и приобретением государственного суверенитета все страны региона стали налаживать свои собственные экономические интересы исходя из собственных выгод с учётом соблюдения международных норм ведения экономической деятельности. В этом аспекте первостепенными стали именно вопросы рационализации использования водных ресурсов между странами региона.

В период существования Советского союза для всех стран Центрально-азиатского региона разрабатывались генеральные схемы размещения производительных сил на долгосрочный период, которые являлись законодательным документом для перспективного территориального размещения производительных сил вплоть до 90-х годов прошлого столетия. Следует подчеркнуть, что принимаемые документы были направлены сроком на 15 лет (отчеты по пятилеткам) в разрезе отраслевых и территориальных схем размещения производительных сил и эффективного использования имеющегося природно-ресурсного потенциала. Как отмечают некоторые российские авторы, в частности Моисеев А.В. и Петросян К.Ц. в основных схемах определялись задачи и основные показатели развития отраслей, экономического и социального развития союзных республик (экономических районов), обеспечивается комплексное использование природных ресурсов и рациональное сочетание отраслевого и территориального развития [2]. Некоторые отечественные ученые все это связывали с нерациональным размещением производительных сил по территории республики [5].

Одним из главных проблем водных ресурсов в странах Центрально-азиатского региона целесообразно можно считать рациональное распределение по странам. Как отмечают некоторые ученые, в частности, [6] в мировой практике установились определенные факторы, которые учитываются при заключении соглашения на разделение воды. В числе мирных цивилизованных методов – это прямой мирный договор, который заключается между заинтересованными участниками. В случае, если соглашение по каким-либо причинам не достигнуто, то вопрос может быть рассмотрен международным судом. И, наконец, к числу параметров, определяющих объемы выдела воды, является установление факта на местности.

В некоторых исследованиях для решения проблем, которые связаны с водными ресурсами предлагается «Глобальное водное партнерство – GWP» [3], которая была основана в 1996 году и являющийся международным сетевым подразделением, дающая большие возможности всем организациям, которые занимаются вопросами эффективного управления водными ресурсами. Среди них можно выделить такие как: государственные и частные ведомства всех стран-участниц; различные отраслевые подведомства Организации объединенных наций (ООН); научно-исследовательские институты; региональные организаций; интеграционные группы стран; неправительственные организаций. Основной устранения проблем считается интегрированное управление водными ресурсами (ИУВР). На наш взгляд, такая концепция (ИУВР) дает возможность находить баланс между уровнем эффективного использования различных ресурсов для благоприятных условий жизнеобеспечения

последующим поколениям в соотношении принципа «экономического развития – экологической устойчивости – социальному равенству».

Накопленный богатый опыт стран Центрально-азиатского региона по эффективному использованию водных ресурсов в виде договоров, соглашений и концессии в рамках региональных интеграционных объединений показывает, что основные барьеры для функционирования экономической деятельности были устранены и предприняты усилия по борьбе с новыми условиями и вызовами. Однако до сегодняшнего дня остались нерешенными некоторые вопросы совершенствования нормативно-правовых актов по вопросам эффективного распределения водных ресурсов между странами, усиление интеграционных процессов и структур, распределение экономической выгоды, сохранения экосистемы, сохранение и поддержание состояния Аральского моря, и другие социально-экономические проблемы.

Следует отметить, что решение проблем системы разноаспектных взаимодействий между странами Центрально-азиатского региона по вопросам водных и иных ресурсов представляет комплексный научный интерес в связи с тем, что происходящие экономические преобразования последних лет непосредственно связаны с новыми парадигмами и направлениями экономической теории, такими как экономика знаний, нео-экономика, зелёная экономика, неоклассический синтез и т.п, и в этой связи экономические интересы и выгоды стран должны строится в новых условиях функционирования. С другой стороны, исторические предпосылки и богатое экономическое наследие стран региона предполагает более тесные связи в рамках интеграционных объединений по эффективному использованию имеющегося природно-ресурсного потенциала всех стран. Такой подход может увеличить социально-экономический рост не только отдельной страны, но и общий уровень благосостояния экономики всего Центрально-азиатского региона.

Водные ресурсы и другие виды природных ресурсов стран Центрально-азиатского региона привлекали внимания многих развитых стран. В действительности, Центрально-азиатский регион по имеющимся располагаемым ресурсам имеет свои специфические особенности по местонахождению многих природных ресурсов, которые могут быть вовлечены в процесс производства не только реального сектора, но и новых отраслей национальной экономики, с уклоном инновационных составляющих. Как отмечает отечественный учёный-экономист, академик Каюмов Н.К. сегодня многие страны, в частности США, страны Евросоюза, США, Россия, Иран, Турция, и некоторые другие объявили Центральную Азию зоной своих национальных интересов [1]. На наш взгляд, Россия как стратегический партнёр должна выполнять функции регулятора взаимодействия экономической деятельности всех стран региона, так как на протяжении вот уже последних 150 лет (Центральная Азия в составе Царской России и в составе СССР) страны региона находятся в хороших экономических отношениях.

Анализ экономических отношений, которые характеризуют экономические взаимодействия национальных экономик стран Центрально-азиатского региона в советское время (за 70 лет) показывают, что регион располагает большими экономическими возможностями, благоприятными климатическими и географическими условиями для производства различных товаров и услуг. Созданные экономические условия и предпосылки развития в начале вхождения в состав Советского Союза говорят о том, что регион по сравнению с другими территориями бывшего союза был относительно развитым и по многим направлениям за 70 лет были заложены условия для устойчивого и сбалансированного развития. Вместе с тем, степень участия стран Центрально-азиатского региона во взаимной экономической торговле с другими республиками и экономическими районами того времени была разной и в большей части

регион рассматривался как регион, который удовлетворял потребности населения всего союза различными сельскохозяйственными и частично промышленным производством.

Список литературы

1. Каюмов Н. К. Стратегические приоритеты углубления экономических преобразований //Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 1998. – №. 1. – С. 35.
2. Моисеев А.В., Петросян К.Ц. Основы экономики важнейших отраслей народного хозяйства СССР: Кн. Для учителей / Под ред. А. В. Моисеева. – М.: Просвещение, 1984. – 192 с.
3. Отчёт о Глобальном водном партнёрстве (Мобилизация для водной безопасности в мире 2020-2025). https://www.gwp.org/globalassets/global/about-gwp/strategic-documents/gwp_full_strategy_ru_web.pdf (Дата обращения: 10.14.2024)
4. Портал знаний о водных ресурсах и экологии стран Центральной Азии. Электронный ресурс: http://www.cawater-info.net/bk/1-1-1-1-3-uz.htm. (дата обращения: 16.09.2024)
5. Садриддинов М. И. Экономика Таджикистана в XXI веке – взгляд со стороны // Мир экономики и управления. 2016. Т. 16, № 3. С. 125–135.
6. Сафронова Е. И. «Водная проблема» в Центральной Азии и ее влияние на имидж России и Китая в регионе // Китай в мировой и региональной политике. История и современность. 2009. №14. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vodnaya-problema-v-tsentralnoy-azii-i-ee-vliyanie-na-imidzh-rossii-i-kitaya-v-regione (дата обращения: 16.09.2024).

АМИРОВ М.С. - н.и.и. муаллими калони
кафедраи фаъолияти гумрукии ДБССТ

НОУСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ ТАШКИЛОТҲОИ ФИХ ҲАМЧУН НИШОНДИҲАНДАИ ХАВФИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГУМРУКӢ

Ҳангоми арзёбии устувории молиявии ҳар як корхона ба эътимоднокии ҳисоботи бухгалтерӣ (молиявӣ) диққати махсус додан лозим аст, аз ин рӯ масъалаи ба далелҳои амалҳои беинсофона ё қаллобӣ дохил кардани хатогиҳои ошкоршуда барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисобот муҳим аст ва махсусан ин ҷанба барои давлат ва мақомоти назоратӣ муҳим аст.

Аммо, хавфи баланд вуҷуд дорад, ки ҳатто ҳисоботи молиявии тибқи стандартҳои байналмилалӣ таҳияшуда маълумоти таҳрифшударо дар бар мегирад. Аз ин рӯ, мақомоти назоратӣ мушкилоти дарёфт ва истифодаи усулҳои инноватсионии арзёбии эътимоднокии ҳисоботи молиявиро ба миён меоранд. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки танҳо дар асоси ҳисоботи молиявӣ мавҷудияти амалиёти шубҳанок дар ширкат муайян карда шавад, ки ин метавонад нишон диҳад, ки ин ташкилотҳо ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳоро дар соҳаи молиявӣ содир кардаанд [6].

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ барои таҳлили ҳисобот дар бораи таҳрифи маълумот «Харитаи тағирёбии меъёрии нишондиҳандаҳои молиявӣ» истифода мешавад [13], ки аз ҷониби профессор Мессод Бениш (Messod Beneish, Донишгоҳи Давлатии Индианаи ИМА) таҳия шудааст. Дар ин низом чунин нишондиҳандаҳо истифода мешаванд, ба монанди суръати коҳиши фоидаи маржа, афзоиши сифати дороиҳо,

гардиши дороиҳо ва ғайра. Барои истифодаи ин низом нишондиҳандаҳои таҳияшуда, бояд ҳисоботи корхонаҳо дар тӯли якчанд давра (ҳадди аққал ду сол) ва ҳисоботи ташкилотҳои ба андозаи шабеҳ, ки дар ҳамон соҳа фаъолият мекунанд, дошта бошанд [11].

Дар асоси ин низом истифодаи усулҳои муқоиса ва бузургиҳои нисбӣ ҷойгир аст, ки имкон медиҳад, ки тағирёбии ғайриоддии маълумот ошкор карда шавад, ки метавонад натиҷаи ҳисоботи нодуруст ё хатогиҳо бошад. Инчунин бояд қайд кард, ки ҳангоми таҳияи ин модел М.Бениш маълумотро аз ҳуҷҷатҳои 50 ташкилот, ки дар он далелҳои тақаллуби ҳисоботи бухгалтерӣ мавҷуданд, бо маълумоти ҳисоботии корхонаҳои софдилона аз пойгоҳи Standard&Poor's Compustat муқоиса кард.

Бо таҳлили маълумоти гирифташуда ва як қатор таҳқиқотҳо, М.Бениш муайян кард, ки истифодаи харита имкон медиҳад, ки дар 76% ҳолатҳо таҳрифҳо ошкор карда шаванд. Дар асоси ин, М. Бениш тавонист қонуниятҳои муайянеро ошкор кунад:

• идоракунии ҳисоботдиҳӣ барои ширкатҳои навтаъсис ва босуръат рушдёбанда хос аст;

• афзоиши даромад тавассути баҳисобгирии даромади мавҷуда, ҳанӯз ба даст наомада ё шубҳанок;

• баҳисобгирии захираҳои мавҷуда;

• сармоягузории нодурусти хароҷот [8].

Мушкилоти қаллобӣ аз нав дур аст ва дар робита ба ҳисоботи молиявӣ, он дар тӯли даҳсолаҳо аз ҷониби кишварҳои дорои иқтисоди пешрафтаи бозор ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба таври баробар бодиққат баррасӣ карда мешавад. Қаллобӣ дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ ҷиноят ё қонуншиканиро дар фаъолияти иқтисодӣ дар назар дорад, ки бо инъикоси қасдан нодуруст ва пешниҳоди маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ ба шахсони масъул тавсиф карда мешавад. Ҳамин тариқ, корхонаҳои иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (минбаъд ФИХ), ки маълумоти қалбакиро дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод мекунанд, қонунгузориро вайрон мекунанд, яъне метавонанд дар соҳаи гумрук ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ содир кунанд. Аз ин рӯ, масъалаи эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ бояд муҳим бошад, аз ҷумла барои мақомоти гумрук ҳангоми таҳлили фаъолияти иштирокчиёни ФИХ [1].

Барои чунин мақсадҳо яке аз воситаҳои татбиқи низоми идоракунии хавфҳо (минбаъд НИХ) дар мақомоти гумрук гурӯҳбандии иштирокчиёни ФИХ мебошад. Гурӯҳбандии иштирокчиёни ФИХ ин тақсимоти иштирокчиёни ФИХ ба гурӯҳҳо вобаста ба сатҳи хавфи иштирокчиёни ФИХ мебошад. Гурӯҳбандии иштирокчиёни ФИХ асоси истифодаи модели ба субъективӣ нигаронидашудаи ФИХ мебошад, ки дар он идоракунии хавфҳо, муайян кардани хавфҳо дар ҷараёни амалиёти гумрукӣ ҷойгоҳи муайянкунанда дорад, ки илова бар он маълумот дар бораи сатҳи хавфи иштирокчиёни ФИХ истифода мешавад, ки имкон медиҳад чораҳои фарқкунандаи кам кардани хавфҳоро истифода барад [2].

Компендиуми идоракунии хавфҳои ташкилоти умумиҷаҳонии гумрукӣ (WCO Customs Risk Management Compendium) чор категорияи сатҳи хавфро пешбинӣ мекунад:

- паст, ки ба он иштирокчиёни ФИХ дохил мешаванд, ки ихтиёран тибқи қонунгузории соҳаи гумрук амал мекунанд;

- миёна, ки ба он иштирокчиёни ФИХ дохил мешаванд, кӯшиш мекунанд, ки тибқи қонун амал кунанд, аммо на ҳамеша дар ин кор муваффақанд;

- баланд, ки ба он иштирокчиёни ФИХ дохил мешаванд, ки агар имконпазир бошад, аз иҷрои қонун худдорӣ мекунанд;

• хеле баланд (иштирокчиёни ФИХ, ки қасдан қонунро риоя намекунанд) [10].

Масалан, дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни ФИХ танҳо ба се категория тақсим мешаванд – хавфи паст, миёна ва баланд. Фарқияти иштирокчиёни ФИХ имкон медиҳад, ки шахсони қонуншиносро аз вайронкунандагони эҳтимолӣ ҷудо кунанд, шумораи амалиётҳоро нисбат ба категорияи аввал коҳиш диҳанд, дар ҳоле ки назорати гурӯҳи дуюмро тақвият диҳанд [12].

Барои ҷорӣ ва истифодаи ин технология мақомоти гумрук тартиби истифодаи автоматикунонидашудаи муайян кардани категорияи сатҳи хавфи иштирокчиёни ФИХ ва як қатор меъёрҳоро таҳия карданд. Тартиби муайянкунии автоматикунонидашудаи категорияи сатҳи хавфи иштирокчиёни ФИХ муқаррар карда шудааст.

Технологияи автоматии гурӯҳбандии иштирокчиёни ФИХ ба принсипҳои асосии зерин асос ёфтааст:

1. Автоматикунонии пурраи арзёбии фаъолияти иштирокчии ФИХ.

2. Марказикунонии кор, яъне ҳисоб кардани сатҳи хавф танҳо аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

3. Истисно кардани муносибати субъективӣ - ҳеҷ як шахс ба натиҷаҳо таъсир карда наметавонад.

4. Арзёбии фаъолияти иштирокчии ФИХ мунтазам.

5. Тағйири фаврии категорияи сатҳи хавф.

Мақомоти гумрук гузаронидани мониторинг ва таҳлили мунтазам ва ҳамаҷонибаи фаъолияти иштирокчиёни ФИХ ва натиҷаҳои амалиёти гумрукиро бо молҳои интиқолёфтаи онҳо бо мақсади актуалии категорияҳои сатҳи хавфи иштирокчии ФИХ таъмин менамоянд.

Таъсиси институти гурӯҳбандии иштирокчиёни ФИХ, пеш аз ҳама, ба кам кардани хароҷот ва кам кардани таъсири маъмурӣ ба иштирокчиёни ФИХ ҳам дар марҳилаи амалиёти гумрукӣ ва ҳам дар марҳилаи гузаронидани мақомоти гумрукӣ, ҳамзамон баланд бардоштани самаранокии он, аз ҷумла дар мубориза бо ба истилоҳ “фирмаҳои якрӯза” равона шудааст. [2].

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаи муҳими амнияти иқтисодӣ ва қонунияти фаъолияти иштирокчиёни ФИХ устувории молиявӣ мебошад. Барои арзёбии ин нишондиҳанда истифодаи усулҳои динамикӣ мақсаднок аст, зеро онҳо тағйироти нишондиҳандаҳои иқтисодии иштирокчиёни ФИХ-ро дар вақт инъикос мекунанд. Аммо, мушкилоти асосӣ дар таҳлили устувории молиявӣ дурустии маълумоти дар ҳисоботи муҳосибӣ ва молиявӣ зикршуда мебошад. Маҳз барои таҳлили ҳисобот оид Ба таҳрифи маълумот М. Бениш усулеро бо номи “Харитаи тағирёбии меъёрии индикаторҳои молиявӣ” таҳия кард. Муайян кардани чунин ташкилотҳои беинсоф, ки маълумоти нодуруст пешниҳод мекунанд, бояд яке аз вазифаҳои мақомоти гумрук бошад, зеро ин иштирокчиёни ФИХ метавонанд вайронкунандагони эҳтимолии қонунгузории гумрукӣ ё воқеӣ бошанд.

Хавфи содир кардани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи гумрук аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ бевосита бо ҳолатҳое алоқаманд аст, ки мавҷудияти амалҳои носолимро аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ нишон медиҳанд.

Истифодаи нишондиҳандаҳои динамикии иқтисодӣ ҳангоми муайян кардани хавфи содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи гумрук аз он вобаста аст, ки нишондиҳандаҳои динамикӣ фаъолияти иштирокчиёни ФИХ-ро дар рушд тавсиф мекунанд. Нишондиҳанда динамикӣ аст, агар ҳадди аққал як тағирёбандаи он ба давраи вақт нисбат ба вақт, ки тағирёбандаҳои дигар ба он мансубанд, ишора кунад. Бо ёрии нишондиҳандаҳои динамикӣ вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд: муайян кардани траекторияи фаъолияти иштирокчиёни ФИХ, ҳолати он дар лаҳзаҳои муайяни вақт, таҳлили низом барои устуворӣ ва таҳлили тағирёбии сохторӣ. Ин ҳама ба ошкор кардани амалҳои носолим аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ кӯмак мекунад.

Дар зери амалҳои носолим бояд фаҳмидани ихтилофҳо Ё далелҳои гумшуда, ба монанди:

- тағироти ғайриоддӣ дар маълумоти тавозун;
- тағйирот дар динамикаи коэффитсиентҳои муҳими иқтисодӣ;
- номувофиқатии муносибатҳои нишондиҳандаҳои дар ҳисоботи бухгалтерӣ инъикосшуда.

Инчунин, амалҳои беинсофонаи иштирокчиёни ФИХ амалҳое мебошанд, ки бо роҳи фиреб аз ҷониби як ё якчанд шахс аз ҳисоби намояндагони соҳибмулк, роҳбарият, кормандони корхонаи иштирокчиёни ФИХ барои ба даст овардани манфиатҳои ғайриқонунӣ анҷом дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми санҷиши ҳисоботи иштирокчиёни ФИХ, истифодаи расмиёти маъмулии таҳлилӣ, ба монанди таҳлили уфуқӣ ва амудии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ё ҳисоб кардани коэффитсиентҳои молиявӣ на ҳамеша самаранок аст ва имкон намедиҳад, ки хавфи содир шудани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи гумрук ошкор карда шавад.

Аз ин рӯ, истифодаи расмиёти махсус таҳияшуда, ки маҳз барои муайян кардани соҳибкорони беинсоф таҳия шудаанд ва муносибати байни унсурҳои гуногуни иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявии ташкилот ва тағирёбии онҳоро бо мурури замон ба назар мегиранд, мувофиқ аст.

Яке аз чунин тартибҳо, ки қаблан мухтасар баррасӣ шуда буд, “модели М.Бениш” (“M-score”) мебошад. Модел пеш аз ҳама ба ошкор кардани аломатҳои ғайриқонунӣ нигаронида шудааст идоракунии даромад ва фоида дар асоси муайян кардани робитаи байни нишондиҳандаҳои тавозун ва ҳисоботи натиҷаҳои молиявӣ. Он бо осонии истифода ва имконияти тасвири визуалии натиҷаҳо фарқ мекунад.

Барои истифодаи модели Бениш, ҳисоботи иштирокчиёни ФИХ дар якчанд давра (ҳадди аққал 2 сол), инчунин ҳисоботи корхонаҳои муқоисашаванда аз рӯи андозаи иштирокчиёни ФИХ, ки дар ҳамон намуди фаъолияти иқтисодӣ амал мекунанд, талаб карда мешавад. Ҳамаи ин маълумот дар шахсони мансабдори мақомоти гумрук дастрас аст, ки дар доираи назорати гумрукии иштирокчиёни ФИХ метавонанд ин усулро ҳамчун нишондиҳандаи иловагии қаллобӣ истифода баранд.

Бояд қайд кард, ки пайдоиши баъзе аломатҳои қаллобӣ дар ҳисобот ҳанӯз далели таҳрифи маълумот ё вайрон кардани қонунгузории гумрукӣ аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ нест. Аммо ба ҳисоботи чунин корхона ба шахси мансабдори мақомоти гумрук бояд диққати зиёд дода шавад.

Модели М.Бениш дар асоси таҳқиқоти маълумоти молиявии ширкатҳо ва ташкилотҳои гуногун, ки дар идоракунии ҳисоботи бухгалтерӣ (молиявӣ) гумонбар шудаанд, сохта шудааст ва аз ҳисоб кардани ҳашт нишондиҳандаи динамикии

иқтисодӣ ва дар асоси онҳо гирифтани индекси ҷамъбастии M-score иборат аст. Сарфи назар аз шумораи зиёди тарафдорон ва манфиатҳое, ки усули M-score дорад. М.Бениш, бо мақсади муайян кардани таъсири меъёрҳои динамикии устувории иқтисодии иштирокчиёни ФИХ ба ҷиноятқорӣ дар соҳаи гумрук, таҳияи модели регрессионии худ маъно дорад, ки вобастагии мавҷуд будан ё набудани далелҳои ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии қонунгузории гумрукиро дар корхонаҳои иштирокчиёни ФИХ дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои динамикии иқтисодӣ нишон медиҳад.

Модели таҳиякардаи М.Бениш як қатор камбудиҳои ҷиддӣ дорад. Ин усул барои таҳлили ҳисоботи молиявии ширкатҳои оммавии Амрикоӣ, ки дар коркард ва зиёд кардани маълумот дар ҳисоботи бухгалтерии худ мутаносибан нисбати иштирокчиёни ФИХ мушоҳида шудаанд, таҳия ва истифода шудааст он метавонад натиҷаи боэътимод надиҳад. Аммо, сарфи назар аз маҳдудиятҳои зикршуда, худи индексатсияҳое, ки дар модели М.Бениш истифода шудаанд, муносибати байни нишондиҳандаҳои калидии ҳисоботи иштирокчиёни ФИХ ва эҳтимолияти содир кардани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи корҳои гумрукиро бо боварӣ нишон медиҳанд.

Аз ин рӯ, аввал бояд модели бисёрфакторӣ таҳия карда шавад, ки таъсири меъёрҳои динамикии устувории иқтисодии иштирокчиёни ФИХ ба ҷиноятқорӣ дар соҳаи гумрукро муайян кунад. Ин модели бисёрфакторӣ якчанд марҳилаҳоро дар муайян кардани робитаи байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар ҳисоботи молиявии иштирокчиёни ФИХ ва хавфи содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ё ҷиноят дар соҳаи гумрукӣ ҷудо мекунад:

1. Муқоисаи нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии соли ҳисоботӣ.
2. Ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои динамикии иқтисодӣ дар асоси онҳо.
3. Истифодаи таҳлили коэффитсиентӣ.
4. Муайян кардани хавфи идоракунии ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ.
5. Хулоса дар бораи мавҷуд набудани ё мавҷудияти хавфи содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ё ҷиноят дар соҳаи гумрук аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ.

Дар амал, муносибати зерин метавонад ба арзёбии нишондиҳандаҳои динамикӣ татбиқ карда шавад. Агар индекс арзиши аз як зиёдтарро қабул кунад, пас ин метавонад нишонаи идоракунии эҳтимолии ҳисоботдиҳӣ барои нишондиҳандаҳои динамикии зерин бошад:

- Индекси фурӯши ҳаррӯзаи дебиторӣ (Индекси шумораи рӯзҳои фурӯши дебиторӣ (Days Sales in Receivables Index (DSRI));
- Индекси даромаднокии истеҳсолот аз рӯи фоидаи умумӣ (Gross Margin Index (GMI));
- Индекси сифати дороиҳо (Asset Quality Index (AQI));
- Индекси афзоиши даромад (Sales Growth Index (SGI));
- Индекси истеҳлок (Depreciation Index (DEPI));
- Индекси хароҷоти тиҷоратӣ ва идоракунӣ (Индекси хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ барои фурӯш (Sales General and Administrative Expenses Index (SGAI)).

Арзиши индекси бадастомада аз як камтари як нишондиҳандаҳои эҳтимолии индекси вобастагии молиявиро нишон диҳад. Арзиши ҳисобшудаи индекс аз сифр аз манипулятсияҳои эҳтимолӣ барои индекси ҳисобкунии дороиҳо шаҳодат медиҳад. Номукаммалии усули М. Бениш зарурати таҳқиқи минбаъдаи мушкилоти

ошкор кардани ҳисоботи молиявии қалбакӣ бо мақсади муайян кардани усули самараноки барои истифодаи мақомоти гумрук мувофиқро таъкид мекунад.

Хулоса, дар асоси нишондиҳандаҳои динамикии иқтисодии қаблан баррасишуда, бояд модели махсуси регрессионӣ таҳия карда шавад, ки таъсири ин нишондиҳандаҳоро ба ҷиноятқорӣ дар соҳаи гумрук дақиқтар муайян кунад ва барои пешгӯии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои гумрукӣ дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои дар ҳисоботи молиявии иштирокчиёни ФИХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда мувофиқ ва дуруст бошад.

Адабиёт

1.Аверина О.И., Лябушева А.А. Аналитические приемы выявления фальсификаций бухгалтерской (финансовой) отчетности // Инновационная наука. 2015. №5-1 С. 13.

2. Амиров С.Х., Амиров М.С. Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ. Васоити таълимӣ: Душанбе “Ирфон”, 2013, 332с.

3. Амиров С.Х., Амиров М.С. Системаи назорати содиротӣ. Васоити таълимӣ: Душанбе “Ирфон”, 2012, 192с.

4. Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ш.Душанбе, 26 марти соли 2009, № 506

5. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе 2005

6. Курочкина И.П., Быстрыгина Н.В. Инновационные методы оценки степени достоверности информации консолидированной финансовой отчетности организаций // Статистика и экономика. 2014. №6-2 С. 311.

7. Максимова Т.Г., Быркова Е.Ю. Нормативно-правовые проблемы реализации организационно-технологических инноваций в таможенном сервисе // Журнал правовых и экономических исследований. 2015. № 1 С. 53.

8. Резяпова Н.Р. Аналитические методы выявления недобросовестных действий при проведении аудиторской проверки // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. 2014. №2 С. 118.

9. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири генерал-майори хадамоти гумрук Раҳматов Н. С. – Душанбе, 2020. - 805с.

10. Тунтаев Р.И., Трубицын К.В., Чекушкин Е.В. Таможенный контроль после выпуска товаров: учеб. пособие. СПб.: ИЦ «Интермедия», 2015. С. 59.

11. Швырёва О.И., Пипа К.Г. Методика аудита мнимых и притворных объектов бухгалтерского учета // Научный журнал КубГАУ - Scientific Journal of KubSAU. 2014. №102 С. 711.

12. Якушевская Е.А., Брух К.С. Развитие системы управления рисками как фактор повышения эффективности таможенного администрирования // Таможенная политика на Дальнем Востоке. 2014. №1 С. 60.

13. Benish M.D. The Detection of Earning Manipulation // Financial Analysts Journal. 1998. Vol. 55, № 5. P. 24–36.

АМОНОВА М.Н. - дотсенти ДБССТ

КАФИЛИ СУЛҲУ ОРОМӢ: НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар айёми даргириҳои таҳмилӣ, ки давлатдории тоҷиконро ба марзи нобудӣ

мекашиданд, тавассути гуфтушунидҳои давомдор оштиро барқарор карда, ба ҷанги хонумонсӯз хотима гузошта, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро дар Тоҷикистон имзо кард. Расидан ба сулҳ кори басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд. “Таърих гувоҳ аст,- менависад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон,-ки тӯли ҳазорсолаҳо оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз дунболи ҳар шикасту инқироз, боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст…”

Бояд қайд намуд, ки то баргузории Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ вазъи ҷумҳурӣ ниҳоят мураккаб арзёбӣ мешуд. Баъзе нафарон дигар ба ояндаи неки давлатдории тоҷикон боварӣ надоштанд, мардуми азиятдида бошад, орзуи онро доштанд, ки ба кишвар кай сулҳу салоҳ меояд?

Иқдоми Эмомалӣ Раҳмон дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро ӯ миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард ва савганд хӯрд, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан бамергардонад, миллатро сарҷамъ намуда, бо ҳам Тоҷикистони соҳибистиқлолро месозем. Сарвари давлат аз ибтидо дарҳоро барои музокира кушод ва ин заминаи бисёр муҳим барои дар оянда шуруъ шудани гуфтушунид байни тоҷикон гардид. Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарварона, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони худро ба хатар гузошта, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафар намуда, сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.

Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ба таҷрибаи сулҳоварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода, баён менамояд, ки “Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳар он чӣ ки дар Тоҷикистон ба амал меояд, барои бисёр халқҳо ва кишварҳо намунаи ибрат аст”.

“Тоҷикони сарбаланду меҳнатдӯст, боистеъдод ва меҳмоннавоз воқеан, бо ҳамватани худ – Эмомалӣ Раҳмон ифтихор мекунанд. Сиёсати оқилона ва созандаеро, ки ин марди хирад, сиёсатмадори тавоно пеш мебарад, кишварашро аз маҳвшавӣ ҳифз кард ва ба ин сарзамин сулҳу осоиш овард”, - мегӯяд Президенти Ҷумҳурии Белорус Александ Лукашенко.

Мо ба Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ба Сарвари давлат, наҷотбахш, сарҷамъкунандаи миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории навини миллӣ менигарем. Ҳамфикрию тарафдорӣ аз Пешвои миллат ин хушбинӣ ба ояндаи устувори давлатдории миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ ва фикрии миллат мебошад. Зеро сиришти мардумӣ, эҳсоси худшиносӣ, иродаи қавӣ ва таҷрибаи бузурги Эмомалӣ Раҳмон қалби ҳар шаҳрвандро саршор аз ҳисси боварию эътимод ба фардо, ба ояндаи фарзандони худ ва ба дурнамои давлату миллат менамояд.

Суханаш дилнишину хотирмон,
Бар дилу ҷони кас асар дорад.
Бачаи поку хоксори рустоӣ
Дарди миллат дар ҷигар дорад.

Аз 11 декабри соли 1999 ҳамчун Қаҳрамони Тоҷикистон боиси ифтихори тоҷику тоҷикистониён аст.

Андешаи созанда ва талошҳои бунёдкоронаи Пешвои миллат, ки барои мардуми заҳматқарини кишвар ва тоҷикони бурунмарзӣ ҳамчун оинаи ибрат

арзёбӣ мегардад, ба ободӣ, осудаҳолӣ ва эътимод ба рӯзгори ояндаи ҳамватанон мусоидат менамояд. Мо шоҳиди сафарҳои кории Пешвои миллат дар шаҳру навоҳии кишвар ҳастем ва ҳар куҷое, по мениҳад, аз қудумаш файзу фараҳ бармехезад, ба аҳли заҳмату пеша руҳу илҳом мебахшад, дилҳоро ба зиндагӣ гарму дидаро равшан месозад.

Баҳри ободию амонии кишвар,
Ҳар шабу рӯз ӯ сафар дорад.
Дар симояш халқи заҳматкаш
Дар ҳама вазъу ҳол сипар дорад.

Маслиҳату дастур ба аҳли пешаву заҳмат ӯро тавре муаррифӣ мекунанд, ки гумон мекунед мутахассиси варзидаи ин ё он соҳа бошад. Воқеан, зеҳну фаросати азалӣ ва садоқату муҳаббат ба як зиндагии шоиставу боиста ӯро намегузорад, ки ҷузъитарин какмбудиҳоро набинад, ва камтарин комёбиро арҷгузорӣ накунад. Ӯ устодеро мемонад, ки аз камтарин камию костӣ ва хубию ростии шогирдони худ бехабар нест ва пайи ислоҳу тарбияти онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Пешвои мо намои зебоист,
Чеҳраи поку орази қамар дорад.
Аз фаросату зи ақли рӯшанбин
Аз ҳама кору бор хабар дорад.

Ӯ башардӯсти бузургест, ки меҳри ҳамаро дар сина мепарварад ва ба фарде гарди кина надорад.

Дар ҷабинаш ҳамеша фарри яздонӣ,
Машъали меҳр тоҷи сар дорад.

Бо иродаи Сардори давлат дар як муддати кӯтоҳ харобаҳо ба ободӣ табдил ёфта, иншооти азим ба вуҷуд омаданд, барои ба ҳам пайвастани тамоми гӯшаву канори мамлакат шоҳроҳи ваҳдат ва барои мустақиман баромадан ба уқёнус ва робита ёфтан ба кишварҳои дуру наздики хориҷӣ роҳҳои бузурги мошингард сохта шуданд.

Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфиятест, ки Эмомалӣ Раҳмон дар миёни халқи мамлакат ва ҳазорон ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст. Мукофоти ин ҳама заҳматҳо ҳамчунин ҳусни таваҷҷуҳ ва эҳтироми бузурги ҷомеаи ҷаҳон мебошад, ки мунтазам нисбат ба Сардори донову тавонои Тоҷикистон, сиёсатмадори варзида ва ифодагари марому ормонҳои умумибашарӣ иброз мегардад.

Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ нашиндааст.

Эмомалӣ Раҳмон ба ивази саҳми хеле арзишманди худ дар таъмини сулҳи Тоҷикистон ва таҳкими амнияти минтақа ва дигар хидматҳои шарофатмандонааш

дар вусъати муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни мардумон бо унвону нишонҳои олии давлатҳо ва созмонҳои гуногуни ҷаҳон сарфароз гардидааст.

Дар марҳилаи нави бунёди давлати ҷавони Тоҷикистон бо шахсияти беназири таърихӣ Пешвои миллат, ки дорои олитарин сифатҳои инсонӣ, чун бузургдилию шуҷоат, раҳму шафқат ва қобилияти нотакрори ваҳдатофарист, меарзад, ки ифтихору сарбаландӣ намоем.

На шамшери тезу камарбанди зар,
Камарбанди номӯс дар камар дорад.

Дар фароварди сухан бояд гуфт, ки маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз вартаи фалокат дур шуд, миллати тоҷик баъд аз ҳазор сол зи нав эҳё, бо шеваи давлатдории миллӣ рӯ ба пеш, сӯйи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад.

Менависем ба зар «Тоҷикистон ба пеш!»,
Тоҷикистон падар-роҳбар дорад.

Адабиёт:

1. Амонӣ С. Шуълаи меҳр. Душанбе-2024, –2120
2. Мерганова Л.К. Урегулирование конфликтов международными организациями (на примере Республики Таджикистан). / Л.К. Мерганова. - Автореф. дисс. ... канд. ист. наук.-М.,1998.-21с.
3. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождения нации. / Э. Рахмонов.-Том 4.-Душанбе: Ирфон, 2006.-С. 85-86.
4. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации.-В 8 т. / Э. Рахмонов. - Душанбе, 2006-2010.-Т. 1.-С. 156157.
5. Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории. От арийцев до Саманидов. - Книга 1.-Лондон, 1999.-240 с.
6. Рахмонов Э. Юбилей независимости и второй всемирный форум таджиков. / Э. Рахмонов. - Душанбе: Ирфон, 1993.-37 с.
7. Эмомали Рахмон. Независимость Таджикистана и возрождение нации. / Рахмон Эмомали. Том 6.-Душанбе: Ирфон, 2007.- 568 с.
8. Саидов З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики.-Монография. Седьмое, доп. изд. / З. Саидов. - Душанбе: ООО Контраст, 2014.-С.23.
9. Салими Н., Самеъ Х. Пешвои миллат.-Лидер нации. В кн.: Пешвои миллат. - Лидер нации (на таджикском, русском и английском языках). / Н. Салими., Х. Самеъ. - Душанбе, 2016.- С.130-131.
10. Салимов Н., Шарифзода А. Признанный миром таджик. / Н. Салимов, А. Шарифзода.-Душанбе, «Ирфон», 2011.-372 с.
11. Сайидзода З.Ш., Гаффори В. Вдохновитель национального ренессанса. / З.Ш. Сайидзода, В. Гаффори.-Душанбе, 2007-128 с.
12. Юлдашев К. Эмомали Рахмонов-основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана. / К. Юлдашев. -Душанбе, 2001.-30с.

ҲАЙДАРОВ АБДУСАМАД АЛИФБЕКОВИЧ
-н.и.п., дотсент, мудири кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: avsamad@bk.ru. Tel: 919997527

ҲАДДИ ҲУҚУҚ ДАР МУНОСИБОТИ БАЙНИ УСТОДУ ШОГИРД ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ КЛАССИКИ ТОҶИК

Роҷеъ бо ин масъала мутафаккирони зиёде ибрози ақида намудаанд. Аҳмади Дониш низ чун устоди роҳнамои кори таълиму тарбия кӯшидааст, ки дар офаридаҳои хеш ба баъзе паҳлуҳои масъалаи муносибати байни шогирдону устодон равшанӣ андозад. Мураббии башардӯст роҷеъ ба ҳалли ин масъала китоби алоҳида ё боби алоҳидаи махсусе набахшидааст. Ӯ андешаҳои худро оид ба ин масъала ҳарчанд дар фаслҳо ва бобҳои гуногун, зимни ҳалли дигар масоил баён карда бошад ҳам, қимати баланди онҳо зарраре коста нагардидааст.

Мусаллам аст,ки дар таърихи педагогикаи суннатии мо танбеҳи шогирдон дар шакли зарбу лат падидаи муқаррари ба ҳисоб мерафт.

Чунончӣ, мутафаккири барҷастаи охири садаи X1 ва аввали садаи X11 Абу Ҳомид ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад Ғазолии Тусӣ, ки мутафаккирони зиёди баъдин аз ӯ пайравӣ кардаанд дар асари безаволи худ “Кимиёи саодат” аз ин усул чун воситаи тарбия пуштибонӣ намуда мегӯяд: “...чун кӯдак даҳсола шуд,агар тақсир (гуноҳ) кунад, муаллим бизанад ва адаб кунад” [3, 431].

Саъдии Шерозӣ низ, ки яке аз бузургтарин мутафаккирони гуманисти (башардӯсти) олам эътироф гардида ва байти машҳури ӯ “Бани Одам аъзои якдигаранд”дар пештоқи қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид ба тамоми забонҳои маъруфи дунё ҳаккокӣ гардидааст, аз ин усул ҷонибдорӣ намуда, дар ҳикояти “Гулистон” ин фикри худро равшан баён намудааст.

Тибқи ҳикояти адиб муаллиме бадхӯю мардумозор буд, ки шогирдон аз дасти ӯ дар ранҷ буданд. Мардумро дил ба фарзандон бисӯхту вайро биронданд ва ба ҷояш устоди порпою некмарди ҳалимеро биёварданд. Шогирдон аз ҳалимии ӯ истифода карда, ҳайбати устоди аввалиро аз ёд бурданд ва оҳиста- оҳиста ба беадабиву зиштиву девсирати хуй карда, тарки илм карданд. Волидон аз кардаи хеш пушаймон шуданду устоди туршрӯи аввалиро кофта аз нав оварданд ва корро ислоҳ намуданд. Саъдӣ барои тақвияти фикри хеш мегӯяд:

Устоди муаллим чу бувад беозор,
Хирсак бозанд кӯдакон дар бозор.

Инчунин дар мақтаи ҳикоят мефармояд:

Подшоҳе писар ба мактаб дод,
Лавҳи симин-ш канор ниҳод.

Ҳатто, волидайн ҳангоми ба муаллим супоридани атфол мегуфтанд, ки гӯшташ аз шумову пӯсту устухонаш аз мо.

Вале Аҳмади Дониш бошад, чун мутафаккири башардӯст ва маорифпарвари аз ин низоми (системаи) таълим норизо мегӯяд: “Маро барои чи дар он кор доштаанд, ки дар натиҷа зарб ва шатм (ва қайди) хурдсол бошад” [5, 27].

Ё ин ки : “атфолро шиканҷаи муаллим ва силиву қафои ӯ андак аз хотир меравад, ки ба хокбозӣ даст меёбад, ки агар он ҳол давом ва сабот пазирад,тифл зуд бемор шавад ва видои қолаб кунад”[5, 80].

Дар ин ҷо андешаи мутафаккир аз он иборат аст,ки ба бачагони синни хурди мактабиӣ зимни дарс фишор овардан, бидуни хоҳиши кӯдак ба ӯ дуру дароз дарсу сабақҳо додан, ё зарбу лат додан қобили қабул нест. Агар ин усули нораво зиёд идома ёбад, ҳам ба ҳолати равонӣ ва ҳам ба ҳолати ҷисмонии кӯдак зарбаи сахте ворид мекунад. Ин ҷо таълими бачаҳои муқаррарӣ дар назар дошта шудааст. Албатта, имрӯзҳо барои бачаҳои душвортарбия боз усулҳои дигар ва макотиби мувофиқтаре низ мавҷуд аст.

Аҳмади Дониш, ки худ таълими дилбазану фишори баъзе устодон ба ҷон омада буд, бисёр вақт аз дарсҳо фиро карда, ба маҷлиси қиссахонҳо мерафт ва ҳатто бемори сахте ҳам шуда буд[5, 28].

Ӯ тарафдори он буд, ки таълим барои бачаҳо на бо роҳи зӯрӣ ва бо ибораи "хирс мулло мешавад аз зарби чӯб", балки мувофиқи лаёқату имконоти ҷисмониву рӯҳонии онҳо гузаронида шавад. Бачагонро дар он риштаҳое, ки завқу қобилияташон бештар аст, гузоштану ҳидоят кардан лозим аст.

Адиб қайб мекунад, ки баъзе шогирдон аз устод қаноатманд нестанд, ё ин ки дарси ӯро намефаҳманд, вале вонамуд мекунанд, ки ҳамаро фаҳмидаанд. Ё ки устод низ ба дараҷаи идроки шогирд аҳамияти ҷиддӣ намедиҳад. Чунончӣ: "Ва он чи шогирд пеши устод масъала фаҳм кунад, албатта ба фаҳми устод муттаҳид нест ... ҳарду воқиф набошанд ва ҳар ду заъм оранд, ки фаҳмидаанд[5, 101].

Таҳсили ғараноки баъзе аз шогирдон ва сабақдиҳии ғаразноки баъзе аз устодон дар мадорис зери тозиёнаи танқиди мутафаккир қарор ёфтааст. Ин рӯйдоди нангин дар рӯзгори мо низ бо суръат ривоҷ ёфта истода, дар инкишофи ҷомеаи мо таъсири манфӣ таҳрибкорхонаи худро расонида истодааст. Мақсад аз таҳсили ғараноки шогирдон гуфтани адиб, ин таҳсил барои гирифтани ҳуҷҷат ва расидан ба мансаб мебошад, на аз барои худ кардани илму ҳунар ва мутахассиси соҳибмаълумот гардидан. Мударрис низ, ки аз ин қазия бохабар аст, пас дарси ӯ ҳам ғаразнок аст.

Муаллиф мегӯяд: "Аммо агар мутадаррисро тафтиш кунӣ, дарёбӣ, ки ҳама барои мансабу идрор ва тафаввуқутафаззул муртакиби ин амр шуда.... Пас дар ин сурат ин мударрис мисли он кас аст, ки шамшер ба касе диҳад, то роҳ занад"[5, 54-55].

Аҳмади Дониш қайд мекунад, ки дар чунин тадрис на савобу самараи инҷаҳонӣ асту на онҷаҳонӣ.

Фориғуттаҳсилини мадорису макотиб, ки бад-ин тарз тадрис гирифтаанд, ба шоҳроҳи зиндагӣ на чун мутахассиси ба нафъи ҷомеа хизматкунанда, балки чун роҳзаноне мебароянд, ки устод ба ҷои илм онҳоро бо шамшер мусаллаҳ намуда, барои ғоратгарӣ ҳидоят намудааст.

Мутафаккир аз шогирдони ҳақиқӣ эҳтироми устодони ҳақиқиро талаб намуда бо иқтибос аз ҳадиси набавӣ мегӯянд, ки касоне, ки дар ҳолати заъфу пирӣ хидмати волидайнро намекунанд, дохили биҳишт намешаванд: "Ва шомил аст ин ҳадис пир ва устод ва падари падарро..."[4, 149]. Адиб таъкид мекунад, ки эҳтироми устодро на танҳо дар ҳангоми тандурустию пуркувватияш, балки чун волидайн дар пирияш бо хизматҳо низ бояд ба ҷо овард. Дар мавриди дигар чунин меорад: "ки ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод бузургтар, чи падар сабаби вуҷуд аст ва устод сабаби ҳидояти роҳ..."[4, 253].

АДАБИЁТ:

1. Абуҳомид Ғазолӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди аввал. – Душанбе: " ЭР-граф", 2008.- 669 с.
2. Абуҳомид Ғазолӣ. Кимиёи саодат. Ҷилди дувум. – Душанбе: " ЭР-гаф", 2008. – 665с.
3. Абуҳомид Ғазолӣ. Кимиёи саодат. Бомбай, 1314.-578с.
4.Аҳмади Дониш. Наводир-ул- вақоеъ. Китоби 1.-Душанбе: Дониш, 1988.-285 с.
5. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2.-Душанбе.-Дониш, 1989.-339 с.

6.Саъди Шерозӣ. Гулистон.- Душанбе: Дониш, 1988.-214 с.
7. Ҳайдаров А.А.Афкори педагогии Аҳмад Махдуми Дониш.- Душанбе: Ирфон, 2011.-160 с.

РУСТАМОВА Г.Р. – д.ф.н., профессор
кафедры русского языка гуманитарно-
педагогического факультета МУТПТ.
734055, г. Душанбе, ул. Борбада 48/5.
Эл. почта: rustamova-71@mail.ru

ПРАВДИВОЕ ИЗОБРАЖЕНИЕ БЕСПРАВНОГО ПОЛОЖЕНИЯ НАРОДА В РАССКАЗЕ «ПОСЛЕ БАЛА» Л. ТОЛСТОГО

Толстой был велик не только как гениальный писатель, мыслитель, общественный деятель, но и как человек, как личность. Вся его жизнь - это путь самосовершенствования. Он воспевал идею исправления, нравственного обновления человека через осознание им своей личной ответственности за свои поступки, за все, что происходит вокруг. Он призывал людей к борьбе со своими недостатками.

На протяжении всей своей жизни Толстой неизменно интересовался вопросами законности и правосудия, изучал профессиональную литературу, в том числе «Сибирь и ссылка» Д. Кеннана, «Русская община в тюрьме и ссылке» Н. М. Ядринцева, «В мире отверженных» П. Ф. Якубовича, хорошо знал новейшие юридические теории Гарофало, Ферри, Тарда, Ломброзо. Все это нашло отражение в его творчестве и рассказах. Толстой превосходно знал и судебную практику своего времени. Одним из его близких друзей был известный судебный деятель А. Ф. Кони, который подсказал писателю сюжет для романа «Воскресение». К другому своему другу, председателю Московского окружного суда Н. В. Давыдову Толстой постоянно обращался за советами по юридическим вопросам, интересовался подробностями судопроизводства, процесса исполнения наказаний, различными деталями тюремной жизни. По просьбе Толстого Давыдов написал для романа «Воскресение» текст обвинительного акта по делу Катерины Масловой и сформулировал вопросы суда к присяжным заседателям. При содействии Кони и Давыдова Толстой многократно посещал тюрьмы, беседовал с заключенными, присутствовал на судебных заседаниях.

Рассказ «После бала» Лев Николаевич написал в 1903 году. Однако перед читателями оно предстало только после смерти писателя в 1911 году. Однажды Сергей Николаевич родной брат Толстого рассказал ему занимательную историю, которую автор решил взять за основу сюжета.

В основе рассказа лежит действительное событие, о котором Толстой узнал, когда студентом жил вместе с братьями в Казани. Его брат Сергей Николаевич полюбил дочь местного воинского начальника Л. П. Корейша и собирался на ней жениться. Но после того как Сергей Николаевич увидел жестокое наказание, которым командовал отец любимой девушки, он пережил сильное потрясение. Он перестал бывать в доме Корейша и отказался от мысли о женитьбе. Эта история так прочно жила в памяти Толстого, что много лет спустя он описал её в виде рассказа.

В рассказе изображены две эпохи: 40-е годы XIX века, время правления Николая - эпоха правления Николая I, прозванный в народе Николаем Палкиным (Павлович) и время создания рассказа. В те времена в русской армии свирепствовала жесточайшая палочная дисциплина: за малейшую провинность солдаты подвергались суровым наказаниям. Бесчеловечное отношение к солдатам, которых, как правило, набирали из

крепостных крестьян, было нормой в XVIII-XIX веках. Писатель восстанавливает прошлое, чтобы показать, что и в настоящем ничего не изменилось. Он выступает против насилия и гнёта, против бесчеловечного отношения к людям и солдатам.

В молодости Сергей Николаевич Толстой был безумно влюблён в Вареньку, чей отец занимал пост градоначальника. Молодой человек относился к отношениям с полной серьёзностью и уже был готов сделать предложение девушке. Однако его планы нарушила одна картина, как отец его возлюбленной жестоко расправлялся с солдатом. Иван Васильевич возвращается домой под утро, но не может уснуть и отправляется бродить по городу в направлении дома Вареньки. Издалека он слышит звуки флейты и барабана, которые без конца повторяют одну и ту же визгливую мелодию. На поле перед домом Вареньки он видит, как прогоняют через строй солдат какого-то татарина за побег. Командует экзекуцией отец девушки, красивый, статный полковник. Иван Васильевич видит, как полковник выполняет установленный закон, предусматривающий наказание за побег, и слышит просьбу татарина о милосердии: «Братцы, помилосердуйте». Татарин умоляет солдат «помилосердствовать», но полковник строго следит, чтобы солдаты не давали ему, ни малейшей поблажки. Полковник бьёт его по лицу. Иван Васильевич видит красную, пёструю, мокрую от крови спину татарина и ужасается. Заметив Ивана Васильевича, полковник делает вид, что незнаком с ним, и отворачивается.

Это ужасное зрелище вызвало отвращение у молодого человека, и тот сразу же передумал жениться на Вареньке.

В таблице приведено описание бала и характеристика героев:

На балу	После бала
Бал чудесный, зала прекрасная, буфет великолепный, музыканты знаменитые, весёлый мотив музыки звучит беспрерывно.	В весеннем мокром тумане что-то чёрное пёстрое, мокрое; солдаты в чёрных мундирах, слышна неприятная визгливая мелодия.

Образ Ивана Васильевича

На балу	После бала
Я обнимал в то время весь мир своей любовью. Я любил и хозяйку в фероньерке, с ее елизаветинским бюстом, и ее мужа, и ее гостей, и ее лакеев, и даже дувшегося на меня инженера Анисимова. К отцу же её, с его домашними сапогами и ласковой, похожей на неё улыбкой, я испытывал в то время какое-то восторженно-нежное чувство.	А между тем на сердце была почти физическая, доходившая до тошноты, тоска, такая, что я несколько раз останавливался, и мне казалось, что вот-вот меня вырвет всем тем ужасом, который вошел в меня от этого зрелища. Не помню, как я добрался домой и лег. Но только стал засыпать, услыхал и увидал опять всё и вскочил.

Образ полковника

На балу	После бала
В рассказе писатель показывает полковника очень красивым, статным, высоким стариком. Ласковая, неторопливая речь подчёркивала его аристократическую сущность и вызывала ещё больше восхищения. Отец Вареньки был настолько мил и любезен, что	По описанию писателя полковник ревностно исполняет букву закона, но не слышит голоса милосердия, голоса Господа в душе. Полковник, жестоко наказывающий солдата, говорит, что «надо всё по закону» — и действует строго по нему. Он следует своему

располагал к себе всех, в том числе и главного героя рассказа. Пётр Владиславович очень обходительно общается со всеми гостями на балу, а после него показывает своё презрение к низшим слоям общества.	служебному долгу, воинской дисциплине. Полковник не обращает внимания на мольбы солдата, который мучается от своих ран. Он равнодушен к крикам солдата.

После бала в сцене наказания солдата на лице полковника не осталось ни одной милой, добродушной черты. Не осталось ничего от человека, который был на балу, а появился новый, грозный и жестокий. Один только гневный голос Петра Владиславовича внушал страх. Иван Васильевич так описывает наказание солдата: «И я видел, как он своей сильною рукой в замшевой перчатке бил по лицу испуганного малорослого слабосильного солдата за то, что он недостаточно сильно опустил свою палку на красную спину татарина».

Иван Васильевич не может любить просто одного человека, ему нужно непременно любить весь мир, понимать и принимать его целиком. Поэтому вместе с любовью к Вареньке герой любит и её отца, восхищается им. Когда же он сталкивается в этом мире с жестокостью и несправедливостью, рушится всё его ощущение гармоничности, целостности мира, и он предпочитает не любить никак, чем любить частично. «Я не волен изменить мир, победить зло, но я и только я волен согласиться или не согласиться участвовать в этом зле», - рассуждает Иван Васильевич. Он отказался жить по “военным законам” с их жестокостью и должен был бы принять эти законы, эту жестокость, а участвовать в этом ужасе он не мог.

Иван Васильевич, скромный и порядочный молодой человек, потрясенный сценой избиения солдат, не в состоянии понять, почему это возможно, почему существуют порядки, для охраны которых нужны палки.

Юноша из богатой семьи, впечатлительный и восторженный, столкнувшись со страшной несправедливостью, резко изменил свой жизненный путь, отказавшись от всякой карьеры. «Мне было до такой степени стыдно, что, не зная, куда смотреть, как будто я был уличён в самом постыдном поступке, я опустил глаза и поторопился уйти домой».

Толстой ставит широкие гуманистические проблемы: почему одни живут беззаботной жизнью, а другие волочат нищенское существование? Что такое справедливость, честь, достоинство? Эти проблемы волновали и волнуют не одно поколение человеческого общества. Вот почему Толстой вспомнил случай, происшедший в годы юности, и положил его в основу своего рассказа.

Лев Николаевич пытается показать какова истинная сущность элитарного общества, сорвать с них маски добродушия и приветливости. Сначала писатель показывает картину, когда всё высшее общество наслаждается времяпрепровождение на балу, а сразу после этого перед читателями предстаёт эпизод избиения беглого солдата.

Тема ответственности человека за происходящее вокруг актуальна и по сей день. К сожалению, в нашей жизни нам приходится сталкиваться с несправедливостью. Главная идея рассказа Толстого — страстный протест против лицемерия и насилия, против унижения достоинства человека. Картина истязания солдата вызывает чувство острой жалости к нему, отвращения к издевательствам, к бесчеловечности.

Литература:

1. Голяков И.Т. Суд и законность в художественной литературе. М.: Юридическая литература, 1959. С. 92-94; 200-201.

2.Непомнящий В.С. Лирика Пушкина как духовная биография. М.: Изд-во Московского университета, 2001. С. 106-107.

3. Кони А.Ф. Общественные взгляды Пушкина// Чествование памяти А.С. Пушкина имп. Академией Наук в сотую годовщину дня его рождения. Май 1899". СПб., 1900. С. 2-3.

4. Линьков В.Я. Война и мир Л. Толстого. М.: Изд-во Московского университета, 2007. С. 5-7.

5. Сергеенко П.И. " Как живет и работает гр. Л.Н. Толстой". – М.: «Просвещение», 1959.- С. 47.

6.Толстой Л.Н. После бала. / Л.Н. Толстой. М., 1987.

7. Толстой, Л. Н. После бала / Л.Н. Толстой. – М.,1976.

8.Фогельсон И.А. "Литература учителя" (раздел "Л.Н. Толстой"). М.: "Просвещение", 1990. - С. 76.

РИЗОЕВ КИШВАР – н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДБССТ. тел. 918732310

САИДОВА МАВЛУДА САЪДУЛЛОЕВНА – н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДБССТ. тел. 900993733, saidova_tj. @mail.ru

«ИҚТИСОДИ САБЗ» - ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар даҳсолаҳои охир, дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ бештар мафҳумҳои «энергияи сабз», «бозори сабз», «саноати сабз», «сармояи сабз», «шуғли сабз» ва дигар мафҳумҳо бо истилоҳи «сабз» истифода мешаванд.

Пешвои миллат зимни ироаи Паёми солонаи худ ба Маҷлисӣ Олӣ пайваста аз ташаккул ва рушди ояндаи иқтисоди сабз дар Тоҷикистон ёдовар мешаванд. Дар Паёми худ Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ рӯзи 28-юми декабри соли 2023 баён намуданд, ки «… ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем» [2,с.3].

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиққунандаи «иқтисодиёти сабз» маҳсуб ёфта, аз лиҳози истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад ва ҷои авволро дар Осиёи Миёна ишғол менамояд, зеро 98 фоизи барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад». Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 7-уми СММ, ки дар таърихи 20-28-уми сентябри соли 2015 баргузор гардид, чунин иброз дошта буд: «Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи партовҳои гази карбонат ба фазо дар байни кишварҳое, ки камтарин ҳаҷми партови газҳоро доранд, ҷои 135-умро соҳиб аст. Ин партовҳо ба сари аҳолӣ рақамеро ташкил медиҳанд, ки аз нишондиҳандаҳои миёнаи дунё ба маротиба камтар аст. Истифодаи васеи манбаҳои таҷдидшавандаи энергия, алалхусус гидроэнергетика, ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва ташаккули иқтисоди сабз мусоидат менамояд.»

Дар Осиёи Марказӣ, мисли дигар минтақаҳои ҷаҳонӣ, манбаи асосӣ ва зиёди истеҳсоли қувваи барқ ба стансияҳои гармдиҳии барқӣ (70%) рост меояд, ки

ҳамасола миллионҳо тон гази карбонатро ба муҳити атроф паҳн менамояд.Минтақаи мазкур дорои имкониятҳои бузурги манбаҳои обӣ мебошад ва дар шароити имрӯза танҳо 10%-и он истифода мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имконияти солонаи захираҳои барқии обӣ зиёда аз 527 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳанд, ки талаботи ҳозираи кулли мамлакатҳои Осиёи Марказиро се маротиба зиёд қонеъ мегардонад.

Стратегияи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти сармоягузорӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист, ки дар конфронси байналмилалие, ки оид ба рушди босуботи иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист солҳои 1992 дар Бразилия ва 2002 дар маркази Африкаи Ҷанубӣ баргузор гардид, барои муаммои «иқтисоди сабз» асос гузоштааст. Сабаби чунин мавқеъ пайдо кардани муаммои «иқтисоди сабз» ин алоқамандии он бо ҳалли масъалаҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад. Бинобар ин бояд муайян карда шавад, ки оё дар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъмини «иқтисоди сабз» вуҷуд доранд ё не. Тасдиқи ин андешаҳо нишондодҳо ва гуфтаҳою баромадҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар дохил ва берун аз кишвар гувоҳӣ медиҳанд

Дар замони муосир ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти «иқтисоди сабз»-ро ҳаргуна мефаҳманд. Яке онро соҳаи нави иқтисод меҳисобад, ки табиати кишварро беҳтар мегардонад. Дигарон бошанд онро инъикоси технологияи нав, ҳамчун экосистема барои беҳтар намудан ва нафъ овардан ба вазъи табиат арзиш медиҳанд. Сеюмин бошад онро гузариш ба марҳалаи нави тараққиёт, ки мақсадаш пеш овардани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мефаҳманд.

Ҳамаи ин нишондодҳо оид ба муайян намудани фаҳмиши аҳамияти ибораи «иқтисоди сабз» наздик мебошанд. Дар навбати аввал «иқтисоди сабз» барои истифодаи самараноки он захираҳое, ки дар шароити муосир ба нестшави расидаанд (нефт, газ) ва самаранок истифода бурдани захираҳои алтернативии барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ), нақлиёти бо қувваи барқ ҳаракаткунанда, сӯзишвории биологӣ ва монанди онҳо нигаронида шудааст. Ҳоло дар Тоҷикистон миқдори рӯзҳои офтобӣ дар давоми сол аз 260 то 300 рӯз мебошад. Васеъ истифода бурдани нерӯи офтоб мувофиқи мақсади «иқтисоди сабз» мебошад. Шароити табиии Тоҷикистон барои истифодаи захираҳои «иқтисоди сабз» аз қабили гидроэнергетика, нерӯи офтоб ва шамол хело мувофиқ мебошад. Раванди истифодаи энергияи барқароршаванда бо технологияи наву дастрас дар ҷаҳон бо суръати баланд афзоиш меёбад. Аз рӯи истеҳсоли батареяҳои офтобӣ мамлакати Чин дар ҷахон пешсаф мебошад. Германия бошад, соли 2011 ба воситаи сарчашмаҳои барқароршаванда 20% барқ истеҳсол намуда бошад нақша дорад, ки то соли 2050 онро ба 80% расонад [5,с.37]. Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба чорабиниҳое, ки оид ба сарфакорона истифода бурдани барқ, истифодаи технология ва таҷҳизотҳои каммасрафи барқӣ ҷорӣ шудаанд, аз рӯи самаранокии энергия дар ММД аз мамлакатҳои зиёди ҷаҳон нишондиҳандаи паст дорад. Дар ҳалли проблемаи энергетикӣ, аввалан баланд бардоштани самаранокии энергия ва сарфаи энергияро ба ҳисоб гирифтан лозим аст ва ин бо зудӣ эҳсос карда мешавад.

Инкишоф ва рушди ояндаи иқтисоди ҷаҳон аз энергияи барқароршаванда вобастагии зич дорад. Чунки энергия омили муҳимми таъмин намудани рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши партовҳои гази карбонат мебошад. Аз рӯйи ҳисоби олимон 2%-и ММД-и ҷаҳон кифоя аст, ки «сабзгардонӣ»-и 10 сектори рушддиҳандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, кам кардани партови газҳои гармхонавӣ ва самаранок истифода намудани захираҳо ба амал бароварда шавад.

Барномаи СММ оид ба муҳити зист дар моҳи марти соли 2009 маърӯзаи «Раванди нави глобалии сабз»-ро тайёр намуд, ки дар он зарурияти сармоягузориро вобаста ба пешгирии муаммоҳои экологии ҷаҳонӣ пешниҳод намуд. Дар барнома қайд шудааст, ки сармоягузориҳо дар ҳаҷми 1% аз ММД-и ҷаҳонӣ 750 млрд. долларро ташкил медиҳанд, ки дар ду соли оянда метавонад ба ташкил ва рушди инфрасохтори «иқтисоди сабз» дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи мустаҳкам гузорад.

Барои гузариш ба «иқтисоди сабз» Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки давраи туллонии бунёд, дигаргунсозӣ, таҷдиди неругоҳҳои пештар сохта шуда ва навро сармоягузори намояд. Ин имконияти амали гардонидани «иқтисоди сабз» на танҳо дар кишвар, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он мешавад. Ба ин ҳадаф расидан таҷдиди нерӯгоҳҳои обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроқум» ва бунёди нерӯгоҳи обии «Роғун» зарур мебошад. Дар ин нерӯгоҳҳо амалан аз нисф зиёди фондҳои асосии онҳо аз нуқтаи назари ҷисмонӣ фарсуда шудаанд. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани вазъияти баамаломадаи фарсудашавии ҷисмонӣ зарурияти сармоягузориҳои нисбатан калон барои ҷумҳурӣ пеш омада, амали намудани онҳо иқтидори энергетикии кишварро баланд мебардорад. Барои халалдор нагардидани муҳити зист дар минтақаи Осиёи Марказию Ҷанубӣ сохтмони хатти минтақавии интиқоли барқии аз ҷиҳати экологӣ тоза КАСА-1000 ба масофаи 252 километр ва ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ оғоз гардидааст, ки он шабакаҳои барқии Тоҷикистону Қирғизистонро бо дигар кишварҳои минтақа Афғонистон ва Покистон пайваст намуда, имкониятҳои васеи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ин давлатҳоро оид ба содироти энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад.

Солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад [2,с.4].

Бо пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» эълон шуд, ки он аз 22 марти соли 2018 шурӯъ шуда, дар рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад. Ин аст ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳалли муаммоҳои умумиҷаҳонии об, иқтисоди «сабз», ҳифзи муҳти атроф.

Бо нишондод ва андешаи мутахассисон, рушди «иқтисоди сабз» имконияти мамлакатҳои зиёдеро аз буҳронҳои экологӣ эмин нигоҳ медорад, чунки мамлакатҳои зиёди инкишофашон баъди саноатӣ ба чунин буҳрон рӯ ба рӯ шудаанд.

Ин тамоилҳоро ҷамбаст намуда, бояд қайд намуд, ки тамоюли ҷаҳонишавии «иқтисоди сабз» ин афзоиши самараноки истифода ва тараққиёти васеи энергияи барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ) дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт; нақлиётӣ аз лиҳози экологи бехатар, яъне ба муҳити атроф кам зараррасон; таъмини талаботи одамон ба маҳсулотҳои кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ ва органикӣ бехатар ва сифатноки истеъмолӣ; туризми экологӣ бо назардошти шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва рекреатсияи захираҳои об; сохтмонҳои нави саноатӣ ва зерсохтори иттилоотӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2023.

3.Анисимов С.П. «Зеленая экономика» и электроэнергетика./Национальные проекты.-2013.-№6.-С.4-13.

4. «Зеленая» экономика // http://minpriroda.by/

5. Обзор «зеленой» экономики ЮНЕП, 2011 // http://www.unep.org /

6. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои институтсионалии ташкили «иқтисодиёти сабз» дар ҶТ», Душанбе-2017. С.19-20.

САФАРАЛИЕВА Л.Ш. - *а*ссистенти кафедраи молия ва бонкдорӣ. Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/1. Тел.: +992 987381188

ДУРНАМОӢ ВА ТАКМИЛИ ВАЗЪИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР ТАЪМИНОТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

Дуруст муайян кардани ҳудуди қарз асоси ташкили самараноки раванди қарздиҳӣ, бо ҳисобгирии имкониятҳои бонк ва қонеъ гардонидани талаботи асосноки қарзгирандагон мебошад, ки барои қарзгирандагон дар алоҳидагӣ ва барои иқтисодиёт умуман моҳияти хоса дорад.

Яке аз вазифаҳои асосии ҳукумат таъмини устувории қобилияти харидории пули миллӣ ва нигоҳдошти таваррум дар сатҳи муайян мебошад. Азбаски, қарздиҳӣ яке аз роҳҳои асосии баровардани пул ба муомилот аст, он метавонад боиси зиёдшавии ҳаҷми пул ва пастшавии қурби он гардад. Ин дар навбати худ боиси болоравии нархҳою норозигии мардум аз сиёсати ҳукумат мегардад. Аз ин рӯ зарур аст, ки ҳаҷми қарзҳои додашаванда аз ҷониби бонки марказӣ танзим карда шавад. [1;]

Бонкҳои маркази вобаста ба зарурати иқтисодӣ ҳудуди болоии маблағи қарзҳои ба хоҷагии халқ додашавандаро муайян мекунанд. Дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ин намуди маҳдудкунӣ васеъ истифода мешавад. Масалан, бо мақсади роҳ надодан ба қарздиҳии зиёд, ки метавонист боиси болоравии нархҳою беқурбшавии пули миллӣ гардад, солҳои 1994-2000 Бонки миллии Тоҷикистон барои сохтори бонкӣ сатҳи болоии қарзҳои додашавандаро муайян карда буд. Яъне бонкҳо дар якҷоягӣ наметавонистанд аз ҳудуди муайян берун бароянд. Ин намуди маҳдудкунӣ шифти қарзӣ (Credit ceiling) ном дорад.

Ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ додашаванда метавонанд беҳудуд бошад, зеро вобаста бо амали мултипликатори бонкӣ қарзи аз ҷониби як бонк дода шуда баробари ба суратҳисоби корхонаи дигар расиданаш ба захираи қарзӣ мубаддал мешавад ва бонк имкон дорад онро боз ба қарз диҳад. Ба таври дигар, ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби бонкҳо додашаванда аз сармояи

умумии онҳо вобаста нест. Вале вобаста ба зарурати танзими муомилоти пулӣ маблағи қарзҳои аз ҷониби бонки алоҳида додашаванда ҳудуди муайян дорад: [2;]

- маблағи умумии қарзҳои додашаванда аз захираҳои қарзии бонк вобаста аст, яъне бонк наметавонад аз захираҳои доштааш қарзи зиёдтар диҳад. Илова бар он, бонкро зарур аст, ки мӯҳлати қарзҳои додашударо ба мӯҳлати пасандозҳо алоқаманд кунад, вагарна сари вақт баргардонидани пасандозҳо номумкин мегардад;

- бо мақсади таъмини пардохтпазирии бонк ва иҷораи саривақтии ӯҳдадориҳояш дар назди мизоҷон онро зарур аст, ки ҳудуди қарзро барои мизоҷони алоҳида муайян намояд. Саривақт барнагаштани қарзи алоҳида набояд боиси иҷро нашудани ӯҳдадориҳои пули бонк дар назди мизоҷолни дигар гарданд. Масалан, мутобиқ ба қарори Бонки миллии Тоҷикистон, саҳҳомони бонки тиҷоратӣ метавонанд, аз он қарз гиранд, вале маблағи он набояд аз 20 фоизи сармояи бонк зиёд бошад. Муайян кардани ҳудуд барои қарзҳои калонтарин низ ба мақсад мувофиқ аст. Онро метаврн нисбати захираҳои қарзӣ ва ё сармояи бонк муайян кард. Масалан, қарзи калонтарин набояд аз 25 фоизи сармояи бонк зиёд бошад.

Самтҳои асосии сиёсати қарзӣ ва фоизии бонк бо дарназардошти меъёри бозтамвилии Бонки миллии Тоҷикистон, арзиши аслии маблағҳои қарзӣ, хароҷотҳои бонк, даромади интизорӣ, талабот ва дигар омилҳои ҷойдошта аз тарафи Раёсати бонк муқаррар карда мешавад.

Қарзҳо аз тарафи бонк ҳамчунин дар асоси қарорҳои алоҳидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маблағи онҳо аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ ва дигар мақомотҳо ҷудо карда мешавад, аз рӯи тартибу шартҳои низомнома ва қоидаҳои бо ин мақомотҳо мувофиқа гардида, пешниҳод карда мешаванд.

Манбаъ барои додани қарзҳо: маблағҳои худии бонк, маблағҳои ба пасандозҳои аҳолӣ ҷалбшуда, маблағҳои аз ҳисоби фурӯши қоғазҳои қимматнок бадастомада, инчунин маблағҳои ашхоси ҳуқуқии буҷавию ғайрибуҷавие, ки ҳамчун маблағҳои озод дар ҳисобҳои депозитии бонк мавҷуданд ба ҳисоб мераванд.

Истифодаи қарзи молӣ низ ҳудуди муайян дорад. Зеро маблағи он аз имкониятҳои корхона ё ширкати алоҳида вобаста аст. Ин корхонава ё ширкат наметавонад маблағҳои пули худро мудати дароз ба ихтиёри корхонаи дигар диҳад, вагарна худи он мӯҳтоҷи қарз мегарда. Агар тамоми иқтисодиётро дар якҷоягӣ гирем, корхонаҳо наметавонанд, тамоми молашонро ба қарз диҳанд, зеро дар чунинҳолат онҳо аз ҳамдигар молу ашё харида наметавонанд ва заводу фабрикаҳо аз кор бозмемонанд. Аз ин рӯ, ҳаҷми қарзҳои тиҷоратӣ ё молӣ низ ҳудуди муайян дорад ва вайрон кардани он ба мақсад мувофиқ нест.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои қарзии додашуда барои соҳибкорӣ дар соли 2019 3101,6 млн. сомонӣ ё 88,8 % равона гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1544,8 млн. сомонӣ ё 2,0 маротиба зиёд мебошад. Аз ҷумла ба соҳаҳои саноат 519,0 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3,0 маротиба ё 390,6 млн. сомонӣ зиёд), кишоварзӣ 1285,8 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,6 маротиба ё 491,4 млн. сомонӣ зиёд), нақлиёт 177,7 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2,1 маротиба ё 94,6 млн. сомонӣ зиёд), алоқа 18,1 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 29,0 маротиба ё 17,5 млн. сомонӣ зиёд), сохтмон 29,0 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,7 маротиба ё 12,2 млн. сомонӣ зиёд), савдо ва хӯроки ҷамъиятӣ 223,4 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин

давраи соли гузашта 2,2 маротиба ё 120,8 млн. сомонӣ зиёд), хоҷагии манзилу коммуналӣ 19,8 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2,9 маротиба ё 13,2 млн. сомонӣ зиёд), илм, маданият ва тандурустӣ 16,6 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4,0 маротиба ё 12,3 млн. сомонӣ зиёд), дигар намудҳои соҳибкорӣ 463,2 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,7 маротиба ё 196,6 млн. сомонӣ зиёд), соҳибкории инфиродӣ 348,8 млн. сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2,2 маротиба ё 195,5 млн. сомонӣ зиёд) маблағгузорӣ карда шудаанд. [4;]

Адабиёт:

1.Низомномаи 95 «Оиди тартиби гузаронидани амалиётҳои асъорие, ки ба гардиши сармоя алоқаманданд».

2.Дастурамали 19 «Оиди тартиби интиқоли асъори хориҷӣ аз ҶТ ва ба ҶТ бе кушодани суратҳисобҳои қорӣ».

3.Дастурамали 90 «Оиди суратҳисобҳои бонкии амонатие, ки дар бонкҳои ҶТ кушода мешаванд».

4.Дастурамали 96 «Оиди ташкили назорати дохилӣ дар бонкҳо».

5.Дастурамали 112 «Оиди пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҶТ».

6.Дастурамали 116 «Оиди кор бо қарзҳо».

7.Дастурамали 138 «Оиди тартиби кушодан, бақайдгирӣ ва амал кардани нуқтаҳои мубодилаи асъор ва бурдани амалиётҳои асъорӣ-мубодилавӣ бо асъори нақдии хориҷӣ».

САИДОВА МАВЛУДА САЪДУЛЛОЕВНА – к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ. Тел. 900993733, saidova_tj. @mail.ru

МАХМУДОВА МУХАББАТ ХАМИДОВНА – к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ. тел. 919682701.

ИННОСТРАННЫЕ ИНВЕСТИЦИИ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Иностранные инвестиции играют важную роль в успешном развитии отечественной и мировой экономики. В условиях, когда сложно привлечь инвестиции внутри страны для развития отдельных предприятий и отраслей, важным источником средств для модернизации экономики являются иностранные инвестиции.

Привлечение иностранных и отечественных инвестиций является одним из приоритетов в экономической политике Республики Таджикистан.

Привлечение иностранных инвестиций в таджикскую экономику преследует долговременные стратегические цели создания цивилизованного, социально ориентированного общества, характеризующегося высоким качеством жизни населения, в основе которого лежит экономика, предполагающая не только совместное эффективное функционирование различных форм собственности, но и интернационализацию рынка товаров, рабочей силы и капитала.

В Республике Таджикистан созданы благоприятные условия для привлечения иностранных инвестиций, поддержки рыночных структур и развития коммерческой, финансовой и банковской системы.

Сделан огромный шаг в сторону углубления экономических реформ, реконструкции национальной экономики, укрепления и развития международных связей, глубокой интеграции в мировую экономику.

Инвестициями являются - все виды права на имущество (кроме имущества личного пользования или, связанного с деятельностью по продаже товаров без их переработки), включая денежные средства, ценные бумаги, производственно - технологическое оборудование и результаты интеллектуальной деятельности, принадлежащие инвестору на основе права собственности и вкладываемые им в объекты инвестиционной деятельности в целях получения прибыли (дохода) и (или) достижения иного значимого результата[1.с.1].

Инвестиционная деятельность – это действие инвестора по вложению инвестиций в производство продукции или их иному использованию с целью получения прибыли (дохода) и (или) достижения иного значимого результата.

Инвестирование в создание и воспроизводство основных фондов осуществляется в форме капитальных вложений.

Объектами инвестиционной деятельности являются:

-недвижимое имущество;

- ценные бумаги;

- интеллектуальная собственность;

- другие объекты, в которых инвестиционная деятельность не запрещается законодательством Республики Таджикистан[1,с.2].

Основным законодательным актом, регулирующим инвестиционную деятельность в Таджикистане, является Закон Республики Таджикистан от 15 марта 2016 года « Об инвестициях», который регулирует отношения, связанные с осуществлением инвестиционной деятельности и определяет правовые, экономические основы стимулирования и государственной поддержки инвестиций посредством предоставления равного правового режима и гарантии зашиты прав инвесторов.

Отличительной особенностью нового Закона «Об инвестициях» стало то, что инвесторами являются не только иностранные инвесторы, но и отечественные, придавая тем самым стимул для развития внутреннего инвестирования.

Дополнительно, на национальном уровне для стимулирования притока инвестиций и создания наиболее благоприятной инвестиционной среды приняты законы Республики Таджикистан «О приватизации государственной собственности Республики Таджикистан» «О концессиях», «О свободных экономических зонах», «О государственном частном партнерстве», «Об инвестиционных соглашениях». Перечисленные законы обеспечивают защиту прав, интересов имущества иностранных инвесторов, создают прочную правовую основу для осуществления коммерческой деятельности, стимулируют участие иностранных инвесторов в приватизации объектов национальной экономики на равных правах с гражданами Таджикистана.

В Республике Таджикистан для инвесторов существует значительный ресурсный потенциал, включающий;

-наличие и доступность минерально-сырьевых ресурсов;

-благоприятные почвенно-климатические условия;

-наличие дешевой и квалифицированной рабочей силы;

-возобновляемые гидроэнергетические ресурсы[3,с.2].

Согласно статистическим данным, за последние семь лет в страну поступили иностранных инвестиции на сумму более 95 миллиардов сомони, из которых более 30 миллиардов сомони являются прямым капиталом.

За этот период в различных социально-экономических сферах за счет государственного бюджета и иностранного капитала было реализовано более 1400 государственных инвестиционных проектов на сумму 36 млрд сомони.

Сейчас в стране реализуются еще 724 государственных инвестиционных проекта на общую сумму 152 млрд сомони.

Согласно «Национальной стратегии развития страны на период до 2030 года», объем прямых инвестиций до 2026 года был увеличен на 10 процентов по сравнению с валовым внутренним продуктом, а в 2022-2026 годах, то есть за пять лет, в национальную экономику должно быть привлечено более 60 млрд сомони прямых инвестиций[2,с.2].

С момента обретения государственной независимости Республика Таджикистан проводит активную политику, направленную на обеспечение роста экономики и интеграцию в мировое экономическое хозяйство. Политический и инвестиционный климат, принятые законодательные и нормативные акты способствуют решению многих приоритетных задач, связанных с ростом и модернизацией экономики, привлечением инвестиций и развитии частного сектора. Республика Таджикистан как полноправный член мирового сообщества, активно продолжает процесс институциональных и социально-экономических реформ, направленных: на укрепление законодательной базы; развития систем исполнения контрактов и корпоративного управления; обеспечения прав собственности; устранение излишних административных барьеров; повышение инвестиционного потенциала и снижения инвестиционных рисков.

Литература:

1.Закон Республики Таджикистан « Об инвестициях» от 15 марта 2016 г.№ 1299.

2.Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 26.01.2023. Душанбе.

5.Таджикистан. Инвестиционный климат и возможности страны. Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан.www.qki.

КАРИМОВА З.Ҳ. - омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии ДДТТ Почтаи электронӣ; Zabirjon.karimoua@r, Тел;985-18-55-41

НАҚШИ ЗАНОН ДАР ПЕШГИРИИ НИКОҲИ ХЕШУ ТАБОРӢ

Пойдорӣ ва қудрату тавоноии ҳар як давлати миллӣ ба бисёр омилҳо: аз ҷумла муҳити табиии зист, боигариҳои табиии, вазъи муносибаташ ба ҳамсоядавлатҳо ва ҷаҳон, дараҷаи инкишофи зеҳнии аҳолӣ, сифати худшиносию доштани нангу номуси миллӣ, ғурури солимии миллӣ, шарми миллӣ, дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва қуввaҳои истеҳсолкунанда вобаста аст.

Онки ҳамин омилҳо муҳиманд ҳеҷ кас инкор карда неметавонад. Аммо агар миллат чӣ аз лиҳози равонӣ ва чӣ ҷисмонӣ солим набошад вай ҳаргиз рушд намеёбад ва ба пояи баланди тараққиёт намерасад, чунки маҳз инсонҳо созанда, эъҷодкор ва навовару пешбарандаанд. Барои ҳамин ҳам таъмини саломатии инсон дар ҳар кадом давлати

мақсади пешравидошта, калидӣ буда, ҳокимияти сиёсии давлат барои ин тамоми имкониятҳоро истифода менамояд.

Дар ин асно қабули қонуну қарорҳое, ки барои баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа ва аз ҳисоби квотаҳои президентӣ ба таҳсил фаро гирифтани ҷавондухтарон аз шаҳру ноҳияҳои гуногун аз тарафи Сарвари давлат басо рамзӣ буд, чунки дар ҳама давру замон зани солиму солеҳа метавонад оилаи солим ва ҷомеаи ҷолимро тардия намояд.

Дуруст аст, ки дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсие, ки дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ба миён омад барои миллати тоҷик аз як тараф агар ба нокомиҳо ру ба ру шудан бошад аз ҷониби дигар беназирии он ҳувайдо мегардад. Беназирӣ дар он аст, ки миллати тоҷик замоне тамаддун ва фарҳанги асили худро дошт ва бо амри тақдир онро аз даст дода буд. Дар ин ҳангом тавонист арзишҳои аз даст додаро аз нав эҳё намояду ба ҷомеаи ҷаҳонӣ худро бори дигар ҳамчун миллати соҳибтамаддун ва фарҳангӣ муаррифӣ намояд. Чи тавре ки Президенти кишвар дар Паёми имсолаи худ ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд, “Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани мероси таърихиву фарҳангии мо дар айни замон эътирофи тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангӣ мебошад” [1]. Ин падидаҳо боиси он мегарданд, ки тавассути он мо истиқлолияти ба даст овардаамонро устувору пойдор ҳимояву ҳифз намоем.

Дар баробари буҳрони сиёсӣ миллати тоҷик мубталои бемории маънавӣ низ гардид. Аз фазои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию маънавӣ он давра он чӣ ҳувайдо мегашт, ки ин вабои миллаткуш аз хориҷ таҳрезӣ гардид ва ба осонӣ тарҳҳоро қисме аз мардуме, ки донишҳои сиёсӣ надоштанд, инчунин саводи динию дунявии паст доштанд қабул намуда, ахлоқи исломиро либоси сиёсӣ пушонида ба кулли ҷомеа иҷборан бор карданӣ шуданд.

Бо ин амали хеш онҳо на танҳо зомини хуни ҳазорон нафар мардуми бегуноҳ гаштанд, балки чунин заминаеро фароҳам оварданд, ки қисматшавии Тоҷикистони тозаистиқлол аз эҳтимол дур набуд.

Аммо ақли солим ғолиб омад. Сесияи тақдирсози XVI-уми шӯрои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд шахсеро ба сари қудрат овард, ки роҳи табобати маризиҳои ҷомеаро тез ва сари вақт пайдо намуд. Эмомалӣ Раҳмон замоне ба сари қудрат омад, ки миллат ва давлати тозабунёди тоҷиконро буҳрони иқтисодию сиёсӣ равонию ахлоқӣ фаро гирифта буд ва ӯ тавонист давра ба давра онҳоро рафъ намуда, фаъолияти ҳамаи бахшҳои ҳаёти ҷомеаро барқарор созад.

Ҳадафи асосии Пешвои миллат акнун як чиз,таъмини солимии равонию ҷисмонии ҷомеа буд, зеро ба қавму қабила ва минтақаҳо ҷудошавии як миллати том бар асари ҷанги шаҳрвандӣ то андозае бегонашавиро ба вуҷуд оварда буд. Ин бегонашавӣ раванди ба тариқи никоҳ ба ҳам хешу таборшавии аҳолии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистонро боз дошта боиси авҷгирии никоҳи байни худӣ ва аксаран хешу таборони наздик гашт.

Агар як сабаби чунин зуҳурот ҷанги шаҳрвандӣ гашта бошад, сабаби дигараш паст гаштани сатҳи зиндагии мардум ва гаронии хароҷоти туйи арусию домодӣ буд. Хешу табор ҳатто бародарону хоҳарон ба хотири ба хонаи нафари “бегона” нарафтани маблағ ва ҷиҳози ҷамъгашта бо ҳам қудо мешуданд, бехабар аз он ки чунин никоҳ боз пас гаштан ба ҷомеаи ибтидоӣ ва вайроншавии хун мегардад. Онро бояд қайд намуд, ки ҳануз дар охири солҳои 60-уми асри гузашта масъалаи ташкили оилаи солим ва тарбияи насли солим дар зери шиори кам намудани афзоиши табиии аҳолӣ, ки гӯё модар танҳо се фарзанди солим тавлид карда метавонад ва зиёдшавии фавти модару кудакро ба ҳамин алоқаманд медонистанд, иллати аслиаш ҳамин никоҳи хешу таборӣ буд.

Агар ба омори солҳои 60-70 уми асри гузашта эътибор диҳед, маҳз дар зери ҳамин шиор фавти модару кудак хеле зиёд аст. Албата ин як воситаи гирифтани пеши роҳи афзоиши табиии аҳолӣ дар собиқ ҷумҳуриҳои Осиёи марказӣ буд. Аммо ин маънои онро надошт, ки тавлиди кудаки носолим вуҷуд надошт. Аслан давлате, ки барои солимии шаҳрвандон худро масъул медонад, хуб медонад, ки пешрафти ҷомеаҳамеша ба насли солим вобаста аст. Таҳқиқ ва ҷустуҷӯҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣисбот намуд, ки дар аксари ҳолатҳо сабабгори тавлиди кӯдакони иллатнок низоми ҷамъиятӣ ва шароити зиндагӣ не, балки фарҳанги пасти ташкили оиладории худи мардум аст. Онҳо онро ба ҳисоб намегиранд, ки худӣ бе ҳамин ҳам хеш аст. Ваҳдати миллӣ, пешрафту ободии ватан дар заминаи ташкили хешнигарӣ бо бегонагон аст. Хеш бе ҳамин ҳам хеш аст. Аммо ташкили хешнигарӣ тавассути издивоҷ бо бегонагон; а) доираи муошрати маънавиро васеъ менамояд; б) тавассути ин бо урфу одат ва анъанаҳои ҳамдигар шинос шуда, фарқияти равонӣ то андозае аз байн меравад; в) хун нав шуда боиси беҳтар шудани сифати ҷисмонию равонию зеҳнӣ мегардад.

Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз омори маслуқони аз никоҳи хешу таборӣ ба дунё омада хуб огоҳӣ доштанд, масъалаи танзими оиларо ҳамчун қадами аввал дар роҳи ҳифзи солимии миллат диданд.

Аз ин хотир таблиғу ташвиқи ташкили оилаи солимро ё аниқтараш ҷонноксозии маърифатӣ ташкили оиларо яке аз омилҳои пешгирикунандаи никоҳи хешутабор бо ҳам диданд.

Бешак ба солимии ҷомеа, оила ва шахс омилҳои гуногуни объективию субъективӣ таъсир мерасонанд, ки оқибат сабабгори низоъ дар ҷомеа, носолимӣ ва ба вайроншавии оила дар заминаи ризояти издивоҷкунандагон ва ба руҳафтодагию бемории шахс оварда мерасонад. Вобаста ба ин сиёсати дурбинонаи Ҷаноби Олӣ ба он самт равона шудааст, ки ҳатман бояд ҷомеа солим ва тараққикарда, оилаи солим ва устувор,шахс руҳану ҷисман солим бошад.

Муайян гардидааст, ки яке аз сабабҳои асосии носолимии оила ва тавваллуди кудаки бо нуқсони модарзодӣ,ки боиси пошхурии оилаҳо мегардад никоҳи хешу таборӣ мебошад. Никоҳи хешу таборӣ дар сарзамини Тоҷикистон таърихи дерина дорад. Қисме аз минтақаҳои Тоҷикистон кушиш менамоянд, ки танҳо дар доираи хешу табор фарзандони худро хонадор намоянд.

Чунин амалро ба хотири нигоҳ доштани манфиатҳои хонаводагию авлодӣ амалӣ менамуданд. Аммо бисёр маврид амали онҳо дар аввал боиси ба дунё омадани кудакони маъюб гардад, инчунин дар мавриди дигарбоиси баҳс ва ин метавонад риштаи хешу табории наздики онҳоро канаду хешу табориро ба душманӣ табдил диҳад. Чун занон дар аксарияти оилаи тоҷик ҳангоми хонадоршавии фарзандон нақши асосӣ доранд, метавонанд ба ин масъала монеа шаванд ва аз оқибатҳои фоҷеабори он худ ва фарзандонашонро эмин доранд.

Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмаш ба маҷлиси Олӣ қайд намуд: “Дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик зиёд шуда, боиси таваллуди кӯдакони маъюб гардида истодааст” [2].

Бешак эродҳои Президенти кишвар аз никоҳи хешу таборӣ бо далелҳои илмӣ асоснок гардидааст. Масъалан имрӯз илми тиб исбот намуд, ки никоҳи хешу таборӣ боиси бо нуқсон таввалуд шудани кудакон мегардад, ки оқибати фоҷиаборе барои миллату давлат ба бор меоварад.

Масъалаи мазкур аз нигоҳи тиб чунин шарҳ дода мешавад. “Ҳама вақт ҳангоми мавҷуд будани никоҳи хешу таборӣ миёни ҳамсарон хавфи бемориҳои ирсии храмасомӣ

зиёд мешавад” [3]. Никоҳи хешутаборӣ бештар ба ҷиҳати равонии кудак рафта–рафта таъсири манфӣ мерасонад. Хавфи бо нуқсони модарзодӣ таваллуд шудани кудакон ва марги бармахали кудакон дар наслҳои оянда, ки омили никоҳи хешу таборӣ доранд, меафзоянд. Масалан хоҳару бародар бо ҳам қудо шуданд. Аз фарзандони онҳо се фарзанд тавлид шуд, ки ҳарсеяшон ҳам иллатноканд. Ҳатто агар каме пешпо хуранд, устухони пойҳояшон мешикананд. Аз ин рӯ никоҳи байни хуншарикон аз доираи оила берун баромада ба мушкилии ҷамъитӣтабдил меёбад, зеро он аз давлат хароҷоти зиёдеро талаб менамоянд.

“Никоҳи байни хешу табори наздик хавфи калони ба вуҷудоии бемориҳои асабӣ-руҳиро дар худ пинҳон мекунад” [4] . Тиб исбот намудааст, ки бисёре аз бемориҳо сабаби асосии пайдоиш надорад. Аз ин рӯ барои сар задани баъзе бемориҳо омилҳои зиёде лозим мешавад.

Дар шароити пайдо шудани якчанд омилҳо дар организми инсон баъзе аз бемориҳо сар мезанад, ки асосан ангезандаи ин намуд бемориҳо бешубҳа никоҳи хешу таборӣ аст.

Аз ҷумла дар мисоли бемории қанд, ки сабаби асосии пайдоиш надорад, гарчанде мутахассисони соҳаи тиб ин бемориро аз як ҷиҳат ирсӣ ҳам меҳисобанд. Ҳангоми ҷой доштани ин беморӣ дар як шахс, нуқсон ба насли оянда мегузарад. Вақте ки ду насли хешутаборӣ нуқсондор, ки аз наслҳои пеш майлнокиро ба бемории қанд мерос гирифтаанд, бо ҳам мепайванданд, яъне оила барпо менамод, эҳтимолияти пайдо шудани бемории қанддар фарзандони онҳо якчанд маротиба меафзояд.

Чи тавре ки гуфта шуд, оила яке аз қишрҳои асосии ҷомеа буда, муҳитест барои тарбияи шахси солим ва бақои насли инсоният. Ба ин хотир дини мубини ислом низ ба масъалаи оилаи солим аҳамияти ҷиддӣ додааст.

Вобаста ба масъалаи ташкили оила дар меъёрҳои ахлоқию фарҳангӣ ва қонунгузории ислом ба ҳидояту муқараротҳое вомехурем, ки аз лаҳзаҳои нахустини шаклгирии оила, интихоби ҷуфти муносиб то марҳилаҳои ниҳоӣ, оиладориро дар низоми меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ ба танзим медарорад. Бештари меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқии ислом ба масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд равона гардидааст.

Масъулиятнокии волидайнро дар тарбия намудани фарзанди солим чӣ аз ҷиҳати равонӣ ва чӣ аз ҷиҳати ҷисмониро дини ислом ба волидайни кӯдак пеш мегузорад, ки қобилият ва имконияти дуруст ва солим тарбия намудани фарзандро аз ӯ талаб менамояд.

Ташкил намудани оила аз диди ислом танзими дақиқро талаб менамояд. Тибқи таълимоти ҳуқуқии ислом арусу домод бояд ба ҳамдигар маҳрам ва ҳароми абадӣ набошанд. Монанди зане, ки барояш шири худро додааст, амма ҷиян, хоҳару бародар, домоду хушдоман ва ғайра. Худованд оид ба занҳое, ки никоҳ карданашонро манъ намудааст дар сураи Нисо фармудааст. Тарҷума: “Бар Шумо ҳаром карда шудаанд: модаронатон,духтаронатон, хоҳаронатон, аммаҳоятон, холаҳоятон, духтарони бародар ва духтарони хоҳар ва он модарони Шумо, ки ба Шумо шир додаанд ва хоҳарони ширхорагиатон ва модарони занонатон ва духтарони занонатон, ки дар канори шумо парвариш меёбанд...(Нисо, 23) ”.

Маълум аст, ки дини Ислом зидди никоҳи хешу таборӣ наздик аст аммо ба таври истисно ба баъзе никоҳи хешу табор иҷозат додааст.(мисли писари амак ба духтари амак, писари хола ба духтари хола ва ғ.)

Дар чунин ҳолат дар оилаҳо мушкилоти генетикӣ ба амал омаданаш эҳтимолият дорад. Вобаста ба ин пайғамбари ислом фармудааст: “Муайян кунед, ки нутфаи худро ба хотири идомаи насли худ куҷо ҷойгир мекунед” [5] .

Пайғамбари Ислом на дар шакли ҳадис, балки дар шакли маслиҳат ба наслҳои оянда дастур додааст, ки то тавонанд берун аз қавми худ зан гиранд.

“Берун аз қавми худ зан бигиред, то ки ба таввалуди фарзандони носолим роҳ надиҳед” [6] .

Дар замони салтанати Халифа Умар ба масъалаи мазкур, низ диққати асосӣ дода шудааст. Масалан Халифа Умар ба қавми Соиб, ки танҳо дар доираи қавми худ никоҳ мекарданд, гуфта буд.

“Эй хонадони Соиб Шумо дорои фарзандони носолим ҳастед ва бояд берун аз қавми худ зан бигиред” [7] .

Мутафаккири бузурги олами ислом М. Ғаззолӣ низ ба масъалаи никоҳ, яъне ташкили оила таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар таълимоти ахлоқӣ сиёсии худ таъкид менамоянд, ки никоҳ кардан аз ҷумлаи одоби роҳи дин аст, ҳамчунин таом хурдан. Чунон ки роҳи динро ба ҳаёту бақои одамӣ ҳоҷат аст ва ҳаёт бе таому шароб мумкин нест, пас ҳамчунин ба бақои ҷинси одамӣ ва насли вай ҳоҷат аст ва ин бе никоҳ мумкин нест [8].

М. Ғаззолӣ мефармояд, ки нахустин чизе, ки аз фазилати ташкили оила ҳувайдо мегардад, ин фарзандаст. “Файзи аввал дар фарзанд аст” [9] .

Ғаззолӣ низ никоҳи хешу табориро ба оила барпокунандагон тавсия надода таъкид менамояд, ки “аз хешовандони наздик набувад, ки дар хабар аст, ки фарзанд аз он заиф ояд. Ва магар сабаб он бошад, ки шаҳват дар ҳаққи хешовандон заифтар бувад” [10] .

Ифшои ин масъала М.Ғаззолиро ба он водор намуда буд, ки барои ташкили оилаи солим, ки дар рушду инкишофи ҷомеа ва тарбияи инсони поксиришт дастур ба насли ҷавон пешниҳод намояд.

Бояд этироф намудд, ки талоши Пешвои миллат ҳидоятҳои судмандашон ба ҷавонону волидайн барои ташкили оилаи солим ифодаи олии инсондӯстӣ ва ғамхории падарона дар ҳақи миллат аст.

АДАБИЁТ

1. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷлиси олии Ҷ.Т. аз 26.12.2018 ш. Душанбе.
2. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷлиси олии Ҷ.Т. аз 23.01.2015 ш. Душанбе.
3. А.М.Пулатов, А.С. Никифоров, Асабшиносӣ. Маориф Душанбе соли 1990 саҳ.308-309.
4. Скварков И. И. Ермоленко, Н.А.Развитие нервной спетемы у детей в норме и патологии. Москва МЕД пресс-инфорле 2003, с.368.
5. Абдураҳими Умрон (тарҷума аз забони англисӣ). Танзими оила дар ислом. Ш. Душанбе 1999, с.28
6. Абдуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ Кимиёи саодат, ҷилди 1 Душанбе Эр-граф 2008 с.

ТАГАЕВ БАҲРОМ ШОНАЗАРОВИЧ – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

НАҚШИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Тибқи адабиёти илмии иқтисодӣ имрӯз талабот ба ташкили иқтисодиёти саноатию аграрӣ бо унсурҳои инноватсионӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи

гузариш ба стратегияи муосиргардонии босуръатро мегузорад. Ба ҳалли проблемаи мазкур бидуни фаъолнокии босуръати субъектҳои иқтисоди миллӣ, бидуни якҷоясозии тамоми қуввaҳо ва воситаҳое, ки дар ихтиёри давлат ва бизнес қарор доранд, ноил гардидан ба ҳадафҳои муосиргардонии иқтисодиёт, пешрафти илмӣ-техникӣ, ташаккул ва истифодаи инноватсияҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ғайриимкон аст [1].

Дар робита ба ин, таҳлили нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат нишон медиҳад, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ба рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшид. Он дар навбати худ талаби ташаккули шароитҳои фаъолияти устувор ва рушди минбаъдаи ин соҳаро ба вуҷуд овард.

Ба андешаи мо, яке аз шартҳои асосии рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар мамлакат ташаккул ва рушди инфрасохтори мусоидаткунанда мебошад. Маҳз ин омил имкон медиҳад, ки маҷмӯи муносибатҳои сохторҳои ниҳодӣ ва бозорӣ мукаммал гарданд ва онҳо дар навбати худ ба ташаккулёбӣ, рушд ва устувории соҳибкорӣ ҳамчун бахши муҳими иқтисодӣ мусоидат хоҳанд кард.

Вале таҳлили интиқодии нуқтаи назари олимону тадқиқотчиёни гуногун доир ба моҳият ва таъиноти инфрасохтор ба хулосае меорад, ки инфрасохтор ҳамчун комплекси шароитҳои фаъолият ва рушди соҳибкориро дар соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ таъмин менамоянд.

Ба андешаи мо, зерсохторхои таъминкунандаи фаъолияти бозорро ба 4 гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст, ки дар ин ҳолат нақш ва мавқеи ҳар як субъекти он возеҳу равшан мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки элементҳои асосии инфрасохтори бозориро биржаву музоядаҳо, низоми қарзиву бонкҳои тиҷоратӣ, низоми танзими шуғли аҳолӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои робитаи тиҷоратӣ, низоми суғуртакунонӣ ва андозбандӣ, инчунин ширкатҳои аудитиву машваратӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, элементи асосии инфрасохтори классикии бозориро шабакаҳои тиҷоратӣ, биржаҳо ва бонкҳо ташкил медиҳанд ва бо пешрафти техникаву технология ва рушди истеҳсолот элементҳои нав ба нав ташаккул ва рушд ёфтаанд **(расми 1.)**




Расми 1. Нақши инфрасохтори бозорӣ // таҳияи муаллиф

Маҳз вусъатёбии амалиёти мубодилавӣ дар бозор ва хароҷоти транзаксионии вобаста ба он нақши калидии инфрасохтори бозориро нишон дода, функсияҳои мусоидаткунандаи он амалисозии манфиатҳои иштирокчиёни бозор, афзоиш додани фаврият ва самаранокии фаъолияти субъектҳои бозориро дар заминаи махсусгардонии субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва намудҳои фаъолият, ташкили барасмиятдарории муносибатҳои бозорӣ таъмин менамояд.

Тибқи назарияи муносибатҳои бозорӣ ва рушди соҳибкорӣ, инчунин аз нуктаи назари қонунияти диалектикии умумият, махсусият ва ҷудогона инфрасохтор ҳамчун зербино, асос ва зерсохторест, ки барои ташаккулёбӣ ва рушди сохтори асосӣ хидмат мекунад.

Инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ вобаста ба махсусиятҳои худ дар рушди иқтисоди миллӣ мавқеи муҳимро доро буда, аз сатҳи ташаккул ва рушди он фазои соҳибкориву сармоягузорӣ вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, бе муҳайёсозии инфрасохтори мусоид ноилшавӣ ба рушди босуръати соҳибкориву сармоягузорӣ ва устувории тараққиёти иқтисоди миллӣ ғайримкон мебошад.

Аз ҷониби дигар, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар ҷалб ва истифодаи самараноки сармояҳои дохиливу хориҷӣ аз сатҳу сифати инфрасохтори дастгириву рушди соҳибкорӣ вобаста мебошад.




Расми 2 - Блок-нақшаи инфрасохтори дастгириву рушди соҳибкорӣ// Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, дар сохтори низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар баробари инфрасохтори таъминоти умумӣ, омилҳои илмию техноголӣ ва институтсионалию ҳуқуқӣ инфрасохтори фаъолияти ҷории соҳибкориро мукаммал мегардонанд.


УНСУРҲОИ АСОСИИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ
ИНФРАСОХТОРИ ТАЪИНОТИ УМУМӢ
Инфрасохтори истеҳсолӣ:
– роҳҳо;
– нақлиёт-алоқа;
– низоми таъминоти барқ;
– хизматрасониҳои коммуналӣ;
– логистика;
– молрасонӣ ва ғ.
Инфрасохтори иҷтимоӣ:
– таҳсилот;
– тандурустӣ;
– фарҳанг.
Инфрасохтори таъмини бартариятҳои рақобатии соҳибкорӣ:
– инфрасохтори корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ;
– инфрасохтори инноватсионӣ;
– инфрасохтори маркетингӣ;
– инфрасохтори машваратӣ;
– инфрасохтори сармоягузорӣ.
ИЛМӢ-ТЕХНОЛОГӢ
Инфрасохтори танзими равандҳои рушди соҳибкорӣ:
– муассисаҳое, ки фаъолияти сохторҳои соҳибкориро танзим мекунанд;
– барномаҳои мақсаднок;
– созмонҳои ҷамъиятӣ;
– инфрасохтори ҳуқуқӣ;
– экология.
ИНСТИТУТСИОНАЛ Ӣ-ҲУҚУҚӢ
ИНФРАСОХТОРИ ФАЪОЛИЯТИ ҶОРИИ СОҲИБКОРӢ
– инфрасохтори таъминоти моддӣ-техник;
– инфрасохтори фурӯш;
– инфрасохтори таъмиру тармим;
– инфрасохтори бо шуғл ва меҳнат алоқаманд.

Таҳлилҳои мо **(расми 3.)** имкон медиҳанд, ки низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ба 5 қисматҳои ҷудогонаи ба ҳам алоқаманд ҷудо карда шаванд. Аз ҷумла, инфрасохтори таъминкунандаи шароитҳои умумӣ вобаста ба таъминоти моддиву маишӣ (истеҳсолӣ ва ғайристеҳсолӣ) ва ниҳодҳои таъминкунандаи фаъолият, ки метавон ба 2 гурӯҳи инфрасохторӣ: инфрасохтори беруна ва дохилии таъмини фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҷудо намуд. Рушди соҳибкории истеҳсоли аз мавҷудияти инфрасохтори дохиливу беруна ва сатҳи хизматрасониҳо вобастагии калон дорад.

Дар маҷмӯъ, функсияҳои зерини соҳибкориро метавон ҷудо намуд [4] , ки онҳо дар ҳамбастагии байниҳамдигарӣ шароити фаъолият ва рушди соҳибкориро таъмин менамоянд:



Расми 4.- Функсияҳои соҳибкорӣ

Бояд зикр кард, ки инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ коркарди механизми илман асосноки ташкилию иқтисодии рушдро бо назардошти муносибгардонии захираҳои молиявию қарзӣ, инсонӣ ва дигар захираҳо, дар асоси роҳандозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки имкониятҳои табиию иқтисодӣ ва тақвияти нақши сиёсати давлатӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ талаб менамояд.

Дар робита ба ин, профессор Фақеров Ҳ.Н. зикр намудаанд, ки зимни таҳқиқи хусусиятҳои мазмунии инфрасохтор равиши методологиро вобаста ба нақш ва мавқеи соҳаҳои инфрасохтор дар чорчӯбаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ баррасӣ намудан зарур аст [5].

Ҳамин тавр, бидуни ташкили механизми дурусти ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат дар заминаи истифодаи иқтидорҳои соҳибкории истеҳсолӣ, таъсири равандҳои мухталиф, иштироки фаъоли сармоягузорон ва созмонҳои байналмилалӣ дар таъминоти молиявии ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Барҳақ зикр мегардад, ки мавҷуд набудани низоми рушдёфтаи ташкили дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд, ки қобилияти хизматрасониҳои баландсифату арзони иттилоотӣ, молиявӣ ва машваратиро доро мебошанд, ба рушди нобаробари соҳибкорӣ дар ҳамон минтақаву ноҳияҳое, ки инфрасохтори дастгирии он мавҷуд намебошад, мусоидат мекунад [6].

Таҳлилҳои мо собит менамояд, ки тарзу усул ва методологияи арзёбии ҳолати рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар таҳқиқотҳои зиёди муҳақиқону олимон бо таври хос

роҳандозӣ гардида, аксаран дар шакли умумигардида, ё ин, ки бо дигар махсусиятҳои ба фазои соҳибкорӣ омехта баён гардидаанд.

Дар баробари саҳми назарраси олимони тоҷик [7, 8, 9], ба андешаи мо, то ҳанӯз назария ва методологияи таҳқиқи инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ба таври комплексӣ мушаххас нагардида, танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи он омӯхта шудааст. Дар баробари ин, пешрафти илму техника ва муносибатҳои ҷамъиятӣ аксар вақт боиси пайдошавии масъалаҳои таҳқиқотии нав гардида, мукаммалгардонии асосҳои назариявию методологии афкорро талаб мекунанд.

Бояд зикр кард, ки аз оғози давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ то ба имрӯз фароҳамсозии фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд марҳалаҳоро паси сар карда, консепсия, барнома ва нақшаҳои амал дар ин ҷода қабул ва амалӣ гардидаанд. Дар аксари ҳуҷҷатҳои барномавӣ ба масъалаи рушди соҳибкорӣ ва зарурати ташаккул ва рушди инфрасохтори зарурӣ муқаррароти дахлдор дарҷ гардидаанд.

Ба андешаи мо, мушкилот дар он аст, ки роҳу усулҳо ва механизмҳои фароҳамсозии инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ пурра мушаххас карда нашудаанд. Аз ин сабаб то ба ҳол амалисозии барномаҳои зикршуда ба ташаккули инфрасохтори муосири қонеъкунандаи талаботи соҳибкорон муваффақ нашудааст.

Илова бар ин ташаккулёбии ниҳодҳои дастгирикунанда ва нигоҳдорандаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кӯтоҳ аст, самараи фаъолияти онҳо ба талаботҳои соҳибкорон ва мақсаҳои рушди иқтисодӣ бояд мутобиқ бошанд**.**

Адабиёт

1. Саидмурадов Х.Л. Стратегические ориентиры развития национальной экономики Таджикистана // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2017. -№3 (53). - С. 19

2. Гаврилов А.И. Производственное предпринимательство и услуги в экономике региона: монография/ А.И. Гаврилов, А.Н. Куликов, П.П. Мирошкин. – Н.Новгород: НИУ РАНХиГС, 2013. – С. 372.

3. Кныш Н. А., Верлуп Е.В. Программно-целевое управление развитием малого предпринимательства // ЭТАП. 2016. №3.

4. Деликов Т.Г. Формирование и развитие системы инфраструктурного обеспечения предпринимательской деятельности. -Элиста, 2005.- С.19.

5. Факеров Х.Н. Формирование и развитие рынка потребительских товаров в условиях переходной экономики: автореф. дис... докт. эконом. наук. -Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, -2004. -С.37.

6. Султанов З.С., Насиров Н.Н., Асророва З.И. Предпринимательство (малое): состояние, проблемы и перспективы развития в Республике Таджикистан. –Эл.ресурс. – Режим доступа: http://www.aot.tj/public/userfiles/Postanovlenie/%D0%A1%D0%9D%D0%97.doc.

7. Абукадыров Х.А. Социально-экономическая эффективность инфраструктуры рынка в условия переходного процесса//Вестник ТГУ ПБП. – Худжанд, 2009. - №3 (24). – С. 29-32.

8. Авезов А. Х. Экономическая устойчивость развития региона: сущность и основные понятия//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - Худжанд: «Нури маърифат», 2013. - №3. - С. 64-69.

9. Аминджанова М.М. Роль и значение институтов в формировании предпринимательского сектора национальной экономики Республики Таджикистан//Вестник Таджикского национального университета. Серия «экономических наук». - Душанбе: «СИНО», 2015. - №2/1(157). - С. 229-231.

ИСЛОМОВА З.С. - н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандииДБССТ

ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар ҳама марҳилаҳои таърихии ҷамъият ва зинаҳои болотарини инкишофи ҷомеа, андозситонӣ роҳи асосии таъмини даромади буҷети давлат ба ҳисоб меравад. Низоми андози дилхоҳ давлат дар зери таъсири принсипҳо ва омилҳои гуногуни иқтисодӣ ҷараён мегирад. Бинобар ин, низоми андози давлат дар асоси ҷойдошти омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.

Масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои андозӣ имрӯзҳо барои мардуми хамаи табақоти ҷомеаи тозаистиқлоли мо бисёр муҳим ва рӯзмарра мебошанд. Ҳуқуқи андоз яке аз зерсоҳаҳои ҳуқуқи молиявӣ буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба муқарар кардан ва рӯёнидани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеи танзим мекунад.

Ҳамзамон таркиб ва сохтори системаи андоз бояд ба имконияти воқеии иқтисодӣ мутобиқ буда, ба рушди соҳибкорӣ ва иқтисодиёт таъсири мусби расонад. Афзоиши буҷети давлатӣ набояд бо роҳи зиёд кардани гаронии андоз ба иқтисодиёт, балки аз ҳисоби вусъат додани заминаи андозбандӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хусусӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна, маҳдуд намудани доираи фаоълияти иқтисоди пинҳонӣ, беҳтар ба роҳ мондани баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ анҷом дода шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки механизмҳои андоз ба инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ва сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимоти он имкониятҳои калони таъсиррасониро доранд.

Ҷамъовариҳо ва пардохтҳои андозӣ сарчашмаи асосии ташкилёбии буҷети давлат ба ҳисоб меравад, чунки барои ҳар як давлат барои иҷро намудани вазифаҳои худ фонди воситаҳои пулӣ зарур мебошад ва ба мо маълум аст, ки сарчашмаи асоситарини воридоти захираҳои молиявии давлат ин аз ҳисоби пардохтҳои андозӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Аз ҳисоби ин воситаҳо барномаҳои давлатию иҷтимоӣ ва таъминоти сохторҳои идоракунии давлатӣ молия кунонида мешаванд.

Инчунин бо ёрии андозситонӣ давлат сиёсати иқтисодии худ, яъне бурдани сиёсати иқтисодии кушода ё маҳдуд дар соҳаҳои алоҳида ва минтақаҳои гуногун, пешбинӣ намудан ва амалигардонии чорабиниҳои зиддитаваррум, дар бозор маҳдудкунии ҳукумронии монополистҳо, ба буҷет ситонидани фоидаи барзиёдатие, ки аз баландбардории нархҳои монополӣ ба даст оворда шудаанд, амалӣ мегардонад.

Масъулият аз болоии ҷамъоварии андозҳо аз аҳолии мамлакат ба зиммаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Аз сифати фаъолияти он ташаккулёбии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Бо баробари ин самаранокии кори нозироти андоз ба воситаи мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунандаи андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дохилкунии тағйироту иловаҳое, ки ба шароити имрӯза мутобиқ мебошанд, амалӣ мегардад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар ташкили муносибатҳои андозӣ ва бештар гардонидани даромадҳои андозӣ, дарёфт намудани сарчашмаҳо ва манбаҳои нави андоз ба шумор меравад. Вобаста ба ин, бо рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва ба вуҷуд омадани шаклҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ, зарурият дар ворид намудани

тағйиротҳо ба Кодекси андоз ба вуҷуд меояд. Инчунин дар шароити имрӯза аксар муносибатҳо ва фаъолияти соҳибкорон дар шакли электронӣ ба роҳ монда шуда истодаанд, ки ин дар муносибатҳои андозӣ низ тағйиротҳоро тақозо менамояд. Тибқи назарияи мактабҳои иқтисодӣ, андоз ба фаъолияти субъектони иқтисодӣ таъсири манфӣ нарасонида, баръакс бояд ба ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ равона гардад, ки ин низ зарурати ворид намудани тағйиротро ба Кодекси андоз ба миён меорад[4,С.65].

Бо мақсади рушди истеҳсолоти ватанӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва пешниҳоди сабукиҳо ба соҳибкорону ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ бо супориши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав пешниҳод карда шуд, ки он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 майи соли 2019 ва дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 26 январи 2021) баён доштанд, вазорату идораҳои дахлдор мувазаф гардиданд, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани фазои муносиби андозбандӣ барои ҷалби сармоягузориҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин таҳкими иқтидори саноативу содиротии кишвар ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ Кодекси андоз дар таҳрири навро таҳия намоянд[9].

Мақсади асосии таҳия ва қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоид барои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Дар муқаддимаи Кодекси андоз дар таҳрири нав қайд карда шудааст, ки Кодекси андоз асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиро оид ба муқаррарсозӣ, тағйирдиҳӣ, бекоркунӣ, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, иҷрои уҳдадориҳои андозӣ муайян намуда, ба ташаккул, рушд ва ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ нигаронида шудааст. Аз мазмуни муқаррароти муқаддимаи Кодекси андози нав бармеояд, ки мақсади асосии қабул гардидани Кодекси андоз дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи рушди маъмурикунонии андоз, беҳтар ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, рақамикунонии фаъолияти субъектҳои муносибатҳои андозӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ мебошад.

Кодекси андоз дар таҳрири нав аз 2 қисм, 15 фасл, 57 боб, 399 модда иборат буда, дар муқоиса бо Кодекси андози то соли 2022 амалкунанда шумораи қисмҳо бетағйир, фаслҳо 3 адад кам, ҳамзамон шумораи бобҳо 7 адад ва моддаҳо 70 адад зиёд мебошад. Зиёдшавии муқаррароти меъёрӣ ба содда ва оммафаҳм намудани муҳтавои Кодекси андоз, аз ҷумла мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз равона шудааст. Яъне дар моддаҳои алоҳида принсипҳои андозбандӣ, мониторинги андоз, машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андозӣ ва амсоли он муқаррар гардидаанд[2].

Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав шумораи андозҳо, аз ҷумла бо роҳи хориҷ намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз 10 намуд ба 7 намуд кам карда шуд[2]. Ҳамзамон, бо мақсади дастгирӣ намудани соҳибкорон ва сармоягузорон, сарфа намудани вақт ва кам кардани хароҷоти онҳо вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, инчунин кам намудани ташрифи кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти андозсупорандагон ва халалдор насохтани фаъолияти онҳо дар Кодекси андози нав заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири электронӣ, аз қабили чеки электронии фискалӣ, мубодилаи электронии иттилоот, хизматрасонии фосилавӣ тавассути майдони электронии тиҷорат, низоми рамзгузории электронии молҳо пешбинӣ гардид[4,С.82].

Кодекси нави андоз аввалин маротиба принсипҳои андозбандӣ дар боби алоҳида пешбинӣ карда шуд. Яъне принсипҳо дар алоҳидагӣ, аз ҷумла принсипи ягонагии системаи андоз, адолати андозӣ, муайянӣ ва мушаххасии андозбандӣ, шаффофияти қонунгузорӣ, мусоидат ба рушди иқтисодиёт, эътимоднокӣ ба мақомоти андоз муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон дар Кодекси андози нав механизмҳои муосири ҳамкории андозсупоранда бо мақомоти андоз, ки имконияти додугирифти маълумотро барои интихоби контроагентҳо ба андозсупорандагон фароҳам месозад, пешбинӣ гардидааст. Бо истифодаи ин усул андозсупоранда метавонад ҷиҳати интихоби андозсупорандаи бомасъулият маълумот дастрас намояд. Дар баробари ин, дар Кодекси андози нав усулҳои муосири таъмини иҷрои уҳдадории андоз ҷорӣ гардида, соҳибкорон имконияти бо усулҳои замонатдиҳӣ ва кафолати бонкӣ таъмин намудани уҳдадориҳои андозро пайдо менамоянд. Яъне андозсупорандагоне, ки қарзи андози дошта, муваққатан имкони пардохти онро надоранд, аз чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо озод гарданд[8,С.124].

Пешбинӣ гаштани масъалаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон дар Кодекси нави андоз низ мақарароти махсус қайд гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки заминаи ҳуқуқии хизматрасониҳои электронӣ, аллакай, дар Кумитаи андоз мавҷуд буда, мақомот дорои барномаи махсуси компютерии “Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз”, ки иборат аз 40 адад модул мебошад, хизматрасониҳои мухталифи электрониро амалӣ намуда истодааст, аз ҷумла бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор, додани рақами мушаххаси андозсупоранда, бақайдгирии супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, бақайдгирии мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ, баҳисобгирии иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандагон (пешбурди ҳисобварақа, тартиб додани санади муқоисавӣ, таҳияи ҳисобот), пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз, таҳияи ҳисобнома – фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда ба таври электронӣ анҷом дода мешаванд[9].

Кумитаи андоз ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, сарфа намудани вақти шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор хизматрасонии электронӣ (эквайрингӣ) оид ба пардохти андозҳо ва боҷи давлатиро ҷорӣ намудааст[7,С.182]. Бо истифода аз хизматрасонии электронӣ (эквайрингӣ) ҳамаи шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор имконият доранд ба нуқтаҳои хизматрасонии бонкӣ ҳозир нашуда, маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ба буҷет пардохт намоянд.

Нисбат ба хизматрасониҳои наве, ки дар Кодекси андози нав пешбинӣ шудаанд, дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020- 2025 ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораандешӣ карда мешаванд.

Дар баробари пешбинӣ гардидани сабукиҳо ва имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла паст гардидани меъёри андозҳои асосии фаъолият, аз қабили андози даромад ва андоз аз арзиши иловашуда дар Кодекси андози нав бо мақсади то маҳсулоти ниҳоӣ коркард гардидани консентрати металлҳо, аз ҷумла металлҳои сиёҳ, ранга, нодир, радиоактивӣ, ва бо ҳамин васила таъмин намудани рушди соҳаи саноати коркард ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои содироти молҳои мазкур рентаи содиротӣ пешбинӣ карда шудааст. Меъёри рентаи содиротӣ аз 1 январи соли 2025 ба андозаи 4 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 ба андозаи 6 фоиз аз арзиши фурӯш пешбинӣ гардидааст[2].

Дар Кодекси андози нав ҷиҳати таъмини фаъолияти рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ меъёри андозҳо бознигарӣ ва такмил дода шуд, аз ҷумла[9]:

- бо мақсади беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, ҳадди даромади аз андозбандӣ озоди шахсони воқеӣ барои ҳар моҳи тақвимӣ аз як нишондиҳанда то ба ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд карда шуда, меъёрҳои андози даромади шахсони воқеӣ - 8 ва 13 фоиз бо меъёри 12 фоиз иваз карда шуд;
- меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ ба андозаи 20 фоиз ё 3 фоиз кам нисбат ба меъёрҳои амалкунанда пешбинӣ шудааст;
- бо мақсади таъмини рушди иқтисодии кишвар меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои дигар намуди фаъолиятҳо, аз ҷумла савдо, хизматрасониҳои суғуртавӣ, ҳамлу нақл, тиббӣ ва ғайра ба андозаи 18 фоиз пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба меъёри амалкунанда (23 фоиз) 5 фоиз кам мебошад;
- бо мақсади бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ баробар намудани сатҳи андозбандӣ, дар лоиҳаи Кодекси андоз меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз (амалкунанда) ба 15 фоиз паст карда шуда, меъёри андози мазкур аз 1 январи соли 2027 то ба 13 фоиз паст карда мешавад, ки камшавии меъёр нисбат ба Кодекси андози амалкунанда мутаносибан 3 фоиз, 4 фоиз ва 5 фоизро ташкил медиҳад;
- бо мақсади дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо меъёри 5 фоиз пешбинӣ карда шуд, ки камшавии меъёр нисбат ба Кодекси андози амалкунанда 13 фоизро ташкил медиҳад.

Инчунин, ҷиҳати дастгирии субъектҳои сайёҳӣ меъёри андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ низ 7 фоиз (меъёри пасткардашуда) пешбинӣ гардид, ки нисбат ба меъёри амалкунанда 11 фоиз кам мебошад. Илова бар ин, ҷиҳати зиёд намудани ҷойҳои корӣ меъёри андози иҷтимоӣ барои корфармоён аз 25 фоиз ба 20 фоиз паст карда шудааст.

Рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати молиявии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, аз ҷумла сиёсати давлатии андоз вобаста аст. Буҷети давлатӣ дар системаи молиявии ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, ба нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии мамлакат таъсири калон мерасонад.

Рушди соҳибкорӣ, такмили дониши иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон, таъмини пурра, сифатнок ва барзиёди қисми даромади буҷети давлатӣ, ки вобаста ба талаботи афзояндаи эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳои таъминоти давлатӣ бо афзоиш муқаррар карда мешавад, тақозо менамояд, ки кормандони мақомоти андоз дониши касбияшонро пайваста дар самти рақамикунонии иқтисодиёт такмил диҳанд.

Инчунин бояд усулҳои замонавии корбариро дар асоси технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ истифода намуд, фаъолиятро дар асоси қонунгузорӣ бояд ба роҳ монд, дар доираи рушди рақамикунонии соҳа, истифодаи дуруст ва самараноки Низоми муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва модулҳои компютериро ҳам аз ҷониби кормандони соҳаи андоз ва ҳам андозсупорандагон таъмин ва дар иҷрои уҳдадориҳои хизматию мансабӣ масъулияти бештарро бояд эҳсос намуд. Ин технологияҳои мошинҳои назоратию назоратӣ ба интернет пайваст шуда, маълумотро бе ташрифи нозири андоз ба мақомоти андоз интиқол медиҳанд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12. 2023.

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.09.2012 сол, таҳти №901 (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.12.2013 сол, таҳти №1046; аз 18.03.2015 сол, таҳти №1188; аз 8.11.2016 сол, таҳти №301).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26.03.2009 сол, таҳти №506 (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 11.03.2010 сол, таҳти №597; аз 28.06.2011 сол, таҳти №730).

4. Гулов Ш.М. Назария ва таърихи андозбандӣ Душанбе: «Матбааи ДМТ» 2022с.

5. Джумабоев, Х. К., Маъмуров А. М. Собираемость налогов как показатель налогового контроля на региональном уровне//Финансово-экономический вестник. - №4 (28). -2021. -С. 91-101.

6. Касирова Ф. Д. Основы автоматизации системы налогообложения // Таджикистан и современный мир №2(74) 2021, – С.214-223.

7. Касирова Ф.Д. Развитие процессов цифровизации налогового администрирование в Республике Таджикистан//дисс... канд. экон. наук по специальности: 08.00.07 – Финансы, денежное обращение и кредит. Душанбе 2022– 178с.

8. Солехзода, А.М. Особенности построения системы налогового администрирования в Республике Таджикистан // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2018. – № 7 – С. 153–159.

9. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии ТоҷикистонURL:https://andoz.tj/docs/ozmun/AssistentProekt_RUS.pdf

10. Трофимова Т.И. Фискальная политика: Учеб.-метод. пособие. – Иркутск: ИГЭА, 2001. – 53 с.

ИЛЁСОВ ДЖ. - старший преподаватель кафедры Экономическая география и экология МУТПТ

ВЛИЯНИЯ ТУРИЗМА НА ЭКОНОМИКУ

В решении социальных проблем общества с помощью развитие туризма является главной задачей всех государств мира и именно на долю туризма приходится от пятой части до половины валового национального продукта и что является немаловажным в сфере туризма занято 60% всей рабочей силы в мире. Развития данной сферы и его необходимость способствует повышению уровня образования, совершенствованию системы медицинского обслуживания населения, внедрению новых средств распространения информации и т. д. В современном мире туризм стал явлением, что вошло в повседневную жизнь почти трети населения планеты. Более того, вначале XXI века. Туризм по объемам дохода справедливо занял третье место среди ведущих отраслей мировой экономики и за результатами 2005 года, туристическая отрасль образовала 12 % мирового внутреннего продукта и поглотила более 14 % расходов потребителей. И нужно отметит, что в Республике Таджикистан за девять месяцев 2016 года посетили 312 тыс. 602 иностранных туристов, что больше по сравнению с аналогичным периодом 2015 года на 72 тыс. 36 человек. За счет туристов в таджикскую экономику поступило свыше $156,3 млн., что больше по сравнению с показателями 9 месяцев 2015 года на $36 млн.[1]. И как резюмировал Ахтам Абдуллозода председатель Комитета по делам молодежи, спорту и туризму Таджикистана все наши действия сейчас направлены на то, чтобы до 2020 года

довести количество туристов до 1 млн.[2]. В связи с этим в нашей стране была разработана программа с целью которого является создания благоприятных условий реализации государственной политики в сфере туризма, повышения конкурентоспособности туристического рынка страны в регионе, а также в ближнем и дальнем зарубежье и определяет основные направления, приоритеты, задачи и механизмы реализации государственной политики в области туризма на среднесрочный период и учитывались опыт реализации программы развития туризма в Республике Таджикистан на период 2015-2017 годы, а также особенности текущей ситуации внутреннего и международного туризма и новые тенденции в глобализации и региональной интеграции.[3].

Ключевое место в программе занимают проблемы институционального развития импорта и экспорта туристов, пути, решения которых отражены в плане мероприятий по совершенствованию действующих нормативных правовых актов, упрощению процедуры приобретения туристической визы, в том числе групповой визы, упрощение процедуры выдачи лицензий на осуществление туристической и гостевой деятельности, налаживанию постоянного диалога государства и частного сектора в сфере туризма и плодотворного сотрудничества с туристическими компаниями, гостиницами, санаториями и другими органами, связанными с туристической деятельностью и туристами, партнерами по развитию, улучшению инвестиционного климата в сфере туризма, разработке и распространению информационных материалов, наращиванию человеческого потенциала и повышению квалификации специалистов сферы туризма и обслуживания

В рамках настоящей программы государственная поддержка развития туризма в Республике Таджикистан включает следующие мероприятия:

- ✓ эффективное использование возможностей для развития туристической инфраструктуры;
- ✓ улучшение качества обслуживания;
- ✓ поддержка внутреннего и международного туризма и привлечение инвестиций в этом направлении;
- ✓ координация действий соответствующих органов и структур;

разработка новых туристических продуктов и её маршрутов;

- ✓ подготовка квалифицированных кадров и проведение курсов для сотрудников сферы туризма;
- ✓ реализация льгот по освобождению от налогов на добавленную стоимость и таможенной пошлины.

С экономической точки зрения привлекательность туризма как отрасли, что предоставляет услуги, заключается в более быстрой окупаемости вложенных средств и получении дохода в свободно конвертированной валюте. Во многих странах туризм входит в первую тройку ведущих отраслей государства, развивается быстрыми темпами и играет важное социальное и экономическое значение, поскольку он:

- ✓ увеличивает местные доходы;
- ✓ создает новые рабочие места;
- ✓ развивает все отрасли, связанные с производством туристических услуг;
- ✓ развивает социальную и производственную инфраструктуры в туристических центрах;
- ✓ активизирует деятельность народных промыслов и развитие культуры и способствует им;
- ✓ обеспечивает рост уровня жизни местного населения;
- ✓ увеличивает валютные поступления.

Таким образом, отрасль туризма не только приносит значительную часть прибыли в бюджет туристический развитых государств, но и является чрезвычайно перспективной и, несомненно, может стать одним из главных источников поступлений в госбюджет других

стран. В связи с этим 22-декабря 2018 года в ежегодном Послании основоположника мира и единства лидера нации уважаемого президента Республики Таджикистана к парламенту страны подписал указ об объявлении 2018 года «Годом развития туризма и народных ремесел.

В заключении хотим, отметит, что туризм оказывает положительное влияние на другие отрасли народного хозяйства, стимулирует экономическое развитие территории, увеличивает занятость местного населения, с экономической точки зрения и оно может являться самым экологически чистым видом природопользования но позитивное влияние туризма на экономику государства происходит только в том случае, если он развивается со всех сторон, то есть не превращает экономику страны в экономику услуг. Другими словами, экономическая эффективность туризма предусматривает, что он в государстве должен развиваться параллельно и во взаимосвязи с другими отраслями социально-экономического комплекса.

Литература

1.Режим доступа http://tajikistantimes.com/news_rus/v-2016-godu-tadzhikistan-posetili-bolee-312-tyis-inostrannyih-turistov/

2. Режим доступа:http://avesta.tj/2016/07/14/tadzhikistan-k-2020-godu-nameren-prinyat-do-1-mln-turistov/

3. Программа развития туризма в Республике Таджикистан на 2018-2020 годы (Республики Таджикистан от 1 марта 2018 года, №80).

МИРЗОЕВ С.А. - н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ

ТОҲИРОВ В.С. - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ

МОҲИЯТ ВА МАЗМУНИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Барномаи «Иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути рушди технологияҳои инноватсионии рақамӣ амалӣ мегардад, ба фароҳам овардани муҳити иқтисодӣ, ки ҳамкории самарабахши байни шахрвандон, ҷомеа, соҳибкорӣ ва давлатро таъмин менамояд, равона карда шудааст. Воситаҳои асосии инноватсионии рақамисозӣ зеҳни сунъӣ, технологияҳои нав, маълумоти калон ва роботикунони равандҳо мебошанд.

Дар давраи гузариш ба технологияҳои рақамӣ ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, иттилоот ҳамчун манбаи асосии арзишманд тамоюли асосии ҷомеаи иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. Дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҷузъи иттилоотӣ низ яке аз ҷузъҳои муҳим ва афзалиятнок мебошад. Дар асарҳои олимони муосири ватанӣ, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, қайд карда мешавад, ки рушди назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ бе низомҳои баланд суръати технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва интиқоли онлайн ғайриимкон аст.

Маълумоти дахлдор дар баробари воситаҳо, объектҳои меҳнат ва худи меҳнат ба омили мукаммали такрористеҳсолкунии васеъ табдил меёбад.

Баҳисобгирии муҳосибӣ, ки зернизоми асосии идоракунии субъекти хоҷагидорӣ ва забони эътирофшудаи тиҷорат буда, таҳти таъсири омилҳои беруна, ки дар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, доимо тағйир меёбад. Дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ зиёда аз 70% маълумоте, ки равандҳо ва далелҳои

гуногуни фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидориро тавсиф мекунанд, мутамарказ шудааст.

Баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва пешниҳоди иттилооти иқтисодӣ дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотро дар шароити рақамисозӣ ва тағирёбии мундариҷаи иттилоот дар бар мегирад, аҳамияти худро гум мекунад. Инро истифодаи воситаҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва нигоҳ доштани ахборе, ки муддати тулонӣ таҷғйир наёфтааст, рукуд будани равишҳои назариявию методологии сохтани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва тавлиди ҳисоботи (молияви) тасдиқ мекунад.

Асосҳои консептуалии равишҳои назариявӣ ва методологии ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, мафҳуми «ҳисобҳои баҳисобгирӣ»-ро бо маънои нав пур мекунанд. Ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳатман бо тағирот дар заминаи қонунгузорӣ, таъсири воқеияти атроф, шароити иқтисодие, ки субъекти хоҷагидор дар он фаъолият мекунад ва рушди босуръати рақамисозӣ алоқаманд аст.

Иқтисоди рақамӣ ҳамчун падидаи нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо суръати тез инкишоф меёбад, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии бунёди низоми ҳисобдорӣ аз рушди ин падида хеле ақиб мондааст.

Назарияи таҳқиқот ба асарҳои олимону таҷрибаомӯзони муосири рус ва хориҷӣ асос ёфтааст, ки ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар давраи рақамикунонии равандҳои ҷамъоварӣ, муттаҳидсозӣ ва таҳлили иттилоот дар бораи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бахшида шудаанд. Дар айни замон, масъалаҳои табдилдиҳии глобалии системаи ҳисобдорӣ тавассути таъсири иқтидори иттилоотии фазои мавҷудаи иқтисодӣ махсусан тезутунд мебошанд.

Таҳқиқот, ки ба табдил додани мундариҷаи усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар зери таъсири технологияҳои инноватсионии рақамӣ, ки ба раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ҷорӣ карда шудаанд, асос ёфтааст, ба равиши систематикӣ асос ёфтааст. Усулҳои диалектикӣ ва эмпирикӣ ҳамчун принсипҳои асосии методологии тадқиқот истифода шудаанд.

Дар наванди таҳқиқот муайян гардид, ки иқтисоди рақамӣ асоси ташаккули модели сифатан нави соҳибкорӣ буда, мутаносибан равишҳо ва усулҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва нигоҳдории иттилоот дар раванди баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорро тағйир дода, самтҳои нави рушди низоми ҳисобдорӣ ташаккул медиҳад. Паст шудани функсионалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва муфид будани иттилооти баҳисобгирӣ ба мо имкон медиҳад, ки самтҳои асосии табдилдиҳии методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади нигоҳ доштани аҳамият ва аҳамияти он, на дар низомҳои муосири иттилоотӣ «ҳал» карда шаванд.

Аллакай имрӯз, истифодаи технологияи *blockchain* дар бахши бонкӣ ва молиявӣ метавонад ба тағйироти куллӣ дар системаи ҳисобдорӣ оварда расонад. Бартарии ин технология қобилияти нигоҳ доштани маълумот дар бораи амалиёти субъекти хоҷагидор дар бисёр компютерҳои мустақил дар шакли феҳристи ягонаи сабти муомилоти амалиётҳои тиҷорӣ, эҷоди системаи иттилооти устувори баҳисобгирӣ мебошад, ки хавфи маълумотро аз байн мебарад. ихроҷ. Ҳар як сабт дар реестри якҷоя дорои таърихи пасипардагӣ мебошад, ки ба шумо имкон медиҳад пайдоиши маълумотро пайгирӣ кунед ва ҳаққонияти маълумотро тафтиш кунед.

Ба шарофати ҳифзи криптографӣ тағир додан ё нобуд кардани маълумот дар феҳрести ягона ғайриимкон аст. Афзоиши суръати муомилот ва амнияти муомилот ва набудани миёнаравҳоро нодида гирифтан мумкин нест.

Истифодаи низоми муҳосира кардани хароҷоти кори маъмуриро барои кормандон коҳиш медиҳад, миқдори коғазро кам мекунад, таъсири “омили инсонӣ” ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳо ва ғайраро бартараф мекунад. *Ethereum* яке аз платформаҳое мебошад, ки

дар асоси технологияи *blockchain* кор мекунад, ки ба шумо имкон медиҳад бидуни гузаштан аз расмиёти стандартӣ муомилотро инъикос кунед. Дар платформаи *Ethereum* дар доираи технологияи *blockchain* амалӣ карда мешавад, алгоритми автоматикунонӣ "шартномаи интеллектуалӣ" барои қайд ва назорати иттилоот дар бораи транзаксия дар шароити муайян анҷом дода шудааст. «Шартномаи интеллектуалӣ» бояд маълумоти асосӣ дар бораи муомилоти анҷомшавандаро дар бар гирад: объекти шартнома, шартҳои иҷро, ки дар оянда тағир ё бекор карда намешаванд ва имзоҳои рақамии тарафҳо. Истифодаи «шартномаи интеллектуалӣ» дар ҳисоби молиявӣ шаффофияти фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро ба ҳадди аксар мерасонад. Ҳамин тариқ, ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, реестрҳои ҳисобдорӣ дар шакли коғазӣ ва электронӣ метавонанд аҳамияти худро гум кунанд.

Ҷорӣ намудани технологияи ***blockchain*** зарурати гузаронидани барӯйхатгирии амвол ва мувофиқати ҳисоббаробаркуниҳои уҳдадори ҳоро аз байн мебарад. Баҳисобгирии анбор ба шумо имкон медиҳад, ки захираҳои молиро дар вақти воқеӣ назорат кунед, захираҳоро ба қайд гиред ва озод кунед ва ҳаракати захираҳоро дар тамоми занҷир, аз лаҳзаи капитализатсия то лаҳзаи озод кардани маҳсулот ё ихтиёрдорӣ назорат кунед. Дар вақти муомилот ҳам қабул ва ҳам ихтиёрдории молу мулк аз ҷониби гиранда қабулшуда дар як вақт сурат мегирад, ки ин имкон медиҳад, ки барӯйхатгирӣ истифода нашавад. Имкониятҳои технологияи *blockchain* имкон медиҳанд, ки кор бо таъминкунандагони субъекти хоҷагидор бидуни зарурати тасдиқи иловагӣ барои шакл додан ё аз ҳисоб баровардани қарзи ҳарду ҷониб дар вақти муомилот содда карда шавад.

Ҳамин тариқ, яке аз унсурҳои усули ҳисобдорӣ – ҳуҷҷатгузорӣ ва барӯйхатгирӣ аҳамияти худро гум мекунад. Онҳо бо сабти транзаксияҳо бо истифода аз абзори пурқуввати назорати технологияи ***blockchain*** иваз карда мешаванд, ки имкон медиҳад на танҳо хароҷоти субъектҳои хоҷагидорро кам кунад, балки хатарҳои марбут ба фаъолияти иқтисодии онҳоро коҳиш диҳад.

Дар иқтисодиёти рақамӣ доираи объектҳои ҳисобдорӣ васеъ мешавад. Дар робита ба афзоиши шумораи истифодабарандагони ҳавасманд, шумораи нишондиҳандаҳои дархостшуда, ки амнияти иқтисодӣ, масъулияти иҷтимоии тиҷорат, стратегия ва сифати идоракуниро тавсиф мекунанд, меафзояд. Мо инчунин набояд дар бораи пайдоиши объектҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ, аз қабили дороиҳои молиявии рақамӣ, уҳдадориҳои молиявии рақамӣ, маҳсулоти инноватсионӣ ва ғайра фаромуш накунем. Дар натиҷа, бояд принсипҳои нави банизомандозӣ, таснифоти объектҳои нави баҳисобгирӣ, муайян кардани баҳисобгирӣ таҳия карда шаванд. Меъёрҳои эътирофи онҳо, усулҳои баҳодиҳии онҳо бо пули нақд ва усулҳои инъикос дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботӣ инъикос карда шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки рақамисозӣ ба дигар унсурҳои усули баҳисобгирӣ таъсир мерасонад. Масалан, низоми баҳисобгирии баҳисобгирии объектҳои баҳисобгирӣ ҳисоби ҳисобҳои объектҳои нави баҳисобгирӣ ва ҳисобҳои инъикоси маълумоти ғайримолиявӣ хеле васеъ мешавад. Воридкунии дукарата метавонад бо усулҳои алтернативии қайди муомилоти тиҷоратиро иваз карда шавад.

Аллакай имрӯз, менеҷерҳо барои идоракунии иқтисодиёти корхона маълумоти кофӣ надоранд, аз ин рӯ онҳо маълумоти алтернативӣ, нишондиҳандаҳои тағирёфтаро истифода мебаранд, аз қабили ҷадвалҳои мувозинатӣ (BSC), арзиши изофаи иқтисодӣ (EVA). Тамоюлкунунии рушди низоми намудҳои бо ҳам алоқаманди баҳисобгирӣ (баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент, оморӣ, андоз) дар заминаи истифодаи технологияҳои инноватсионии рақамӣ, ба андешаи мо, дар синтези онҳо, таъмини ҷараёни ҳамаҷонибаи иттилоот, аз ҷумла на танҳо маълумоти воқеии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин маълумоти нақшавӣ, пешгӯӣ, дурнамои таҳлилии баҳисобгирии

идоравӣ, ҳисобҳои андоз, маълумоти оморӣ, инчунин маълумоти берунии ғайримолиявие, ки баҳодиҳии сифати базаи муштариёнро дар бар мегиранд; роҳҳои амалӣ гардондани масъулияти иҷтимоӣ; роҳҳои пешгирии хатарҳои молиявӣ ва хавфҳои амнияти иқтисодӣ, арзёбии дараҷаи татбиқи технологияҳои каммасраф ва экологӣ ва дигар иттилооте, ки барои роҳбарият, сармоягузорон, кредиторон, контрагенттер ва умуман тиҷорат заруранд.

Мутобиқ гардонидани ҳамаи намудҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ самараи кори аудиторонеро, ки дурустии маълумотро тафтиш мекунанд ва на танҳо омилҳои беэътимоди ҳаёти молиявию иқтисодии субъекти хоҷагидор, балки омилҳоеро, ки барои истифодабарандагони ҳисобот арзиш надоранд, баланд мебардорад.

Ҳисоботи молиявӣ, инчунин таҳлилгароне, ки дар асоси натиҷаҳои таҳлили иттилооти гирифташуда ҳалли алтернативии вазифаҳои дар назди субъекти хоҷагидор гузошташударо пешниҳод мекунанд.

Тағйир додани маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ боиси тағирёбии ҳисобот, пайдоиши нишондиҳандаҳои нав мегардад, ки на танҳо фаъолияти молиявии ташкилот, балки масъулияти иҷтимоӣ ва экологӣ, идоракунии корпоративӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ инчунин мавҷудияти объектҳои ғайри молиявиро тавсиф мекунанд. Натиҷаи ҳисоботи ҳамгироишуда, ки бидуни он маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ пурра тафсир карда намешавад, бояд ба равиши ба муштарӣ нигаронидашуда асос ёфта, мутобиқсозии манфиатҳои корбаронро таъмин намояд.

Технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки ин корро ҳангоми дархост дар бораи маълумоти зарурии замонавӣ ва боэътимод барои ҳалли мушкилоти таъиншуда фавран анҷом диҳад. Дохил кардани маълумоти ғайримолиявӣ дар ҳисобот посух ба мушкилоти замон мебошад, ки субъекти хоҷагидор барои фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии худ, ки ба иқтисодиёти кишвар ва умуман ҷомеа таъсир мерасонад, масъулиятро ба дӯш мегирад. Бояд қайд намуд, ки дар сатҳи эътимод ба он мушкилот ба миён меоянд, зеро стандартҳои ягонаи ташаккул ва ифшои иттилоот дар ҳисоботи ғайримолиявӣ вуҷуд надоранд.

Барои пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва ғайримолиявӣ дар формати интерактивии рақамӣ, истифодаи воситаҳои нави муосири ҷамъоварӣ, қайд ва коркарди иттилоот, ки имкон медиҳад, гуруҳбандӣ ва сохторбандии иттилоотро барои таҳлил ва қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ фароҳам оварад.

Дар солҳои охир интиқоли иттилооти молиявии баҳисобгирии муҳосибӣ тавассути забони тиҷоратии *XBRL (Xtensible Business Reporting Language)* васеъ паҳн шудааст. Алгоритми *XBRL* аз ташаккули таксономияҳои ба ном *XBRL* иборат аст, ки имкон медиҳад ба даст овардани маълумоти зарурии дахлдор, мутобиқсозии манфиатҳои гуруҳҳои гуногуни корбарон дар қисматҳои маълумоти таҳлилии барои онҳо заруриро таъмин намояд. Гузашта аз ин, корбарони ҳавасманд метавонанд мустақилона тамоми маълумоти заруриро дар ҳама гуна формати зарурӣ дастрас намуда, нишондиҳандаҳои стандартии ҳисоботиро васеъ намуда, равандҳои меҳнатталаби ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти иттилоотро истисно намуда, ба ин васила тамаркуз ба таҳлили иттилоотро ҷалб намоянд. Мо метавонем бигӯем, ки формати XBRL маҳсули нармафзори «ҳисоб ва назорат» буда, роҳбарони субъекти хоҷагидориро бо маълумоти зарурӣ таъмин менамояд. Бартариҳои асосии ҷорӣ намудани формати электронии пешниҳоди ҳисоботҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор тавассути забони фаъолияти соҳибкории *XBRL* иборатанд аз: баланд бардоштани сифати иттилооти пешниҳодшуда, кам кардани хароҷоти коркард ва таҳлили нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, кам кардани хатогиҳои техникӣ ва ҳисобкунӣ дар

ҳисобот, вале бартарии асосӣ ин формати ягонаи стандартӣ мебошад, ки барои истифодабарандагони манфиатдор мебошад.

Хулоса таҳқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад, чунин хулоса намоем, ки равандҳои кунунии ҷаҳонишавӣ ва рақамӣ тавсеа ёфта, барои субъектҳои хоҷагидор имкониятҳои амалан номаҳдуди истифодаи технологияҳои абрӣ, имкониятҳои зеҳни сунъӣ ва додаҳои бузургро дар фаъолияти амалии худ фароҳам меорад. Дар иқтисодиёти рақамӣ, пеш аз ҳама, бояд дар бораи тағироти куллӣ дар асосҳои консептуалии равишҳои назариявӣ ва методологии ташкили системаи ҳисобдорӣ, ки ба мо имкон медиҳад, ки мафҳуми «ҳисоб» бо маънои нав пур карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёти рақамӣ, низоми иттилоотии муосири технологӣ ва бисёрфункционалии рақамӣ ба таври динамикӣ инкишоф ёфта, имкониятҳои худро босуръат васеъ мекунанд. Аз ин ру, барои он, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва касби муҳосибӣ дар эконизоми нав «ҳал шавад» ба онҳо мазмуни нав дода, самтҳои асосии навсозии онҳоро муайян намуда, муносибатҳои назариявию методологиро ба сохтани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ тағир додан лозим аст.

Адабиёти истифодашуда:

1.Агеева, О. А. Трансформация методов бухгалтерского учета в условиях цифровой экономики // Экономика: вчера, сегодня, завтра. – 2020. - Т. 10, № 2А. – С. 241–248.

2.Булыга, Р. П., Сафонова, И. В. XBRL как цифровой формат отчетности экономических субъектов: // Учет. Анализ. Аудит. – 2020. – Т. 7,

3.Одинцова Т.М. Бухгалтерский учет в контексте вызовов цифровой экономики и информационного общества // Вестник ИПБ (Вестник профессиональных бухгалтеров), 2019, no. 3, с. 5-14.

4.Каспина, Р. Г., Самойлова, Н. О. Аудит нефинансовой информации // Учет. Анализ. Аудит. – 2020. - Т. 7, № 4. - С. 71-80.

5.Одинцова, Т. М., Рура, О. В. Развитие видов, объектов и методов бухгалтерского учета в условиях цифровой экономики и информационного общества // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки.- 2018.- Т.11,№ 4. -С. 120–131.

АЛИШОЕВ Х.Х. - дотсенти ДБССТ

СОҲИБКОРӢ ОМИЛИ ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ

Имрӯзҳо на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми сайёра мафҳуми умумии эътирофшудаи соҳибкорӣ вуҷуд надорад. Олими амрикоӣ, профессор Роберт Хизриҷ чунин мафҳуми Соҳибкориро муайян намудааст: “Соҳибкорӣ ҳамчун раванди эҷоди ягон моли наве ба ҳисоб меравад, ки дорои арзиш аст ва соҳибкор бошад ҳамчун шахсе, ки ҳамеша қувваи заруриро барои он сарф мекунад, тамоми хатарҳои молиявӣ, равонӣ ва иҷтимоиро ба дӯш мегирад, то ки дар ин ё он соҳа муваффақ бошад”.

Умуман, соҳибкорӣ як намуди махсуси фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад (бо он фаъолияти мақсаднокро дар назар дорем, ки ба гирифтани фоида нигаронида шудааст), ки ба ташаббуси мустақил, масъулият ва ақидаҳои инноватсионии соҳибкорӣ асос меёбад.

Дар шароити тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт Тоҷикистон низ ҳамқадами замон пеш рафта истода ба рушди иқтисод ва фаъолияти соҳибкорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Сараввал, фаъолияти соҳибкорӣ яке аз омилҳои асосии истеҳсолот ва баъдан самти асосии даромади буҷети

давлатӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҳамин сабаб аст, ки имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин самт таваҷҷуҳи хоса дода мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият ва мушкилоти иқтисодӣ ба фаъолияти нав шурӯъ кард, зеро тамоми соҳаи иқтисодиёт коста шуда буд ва онро пурра аз сари нав барқарор кард. Вобаста ба ин сабаб, истилоҳи соҳибкорӣ барои баъзе шаҳрвандони ҷумҳурӣ мафҳуми нав ба ҳисобӣ мерафт. Сарфи назар аз ин, дар 31 соли истиқлолият давлат дар ин самт дастовардҳои зиёде ба даст овард.

Барои мисол, дар мамлакат пас аз ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 80 фоизи аҳолӣ дар сатҳи камбизоатӣ қарор дошт ва ба ин хотир аввал мушкилоти паст кардани сатҳи камбизоатӣ, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва дигар масъалаҳои иқтисодӣ ҳаллу фасл карда шуданд.

Дар замони имрӯза дар мамлакат қисми зиёди соҳибкороне арзи вуҷуд доранд, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кор ва фаъолият менамоянд. Роҷеъ ба ин гуфтаҳо, рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат хеле муҳим арзёбӣ карда шуда барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат нақши калидӣ дорад.

Дар замони муосир ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди соҳибкории хурд аҳамияти ҷиддӣ дода, ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар ин бахши иқтисодиёт, аз ҷумла тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Соҳибкорӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта, ба ташаккули фазои рақобат, афзоиши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, тавсеаи соҳаи хизматрасонӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, ба иқтисодиёт суботи иловагӣ мебахшад.

Тавре маълум аст, барои рушди босуръати ин бахш барои фаъолияти соҳибкорӣ шароит ва замина фароҳам овардан зарур аст. Яке аз шартҳои асосии рушди муътадили фаъолияти соҳибкорӣ дастгирии мақсадноки иқтисодӣ аз ҷониби давлат ба ҳисоб меравад.

Чанд сол қабл ҳукумати ҷумҳурӣ ва бахусус бо кумак ва дастгирии асосгузори сулҳу миллӣ, пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои соҳибкорони ҷавон моратория эълон карда шуд. Маҳз ҳамин мораторияҳо ва дастгирӣ барои рушди ин соҳа заминаи мусбӣ эҷод намуд. Ғайр аз ин, дар мамлакат маркази дастгирии соҳибкорӣ амал мекунад, ки барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавсияҳои методӣ медиҳад ва рушди соҳаро таъмин менамояд. Инчунин сарвари давлат дар паёми худ ба маҷлиси олии кишвар қайд намуданд, ки : “Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд”. Маҳз чунин дастгириҳо ва имтиёзҳо омили пешрафти соҳа дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, низоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон қайд кард:

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат, ки ба ноил шудан ба рушди устувор ва дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ нигаронида шудаанд;

– инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, ки ба унсурҳои онҳо субъектҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ дохил мешаванд, фаъолияти онҳо аз ҷониби давлат ҳавасманд ва дастгирӣ карда мешавад.

Иқтисодиёти ҳар як кишвар аз сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, бекорӣ ва шуғл, рушди соҳибкорӣ, рушди иқтисодӣ ва ғайра вобаста аст. Соҳибкориро метавон муҳаррики иқтисоди муосир номид. Ин аст, ки рушди

соҳибкорӣ ба иқтисодиёт таъсири калон мерасонад. Яъне метавон гуфт, ки рушди иқтисод ва рушди соҳибкорӣ бо ҳам алоқамандии зиёд доранд.

Чи тавре, ки дар боло қайд карда шуд, соҳибкорӣ омили истеҳсолотест, ки боқимондаи омилҳоро идора мекунад ва онҳоро ба ҳам мепайвандад. Маҳз соҳибкорӣ ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунад, навоваріҳои технологӣ ҷорӣ мекунад ва дар ниҳоят ба афзоиши қудрати иқтисодии давлат мусоидат мекунад.

Яке аз вазифаҳои соҳибкор, ки ба ҳаёти иқтисодии кишвар таъсир мерасонад, дуруст гузоштани мақсадҳо, дарёфти захираҳои нодир ноил шудан ба онҳо, муттаҳид намудани саъю кӯшиши бисёр одамон барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоии барои ҷомеа муфид мебошад. Дар давлатҳои мутараққӣ мақомот кӯшиш ба харҷ медиҳанд то ҳамаи мушкилоти ҷойдошта, ки ба густариши васеи ташаббуси соҳибкорӣ халал мерасонанд бартараф карда шавад ва тамоми шароитро барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ муҳаё менамоянд.

Ҳангоми таъсиси тиҷорати худ соҳибкор бояд кӯшиш кунад, ки нуқтаи назари дурнамои мушкилоти иқтисодии минтақа ва тамоми кишварро инкишоф диҳад.

Принсипи асосии конститутсионӣ дар соҳаи иқтисодиёт принсипи озодии фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки тавассути призмаи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрванд амалӣ мегардад. Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад ба соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодии манънашуда машғул шавад.

Фаъолияти соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонае мебошад, ки бо таваккали худ анҷом дода мешавад ва ба гирифтани мунтазами фоида аз истифодаи амвол, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ аз ҷониби шахсоне, ки бо тартиби муқарраргардида ва тибқи қонун ба қайд гирифта шудаанд, равона карда шудааст.

Соҳибкории хурд омили фаъол дар бозори рақобат мебошад. Принсипи асосии соҳибкорӣ пайдо кардани ниёз ва қонеъ кардани он ба ҳисоб меравад.

Танзими ҳуқуқии рушди соҳибкориро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба танзим медароранд.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд шахсони воқеие шомил мешаванд, ки бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Тараққиёти корхонаҳои хурд аз ҳисоби имтиёзҳои андоз барои истеҳсоли маҳсулот ва хизмат, қарзҳои имтиёзнок, аз руи шартномаҳои лизинг додани тачҳизот ва дигар тадбирҳо ҳавасманд карда мешаванд.

Вазифаҳои муҳими ҳар як давлат таъсиси сохтори оптималии андозбандӣ, ноил шудан ба самаранокии баланди тамоми вазифаҳои андоз, риояи адолат дар андозбандӣ ва то ҳадди имкон бартараф кардани оқибатҳои таҳрифкунандаи андозҳо мебошад.

Барои ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути сиёсати андози давлат зарур аст, ки имтиёзҳои андози пешниҳодшуда ба меъёрҳои муайян, аз ҷумла бетараф будан нисбат ба самтҳои сармоягузории асосӣ, намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, категорияҳои андозсупорандагон ба роҳ монда шавад. Фоидаҳо бояд ба ҳавасмандгардонии марҳалаҳои ибтидоии процесси такрористехсолкунӣ — аз маблағгузориҳои асосӣ ба тадқиқоти асосӣ то маблағгузорӣ ба истеҳсолоти мавчуда равона карда шаванд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ба андешаи ман кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав нисбат ба таҳрирҳои пешина куллан фарқ намуда барои рушди иқтисодии мамлакат ва махсусан ба соҳибкорон дастгирии хуб арзёбӣ мегардад.

Дар таҳрири нави кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 01.01.22 мавриди истифода қарор дода шуд, шумораи андозҳо аз 10 номгуй ба 7 номгуй кам карда шуд,

ки нисбат ба солҳои қабли барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ сабукӣ овард. Шахсони воқеие, ки тибқи патент то соли 2021 фаъолият мекарданд наметавонистанд даромаде, ки дар муддати 12 моҳи тақвимӣ ба даст оранд зиёда аз 100 000 сомонро ташкил диҳад, вале дар таҳрири нави кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин намуд фаъолияти соҳибкорӣ имтиёзро дар даромади солонаи онҳо аз 100 000 сомон ба 200 000 сомон зиёд карда шуд, ки барои пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ такони ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Ин метавонад омиле бошад, ки барои рушди соҳибкорӣ ва пешбурди он заминаи асосӣ гузошта дар оянда рушди минбаъдаи соҳаро таъмин намояд.

Дар низоми андозбандӣ соҳибкороне ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд дар таҳрири нави кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андоз барои соҳибкороне, ки ба истеҳсоли молу маҳсулот машғуланд 5% муқарар карда шуда буд, аммо дар таҳрири нави кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёр ба 6% расонида шудааст.

Ин ва дигар имтиёзҳо, ки дар дар таҳрири нави кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст метавонад барои рушди иқтисоди кишвар ва пешрафти сатҳи зиндагии аҳолӣ саҳмгузор бошад.

Дар фарҷоми сухан, қайд намудан ба маврид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола барои рушди соҳибкорӣ дар тамоми соҳаҳои дахлдор қарорҳои махсус қабул намуда имтиёзҳои бебаҳоро пешниҳод менамояд. Соҳибкоронро зарур аст, ки аз имтиёзҳои пешниҳод намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдор истифода намуда фаъолияти худро дар соҳаҳои гуногун ҷоннок намуда баҳри таъмини талаботи аҳолӣ бо молҳои сифатнок ва рақобатпазир саҳмгузор бошанд.

Руйхати адабиётҳои истифодашуда:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»..

2. Асаул, А.Н. Организация предпринимательской деятельности / А.Н. Асаул. - М.: Питер, 2016. - 232 с.

3. Бараненко, С. П. Основы предпринимательства / С.П. Бараненко, М.Н. Дудин, Н.В. Лясников. - М.: Центрполиграф, 2016. - 192 с.

4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав. Душанбе 2022.

РАҲИМОВ А.А. - омӯзгори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, тел.: 555 555 499; Email: asror_26@mail.ru

РУШДИ ИЛМИ МУОСИР, ҲАМЧУН ТАНЗИМКУНАНДАИ СИЁСАТИ ИННОВАТСИОНӢ

Муҳимияти рушди сиёсати инноватсионии минтақа дар он аст, ки имрӯз аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва собит шудааст, ки баробари афзоиши сиёсати инноватсионии минтақа маҳсулоти нави инноватсионӣ ба вуҷуд омада, ҷойҳои нави корӣ ва бозорҳои нави маҳсулоти инноватсионӣ пайдо мешаванд. Дар маҷмӯъ, сатҳи баланди сиёсати инноватсионӣ гарави рушди устувори иқтисодии минтақа буда, ба беҳтар шудани сатҳи иҷтимоию иқтисодии аҳолии кишвар мусоидат мекунад. Инчунин, рушди

сиёсати инноватсионии минтақавӣ ба баланд шудани сатҳи тавонмандиҳои инноватсионии кишвар мусоидат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки иқтисодиёти кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии пешрафта, ки ба инноватсия нигаронида шудаанд, системаи муносибатҳои илм, истеҳсолот ва ҷомеаро ташкил медиҳанд, ки дар он инноватсия асоси рушди саноат ва иқтисодиёт хизмат мекунад ва дар навбати худ ба инкишофи инноватсионӣ мусоидат намуда, самтҳои он ва бо ҳамин самтҳои муҳимтарини фаъолияти илмиро муайян мекунанд.

Сиёсати давлатии инноватсиониро қонунгузорӣ дар соҳаи илм ва техника муқаррар менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии рушди соҳаи зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» қабул шудааст.

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун дастурамал нақшаи чорабиниҳо барои ҳамаи мақомоти давлатӣ ва нақшаи чорабиниҳои индикативӣ барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки аз рӯи он кӯмаки техникӣ ва молиявӣ расонида мешавад. Таъмини тараққиёти устувори мамлакат интихоби принципҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки асосии тараққиёти минбаъдаи хоҷагии халқ ва ҷамъиятро дарбар мегирад. Равиши систематикӣ ба таҳияи СМР-2030 ба се принсипи асосии рушди оянда асос ёфтааст:

(1) коҳиш додани осебпазирии рушди оянда;

(2) индустрикунонӣ ё баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ;

(3) навоварӣ ё рушд дар асоси навоварӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар.

Дар баробари стратегияҳои қайдгардида, бо мақсади танзими соҳаи инноватсионӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (№ 822 аз 16 апрели соли 2012), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» (№ 629 аз 21 июли соли 2010) ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Дар “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2012”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 354 аз 30 майи соли 2015) тасдиқ шудааст, ки дар онҳо вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат муайян карда шудаанд. Сиёсати инноватсионии Тоҷикистон дар асоси “Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020”, ки мутобиқи моддаҳои 8 ва 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» таҳия шудааст амалӣ мегардад. Стратегия ба рафъи мушкилоте, ки дар назди давлат ва ҷомеа дар соҳаи рушди инноватсионӣ истодаанд, муайян намудани ҳадафҳо, афзалиятҳо ва воситаҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ равона карда шудааст. Ҳамзамон, Стратегия дастурҳои дарозмуддати рушди субъектҳои инноватсия, инчунин роҳнамо оид ба маблағгузории бахши илми фундаменталӣ ва амалӣ ва дастгирии тиҷоратикунонии дастовардҳои илмиро муқаррар мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки муҳимтарин воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии давлатӣ ва рушди илм маблағгузорӣ мебошад. Ҳар як давлат сиёсати молиявии худро дар асоси манфиатҳои миллии худ бо назардошти як қатор омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ амалӣ менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаъҳои асосии сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ;

- Маблағҳои буҷети давлатӣ;
- Маблағҳои буҷетҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- Фондҳои ғайрибуҷетӣ;
- Маблағҳои худии корхонаю хоҷагиҳо;
- Маблағҳои аҳолӣ;
- Маблағҳои ташкилотҳо ва давлатҳои хориҷӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки дар байни манбаъҳои мавҷудаи маб-лағгузорӣ барои тадқиқотҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло буҷети давлатӣ ҷои аввалро ишғол мекунад, ки ба 99,07% баробар аст. Ҳиссаи маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва маблағҳои хориҷӣ ҳамагӣ 0,93 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ҷадвали 2.1.1 хароҷоти буҷети давлатӣ барои рушди илм оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.1.1. Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм дар солҳои 2000-2023, ҳаз. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	*2000*	*2005*	*2010*	*2015*	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*
Ҳамагӣ	1155,8	7663,3	27581,4	52890,7	82820,4	99690,7	119586,7	143510,9
Афзоиш нисбат ба соли 2000, мар.	100,0	6,6	23,9	45,8	71,7	86,3	103,5	124,2
Нисбат ба ММД, %	0.0007	0,1068	0,1117	0,1038	0,0986	0,1008	0.1033	0,1094

Сарчашма:Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.13-72 . Ҳисобот Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Соҳои мухталиф. –С.523; 653; 700; 715.

Аз рақамҳои ҷадвали 2.1.1 бармеояд, ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи илм тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2023 нисбат ба соли 2000-ум 124,2 маротиба афзуда бошад ҳам, вале ҳиссаи он дар ММД аз 0,1094 (с.2023) зиёд нест. Тибқи СМР-2030 дар соли 2020 маблағгузории соҳаи илм бояд на кам аз 0,8% ва дар соли 2025 на кам аз 1,2 фоизро ташкил намояд.[133]

Бояд гуфт, ки муҳимтарин нишондиҳандаи захираҳои молиявии тадқиқоти илмӣ хароҷотҳои тадқиқотӣ ва конструкторӣ мебошад. Дар баробари ин дар амалия ба баҳисобгирии хароҷоти дохилии илмӣ-тадқиқотӣ, ки аз тарафи ташкилотҳо дар худи корхона иҷро карда мешаванд, диққати махсус дода намешавад. Бояд гуфт, ки хароҷоти умумии соҳаи илм дар сохтори иқтисодиёти кишвар ба хароҷоти дохилии амалиёт (маош, саҳмҳои таъминоти иҷтимоӣ, хароҷоти таҷҳизот ва диг.) ва хароҷоти берунии тадқиқот тақсим мешавад.

Дар баробари ин, сарфи назар аз таваҷҷуҳи вижаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳавасмандгардонии молиявии инноватсия, имрӯз хароҷоти дохилӣ барои корҳои тадқиқотӣ ва конструкторӣ хеле паст боқӣ монда, 0,085 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро (ММД) ташкил медиҳад ва тибқи маълумоти ташкилотхои байналхалкӣ 0,09 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳоле ки дар кишварҳои пешрафта онҳо дар ҳудуди 1-3% ММД мебошанд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои тараққикарда дар соҳаи корҳои инноватсионӣ ва бо мақсади таҳкими иқтидори инноватсионии кишвар тадриҷан зиёд намудани хароҷоти сармоягузорӣ дар соҳаи корҳои илмию техникии кишвар то 1% ММД
(қариб 484 млн сомонӣ) аҳамияти махсус дорад. Ҳалли ин мушкилот имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи сиёсати инноватсионии кишвар баланд гардад, балки иқтисодиёти инноватсионӣ ташаккул ёбад.

[133] Стратегияи миллии Рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2030. ЉДММ «Контраст». 2016.-С.84

Омили дигари муҳиме, ки ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ мешавад, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони илмӣ мебошад. Барои пурра ошкор намудани ин проблема мо музди миёнаи моҳонаи коркунони институтҳои илмӣ-тадқиқотиро дар солҳои 2019-2023 мавриди таҳлил қарор додем (ҷадвали 2.1.2).

Ҷадвали 2.1.2. Муқоисаи музди миёнаи маоши моҳонаи коркунони муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат миёнаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2019-2023.

Нишондиҳандаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2023/2019,%
Музди миёна дар ҷумҳурӣ, сомонӣ	1335,52	1393,78	1540,84	1760,29	2108,26	157,9
Муассисаҳои илмӣ	1485	1707	2438	2438	2438,0	164,2
Афзоиш нисбат ба соли 2019,%	100,0	114,9	164,2	164,2	164,2	64,2
Нисбат ба музди миёна,%	111,2	122,5	158,2	138,8	115,6	+4,4

Сарчашма:Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.13-72

Сатҳи пасти музди меҳнат ба коркунони институтхои илмӣ-тадқиқотӣ имкон намедиҳад, ки барои рушд намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳавасманд бошанд. Бояд гуфт, ки захираҳои инсонӣ дар таъмини рушди устувори сиёсати инноватсионии кишвар нақши муҳим доранд. Сатҳи сиёсати инноватсионии кишвар бештар аз сатҳи захираҳои инсонии он вобаста аст.

Омили навбатии муҳиме, ки ба рушди сиёсати инноватсионии кишвар монеъ мешавад, мавҷуд набудани механизми возеҳи дастгирии давлатии рушди илм ва истифодаи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот мебошад. Барои ҳалли ин мушкилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ қабул карда шуданд, ки ба дастгирии фаъолияти инноватсионӣ нигаронида шудаанд. Дар байни онҳо “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” (аз 30 апрели соли 2011 № 227) мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Аммо тадбирҳои андешидаи ҳукумати кишвар дар иҷрои он нокифоя мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар баробари омилҳои дар боло зикршуда ба рушди илм, ҷун қисми таркибии сиёсати инноватсионии кишвар, омилҳои дигари ба ин вазъ мусоидаткунанда, аз қабили сатҳи пасти фарҳанги инноватсионии аҳолии кишвар, суст инкишоф ёфтани инфрасохтори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Рушди инноватсияро бе афзоиши шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд таъмин намудан ғайриимкон аст. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ин нишондиҳанда дар солҳои охир нисбат ба соли 2000-ум 42,1% афзудааст. Агар дар соли 2000-ум адади ин муассисаҳо ба 57 баробар бошад, пас дар соли 2023 он ба 81 адад расидааст (ҷадвали 2.1.4).

Ҷадвали 2.1.4. Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд

	2000	*2005*	*2010*	*2015*	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**57**	**57**	**56**	**66**	**82**	**81**	**80**	**80**
ш. Душанбе	42	44	42	51	66	66	66	66
Вилояти Суғд	8	6	5	6	7	5	5	5
Вилояти Хатлон	2	2	5	4	4	6	5	5

ВМКБ	3	3	3	3	3	3	3	3
НТҶ	2	2	1	2	2	1	1	1

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.68.

Чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвали 2.1.4 бармеояд шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, 66 ададашон, ё 81,5% дар ш. Душанбе, 6 адад, ё 7,4% дар вилояти Хатлон, 5 адад, ё 6,2% дар вилояти Суғд, 3 адад, ё 3,7 % дар ВМКБ ва 1 адад, ё 1,2% дар НТҶ ҷой гирифтаанд. Ин шумора дар вилояти Суғд ва НТҶ нисбат ба соли 2000 мутаносибан 3 ва 1 адад коҳиш ёфта, дар ш.Душанбе 24 адад афзудааст.[2]

Дар сиёсати давлатии инноватсионӣ тарбияи олимон мавқеъи муҳим дорад, зеро дастовардҳои инноватсионӣ аз фаъолияти аспирантура ва докторантураҳо вобаста аст Маҳз онҳо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо мутахассисон таъмин менамоянд.

Таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки сол аз сол шумораи қабул ва хатми аспирантон тамоюли коҳишёбиро касб намудааст, ки падидаи бад буда, оиди ҳавасмандии пасти рағбати ҷавонон ба омӯзиши илм ба ҳисоб меравад. Дар солҳои зери таҳқиқот қароргирифта шумораи қабул ва хатми аспирантҳо хеле коҳиш ёфтааст (ҷадвали 2.1.7).

Ҷадвали 2.1.7. Шумора, қабул ва хатми аспирантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023, нафар

	2000	*2005*	*2010*	*2015*	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*
Ҷамъи аспирантҳо (дар охири сол)	839	980	1553	1672	339	219	142	173
Афзоиш нисбат ба соли 2000,%	100,0	116,8	185,1	199,3	40,4	26,1	16,9	20,6
аз онҳо занҳо	326	351	509	650	107	64	52	71
Афзоиш нисбат ба соли 2000,%	100,0	107,7	156,1	199,4	32,8	19,6	16,0	21,8
Аз он ҷумла таълим гирифтаанд:								
аз истеҳсолот ҷудо шуда	437	536	785	818	99	36	34	31
Афзоиш нисбат ба соли 2000,%	100,0	122,7	179,6	187,2	22,7	8,2	7,8	7,1
аз истеҳсолот ҷудо нашуда	402	444	768	854	240	183	108	142
Афзоиш нисбат ба соли 2000,%	100,0	110,4	191,0	212,4	59,7	45,5	26,9	35,3

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.13-72

Рақамҳои ҷадвали 2.1.7 аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шумораи аспирантҳо то солҳои 2015 нисбат ба соли 2000-ум дар умум 99,3% афзуда, сипас солҳои минбаъда бо суръати баланд коҳиш ёфта дар соли

2023 то 20,6 фоизи соли 2000 расидааст. Аз ҷумла шумораи занҳои ба аспирантура ҷалбшуда низ то 21,8% соли 2000 паст фаромадааст. Аз 839 нафар аспирантони соли 2000-ум 326 нафар, ё 38,9 % занҳо бошанд, пас аз 173 нафари дар соли 2023 ба аспирантура дохилшуда 71 нафар, ё 41,0%-и онҳо занҳо мебошанд, ки афзоиши рағбати занҳоро ба илм нисбат ба мардон нишон медиҳад. Вазъи молиявии

довталабон ба аспирантура имконият намедиҳад, ки онҳо таҳсилро ҷудо аз истеҳсолот амалӣ намоянд. Бештар аз 82,1%-и довталабон таҳсилро ғоибона амалӣ менамоянд.

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки аксари аспирантон пас аз дохил шудан таҳсилро дар аспирантура ба охир нарасонида онро тарк менамоянд. Аз шумораи қабулшудагон танҳо 26,1%-ашон аспирантураро хатм намудаанд (ҷадвали 2.1.8)

Ҷадвали 2.1.8. Шумора, қабул ва хатми аспирантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023, нафар

Нишондиҳандаҳо	*2000*	*2005*	*2010*	*2015*	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*	*ба ҳисоби миёна*
Ҷамъи аспирантҳо (дар охири сол)	839	980	1553	1672	339	219	142	173	739,6
аз онҳо занҳо	326	351	509	650	107	64	52	71	266,3
Ҳамагӣ аспирантураро хатм карданд	206	204	287	414	360	170	39	17	212,1
Ҳисса аз дохилшудагон,%	24,6	20,8	18,4	24,8	106,2	77,6	27,7	9,8	28,7
аз онҳо занҳо	66	80	97	129	130	47	7	-	69,5
Ҳисса аз дохилшудагон,%	20,2	22,8	14,9	19,8	121,5	73,4	13,5	-	26,1

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.13-72

---

[2]Омори солонаи ш. Душанбе. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. – 2024. – 68 с.

Чуноне, ки таҳлил собит намуд ба ҳисоби миёна дар ин солҳо танҳо 28,7 %-и аспирантони дохилшуда онро хатм намудаанд. Аз ҷумла 26,1%-и занҳои ба аспирантура дохилшуда тавонистанд аспирантураро хатм намоянд. Бинобар набудани нишондиҳандаҳои оморӣ мо натавонистем аз ин шумора чанд нафар рисолаҳои илмиашонро дифоъ намудаанд муайян намоем.

Нишондиҳандаи дигаре, ки сиёсатии инноватсиониро тавсиф менамояд шумораи аспирантон дар соҳаҳои ҷудогонаи илм ба ҳисоб меравад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар солҳои охир қабули довталабон ба соҳаҳои физикаю-метематика, кимиё, биология, геологияи минералӣ, техникӣ, кишоварзӣ, фалсафа, ҷуғрофия, байторӣ, омӯзгорӣ, санъатшиносӣ, равоншиносӣ, иҷтимоиёт, меъморӣ, сиёсӣ ва илм дар бораи замин қариб ба нестӣ расидааст, ҳол он ки дар рушди илми ин соҳаҳо мутахассисони варзида намерасанд.

Ҳамин тавр, ба ҳолати муосири рушди илм, чун қисми таркибии сиёсати инноватсионӣ баҳо дода чунин хулосабандӣ намудан мумукин аст.

1. Барои рушди илм, чун ҷузъи таркибии сиёсати инноватсионӣ санадҳои ҳуқуқию танзимкунанда таҳия ва қабул гардидаанд. Ба инҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ», “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2012”, “Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020” СМР-2030 шомил мешаванд, ки стратегия ба рафъи мушкилоте, ки дар назди давлат ва ҷомеа дар соҳаи рушди инноватсионӣ

истодаанд, муайян намуда, ҳадафҳо, афзалиятҳо ва воситаҳои сиёсати давлатии инноватсионӣро нишон медиҳанд.

2. Мутаассифона, маблағгузории бахши илм дар давоми солҳои охир аз 0,1 фоизи ММД боло нарафтааст, ки омили асосии иҷро нагардидани баномаҳои стратегӣ мебошанд. Зеро, тибқи СМР-2030 дар соли 2020 маблағгузории соҳаи илм бояд на кам аз 0,8% ва дар соли 2025 на кам аз 1,2 фоизро ташкил намояд.

3. Новобаста аз он ки солҳои охир музди моҳонаи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ борҳо баланд бардошта шуда бошанд ҳам, вале он дар сатҳи маоши миёнаи соҳаҳои иқтисодии кишвар боқи мемонад, ки ҳавасмандии ҷалби мутахассисонро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ коста мегардонад.

4. Афзоиши шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро нисбат ба соли 2000-ум 42,1% афзуда бошад ҳам, вале 81,5% дар ш. Душанбе қарор дошта, дар минтақаҳо шумораи онҳо кам боқӣ мемонад.

5. Шумораи қабули ҷавонон ба аспирантура, докторантура дар солҳои охир ниҳоят зиёд коҳиш ёфта, аз паст шудани ҳавасмандии ҷавонон ба илм дарак медиҳад. Вазъи молиявии довталабон ба аспирантура имконият намедиҳад, ки онҳо таҳсилро ҷудо аз истеҳсолот амалӣ намоянд. Бештар аз 82,1%-и довталабон таҳсилро ғоибона амалӣ менамоянд.

Аз шумораи қабулшудагон танҳо 28,7%-ашон аспирантураро хатм намудаанд. Солҳои охир қабули довталабон ба соҳаҳои физикаю-метематика, кимиё, биология, геологияи минералӣ, техникӣ, кишоварзӣ, фалсафа, ҷуғрофия, байторӣ, омӯзгорӣ, санъатшиносӣ, равоншиносӣ, иҷтимоиёт, меъморӣ, сиёсӣ ва илм дар бораи замин қариб ба нестӣ расидааст, ҳол он ки дар рушди илми ин соҳаҳо мутахассисони варзида намерасанд.

Ҳиссаи ҷавонони то 27 сола, ки дар аспирантура мехонанд мунтазам коҳиш ёфта, соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 30,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Бояд гуфт, ки сарфи назар аз мубрам будани ин проблема, вазъи кунунии рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи нокифоя будани сатҳи рушди сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мушкилоти ҷиддӣ дучор мешавад. Дараҷаи пасти сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба назари мо, яке аз сабабҳои асосии монеъ шудан ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи стратегияи интихобшудаи рушди инноватсионӣ мебошад. Аз ин рӯ, мушкилоти ташаккул ва рушди сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бояд самти афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ гардад. Ҳалли проблемаи паст будани сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба андешаи мо, гарави ташкили иқтисодиёт асосёфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлили амиқи илмии моҳият ва мазмуни консепсияи сиёсати инноватсионии системаи иқтисодии минтақавӣ, инчунин механизмҳои ташаккул ва рушди он дар шароити Тоҷикистони муосир мубрамияти мавзӯи интихобшударо нишон медиҳад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Стратегияи милли Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016. – 88 с.

2. Омори солонаи ш. Душанбе. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе. – 2024. – 68 с.

3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – 413с.

4. Отчет «О деятельности национальной Академии наук Таджикистана в 2023 году. – Душанбе, ИУ «Дониш» НАНТ. - 985с.

5. Инвестиционные проекты Республики Таджикистан. B2b.tj. [Электронный ресурс].URL: https://b2b.tj/ru/businessguide/investmentprojectsdetails/6c2f3801-ea26-4d0d-bc97-e8fe9136862e.

6. Кобышев А.Н. Управление инновационными проектами. Innovbusiness.ru. [Электронный ресурс]. URL: http://innovbusiness.ru/content/document_r_0AFD1368-94B2-423E-BA0A-DEF99A6C416F.html.

ШОҲЗОДА НАЗИРА ИЗАТУЛЛО - докторанти PhD, ходими калони илмии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон ш. Душанбе (+992) 943 22 92 92,885 59 92 92 Email: nazirashohzoda@mail.ru.

РАЗРАБОТКА ФОРМ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ДЛЯ ПОДДЕРЖКИ ИННОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В СФЕРЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ

Важным аспектом развития рынка экологических услуг является создание эффективных механизмов государственного регулирования, направленных на привлечение иностранного капитала. Эффективная инвестиционная поддержка со стороны государства может способствовать развитию экологических инициатив, обеспечивая тем самым устойчивый рост данной сферы. Это включает в себя разработку специализированных моделей и стратегий, которые соответствуют международным стандартам и могут заинтересовать зарубежных инвесторов.

Кроме того, важно учитывать разнообразие форм государственного участия в регулировании, что позволит создать благоприятные условия для наращивания инвестиционного потенциала в области защиты окружающей среды. Комплексный подход к регулированию инвестиционной деятельности с учетом экологических приоритетов станет ключевым фактором успешного формирования рынка экологических услуг и привлечения международных ресурсов для реализации устойчивых проектов.

В современных условиях основной целью социального прогресса стало обеспечение высокого качества жизни населения, что включает как удовлетворение экономических и социальных потребностей, так и создание экологически чистой среды. Реализовать эту цель можно в рамках концепции устойчивого развития, которая охватывает не только экономический, но и социальный и экологический аспекты.

В современном мире проблема охраны окружающей среды и рационального использования природных ресурсов привлекает внимание государств, международных организаций и компаний. Республика Таджикистан, обладая значительным природным потенциалом и уникальными экосистемами, уделяет особое внимание развитию экологически чистых услуг. Для достижения этой цели ключевую роль играют иностранные инвестиции, государственное регулирование и поддержка данного процесса[1].

В Республике Таджикистан, обладающей богатыми водными ресурсами, растениями и животными, развитие экологических услуг может иметь стратегическое значение как для национальной экономики, так и для обеспечения устойчивости

экосистем. Однако эта отрасль нуждается в крупных финансовых вложениях, которые могут быть обеспечены за счет иностранных инвестиций.

Государственное регулирование иностранных инвестиций в Республике Таджикистан осуществляется посредством ряда видов, таких как правовое, экономическое и административное. Эти виды регулирования определяются на основе национального законодательства, государственных стратегий и международных соглашений, а их целью является обеспечение благоприятной среды для инвестиций, защита национальных и экономических интересов, привлечение инвесторов в приоритетные сферы.

Одним из стратегических направлений обеспечения устойчивого социально-экологического и экономического развития является поддержка и развитие рынка экологических услуг, включающего производство и реализацию продукции, работ и услуг, направленных на предотвращение или снижение ущерба окружающей среде и здоровью населения. в Республике Таджикистан [2].

В современных условиях первостепенное внимание уделяется вопросам государственного регулирования иностранных инвестиций для развития рынка экологических услуг в Республике Таджикистан, как на макроэкономическом, так и на микроэкономическом уровне.

Государственное регулирование инвестиций обеспечивает создание реальных инвестиционных возможностей и условий, развивает активное участие частного сектора и государства на инвестиционном рынке и мотивирует его субъектов.

Государственное регулирование инвестиций – это комплекс мер, принимаемых государством по управлению инвестиционной деятельностью, по формированию государственного регулирования инвестиций в целях создания благоприятных условий для интенсификации процесса государственного регулирования иностранных инвестиций.

Для разработки теории государственного регулирования поддержки иностранных инвестиций в сфере экологических услуг в Республике Таджикистан необходимо учитывать несколько важных факторов:

1.Создание благоприятной среды для инвестиций. Для привлечения иностранных инвесторов важно, чтобы инвестиционный климат в стране был благоприятным и стабильным. Этому можно способствовать путем создания четких законов и правил, защищающих права инвесторов. Кроме того, процесс лицензирования и оформления инвестиций должен быть простым и эффективным.

2. Организация механизмов стимулирования. Государство может поддерживать иностранные инвестиции в экологические услуги с помощью различных механизмов стимулирования, включая налоговые льготы, кредиты под низкие проценты и государственные инвестиционные гарантии.

3. Обеспечение стабильности и прозрачности. Важно, чтобы государственная политика поддержки иностранных инвестиций была стабильной и прозрачной. Это означает, что правила и законодательство не должны часто меняться, а все процессы должны быть понятными и доступными для инвесторов и других заинтересованных сторон.

4. Развитие инфраструктуры. Для развития рынка экологических услуг необходимо иметь необходимую инфраструктуру, в том числе юридическую, финансовую и техническую. Также важно, что государство Таджикистан уделяет серьезное внимание подготовке и повышению уровня специализации кадров в этой сфере.

5.Международное сотрудничество. Таджикистан может использовать опыт других стран в сфере государственного регулирования поддержки иностранных инвестиций на рынке экологических услуг. Также международное сотрудничество может помочь привлечь иностранные инвестиции и реализовать совместные проекты.

6. Мониторинг и оценка воздействия. Для обеспечения эффективности мер поддержки необходимо регулярно отслеживать и оценивать их результаты и воздействие. Это позволяет адаптировать стратегии и политику поддержки и повысить их эффективность [3].

В целом формирование форм государственного регулирования поддержки иностранных инвестиций в сфере экологических услуг в Таджикистане требует от государства реализации ряда комплексных мер и политики, которые будут способствовать развитию данной отрасли.

Основной целью государственного инвестиционного регулирования является создание благоприятных условий для развития рынка экологических услуг и инвестиционного процесса.

На рисунке 1 показаны основные виды государственного регулирования иностранных инвестиций в Республике Таджикистан:



Рисунок 1. Виды государственного регулирования иностранных инвестиций [4].

Законодательство является одним из важнейших средств государственного регулирования иностранных инвестиций, обеспечивающим правовую и организационную основу деятельности инвесторов. В Республике Таджикистан действует несколько законов и нормативных правовых актов, определяющих правовые условия инвестирования:

- Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях»: Этот закон определяет основные принципы инвестирования, права и обязанности инвесторов, их правовые гарантии и условия предоставления специальных льгот.

- Закон Республики Таджикистан «О партнерстве между государством и частным сектором»: Этот закон регулирует сотрудничество государства с частным сектором и инвесторами в инфраструктурной и экологической сферах.

➢ Законы, связанные с налогообложением и таможней. В Налоговом кодексе, Таможенном кодексе и других нормативно-правовых актах, регулирующих налоги и таможенные тарифы, предусмотрены льготные условия для иностранных инвесторов.

Административное регулирование относится к процессам управления, лицензированию и другим административным действиям, влияющим на деятельность инвесторов. Основными видами административного регулирования в Республике Таджикистан являются:

✓ Лицензирование и регистрация. Чтобы инвестировать в различные отрасли, инвесторы должны получить соответствующие лицензии и сертификаты, которые регулируются соответствующими органами.

✓ Система мониторинга и отчетности. Государство контролирует и контролирует процесс реализации инвестиционных проектов на предмет соответствия национальным стандартам и требованиям.

✓ Работа по принципу «единого окна». В целях упрощения административных процедур и сокращения бюрократических препон в Республике Таджикистана создано «единое окно» для регистрации инвесторов и доступа к государственным услугам, что предоставляет хорошие возможности для иностранных инвесторов.

Экономическое регулирование осуществляется для поощрения инвесторов путем предоставления стимулов и финансовой поддержки. Основными видами экономического регулирования в Республике Таджикистан являются:

✓ налоговые льготы. Предлагая льготы в виде более низких налогов, освобождая инвесторов от уплаты определенных налогов на определенный период или предоставляя льготы в свободных экономических зонах.

✓ финансовая поддержка и льготные кредиты. Предоставление льготных кредитов, субсидий или грантов для инвестиций в приоритетные направления, включая экологические услуги.

✓ образование свободных экономических зон. В Республике Таджикистан действуют несколько свободных экономических зон, где для иностранных инвесторов предусмотрены специальные льготы, направленные на создание благоприятных инвестиционных условий и привлечение иностранных инвесторов [7].

Договорное регулирование основывается на условиях соглашений и контрактов с иностранными инвесторами и определяет действующие правила взаимодействия с инвестиционными субъектами. Регулирование контрактов осуществляется посредством следующих систем:

1. Двусторонние соглашения о защите и поддержке инвестиций. Республика Таджикистан заключила двусторонние соглашения с рядом стран, которые обеспечивают защиту прав инвесторов и обеспечивают соответствующие условия для привлечения иностранных инвесторов.

2. Международные соглашения. Став членом международных организаций и приняв международные соглашения, Республика Таджикистан может добиться новых условий для инвестиций и международной поддержки.

Регулирование государственной политики осуществляется посредством разработки государственных стратегий и программ, направленных на развитие приоритетных направлений, в том числе рынка экологических услуг. Данный вид регулирования включает в себя следующие системы:

Стратегии устойчивого развития. В рамках государственной политики разрабатываются стратегии по привлечению иностранных инвестиций в важные экономические и социальные сферы, включая экологию. Стратегия развития «зеленой» экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы принята постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 сентября 2022 года

№482. Целью данной Стратегии является проведение институциональных реформ, обеспечение эффективного использования природного капитала, привлечение инвестиций, внедрение современных и инновационных технологий, а также укрепление международного сотрудничества в направлении устойчивого развития и зеленой экономики.

Программы государственной поддержки. Специальные программы и проекты, финансируемые государством или поддерживаемые международными организациями, призваны способствовать привлечению иностранных инвестиций и развитию соответствующих отраслей. Например, «Программа государственной поддержки и развития частного сектора в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы» была принята Правительством Республики Таджикистан в целях обеспечения дальнейшего развития частного сектора, улучшения окружающей среды. для бизнеса и инвестиций, а также создают благоприятные условия деятельности для субъектов предпринимательства и ориентированы на иностранных инвесторов [6].

Виды государственного регулирования иностранных инвестиций в Республике Таджикистан включают в себя различные правовые, экономические и административные инструменты, все из которых направлены на одну цель – привлечение иностранных инвестиций и устойчивое экономическое развитие. Внедряя современные методы регулирования, Республика Таджикистан может привлечь больше иностранных инвесторов и обеспечить развитие рынка экологических услуг.

Для привлечения инвесторов на рынок экологических услуг необходимо разработать и внедрить комплексные механизмы государственного регулирования инвестиционной поддержки. Эти механизмы должны включать следующие приоритеты:

1. Прозрачность и полезность. Создание бизнес-среды, в которой инвесторы могут беспрепятственно и уверенно способствовать развитию экологических услуг.

2. Лицензирование и авторизация. Создание системы, упрощающей процессы разрешения и утверждения проектов и их реализации, а также способствующей привлечению иностранных инвесторов.

3. Налоговые и финансовые льготы. Предоставление налоговых льгот в виде налоговых льгот или предоставления льготных кредитов иностранным инвесторам.

4.Необходимое оборудование и инфраструктура. Развитие современной инфраструктуры, необходимой для эффективной работы инвесторов, такой как дороги, энергетические сети и т.д.

В заключение следует отметить, что развитие рынка экологических услуг в Республике Таджикистан зависит от расширения иностранных инвестиций и укрепления сотрудничества с иностранными инвесторами. В целях привлечения иностранных инвесторов и создания благоприятных условий для развития данной отрасли необходимо разработать и внедрить методы поддержки инвестиций.

Также иностранная инвестиционная поддержка развития рынка экологических услуг в Республике Таджикистан должна осуществляться рядом способов, включая налоговые льготы, финансовую поддержку, сотрудничество с международными организациями, внедрение прозрачной разрешительной системы, развитие кадров.

Благодаря этим мерам Республика Таджикистан сможет создать благоприятные условия для инвесторов и способствовать устойчивому развитию рынка экологических услуг.

Литература

1.Голещихин О.С. Прямые иностранные инвестиции и экономическое развитие // Российское предпринимательство. – 2012. - №24. – С.21-26.

2.Валиуллин Х.Х., Шакирова Э.Р. Неоднородность инвестиционного пространства Россия: региональный аспект // Проблемы прогнозирования. – 2011. - №1. – С.157-165.

3. Дамианова А., Гуттиэрез Э., Левитанская Е., Минасян Г., Немова В., «Зеленое финансирование» в России: создание возможностей для «зеленых» инвестиций. Аналитическая записка Всемирного Банка 2018 г. Режим доступа: http://documents1.worldbank.org/curated/en

4.Зелёная экономика и цели устойчивого развития для России: коллективная монография / под науч. ред. С.Н. Бобылёва, П.А. Кирюшина, О.В. Кудрявцевой. - М.: Экономический факультет МГУ имени М.В. Ломоносова, 2019. - 284 с. [Электронный ресурс], режим доступа: https://www.econ.msu.ru/sys/raw.php?o=61 179&p=attachment. Спиридонова А.В. Экологическое инвестирование в Российской Федерации: теоретико-правовой подход // Вестник ЮУрГУ. Серия «Право». - 2020. - Т. 20, № 1. - С. 72–79. [Электронный ресурс], режим доступа: https://elibrary.ru/download

5. Седаш, Т.Н. Направления и инструменты финансирования «зеленых» проектов в концепции устойчивого развития экономики / Т.Н. Седаш, Е.Б. Тютюкина, И.Н. Лобанов. — 2019. — № 5. — С. 52–60. [Электронный ресурс], режим доступа: https://elibrary.ru/download/elibrary.

6. Lindberg N. Definition of Green Finance. German Development Institute, April 2014. [Электронный ресурс], режим доступа: https://www.diegdi.de.Simm I. For Investors, Climate Change Is Now a Risk, not an Uncertainty. [Электронный ресурс], режим доступа: https://www.environmentalfinance.com

7. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли от 28.12.2023 https://adbmch.tj/2023/12/28/

РАҲИМОВ С.Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудитИ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Душанбе, Тоҷикистон saidali-tfi@mail.ru

ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Самаранокии танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ бештар аз он вобаста аст, ки ин соҳа дар сатҳи давлатӣ чӣ гуна дастгирӣ карда мешавад. Хусусияти муҳими идоракунии сайёҳӣ дар сатҳи давлатӣ татбиқи амалии барномаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ворид намудани ин барномаҳо ба нақшаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба инкишоф ва татбиқи минбаъдаи рушди сайёҳӣ дар ҳудудҳои алоҳида ва умуман дар кишвар мебошад.

«Соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, танзими шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад» [3].

Танзими самараноки давлатии соҳаи сайёҳӣ метавонад омили иловагии рушди бомуваффақияти иқтисодиёти мамлакат гардад, аз ин рӯ омӯзиши асосҳои назариявии он, танзими давлатии сайёҳӣ дар умум ва муайян намудани хусусиятҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бамаврид аст.

Барои муайян намудани вазифаҳои давлат дар низоми идоракунии сайёҳӣ самтҳои танзими давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ муайян карда мешаванд:

- ✓ давлат дар сатҳҳои гуногун ба фаъолияти сайёҳӣ (дастгирии соҳибкорӣ, иштирок дар низоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ғайра) мусоидат намуда, барои рушди он шароити мусоид фароҳам меорад;

- ✓ самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳиро муайян намуда, ба рушди онҳо мусоидат мекунад;
- ✓ дастгирӣ ва ҳимояи сайёҳон, ширкатҳо, агентиҳои сайёҳӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, инчунин иттиҳодияҳои онҳоро бо роҳи таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва суғуртакунонӣ таъмин менамояд.

Чи тавре Сангинов Д.Ш. қайд менамояд: «Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти фаъолияти сайёҳӣ ин муносибатҳои мураккаби ҷамъиятӣ мебошанд, ки дар он ширкати сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, давлат ва корхонаҳои сайёҳӣ (муассисаҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ) иштирок менамоянд. Воситаи асосие, ки низоми ҳуқуқии онҳоро дар муносибатҳои ҳуқуқии сайёҳӣ муайян менамояд, батанзимдарории меъёрии фаъолияти сайёҳӣ мебошад» [4, с.10].

Муҳимтарин омили рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар сатҳи давлатӣ гузоштани ҳадафу вазифаҳо мебошад.

Мақсадҳои асосии танзими давлатии сайёҳӣ метавонанд аз инҳо иборат бошанд:

- таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба истироҳат ва фароғат, озодии рафтуомад ва дигар ҳуқуққо ҳангоми сафар;
- муҳофизати муҳити табиӣ ва ҳифзи табиат барои наслҳои оянда;
- фароҳам овардани шароит барои фаъолияте, ки ба тарбия, таълим ва солимгардонии сайёҳон нигаронида шудааст;
- рушди соҳаи сайёҳӣ, ки эҳтиёҷоти сайёҳии шаҳрвандонро қонеъ мегардонад, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади давлат ва шаҳрвандони кишвар, рушди робитаҳои байналмилалӣ, ҳифзи ҷозибаҳои сайёҳӣ, истифодаи оқилонаи неъматҳои табиию мероси фарҳангӣ.

Идоракунии давлатӣ бо зарурати таҳияи стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ муайян карда мешавад, ки он ташаккули қарорҳои стратегӣ дар шакли пешгӯиҳо, лоиҳаҳо, барномаҳоеро дар бар мегирад, ки ба барқарор намудани муносибатҳои мутақобилан судманди байни субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, инчунин ҳамчун пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори байналмилалии сайёҳиро муайян менамояд.

Расми 1 низоми танзими давлатӣ дар соҳаи сайёҳиро инъикос менамояд.



Расми 1. Низоми танзими давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ташкил ва рушди соҳаи сайёҳиро дастгирӣ намуда, таъмини шароити баробар ва рақобатпазирро дар фаъолияти субъектҳои хизматрасонии

сайёҳӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва дастрасии онҳоро ба захираҳои сайёҳӣ кафолат медиҳад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ тавассути таҳия ва амалӣ намудани консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Вазифаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ иборатанд аз:

- таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба саёҳат;
- муайян намудани принсипҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ;
- фароҳам овардани шароити баробар ва рақобатпазир ба субъектҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ;
- ташаккули низоми сайёҳӣ;
- андешидани тадбирҳо оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ;
- ташаккули намудҳои хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- ташкили ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- рушди робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳӣ ва ҳифзи онҳо;
- ҳифзи муҳити зист ҳангоми фаъолияти сайёҳӣ;
- таъмини амнияти сайёҳон.

Принсипҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳиро ташкил медиҳанд:

- ✓ таъмини шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ;
- ✓ эътирофи сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат;
- ✓ кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ;
- ✓ дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббускорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- ✓ муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари мусоид барои саёҳат ва ба мамлакати рақобатпазири сайёҳӣ табдил додани он;
- ✓ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои субъектҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ;
- ✓ таъмини рушди маърифати сайёҳи;
- ✓ таъмини истифодаи оммавии захираҳои сайёҳӣ [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлатӣ ва танзими соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ – Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ амалӣ карда мешавад. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатӣ буда, вазифаҳои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, таҳлил, баррасӣ ва пешниҳоди масъалаҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ; гузаронидани мониторинг дар соҳаи сайёҳӣ; иштирок дар ҷалби сармоя барои рушди соҳаи сайёҳӣ; муайян намудани талаботи умумӣ барои тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи сайёҳӣ, -ҳамоҳанг намудани фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ; рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ; тасдиқи қоидаҳои пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ; ва дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Инчунини Шӯроҳои ҳамоҳангсозии миллӣ ва маҳаллии рушди соҳаи сайёҳӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои ҳамоҳангсозии фаъолият, ҳамгироии имкониятҳо ва баррасӣ намудани масъалаҳои марбут ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар асоси ҷамъиятӣ таъсис дода мешаванд.

Иҷрои ин вазифаҳо барои баланд бардоштани як соҳаи сайёҳии рақобатпазир, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҳам сокинони мамалакат ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ба хизматрасониҳои сайёҳӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба ташкили индустрияи сайёҳӣ, ташаккул ва такмил додани заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудааст. Татбиқи стратегия, консепсия, барномаҳо низоми рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро дар якҷоягӣ бо тадбирҳои рушди соҳаи сайёҳӣ фароҳам меоранд.

Сарчашмаҳои истифодашуда:

1. Золотовский, В.А. Правовое регулирование туристской деятельности : учебник для среднего профессионального образования / В.А. Золотовский, Н.Я. Золотовская.— М.: Издательство Юрайт, 2021- 247 с. - Текст : электронный // Образовательная платформа Юрайт [сайт]. — URL: https://urait.ru/bcode/472244 дата обращения: 28.10.2024).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», аз 7 августи соли 2020, № 1717. [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://ctd.tj.
3. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372. – [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://ctd.tj.
4. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. – Душанбе, 2010. – 165 с. – С.10.

ҒУЛОМОВ ЗИКРУЛЛО ТОШМУРОДОВИЧ – н.и.и., дотсенти Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Тел.: +992 902626276. E-mail: ghulomov.z@mail.ru.

АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ НАЗОРАТ ВА ТАЪМИНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АУДИТОРӢ

Дар давоми 33 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди мукаммали аудит бунёд шуда, рушд меёбад. Аудиторҳо вазифаи иҷтимоии муҳимеро ба ҷо меоранд: барои ба ҷомеаи соҳибкорӣ пешниҳод намудани ахбори боэътимод ва воқеъбинона оид ба вазъи молиявӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳими фаъолияти иқтисодиву молиявии субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат менамоянд. Вале дар рушди аудит ва низоми назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ягон хел асосҳои консептуалӣ мавҷуд нестанд. [1;76-81с.] Набудани асосҳои методии ташаккули низоми назорат ва таъмини сифати хизматрасониҳои аудиторӣ низ ба масъалаҳои мубрами рӯз мансуб мебошад.


Ҳоло дар бозори хизматрасониҳои аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои мустақил (соҳибкорони инфиродӣ), ташкилотҳои аудитории байналмилалӣ фаъолият менамоянд, ки дар баробари гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ хизматрасониҳоро дар соҳаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, андозбандӣ, менеҷменти молиявӣ ба ҷо меоранд. [2;120-125с.]Хусусияти асосии фарқкунандаи бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки муносибатҳои иштирокчиёни он аз ҷониби давлат ба таври қатъӣ танзим карда мешаванд. Мақоми ваколатдори танзимкунандаи муносибатҳо дар бозори хизматрасониҳои аудиторӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар соҳаи аудити ташкилотҳои қарзӣ – Бонки миллии Тоҷикистон) мебошад, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти онро дар соҳаи танзимкунии хизматрасониҳои аудиторӣ моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” муайян менамояд.

Ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ, инчунин ташкилотҳои аудитории байналмилалӣ – иштирокчиёни асосии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар шароити рақобат фаъолият менамоянд. Рақобат ба он боис мегардад, ки иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ба сифати хизматрасониҳои худ диққати муҳим диҳанд. Фаъолияти босамараи ташкилотҳои аудиторӣ аз мавҷудияти низоми муносиби назорати сифати кори онҳо вобаста аст. [3;71-76с.]

Ҳоло аксари мушкилоти дар фаъолияти аудитории на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми ҷаҳон пайдошаванда аксаран хосияти ниҳодӣ дошта, бо бесамарии амалкунии худи ниҳоди аудит алоқаманд мебошанд. Яке аз вазифаҳои муҳими аудит ин назорати сифати ахбори молиявии нашршавандаи субъектҳои хоҷагидории дорои манфиати умум буда, зуҳуроти номатлуб – тасдиқ намудани ахбори молиявии бесифат оид ба чунин субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Бартараф кардан ва минбаъд пешгирӣ намудани ин зуҳуроти номатлуб танҳо дар мавриди татбиқи механизми босамараи назорат ва таъмини сифати аудит имкон дорад. Аудити босифат имкон медиҳад, ки хавфи ахборӣ кам карда, боварӣ ба ақидаи касбии аудитор оид ба саҳеҳии ахбори молиявӣ ва ҳам боварии субъектҳои хоҷагидорӣ ба фаъолияти аудиторҳо таъмин гардад. Воситаи муҳимтарини таъмин намудани сифати кори аудиторҳо ин назорати таъсирбахши сифати хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад. [4;30-31с.]

Душвориҳои иқтисодӣ, такмили беисти қонунгузории иқтисодӣ ва молиявӣ, доимо дигаршавии шаклҳои робитаҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ бо афзӯншавии назарраси хавфҳои ахборӣ ҳамрадиф мебошанд, ки дар натиҷа талабот ба хизматрасониҳои аудитириро зиёд мекунанд. Соҳибкории аудиторӣ дорои хусусияти муҳиме мебошад, – вай ҳам дар шароити буҳронӣ ва ҳам дар шароити иқтисодиёти муътадил ва рушдёбанда вуҷуд дошта метавонад.

Дигаршавии ҳамешагии талаботи мизоҷони ташкилотҳои аудиторӣ ва истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ногузир ба васеъшавии сохтори субектҳои аудитшаванда, шаклҳои ҳамкориҳо, мукаммалгардии методикаҳо, амалҳо ва технологияҳои пешкашкунии хизматрасониҳои аудиторӣ меоварад. Вале дар ин мавриди талабот ба сифати баланди хизматрасониҳои аудиторӣ ҳамеша вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, дар самти арзёбии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ бояд тадбирҳои ҷиддӣ роҳандозӣ карда шаванд. Ба андешаи мо, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор ҷиҳати арзёбии бозори хизматрасониҳои аудитириро метавон ҷудо намуд (расми 1.1).



Расми 1.1. – Самтҳои арзёбии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ Сарчашма: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст

Ду ҷиҳати аввалии арзёбии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ доираи васеи нишондиҳандаҳоеро дар бар мегиранд, ки дар маълумоти таҳлилии ҳамасола аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омодашаванда инъикос мегарданд. Ҷиҳати сеюм асосан нишондиҳандаҳои таҳлилии мутлақи дар маводи оморӣ оид ба назорати берунии сифати кори ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторҳои инфиродӣ, инчунин дар ҳисобот оид ба назорати сифати кори аудитор овардашударо дар бар мегирад: миқдори санҷишҳои берунӣ, шумораи назоратчиён, натиҷанокии фаъолияти онҳо, камбудиҳои ошкоршуда ва тадбирҳои таъсиррасонӣ. Нишондиҳандаҳои ҷиҳати чорум – арзёбии таъсири хизматрасониҳои аудиторӣ ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои аудитшаванда, барои дарк кардани он ки мизоҷ аз истифодаи хизматрасониҳои ташкилоти аудиторӣ чӣ гуна самар гирифта метавонад, имкон медиҳанд. [5;582с.]

Омӯзиши адабиёт нишон дод, ки дар сатҳи байналмилалӣ тамоюл ба пурзӯршавии назорати сифати фаъолияти аудиторӣ ба назар мерасад. Федератсияи байналмилалии муҳосибон зарурати аз ҷониби аъзоёни худ гузаронидани мониторинги риояғардии талаботи назорати сифатро эътироф кардааст. [6;35-38с.]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан заминаи методологӣ ва методии босамараи бунёдгардии сифати фаъолияти аудиторӣ, ки ҳамтокунии мафҳумҳои сифати хизматрасониҳои аудиторӣ, нишондиҳандаҳо, усулҳо ва тарзҳои арзёбӣ, идоракунӣ ва назорати сифати хизматрасониҳои аудитириро дар бар гирад, вуҷуд надорад.

АДАБИЁТ

1.Ғуломов З.Т. Таъмини сифати хизматрасониҳои аудиторӣ / З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 1 (31). - С. 76-81

2.Ғуломов З.Т. Бунёдкунии низоми назорати сифати аудит / З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 8. - С. 120-125

3.Каримов Б.Ҳ., Ғуломов З.Т. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 3 (31). - С. 71-76

4.Коваленко В.П. Внутрифирменный контроль качества аудиторской деятельности / В.П. Коваленко // Актуальные проблемы бухгалтерского учета и аудита / Материалы научно-практической конференции. - Киев: Национальный авиационный университет, 2009. - С. 30–31

5.Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 582 с.

6.Шумилова И.В., Луговкина О.А. Организация контроля качества аудиторской деятельности / И.В. Шумилова, О.А. Луговкина // Азимут научных исследований: экономика и управление. - 2013. - № 1. - С. 35–38

ДАВЛАТОВА ФАРЗОНА АМИРХОНОВНА - ассистенти кафедраи молия ва бонкдорӣ Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе,. Суроға: Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/1. Тел.: +992 554446468

НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Ҳангоми додани қарз таҳти гарави дороиҳои моливу моддӣ, бонк худро аз талафоти имконпазири вобаста ба ин қарз, дар сурати гаравор дар шакли замонат ба расмият даровардан, эмин мегардонад. Дар ҳолати дар ихтиёри қарзгир гузоштани гарав, бояд дар шартнома тамоми чузъиёти шартҳои истифодаи амволи ба гарав гузошташуда қайд гардад, аз ҷумла ҳуқуқу вазифаҳои истифодакунанда, инчунин ба куҷо равона шудани маблағҳое, ки ҳангоми истифодаи гарав ба даст оварда мешаванд. [1;223с.] Дар акси ҳолл қарзгир арзиши воқеи амволи ба гарав гузошташударо дар вақти муҳлати қарз истифода намуда, метавонад паст намояд, ки ин ҳолати қарзро барнагардонидани қарзгир имкониятҳои бонкро дар бобати бороҳи фуруши гарав пушонидани қарзро маҳдуд созад.

Ҳангоми додани қарзи бо ягон кафолат (мувофики Дастурамали «Дар бораи тартиби ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар талаботҳои Бонки миллии Тоҷикистон) ё замонат таъминбуда, бояд дуруст пур карда шудани уҳдадории кафолати ҳамчунин дар он зикр гардидани ин нуқтаро, ки кафил вазифадор аст, дар ҳолати пардохт нашудани қарз, маблағи қарздории қарзгирро пардохт намояд, тафтиш кунад. [2;271с.] Албатта, барои бонк гирифтани кафолат барои маблағи асосии қарз ва фозҳои он беҳтр аст. Барои амнияти бештар бонк бояд талаб намояд, ки ба уҳдадории кафолати ҳуҷҷатҳои пардохтии зарурие, замима карда шавад, ки дар ҳолати қарзро барнагардонидани қарзгир аз кафил бегуфтугӯ ситонидани маблағи қарзро таъмин намояд. Ғайр аз ин, бонкро зарур аст, ки қобилияти пардохтадокуни кафилро натанҳо ҳангоми додани қарз, балки фаро расидани муҳлати пардохти он баҳо дода, инчунин, ба ҳолати молиявии бонке, ки дар он ба кафил хизмат расонида мешавад, таваҷҷуҳ зоҳир кунад.


Агар бонк қарзро таҳти гарав диҳад, ғайр аз шартномаи қарзи бояд шартномаи гарави низ таҳия карда шавад. Дар ин шартномаи гарав бояд ҳамаи хусусиятҳои амволи ба гарав гузошташуда, шартҳои пешниходи гарав ва тартиби ба моликияти бонк гузашти гарав дар ҳолат қарзро барнагардонидани қарзгир ва дигар талаботи вазифаҳои тарафайн нисбати гарав қайд гардад. [3;304с.]Ба шартнома руйхати пурраи амволи ба гарав гузошташуда бо нишондоди нархҳо, тасдиқномаҳо, шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои техникӣ замима мегардад. Шартномаи гарав на бояд хилофи Қонунгозории Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд аз ҷониби нотариус тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, микдори нусхаҳо аслиашон аз миқдори тарафҳои шартномабаста бояд кам набошад.

Мавҷуд будани гарав мавҷудияти системаи (ниёзӣ) муайяни идорасозии онро дар назар дорад: бояд омӯзиши (муоинаи) ҳолати гарав гузаронида шавад, баҳодиҳии гарав анҷом дода шавад ва нақшаи назорат аз болои шароити нигаҳдории гарав тартиб дода шавад.

Дар хотир доштан зарур аст, ки гарав ва кафолат (замонат) манбаҳои дуввумдараҷаи таъмин мебошад ва пардохти қарз дорои фуруши моли ба гарав гузашташуда барои бонк чораи ниҳои ва номатлуб аст, зеро дар баробари ба чораҳои бюрократии дуру дароз алоқаманд будан, заҳмати бисёр ва вақти зиёдеро талаб мекунад. Аз ин сабаб, дар ҳолати қарзро напардохтани қарзгир, беҳтар аст бонк фуруши амволи ба гарав гузошташударо бо ҳамроҳии қарзгир амали намояд ё ин корро ба ҷавобгарии қарзгир вогузор карда, аз болои он назорати зарурӣ барад.

Маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувории иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, баҳри зиёд гардидани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ равона гардидааст. Ҳаҷми бақияи умумии қарзҳои низоми бонкӣ дар соли 2019 маблағи 9 783,2 млн. сомониро ташкил дода, зиёдшавии он нисбати соли қаблӣ 29,9 фоизро ташкил намуд. Афзоиши он бештар аз ҳисоби зиёдшавии қарзҳо бо асъори хориҷӣ 31,2 фоиз ва бо пули миллӣ 28,0 фоиз ба вуқуъ пайваст.

Расми 1. **Ҳаҷми бақияи кулли қарзҳо (млн. сомонӣ, охири давра)**



Декабрь 2015 Декабрь 2016 Декабрь 2017 Декабрь 2018 Декабрь 2019

□ Ҳамагӣ □ бо пули миллӣ ■ бо асъори хориҷӣ

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми бақияи қарзҳо нисбат ба ММД 21,5 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба соли қаблӣ 2,9 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Ҷадвали 1. **Бақияи қарзҳо ва пасандозҳо нисбат ба ММД барои солҳои 2016-2020 (бо фоиз, охири давра)**

	2016	***2017***	***2018***	***2019***	***2020***	2020 /2016
Бақияи қарзҳо	***15,1***	***14,4***	***15,0***	***18,6***	***21,5***	1,4
Бақияи пасандозҳо	***13,2***	***14,7***	***13,6***	***13,6***	***14,7***	1.1

Дар соли ҳисоботӣ ба туфайли нисбатан муътадил рушд намудани иқтисодиёти кишвар, зиёд шудани ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ва ҳаҷми пасандозҳои шахсони


воқеӣ ҷараёни пешниҳоди маблағҳои қарзӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ афзоиши нисбатан муътадилро идома дод.

Ҳаҷми қарзҳои ба иқтисодиёт додашуда дар давраи баррасишаванда маблағи 12 178,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбати соли қаблӣ 37,3 фоиз афзудааст. Ҳаҷми қарзҳои пардохташуда бошад маблағи 9 925,0 млн. сомониро дар бар гирифта, коэффитсиенти бозгашти он 81,5 фоизи қарзҳои дар ин давра додашударо ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 5,4 банди фоизӣ зиёд мебошад. [5;482с.]

Афзудани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат (зиёда аз як сол) яке аз омилҳои мусбати рушди иқтисодиёт ва муътадилии низоми молиявии кишвар мебошад. Бақияи қарзҳои дарозмуддат сол то сол афзоиш ёфта, дар соли ҳисоботӣ 38,6 фоизи ҳачми умумии қарзҳои додашударо ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 59, 0 банди фоизӣ зиёд мебошад. Қарзҳои дарозмуддат дар соли ҳисоботӣ маблағи 4 698,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбати соли қаблӣ 1 795,4 млн. сомонӣ ё 61,8 фоиз афзоиш ёфт.

Ҳиссаи қарзҳои кутоҳмуддат бошад 52,0 фоизи ҳаҷми умумии бақияи қарзҳо ва 41,8 фоизи қарзҳои додашудаи давраи ҳисоботиро ташкил намуд.

Маблағи зиёди қарзҳои додашуда дар соли 2014 бештар ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд рост меоянд, ки 8 611,4 млн. сомонӣ ё 70,7 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои дар ҷумҳурӣ додашударо ташкил намуда, сабаби баланд шудани суръати афзоиши пешниҳоди қарзҳо дар миқёси ҷумҳурӣ гардид. Қисми боқимондаи қарзҳои додашуда ба вилояти Хатлон 17,0, фоиз, ноҳияҳои тобеи марказ 9,7 фоиз, Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон 1,8 фоиз ва ноҳияҳои водии Рашт 0,8 фоиз рост меояд.



	ВМКБ	Водии Рашт	НТҶ	Хатлон	Суғд	Душанбе	Ҳамагӣ
Соли 2013	154,8	85,1	1106,7	1406,4	2317,9	3796,5	8 867,4
Соли 2014	216,4	96,2	1178,8	2075,8	3107,4	5504,0	12 178,6
Тағйирот	61,7	11,1	72,1	669,4	789,5	1707,5	3311,2
Тағйирот (бо фоиз)	39,9%	13,1%	6,5%	47,6%	34,1%	45,0%	37,3%

Расми 2. Қарзҳои додашуда аз рӯи минтақаҳо

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла савдои хориҷӣ 21,4 фоиз, сохтмон 15,8 фоиз, матлуботӣ 14,6 фоиз, кишоварзӣ 12,0 фоиз, саноат 12,6 фоиз, нақлиёт 5,2 фоиз, хизматрасонӣ 4,0 фоиз ва дигар соҳаҳо 14,4 фоиз рост омад.

Ҳамзамон, дар соли 2019 пешниҳоди маблағгузориҳои қарзӣ барои рушди соҳибкорӣ, ҳамчун самти афзалиятнок дар кишвар раванди болоравии худро нигоҳ дошт.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби бонкҳо дар соли ҳисоботӣ додашуда 46,6 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост омада, маблағи 4,0 млрд.сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 18,7 фоиз ё 622,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ яке аз сарчашмаҳои зиёд гардидани афзоиши қарзҳои додашуда (37,3 фоиз) нисбат ба афзоиши бақияи пасандозҳо (21,2 фоиз) бештар ҷалб намудани маблағҳои қарзӣ аз хориҷа ба кишвар тавассути ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Дар соли 2019 ҳачми қарзҳои дарозмуддати (зиёда аз 1 сол) аз хориҷи кишвар ҷалбшуда 207,2 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 51,5 фоиз зиёд мебошад. Аз ин маблағ 62,5 фоиз (129,4 млн. долл. ИМА) аз ҷониби соҳибкорон ва 37,5 фоиз (77,8 млн. долл. ИМА) бевосита аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҷалб шуда, барои маблағгузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт равона гардид.

Адабиёт:

3.1. Абдулқайси Сайҷабор Танзими асъор ва назорати асъор. Китоби дарсӣ. Душанбн-2021, 223 саҳ.
3.2. Ашуров Н., Лалбеков И. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, ҶСШК «Матбуот», 2002.-271с.
3.3. Ашуров Ғ., Азизмуродов Ш., Баҳисобгирии амалиёт дар бонкҳои тиҷоратӣ, КПВФ ҶТ, 2009 – 304 с.
3.4. Банковское дело. Учебник. Под ред. О. И. Лаврушина. М.:
3.5. Банковский и биржевой научно – консультационный центр, 1992 г.- 428 с.
3.6. Банковское дело. Учебник. Под ред. Г.Н.Белоглазовой, Л.П. Кроливеҷкой. М.: Финансы и статистика, 2003 г.
3.7. Банковское дело. Учебник под ред. Г.Г. Коробоевой. М.: Юристъ, 2002 г.

ЮЛДАШЕВ Ж.И. - профессор Ташкентского государственного юридического университета

ВОПРОСЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ УПРАВЛЕНИЯ ЗА СЧЕТ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СОВРЕМЕННЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В КОМПАНИЯХ

Цифровые технологии играют все более важную роль в современной бизнес-среде. Цифровизация корпоративного управления в Узбекистане необходима компаниям для сохранения конкурентоспособности и повышения эффективности. Этот процесс включает в себя не только внедрение технологических инноваций, но и изменение инвестиционной привлекательности и деловой культуры.

Цифровизация корпоративного управления – это процесс модернизации системы управления за счет широкого использования цифровых технологий во всех аспектах деятельности компании, и в нашей стране принято множество правовых документов, касающихся корпоративных отношений и их цифровизации. Данные нормативные документы вносят существенный вклад в развитие отрасли.

С помощью цифровых технологий компании смогут собирать и анализировать большие объемы данных в режиме реального времени. Это, в свою очередь, существенно улучшает процесс принятия решений.

"Внедрение цифровизации в корпоративное управление позволяет, прежде всего, создать цифровую корпоративную культуру”[1].

Цифровые технологии позволяют нам вывести взаимодействие с клиентами на новый уровень. Цифровые технологии ускоряют процесс разработки новых продуктов и предоставления услуг. Это сокращает время исследования рынка и реализации продукта, а также ускоряет инновационный процесс. Проще говоря, цифровые технологии позволяют компаниям быстрее адаптироваться к меняющимся рыночным условиям.

Основными целями цифровизации корпоративного управления являются:

1. *Повышайте эффективность работы*
2. *Ускорьте и улучшите качество принятия корпоративных решений*
3. *Эффективное его использование для улучшения взаимодействия с деловыми партнерами.*
4. *поощрять инновации в управлении*
5. *Повышение конкурентоспособности на рынке.*

Учитывая вышесказанное, можно отметить множество положительных сдвигов в сфере построения корпоративных цифровых отношений. Например, онлайн-встречи, онлайн-участие в собраниях, внедрение алгоритмов в процесс голосования, деятельность счетных комиссий и т.д.

Однако в этой области все еще остается ряд проблем, которые необходимо решить. Включая:

1. Недостаточная технологическая инфраструктура

Многие компании продолжают работать с устаревшими ИТ-системами и инфраструктурой, что затрудняет внедрение современных элементов цифровизации. Несовместимость существующих систем с новыми технологиями приводит к проблемам в интеграции и внедрении нового программного обеспечения.

По нашему мнению, компаниям следует оценить свою технологическую инфраструктуру и разработать долгосрочную стратегию ее модернизации. В этом процессе важно постепенно обновлять новые технологии и интегрировать их с существующими системами.

2. Нехватка цифровых навыков

В процессе цифровизации корпоративного управления компании часто сталкиваются с проблемой нехватки цифровых навыков сотрудников. Это касается не только технического персонала, но и управленческого персонала, поскольку он должен полностью понимать возможности цифровых технологий и уметь их эффективно использовать.

На наш взгляд, в связи с этим необходимо разработать мероприятия по обучению и повышению квалификации для развития цифровых навыков сотрудников. Это можно сделать путем организации внутренних тренингов, семинаров, онлайн-курсов.

3. Безопасность и конфиденциальность данных, риски кибербезопасности

Процесс оцифровки предполагает сбор и обработку больших объемов данных, что поднимает вопрос безопасности и конфиденциальности данных.

Процесс цифровизации корпоративного управления делает компании более «мишенью» для кибератак. Кража данных, сбой системы и т. д. могут серьезно навредить компании.

Основным направлением совершенствования корпоративного законодательства в сфере цифровизации является создание и обеспечение условий для эффективного взаимодействия субъектов корпоративных отношений и других лиц, непосредственно связанных с ними, в цифровой среде[2].

«Цифровизация раскрытия информации важна для многих компаний. Особенно это проявляется в обязательном раскрытии открытой информации о деятельности компании заинтересованным сторонам»[3].

По нашему мнению, им следует разработать комплексный подход к обеспечению безопасности и конфиденциальности данных. Это связано не только с постоянным контролем за технологией, но и с формированием навыков в этом отношении у сотрудников. Регулярное принятие мер безопасности, обучение сотрудников вопросам безопасности данных, ограничение прав доступа к корпоративной информации, создание системы контроля дадут определенный эффект.

4. Сопротивления, возникающие в организационных вопросах

Процесс оцифровки часто встречает сопротивление внутри компании. Это связано с такими причинами, как страх перемен, нежелание внедрять новые технологии, нежелание менять методы работы.

На наш взгляд, для устранения этой проблемы необходимо объяснить преимущества и необходимость процесса цифровизации. также полезно вовлекать сотрудников в инновационный процесс и учитывать их мнение. При необходимости успехи, достигнутые в процессе цифровизации, должны быть доступны всем, а сотрудники должны чувствовать поддержку со стороны руководства компании в этом отношении. Это помогает создать организационную культуру, поддерживающую процесс оцифровки.

5. Инвестиции в современную цифровизацию и вопрос финансирования компаний.

Цифровизация корпоративного управления требует больших финансовых затрат и инвестиций. Поскольку многие компании не имеют долгосрочной стратегии, это рассматривается как значительное финансовое бремя. На наш взгляд, необходимо поэтапно реализовывать проекты цифровизации, что позволит распределить затраты во времени. Кроме того, целесообразно изучить возможности использования грантов и субсидий государственных и международных организаций. В целом процесс цифровизации корпоративного управления, если его правильно реализовать, может оказать существенное положительное влияние на различные аспекты деятельности компании.

6. Технологическая зависимость

Чрезмерная зависимость от цифровых систем может снизить гибкость компании и ограничить ее способность быстро реагировать на технологические изменения. Процесс цифровизации может привести к потере части рабочих мест, что вызовет социальную напряженность. Процесс цифровизации может создать новые правовые проблемы, особенно в области цифровой корпоративной этики, корпоративной культуры, защиты и использования данных и т. д. Для этого компании необходимо определить свою внутреннюю политику, разработать специальные требования и правила. При этом государственным органам необходимо помочь компаниям, разработав нормативные и типовые правила в этом вопросе.

Решение вышеперечисленных проблем требует комплексного подхода, долгосрочной стратегии и постоянного внимания.

В целом цифровизация корпоративного управления — сложный и многогранный процесс, который создает для компаний как большие возможности, так и серьезные вызовы. В ходе успешной цифровизации компании должны сосредоточиться не только на технологических аспектах, но также на юридических, организационных, культурных и стратегических вопросах. Это также дает компаниям значительные преимущества, такие как улучшение процесса принятия решений, повышение эффективности работы, улучшение межкорпоративных отношений, рост инноваций и повышенная гибкость.

Поэтому непрерывный процесс, такой как цифровизация корпоративного управления, требует постоянного эволюционного движения и гибкости. Только тогда они смогут оставаться конкурентоспособными и добиться успеха в цифровой экономике.

Известно, что в рамках стратегии "Цифровой Узбекистан - 2030" проводится обратная связь между различными научными сообществами по разработке концепций оцифровки. Для внедрения искусственного интеллекта в корпоративное управление требуется соответствующая законодательная база и корпоративная этика. Этот процесс требует разработки концепции, учитывающей национальные особенности и международные стандарты. В Узбекистане целесообразно расставить приоритеты в рамках требований рыночной экономики и международных стандартов применения искусственного интеллекта в корпоративном управлении, разработать концепцию,

сочетающую правовую базу и этические правила применения искусственного интеллекта в корпоративном управлении при достижении поставленных целей и задач[4].

В целом, требования к цифровизации всех сфер в Узбекистане, поэтапному внедрению искусственного интеллекта напрямую связаны с быстро растущими технологическими изменениями. Государство заинтересовано в разработке стандартов корпоративного управления, основанных на глобальном сотрудничестве. В соответствии со стратегией цифрового Узбекистана – 2030 важно создать благоприятные условия для быстрого внедрения технологий искусственного интеллекта, возможности использования цифровых данных, подготовки квалифицированных кадров на местах. С этой целью указом Президента Республики Узбекистан "О мерах по созданию условий для скорейшего внедрения технологий искусственного интеллекта" №-4996 была принята программа мероприятий по изучению и внедрению технологий искусственного интеллекта[5]. В нем содержался призыв к разработке стратегии развития искусственного интеллекта и развитию технологий искусственного интеллекта в секторах экономики, созданию нормативной базы, устанавливающей единые требования, ответственность, безопасность и прозрачность в использовании.

На наш взгляд, государство предусматривает постепенный отказ от контрольных пакетов крупных компаний, внедрение искусственного интеллекта в процессе трансформации крупных государственных предприятий, эффективное управление.

Использованная литература

1.Сигов В. И. Современный контекст корпоративного управления //Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – 2018. – №. 2 (110). – С. 175-178.

2. Лаптев В.А., Чуча С.Ю., Фейзрахманова Д.Р. Цифровая трансформация инструментов управления современными корпорациями: состояние и пути развития// Law Enforcement Review 2022, vol. 6, no. 1, pp. 229–244

3. Юлдашев Ж. Проблемы правового регулирования информационной политики в акционерных обществах. Монография. - Т.: Изд-во ТГЮУ, 2023. -18 с.

4. Gulyamov S, Rustambekov I, Narziev O, Xudayberganov A Draft Concept of the Republic of Uzbekistan in the Field of Development Artificial Intelligence for 2021-2030. //Yurisprudensiya 2021 №1. С. 107

5.https://lex.uz/docs/5297046

ҲАМИДОВА ГУЛНОЗ АБДУҚУДУСОВНА -
устоди калони кафедраи молияи ДБССТ

ТАШАККУЛЁБИИ НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар ҳама давру замон яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат ин ғани гардонидани даромади давлат, таъмин намудани шаҳрвандон ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз, дар ҳамаи давлатҳо барои пур намудани хазинаи давлат андозҳо нақши асосиро иҷро менамуданд.

Бештари дигаргунсозиҳо дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷори гардиданд. Барои дар амал тадбиқ намудани ин дигаргунсозиҳо санадҳои меъёри ҳуқуқии гуногун қабул карда шуд ва ин санадҳои қабулшуда барои ба танзим даровардани низоми молиявию андози ва бо мақсади рушди соҳаҳаои иқтисодиёти мамлакат равона карда шудаст.

Дар шароити имрӯза низоми андоз яке аз роҳҳои асосии танзими равандҳои иқтисодиёт ва муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин хотири барои рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва амали намудани низоми андоз дар рушди фаъолияти соҳибкори ва даромади буҷети давлатӣ нақши аосисиро дорад. Ба воситаи сиёсати андоз имрӯз тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба танзим дароварда шуда ба воситаи он ҷараёни идоракунии андоз ба роҳ монда мешаванд [13, с. 158].

Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маҷмуи муносибатҳои андозҳое мебошад, ки дар Кодекси андоз оварда шуда, андешидани тадбирҳо оид ба тартиби пардохти андозҳо, инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз, санҷиши андоз, назорати андоз, маъмурикунонии андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андозро дар бар мегирад [4, с. 36].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бақсади ба танзим даровардани иқтисодиёт ва рушд намудани тамоми соҳаҳо баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар ҳамаи сохторҳои иқтисодиёт дигаргунсозиҳои зиёдро роҳандозӣ намуд. Дар ин марҳила яке аз сохтори асосӣ ва калидие, ки ба давлат аҳамити калон дошт ин сохтори низоми андозбандии мамлакат ба шумор мерафт. Дар давраи аввали истиқлолият дар соҳаи андоз якчанд санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, қонунҳо ва қарорҳо қабул намуд, ки барои рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ҳисаи худро гузошт.

Марҳилаи нахустини дигаргунсозӣ дар соҳаи андозбандӣ ин соли 1990 мебошад, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ Раёсати даромдҳои давлатӣ ва андозҳо дар тобеъияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирӣ ва рушд намудани фаъолияти соҳибкорӣ, қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар соҳаи андозбандӣ, ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ ва такмил додани низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо мақсади такмил додани низоми андозбандӣ баъд аз ба даст овардани истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба танзим даровардани низоми андози мамлакат дар моҳи ноябри соли 1992 дар заминаи Раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон таъсис дода шуд, ки ин яке аз заминаҳои батанзимдарори низоми андоз дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт [8, с. 26].

Дар ин давра бо мақсади ба низом даровардани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмил додани сохтори мақомоти андоз, ташкил намудани раёсатҳои андоз дар шаҳру вилоятҳо ва нозироти андоз дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳури бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 4-уми майи соли 1995 таҳти №221 дар заминаи Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери тобеъияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Раванди дигар дар шароити ба танзим даромадани қонунгузориҳо дар ҷумҳури бо қабул шудани аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти андоз» дар моҳи марти соли 1992 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои мақомоти андоз» дар моҳи июли соли 1994 қабул карда шуд, ки дар ин давра дар ҷумҳури 47 номгуйи андозу пардохтҳо амал мекад, ки аз онҳо 24 номгуй андозҳои ҷумҳуриявӣ, 11 номгуй пардохтҳои ҷумҳуриявӣ ва 12 номгуй андозу пардохтҳои маҳали амал мекарданд.

Барои дар доираи қонунгузории ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ҳар як андозсупорандаро зарур аст, ки дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ мемонанд. Дар Кодекси андоз вобаста ба фаъолияти ҳамаи андозсупорандагон шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкорони инфироди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозсупорандагон ва кормандони андоз оварда шудааст.

Дар баробари ташкил шудани Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори мақомоти андоз ва дар низоми андозбандии мамлакат дигаргуниҳои зиёд карда

шуд. Бо баробари ин дигаргунсозиҳо дар ҷумҳури то ба имрӯз чор маротиба Кодекси андоз бо тағйру иловаҳо қабул карда шуд.

Бо мақсади ба танзим даровардани низоми андозбандӣ ва дастгири намудани фаъолияти соҳибкорӣ, баъд аз ба даст овардани Ваҳдати миллӣ ва ором гардидани вазъияти сиёсӣ дар ҷумҳурӣ аввали Кодекси андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 – уми нояби соли 1998 қабул гардида аз 1- уми январи соли 1999 мавриди амал қарор дода шуд, ки дар ин марҳила 17 номгуйи андоз амал мекард, ки аз онҳо 14 номгуйи андозҳои умумидавлатӣ ва 3 номгуи андозҳои маҳаллиро ташкил медоданд. Дар ҳамон давра ин ягона қонуне дар низоми андозӣ ҷумҳурӣ буд, ки ҳамаи адозсупорандагон дар доираи меъёрҳо ва манбаъҳои муқараршуда дар даврaҳои муайяншуда андозҳои худро пардохт менамуданд [9, с. 56].

Дар асоси ин санади меъёри ҳуқуқӣ Кодекси андози қабулгардида фаъолияти ҳамаи андозбандии соҳаҳои иқтисодиёт ба танзим дароварда шуда аз ҷониби андозсупорандагон пардохтҳои андози ба воситаи ташкил намудани сохтори мақомоти андоз дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва назорати фаъолияти онҳо ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба васеъ шудани сектори ҳокимияти давлатӣ ва зиёд шудани шумораи аҳолӣ барои банизомдарории ва ташаккул додани низоми андоз ва дарстгири намудани соҳиборону сармоягузорҳо бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кодекси андоз дар таҳрири нав 3 – юми ноябри соли 2004 қабул карда шуд, аз 1-уми январи соли 2005 мавриda амал қарор дода шуд, ки аз 21 номгуйи андоз иборат буда аз онҳо 17 ногуйи андозҳои умумидавлати ва 4 номгуйи онҳо андозҳои маҳаллӣ буданд [1, с. 22].

Дар ин марҳила бо мақсади содагардонидани низоми андозбандӣ дар Кодекси андоз якчанд номгуйи андозҳо ҷорӣ гардида ва меъёрҳои якчанд номгуи андозҳо паст карда шудааст ва якчанд номгуи андозҳо ихтисор карда шуд.

Дар баробари зиёд шудани шумораи андозҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд намудани истеҳсолот, зиёд гардидани соҳибкорон ва ташкил намудани соҳибкории истеҳсоли ва баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон Кодекси андозро маротибаи сеюм дар таҳрири нав 17 – уми сентябри соли 2012 қабул намуд аз 1-уми январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шуд, ки аз 10 ногуйи андоз иборат буда аз онҳо 8 номгуи андозҳои умумидавлатӣ ва 2 номгуйи онҳо андозҳои маҳаллиро ташкил медоданд. Дар ин Кодекси андоз тавзеҳ гардидани шумораи моддаҳо, бобҳо, фаслҳо истисно кам шудааст, ки ин ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои пардохти андозро мусоидат менамояд [3, с. 16].

Дар баробари ҳамаи ин ислоҳотҳои дар Кодекси андоз вориднамуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ намудани фаъолияти сармоягузорону соҳибкорон ва рушд намудани истеҳсолот, такмил додани қонунгузори андоз маротибаи чорум Кодекси андозро 17 – уми декабри соли 2021 қабул гардида аз 1- уми январи соли 2022 мавриди амал қарор дода шуд, ки аз 7 ногуйи андозҳо иборат буда аз онҳо 6 номгуй андозҳои умумидавлати ва 1 номгуй андозҳои маҳаллӣ мебошанд [4, с. 36].

Барои рушд намудани истеҳсолоти ватани ва ҷалб намудани сармоягузорону соҳибкорон дар таҳрири нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи андозҳо кам карда шуда ва сабукиҳо дар самти андозбандӣ бештар ба шахсони ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Дар асоси дигаргуниҳои дар таҳрири нави Кодекси андоз қайд намудан мумкин аст, ки бештари сабукиҳо дар низоми андозбандии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оварда шудааст. Барои шахси ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкори инфиродӣ дар таҳрири нави Кодекси андоз маротибаи чорум бисёр сабукиҳо ҷори карда шуд.

Дар асоси маълумотҳои овардашуда дар ҷамбасти мақола хулоса намудан мумкин аст, ки дар ҷумҳури баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар раванди андозбандии шахсони ҳуқуқи, воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бисёр сабукиҳо оварда шудааст. Дар

қабули ҳар як Кодекси андоз барои соҳибкорон ва сармоягузор имтиёзҳои зиёд ҷорӣ намудааст.

Мақсади асоси дигаргунсозиҳо ва танзими низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин содда гардонидани низоми андозбандӣ, баланд бардоштани маърифати андозсупораии шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Ҳар як андозсупорандаро зарур аст, ки ҳамаи андозҳоро дар доираи қонунгузории андоз саривақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд. Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирӣ намудани андозсупорандагон ва содда гардонидани андозбандӣ дар мамлакат таҷрибаи дигар давлатҳоро омӯхта вобаста ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҷорӣ намуда истодааст.

Ин ҳамаи дастгириҳо ва сабукиҳо дар самти андозбандӣ дар мамлакат ҷоригардида аз ғамхориҳои сарвари давлатӣ тоҷикон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Адабиёт

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 1998с 400с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004с 340с.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2012с 317с.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021 с. 356.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми сентябри соли 2012, таҳти №901 (бо тағйиру иловаҳои минбаъда) с 367.
6. Шукуров С.М., Маъмурикунонии андоз / Васоити таълимӣ. – Душанбе «ОЛАМИ КИТОБ», 2014, саҳ. 140.
7. Консепсияи сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлат (2012-2015), 2011.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд), Ҷилди 1, зери таҳрири С.Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М.Ҳ.Султон, Душанбе – 2008, саҳ. 950 саҳ.
9. Большой экономический словарь / Под ред. А.Н.Азрилияна. – 7-е изд., доп. – М.: Институт новой экономики, 2010, 1472 стр.
10. Аронов А.В., Кашин В.А., Налоговая политика и налоговое администрирование: учеб. пособие / А.В.Аронов, В.А.Кашин. – М.: Магистр: ИНФРА-М, 2013. – 544 стр.
11. Шомуродов Ф. Одинаев Ф. Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. «ЭР-граф» Душанбе 2012. 279с.
12. Улугходжаева Х. Р. Налоги и налогообложение. «Ирфон» Душанбе 2010г 280с.
13. Хидиралиев Р.З. Асосҳои назариявии ташаккули низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир/. Паёми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. Душанбе 2024. – №3 (68) – С. 158-166. ISSN-2664-0651., ISSN-2709-8567.
14. Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.andoz.tj.

ХИДИРАЛИЕВ РУСТАМ ЗУЛФАЛИЕВИЧ
- и.в., дотсенти кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии ДБССТ

САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ВА МУАММОҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳанӯз ҳам як соҳаи устувори сармоягузориро ташаккул надодааст. Барои расидан ба ин мақсад бояд як қатор камбудиҳои ҷойдошта, монанди ҳаҷми ками маблағгузориҳои портфелӣ ва

мустақим, сатҳи пасти таъминоти технологӣ, рақобатпазир набудани истеҳсолоти миллӣ дар муқоиса ба истеҳсолкунандагони хориҷӣ ва ғайра, бартараф карда шаванд.

Афзоиши самараноки иқтисоди миллӣ дар оянда истифодабарии роҳу равиши комплексиро оиди масъалаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон, махсусан ба минтақаҳои он, тақозо менамояд. Инчунин, субъектҳои хоҷагидор низ бояд фаъолияти сармоягузории худро фаъол намоянд. Рушди иқтисоди миллӣ аз ҳисоби хусусияти иқтидори маблағгузорӣ таъмин мегардад, ки дар худ маҷмӯи захираҳои моддӣ, техникӣ, инвеститсионӣ ғайримоддӣ ва молиявиро дар бар мегирад. Активҳои ғайримоддӣ ҳуқуқи дарихтиёрдории объектҳои саноатӣ ва металҳои қиматбаҳоро ифода мекунанд. Дар шароити муосир иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таваккали баланди сармоягузорӣ фаро гирифтааст, ки ба сифати омили боздоранда дар роҳи сармоягузориҳои эҳтимолӣ баромад мекунанд [3, с,4].

Дар солҳои охир шумораи ин муаммоҳо зина ба зина афзоиш ёфта истода, шумораи сармоягузорон вобаста ба муаммоҳои зерин кам гардида истодааст:

-аз сабаби баланд будани хароҷоти истеҳсолӣ;

- аз сабаби мушкилоти раванди бақайдгирӣ;

- аз сабаби паст будани роҳу равиши идоракунӣ;

- аз сабаби бонуси оинномавӣ.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳангоми аз ҷониби сармоягузорон эҳтимолӣ таҳлил гардидани конюнктураи сиёсӣ онҳо, пеш аз ҳама, ба самаранокӣ ва таъсирнокии сиёсати давлатӣ дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ, сатҳи риоя намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии имзо намудаи давлат ва фаъолнокии байналмилалӣ дар ин самт таваҷҷуҳ менамоянд.

Дар ин самт нақши муайянро баҳодиҳии дахолати давлат ба иқтисод иҷро менамояд. Ҳар қадаре ки дахолати давлат ба иқтисод бештар бошад, ҳамон қадар сармоягузорон камтар сармоягузорӣ менамоянд. Ҳолати буҳронии иқтисодиёти Тоҷикистон дар гузашта ба пайдоиши буҳрони сармоягузорӣ оварда расонд, ки ин раванди босуръат фарсудашавии фондҳои асосӣ ва гум кардани рақобатпазирии истеҳсолоти миллиро ифода менамояд.

Фазои сармоягузории ҷумҳуриро баҳогузорӣ намуда, ба вазъи бахшҳои молиявӣ, асъорӣ ва қарзии иқтисоди миллӣ ва низоми гумрук диққат намудан зарур аст. Сармоягузрони хориҷӣ дар муқоиса ба сармоягузории дохилӣ оиди масъалаи ба иқтисодиёти давлати дигар равона намудани маблағҳои худ бениҳоят эҳтиёткоранд ва, аз ин рӯ, хавфи аз даст додани маблағҳои сармоягузорони дохилӣ бештар мебошад. Сиёсати сармоягузорӣ ҳолати фазои сармоягузориро дар мамлакат муайян месозад ва дар худ маҷмӯи механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилии таъсиррасонандаи мақомоти давлатии сатҳи ҷумҳурӣ, минтақавӣ ва мунисипалӣ ё худи фирмаро дар раванди ташаккулёбии фазои мусоиди сармоягузорӣ дохил менамаояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки объекти таъсири сиёсати давлатии сармоягузорӣ фазои сармоягузорӣ мебошад. Фазои мазкур барои коркарди сиёсати сармоягузорӣ замина гузошта, ҳамзамон, ҳамчун натиҷаи сиёсати сармоягузорӣ баромад менамояд [10, с, 24].

Бо назардошти имконияти таъсиррасонии омилҳои бавуҷудоварандаи чунин фазои сармоягузорӣ онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

-омилҳои хусусияти субъективидошта;

-омилҳои хусусияти объективидошта, монанди мавҷудияти захираҳои энергетикӣ ва ашёи хом, мавқеи географӣ, табиат, иқлим, нишондиҳандаҳои демографӣ ва ғайра.

Фазои сармоягузории таҳлилшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби мавҷуд будани захираҳои бойи табии, ашёи хом ва энергетикӣ ва бо назардошти мавқеи хуби географӣ ояндаи хуб барои инкишоф дорад. Аммо дар баробари ин як қатор ҳолатҳои манфӣ низ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ вуҷуд дорад, ки муътадилии фазои самоягузориро зери суол мебарад. Ин омилҳо, коррупсия, бюрократияи аз ҳад зиёд, тавакали молиявӣ, инфрасохтори на он қадар рушднамудаи ҳуқуқӣ, низоми андозситонӣ, сиёсати асъорӣ ва молиявӣ мебошанд, ки барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ монеа эҷод менамоянд. Бюрократия ва коррупсия ҳарчанд омилҳои иқтисодӣ набошанд ҳам, аммо ба ин раванд таъсири назаррас мерасонанд. Новобаста аз он, ки низоми андозситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми назорати асъорӣ ва молиявӣ яке аз системаҳои хуб байни давлатҳои ИДМ ба шумор меравад, аммо ба андозаи пурра барои ҷалби сармоягузориҳо мусоидат намекунад. Хавфи молиявӣ бо таваррум ва номуътадилии қурби асъор вобаста мебошад. Барои сармоягузорони хориҷӣ на танҳо низоми андозии мувофиқ, балки барои муътадилӣ ва пешгӯишавандагии иқтисодиёт низ зарур аст, ки ҳам барои сармоягузор ва ҳам давлат муфид мебошад. Бевосита нишондиҳандаҳои дар боло зикргардида аз стратегияи иқтисодии давлатӣ вобаста буда, андешидани чораҳои қатъиро тақозо менамояд. Дар инҷо самтгирии дуруст ва коркардҳои барномавӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ зарур мебошад. Дар ин замина бояд механизми идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳавасмандгардонии он ташаккул дода шавад. Ҳавасмандгардонии воридоти маблағҳо аз хориҷа дар бештари ҳолатҳо аз раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ вобаста мебошад. Дар натиҷаи ғайридавлатикунонии моликияти давлатӣ фишангҳои бозории идоракунии фаъолияти берунӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба таҳдидҳои замони муосир ҷавобгӯй мебошанд. Дар баробари тамоми ислоҳоте, ки давлат дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ гузаронидааст, ҳанӯз ҳам ҳамкориҳои ҳамаҷониба дар самти захираҳои мавҷудаи табиии ҷумҳурӣ асос меёбад. Дар қатори афзалиятҳои воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкориҳои сармоягузорӣ бо шарикони хориҷӣ муътадилии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва муътадилии иқтисодӣ нисбатан арзон будани қувваи кориро номбар намудан мумкин аст. Аммо қайд намудан зарур аст, ки ташаккулёбии фазои мусоиди сармоягузорӣ баҳисобгирии ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам беруниро талаб менамояд, ки ба сармоягузорӣ, махсусан ҳолати умумии бозори байналмилалии сармоя таъсир мерасонанд. Сармоягузорони хориҷӣ нисбат ба номутаъдилии сиёсӣ ва шароити иқтисодӣ-иҷтимоии бегона эҳтиёткор мебошанд. Аз ин рӯ, назди мо ду вариант меистад: якум, бояд шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодиро монанди давлатҳои тараққикарда таъмин намоем; дуюм, бояд шароити максималӣ муфидро барои сармоягузорони хориҷӣ таъмин намоем. Бо ин мақсад Тоҷикистон кӯшиш намуда истодааст, ки шароити муътадили молиявӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ-иҷтимоиро барои сармоягузорони хориҷӣ таъмин намояд. Дар байни шароитҳои мазкур шароити ҳуқуқӣ ҷойгоҳи махсус дорад: баробар намудани ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ; ба сармоягузорони хориҷӣ пешниҳод намудани кафолати давлатӣ; ҳимояи онҳо аз тағйирёбии конюнктураи сиёсӣ ё низоми қонунгузорӣ; (милликунонӣ) давлатӣ накардани моликияти сармоягузорони хориҷӣ ва ғайра.

Омили асосии эҷодкунандаи монеа барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ рушд накардани бозори қоғазҳои қиматнок дар ҷумҳурӣ мебошад. Бозори қоғазҳои қиматнок дар ҳолати ташаккулёбӣ буда, фаъолияти дуруст надорад. Ҳатто бахши мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ рушд накарда, раванди эҳёи он шурӯъ гаштааст. Дар бораи рушду тараққиёти он сухан гуфтан, ба андешаи мо, ҳанӯз барвақт аст. Ин омили таъсиррасонанда ба пайдоиши мафҳумҳои ғайришаффоф ва номуайянии бозор дар ҷумҳурӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, сармоягузорони хориҷӣ нисбати харидории

қоғазҳои қиматноки ҷумҳурии мо рағбат надоранд. Аммо солҳои охир дар ин самт тағйирот мушоҳида мешавад, дар ҷумҳурӣ ифрасохтори бозорӣ, бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, муассисаҳои консалтингӣ (маслиҳатӣ) фондҳои сармоягузорӣ ва агентиҳои рекламавӣ ташаккул ёфтааст [4, с. 67].

Ҳамин тавр, ба фаъолияти сармоягузорӣ замина гузошта шуда буд. Барои ташкили фазои сармоягузории нисбатан мусоид як қатор чораҳои мушаххас андешидан лозим аст:

- мукаммал намудани қонунгузорӣ дар самти маблағгузорӣ;
- озод ва содасозии тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ;
- идома додани ташаккулёбии бахши хусусӣ;
- тараққӣ додани инфрасохтори бозорӣ;
- баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ;
- рушд додани бозори асъор;
- сода кардани қабули қарорҳои идоракунӣ дар мақомоти давлатӣ ва омилҳои дигар.

Аз рӯйхати омилҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки сармоягузорони хориҷӣ бештар ба сатҳи мукаммалии қонунгузорӣ ҳавасманданд. Зеро давлатҳо тавассути ин низом кафолати сармоягузорони хориҷиро дастгирӣ ва пешниҳод менамоянд.

Чи тавре ки дар боло зикр гардид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ корҳои зиёде дар самти кафолати давлатии дар сатҳи қонунгузорӣ муқарраргашта ва мусоидат ба сармоягузорӣ анҷом дода шудааст:

- давлат ҳимояи манфиатҳои онҳоро кафолат медиҳад;
- давлат кафолати бозгашт (репатриатсия)–и озоди фойдаи бадастовардаро медиҳад;
- давлат раванди бақайдгирии фирамаҳоро сода намудааст;
- нархгузорӣ бо талаботи бозор сурат мегирад;
-давлат кафолати озодии соҳибкориро медиҳад;
- давлат як қатор имтиёзҳоро ба сармоягузороне, ки ба самтҳои афзалиятноки хоҷагии халқ сармоягузорӣ мекунанд, пешниҳод мекунад.

Ба ғайр аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ як қатор ҳуҷҷатҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ низ қабул карда шудаанд, ки дастгирии давлатии сармоягузории дохилию хориҷиро ифода намуда, онҳоро ҳавасманд месозанд:

- Кодексҳои граждани, андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзим ва назоратӣ асъор”, “Дар бораи сармоягузорӣ”, “Дар бораи канданиҳои фоиданок ва истифодаи канданиҳои фоиданок”, “Дар бораи замин” ва ғайра;
- Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кувваи ҳуқуқӣ доранд.

Давлат ба сармоягузорон дар ибтидои фаъолият кафолати қонунгузориро пешниҳод намудааст ва як қатор афзалиятҳо ва низоми имтиёзҳоро муқаррар намуда, мақомоти махсусгардонидашудаи соҳаро ташкил намудааст. Ичунин, давлат сиёсати хешро дар самти дастгирии сармоягузории мустақим низ амалӣ мегардонад. Мақсад аз чунин сиёсат дар ташаккулдиҳии фазои мусоиди сармоягузорӣ оиди тараққиёти босуръати истеҳсолот, кор ва расонидани хизмат дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт иборат мебошад.

Дар соҳаи ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бошад, як қатор мушкилиҳо ҷой дорад:

✓ маҳдуд будани бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии тиҷоратию иқтисодӣ, ки бо дурдаст аз бозорҳои калони ҷаҳонии истеъмолӣ ва роҳҳои асосии тиҷоратию нақлиётӣ алоқаманд аст;

✓ рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини неруи барқ, дараҷаи баланди бюрократизатсияи ҳокимияти давлатӣ;

✓ монеаҳои маъмурӣ дар роҳи пешрафти соҳибкорӣ ва мавҷуд набудани механизми худмаблағгузорӣ (иттиҳодҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва ғайра);

✓ вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва дигар) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ;

✓ номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, ноустуворӣ дар бозори асъор ва равандҳои таваррумӣ;

Дар хулосаи мақола муалиф доир ба ҷаби сармоягузории хориҷӣ ва омилҳои ба он таъсиркунанда ва роҳҳои мукамалгардониии он дар шароити имрӯза ва фикрҳои арзишнок пешниҳод намудааст. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр зарур мебошад.

Адабиёт

1. Бердиев Р.Р. Совместный инвестиционный процесс как механизм устойчивости социально-экономического развития / Р. Бердиев // Таджикистан и современный мир. Вестник ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе: Тип. ТНУ, 2015. - № 4 (47).

2. Беренс В., Хавранек, П.М. Руководство по оценке эффективности инвестиций / В. Беренс, П.М. Хавранек; пер. с англ.; перераб. и доп. изд. – М.: АОЗТ «Интерэкспорт»; Инфра-М, 1995 –310с.

3. Закон Республики Таджикистан «Об инвестиционном соглашении» 19 марта 2013 года, №944 - Душанбе, 2013-15с.

4. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях» от 15 марта 2016 года, № 1299. - Душанбе, 2016 –14с.

5. Игонина Л.Л. Инвестиции: Учеб. пособие / Л.Л. Игонина; Под ред. В.А. Слепова. — М: Юристъ, 2012. — 480 с.

6. Инвестиции: Учеб. пособие /Под ред. М.В. Чиненова. – М.: КноРус, 2011. – 368 с.

7. Инвестиции: учебное пособие / Под ред. В.В. Ковалева. — М.: Проспект, 2008. – 360 с.

8. Индекс восприятия коррупции 2017 года [Электронный ресурс]. URL: http://gtmarket.ru/ratings/corruption-perceptions-index/info. (12. 04. 2019)

9. Иванова Л.С., Кондратьева В.И. Методика принятия инвестиционных решений. - Владивосток. Издво «Дальне-восток», 2012. - 48 с.

10. Розиқов В.А., Раҳимов Ш.М., Сафаров С.Р., Инвестиционная политика Республики Таджикистан и основные направления ее активизации. –Душанбе: Сарпараст 2001-174 с.

ХУДОЙҚУЛОВА Ё.К. - асисстенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБСТ

РУШДИ САЙЁҲҲӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои дорои имконияти васеи истифодаи навгониҳои рақамӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ буда, бозори хизматрасониҳои онлайнӣ яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи он маҳсуб меёбад, ки сайёҳии байналмилалӣ дар ин ҷо нақши калидӣ дорад. Табиист, ки сайёҳони хориҷӣ ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили сафарҳои худ дар саросари

Тоҷикистон аз интернет истифода мебаранд, ки ба рушди бозори сайёҳии Тоҷикистон таъсири фаъол мерасонад. Маҳз дар ҳамин замон амиқтар шудани равандҳои рақамикунонии сайёҳии миллӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи сайёҳии кишвар хоҳад буд.

Таҳлилҳои гуногуни коршиносону олимон нишон медиҳанд, ки бо эҳтимоли зиёд дар ояндаи наздик сатҳи рақамикунонӣ рақобатпазирии соҳаҳои гуногуни тиҷорат, балки кишварҳоро низ муайян мекунад. Дар ҳамин ҳол, бартарии устувори рақобатпазириро танҳо ҳамон кишварҳо ё ширкатҳое ноил мешаванд, ки метавонанд ба зудӣ ба воқеияти замон мутобиқ шуда, ба таври максималӣ аз манфиатҳои рақамисозӣ истифода баранд. Бо назардошти ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ бо баёни воқеият ва талаботи замони муосир будани рақамикунонии иқтисоди миллӣ, таъкид доштанд, ки ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккули заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида шуда, гузариши тадричӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад[134].

Алҳол барои пурра гузаштани Тоҷикистон ба иқтисодиёти рақамӣ тамоми имкониятҳои зарурӣ муҳайё буда, заминаи асосии онро ҳукумати электронӣ гузоштааст. Зимнан, дар кишвар кортҳои пардохтии бонкӣ васеъ паҳн шуда, маоши кормандони буҷетӣ ва нафақа чанд сол боз танҳо ба кортҳои бонкӣ ҳисобӣ мешаванд. Ҳамзамон, барои шаҳрвандон ба меҳмонони кишвар дигар воситаҳои пардохтҳои электронӣ ба монанди бонкинги мобилӣ, ҳамёни электронӣ, QR рамз ва ғайраҳо дастрас мебошанд.

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои зудинкишофёбандаи иқтисодиёт мебошад. Мусаллам аст, он аз рақамикунонӣ, ки тули ду даҳсолаи охир тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳонро фаро гирифта истодааст, дар канор буда наметавонад. Ҳарчанд соҳа дар марҳалаи пайдоиш ва ташаккули рақамикунонӣ қарор дорад, дар ояндаи наздик сайёҳиро бе истифодаи воситаҳои гуногуни рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди сайёҳӣ аҳамияти махсус зоҳир намуда, бо мақсади тавсеаи раванди рақамикунонии иқтисодиёт, аз ҷумла дар бахши сайёҳӣ, ҷалби сармоя, муаррифии захираҳои сайёҳии мамлакат ба ҷаҳонгардон, тадбирҳои зарурӣ ва саривақтӣ меандешад. Гуфтан ба маврид аст, ки соҳаи сайёҳӣ тайи даҳсолаи охир дастовардҳои бесобиқаро ноил гашт. Аз моҳи январи соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми раводиди электронии E-Visa барои шаҳрвандони хориҷӣ ҷорӣ гардид. Айни ҳол, мувофиқи маълумоти сомонаи сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, ба воситаи раводиди электронӣ шаҳрвандони 140 давлати ҷаҳон метавонанд ба Тоҷикистон сафар намоянд.

Коршиносон қайд мекунанд, ки имрӯз тиҷорати сайёҳӣ бо рақамикунонӣ робитаи зич дошта, он ба ҷараёни ҷаҳонгардӣ таъсири мустақим мерасонад. Ба гуфтаи коршиносон, тақрибан 80 дарсади сайёҳон ҳангоми омодагӣ ба сафар аз хизматрасониҳои рақамӣ ба монанди брон кардани ҳуҷраҳои меҳмонхонаҳо, чиптаҳо ва ғайраҳо истифода мебаранд. Ҳамаи ин ба воситаи имкониятҳои рақамӣ, махсусан барномаҳои мобилӣ, амалӣ мешаванд, ки дар ташаккул ва рушди маҳсулоти нави сайёҳӣ, пешниҳоди хизматрасониҳо дар бахши меҳмондорӣ ва сайёҳӣ мусоидат намуданд. Имрӯзҳо хизматрасониҳое, ба монанди Skyscanner, Booking.com, Airbnb, ки имкони мустақилона ба нақша гирифтани сафарҳоро барои сайёҳон фароҳам оварданд, шумораи ҳарчи бештари ҷаҳонгардонро ба сайрҳои инфиродӣ ҷалб менамоянд. Феълан, дар як платформаи рақамӣ пешниҳодҳои ширкатҳои сайёҳӣ, ҳавопаймоӣ ва дигар таъминкунандагони хизматрасониҳои сайёҳиро аз назар

[134] Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И. Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ/А.А. Мирзоалиев, П.И. Холиқова// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №4/1(43) –С.279-283

гузарондан мумкин аст. Рақамикунонӣ ба ҳамаи доираҳои сайёҳӣ таъсир расонда истодааст: биноҳо ба системаҳои рақамӣ мегузаранд; замимаҳои мобилӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳо сайёҳӣ ва хизматрасонии меҳмонхонаҳоро осон мекунанд; мессенҷерҳо муошират байни кормандон ва мизоҷонро суръат мебахшанд; чат-ботҳо фаъолияти инсонро аз байн мебаранд ва монанди инҳо.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рақамикунонии сайёҳӣ қадамҳои устувор гузошта мешаванд. Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ масъалаҳои истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсионӣ дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла роҳнамои онлайн, харитаҳои электронии сайёҳӣ, маълумот оид ба мавзеъҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ ба сайёҳонро корбарӣ менамояд. Яке аз чунин замимаҳои мобилӣ, ки барои фарохсозии имкониятҳои сайёҳии мамлакат дар шабакаи интернет пешбинӣ шудааст, MGIS мебошад. MGIS феҳристи ройгон бо харитаи муфассал ва ҳамаҷонибаи шаҳри Душанбе буда, аввалин дастури онлайнии интерактивӣ дар Тоҷикистон мебошад. Замимаи mgis.tj дар як лаҳза оид ба ҷойгиршавии дилхоҳ иншооти давлатӣ, ширкатҳо, меҳмонхонаҳо, масири нақлиёт, рақами хонаҳо, номи ширкату ташкилотҳо ва рақами телефонҳо, суроғаҳо ва соатҳои корӣ маълумот пешниҳод мекунад. Ба воситаи он метавон зуд кӯча ё хиёбон, қаҳвахона ё тарабхона, ширкат ё созмон, терминал ё банкомат, дорухона ё беморхона, номгӯйи таом ва нархҳои тарабхонаву қаҳвахонаҳои шаҳр ва бисёр дигар маълумоти заруриро пайдо намуд. Ғайр аз ин, бори нахуст дар ҷумҳурӣ моҳи январи соли ҷорӣ Платформаи рақамии сайёҳии «Tour.tj» таҳия ва пешниҳод шуд, ки низоми ягонаи фармоишдиҳии бастаҳои сайёҳии ширкатҳои сайёҳии ватаниро ба ҳам меорад. Инчунин, марказҳои гуногуни хизматрасонии нақлиётӣ, аз қабили «Рахш Такси», «Эйшн Экспресс», «Олуча Авто», дар пойтахт ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар хизматрасониҳои нақлиётиро пешниҳод мекунанд. Инчунин, низоми пардохти электронии ҳаққи хизмати мусофиркашонӣ, хариди молу маҳсулот, хизматрасониҳои бонкиву молиявӣ ва ғайра паҳн шудаанд. Дар баробари ин, дар минтақаҳои сайёҳӣ ва дурдасти кӯҳӣ алоқаи мобилӣ ва пайвастшавӣ ба интернет имконпазир аст. Ҳамаи ин шароитҳо барои осон намудани дастрасии маълумот вобаста ба хизматрасониҳо, мавзеъҳои сайёҳӣ ва роҳати сайёҳон ёрии аввалиндараҷа расонда, василаи муҳими сарфаи вақт ба ҳисоб мераванд.

Адабиёт

1. Исследование экспертной группы Digital McKinsey. Цифровая Россия: новая реаль- ность [Электронный ресурс] // TAdviser. URL: http://www.tadviser.ru/images/c/c2/Digital-Russia-report.pdf. (дата обращения: 19.11.2021).
2. What is Hilton Worldwide University? [Электронный ресурс]. URL: http://www.hwu- overview.com/introduction/university.html. (дата обращения: 20.11.2021).
3. Головенчик Г.Г. Трансформация рынка труда в цифровой экономике // Цифровая трансформация. 2018. № 4 (5). С. 27–43.
4. Мирзоалиев А.А. Таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори кадрӣ- /А.А. Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- 14/2 Душанбе, 2018.- С.134-137
5. Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И. Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ/А.А. Мирзоалиев, П.И. Холиқова// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2022 №4/1(43) –С.279-283
6. Мирзоалиев А.А., Худойқулова Ё.К. Омодагии кадрҳо дар шароити рақамикунонии саноати сайёҳӣ / А.А Мирзоалиев., Ё.К. Худойқулова //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2/2(47) Душанбе, 2023 -С.26-33
7. Ф.Р.Шаропов , А.А.Мирзоалиев, Рақамикунонӣ ва рушди иқтидорӣ кадрӣ / Ф.Р.Шаропов , А.А.Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023 №1, 2/2(47) -С. 248 – 253.

8. How robots replace people [Электронный ресурс] // TAdviser. URL: https://www.tad- viser.ru/index.php/. (дата обращения: 12.11.2021).
9. *Чань Нань*. Бизнес вырос на иве. Сельские жители преуспели, освоив электронную торговлю // Российская газета. 2016. 12 февр.
10. Каким будет туризм будущего? [Электронный ресурс] // Travel. URL: https://city.travel/blog/?p=11161. (дата обращения: 29.11.2021).

ЭМОМОВ И.Б. - н.и.п., дотсенти мудири кафедраи забонҳои хориҷии ДБССТ

МОҲИЯТИ ТАКМИЛИ ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР РУШДИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар замони ҳозира оид ба забони англисӣ ҳамчун воситаи байналмилалӣ ва байнифарҳангии муошират, дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тақозои давру замон мебошад, мулоҳизаҳои судманде иброз шудаанд. Моҳияти донистани забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ дар тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии мамлакат ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зарурати омӯзиши забони англисӣ барои пешрафти илмию техникии ҷомеа боиси он гаштааст, ки имрӯзҳо баргузор намудани чорабиниҳои муҳими сатҳи байналмилалӣ чун анъана қарор гирифтаанд.

Омӯзиши забон ҷараёни мураккабу заҳматталаб буда аз омӯзгор дар баробари дониш, инчунин ҷиддият ва эҷодкориро талаб менамояд. Табиист, ки барои таълим додани забон мутахассисе бештар комёб мешавад, ки ӯ аз лиҳози амалия таҷрибаи қавиро соҳиб аст.

Бо талаботи прогресси илмию техникӣ ва ба хотири дар сатҳи ҳозиразамон баланд бардоштани донишу маърифати маданию ҳуқуқии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки яке аз забонҳои хориҷиро ба дараҷаи лозимӣ аз бар намояд.

Дар шогирдон такмил додани малакаи мустақилӣ ва муносибати эҷодкорона бо забон бо истифода аз дониши ҳосилкарда дар фаъоляти меҳнатӣ ва дар оянда мукаммал намудани ҳам дониши назариявӣ ва ҳам амалӣ аз вазифаҳои муҳиме ба шумор мераванд, ки бояд ҳар як омӯзгор онҳоро дар марҳилаи аввали омӯзиши забон ба донишҷӯён такмил дода тавонад [4, с.98].

Барои омӯзгорон солҳои пеш мушкилоти асосие, ки пеш меомад, ин махсусиятҳои фардию равонии донишҷӯён буд, ки таҳқиқу таҳлили ин масъала вақти бисёреро мегирифт. Айни ҳол ин масъала роҳи ислоҳи худро пайдо кард. Дар ин замина ҳамчунин нобаробарии донишу тайёрии донишҷуён сатҳи ҷаҳонбинии онҳо низ муассир аст. Методикаи кори омӯзиши забони хориҷӣ барои донишҷӯёни гурӯҳҳои ибтидоӣ вижагиҳои худро доро мебошад ва то кунун кор карда нашудаст. Дар байни осори методии гуногуни ин соҳа ақидаву мулоҳизаҳои ҷолибе мавҷуданд, аммо омӯзгорони ҷавон аз ин баҳри бекарони ғояву андешаҳо баъзан наметавонанд равияи лозимиро интихоб кунанд. Аз ин рӯ, баъзе аз онҳо ба хатоҳои ислоҳнопазир роҳ медиҳанд.

Чунин роҳу усулҳои нави самарабахшӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз қабили аудиовизуалӣ, гипнопедикӣ, сугестопедикӣ, ки бо унвони лозаноаи низ машҳур аст ва ғайраҳо барои навомӯзон чандон муфид нестанд.

Баъзе маводҳо доир ба ин масъала дар асарҳои методистону равоншиносоне, чун И.М. Герман, А.А. Герт, В.С. Гинзбург ва дигарон ҷой доранд.

Айни замон, олимони забоншинос ба хулосае омаданд, ки омӯзиши забон дар гурӯҳи калонсолон бояд аз ташаккул додани нутқи шифоҳӣ оғоз гирад. Чунончи, И.М. Герман

менависад, ки агар мақсади асосии калонсолон фақат хондан бошад, пас марҳилаи аввали омӯзиш бояд машқи муҳовара бошад [5, с.54].

Аз набудани ягон дастури таълимию методӣ омӯзгорон дар дарсҳои худ бо гурӯҳҳои ибтидоӣ аз усулҳои омехта истифода мебаранд, ки бо тақозои шароит ҷавобгӯ бошанд. Дар чунин ҳолатҳо аз ҳама муфидтар мубодилаи таҷрибаи эҷодию методии худи омӯзгорон нақши хубтаре мебозад. Аз рӯи чунин амал хулоса ва натиҷаҳои дар амал санҷидашуда ба даст меояд.

А.Г. Миронова чунин мешуморад, ки ба даст овардани ягон намуди натиҷаи дилхоҳ ҳангоми омӯзиши забони ғайр танҳо дар ҳолати бештар кардани дарсҳои амалӣ муяссар мегардад. Аз ин ҷо ҳам, ӯ чунин пешниҳод дорад, ки ба донишҷӯён ҳар чӣ бештар китобҳои ба забони хориҷӣ интишоршударо бояд тавсия намоем. Ва аз рӯи ҳамаи мавзӯъҳои пешбинишуда бояд айни як матнро ба ду забон ба донишҷӯ пешкаш кунем.

Аз рӯи назарияи мазкур ҳар як мавзӯъ бояд чунин унсурҳоро фарогир бошад:

а) нақл (топик) бо тарҷумаи пурааш;

б) матн бо шарҳаш;

в) матнҳои бетарҷумаи санҷишӣ;

г) ифоданок хондани матн аз тарафи устод;

д) гӯш кардани матнҳои аудиовизуалӣ.

Ҳамин тариқ, дар 8 дарс 14 матн хонда шуда, дар охир матни иловагие дода мешавад, ки аз рӯи он натиҷаи ба даст омадаро месанҷанд, ва дар ин замина истифодаи воситаи тхникии таълим низ муҳим аст.

Бо вуҷуди ҳамаи ҷанбаҳои мусбии худ усули мазкур ба андешаи мо, мураккаб буда, иҷрои он нозӯкиҳои зиёдеро тақозо менамояд.

Малакаи фаъолияти омӯзгории З.В. Гранитский, ки дар асоси назария бунёд ёфтааст, таъими забони хориҷиро дар гӯрӯҳҳои ибтидоии донишҷӯён матраҳ месозад. Ӯ барои самаранокии омӯзиши забон дар гурӯҳҳои навоғоз диққати бештар додан ва тарзи таллафӯз ва муошират тавсия карда, усули амалии муҳовараро дар мисоли омӯзиши забони франсавӣ ба таҳқиқ гирифтааст. Дарвоқеъ, дар заминаи машқҳои фонетикӣ баланд бардоштани малакаи муҳовараи донишҷӯён хубтар муяссар мегардад. Баъди сабақгардониҳои нахустини талаффузӣ қоидаҳои хониш тавсия мешаванд, он бо худ матн ва шарҳи мухтасари грамматикӣ дорад. Дар тақвияти усулӣ забономӯзии мазкур нақши воситаҳои техникӣ ҳам муҳим аст [6, с.8].

Омӯзгори забони англисӣ дар гурӯҳҳо аз ибтидо бояд ҳамеша фаъолияти мустақилона амал кардани забономӯзиро ба донишҷӯён талқин созад. Чигунагии идомаи ин амал дар қадамҳои нахустин асос меёбад. Барои ин машқҳои гуногуни эҷодӣ ва матнҳои зарурӣ лозим мешаванд, ки дар донишҷуён малакаи забондониро меафзоянд.

Муҳимтарин омил дар омӯхтани забон кор бо матн мебошад. Аз ин ру, ҳангоми тартиб додани корҳои методию таълимӣ ба усули таълими омӯзиш диққати бештар додан лозим аст. Ин ҷо зикр намудани мулоҳизоти Г.В. Сквортсоваро лозим медонем, ки ба хато роҳ додани муаллимони забони хориҷӣ баён доштаанд. Ҳадаф ин аст, ки бархе аз омӯзгороне, ки усулҳои нави таълимро ба кор мебаранду паҳлуҳои нозуки кори таълимиро сарфи назар месозанд, охир ба норасоиҳо роҳ медиҳанд, ки ислоҳи он дар оянда мушкил мегардад. Ин норасоиҳо иборатанд аз беаҳамиятии муаллим ба сомеон, аҳамият надодан ба дониши грамматикии гирифтаи донишҷӯ ва гузаштан ба маводи нави луғавӣ, инчунин, диққат надодан ба тарзи муошират донишчуён, ки дар охир онҳо наметавонанд дониши назариашонро ба амал ворид созанд. Дар ин замина дуруст истифода набурдани воситаҳои техникӣ низ дар нокомии забономӯзӣ метавонад муассир бошад.

Усули кори консервативии омӯзгоронро Г.В. Рогова танқид карда меафзояд, ки хангоми дарс муаллим бояд чун воситаи муҳаррик амал кунад. Зеро у мефаҳмонад, мепурсад, мехонад, суол медиҳад ва ғайра. Дар чунин ҳолат забономӯзон ҳамчун шунаванда

мемонанду фаъол нестанд. Агар дар синфхона акси ин падида амалӣ мебуд, малакаи муошират донишҷӯён қаввитар мешуд.

Мулоҳизаҳои методистони соҳаи забонро хулоса карда ин қазияи асосиро, ки дар амал татбиқ шудани малакаи забондони пеш аз ҳама ба маҳорати омӯзгор вобастаги дорад, метавон ҷонибдорӣ кард. Ба қавли Ш. Хус омӯзгори хуб метавонад бо усули қафомондаи таълим ҳам натиҷаҳои назаррас ҳосил кунад. Вале, вақте ки омӯзгор таҷрибаи кофии корӣ надорад, аз он ҷо, ки беҳтарин усули таълимро пеша мекунад, аз ӯ маҳсули некро интизор шудан ғайриимкон аст.

Дар бахши ташаккули маърифати ҳуқуқии донишҷӯён метавон иброз дошт, ки азбар намудани истилоҳоти соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва истифодаи он дар амал аз вазифаҳои муҳимтарин ба шумор мераванд. Масалан, ибораҳои низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон - the juridical system of the Republic of Tajikistan, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ - the juridical basis of the entrepreneurship activities, рақобат - competitiveness, асосҳои ҳуқуқии муфлисшавӣ - the juridical basis of bankruptcy, шартномаи меҳнатӣ - a labour agreement, реҷаи вақти корӣ - a weekday routine, реҷаи вақти дамгирӣ - the resting routine, интизомӣ меҳнат - the discipline at work, ҷиноятҳои иқтисодӣ - the economic crime, масъалаҳои ҳуқуқии андоз ва андозабндӣ - the juridical problems of tax and taxation, таъмини амнияти давлат - the security provision of the country, ҳамкории муфиди дуҷониба ва бисёрҷонибаи иқтисодӣ, техникӣ, илмӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ - bilateral and comprehensive productive economic, technical, scientific, political, and cultural collaboration ва ғайраҳо, он вожаву ибороте мебошанд, ки донистани онҳо барои ҳуқуқшиносон шарт ва зарур мебошад [7, с.6].

Дар амалия мавриди истифода кардани ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мулоҳизоти педагогии муҳаққиқони мазкур дар заминаи таҳҳизоти навини технологии таълим барои минбаъд ташаккул додани малакаю маҳорати омӯзгорони соҳаҳои забони хориҷӣ аз аҳамият холӣ нест. Зеро амалияе, ки дар заминаи назарияи комили таҳқиқӣ сурат мегирад, ҳама вақт маҳсули дилхоҳ ба бор меоварад. Аз дигар ҷониб, барои амалӣ кардани ҳамаи он мулоҳизот пеш аз ҳама мусаллаҳ будан бо табиат ва қавонини забони модарӣ лозим аст. Зеро то нозукиҳои забони модарии худро омӯзгор маърифат нанамояд, наметавонад ба табиат ва таълими забони ғайр ворид гардад.

Адабиёт

1. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка.— М., 1989.

2. Виноградов В.В. Вступительное слово, "Вопросы терминологии". – М., 1961, -3 с.;

3. Влахов С., Флорин С. Непереводимое в переводе.- 2-е изд. Испр. И доп.-М.: Высш. Шк.,1986. -426

4. Гинзбург, Хидекель. Лексикология английского языка.— М., 1981.

5. Герман И.М. Как надо изучать иностранные языки. М. –Л. Изд. АПНРСФСР.1929. с. 54.

6. Границкая А.С. Некоторые проблемы научной организации учебно-воспитательного процесса в вузе. В кн.: Вопросы научной организации и планирования учебного процесса по иностранному языку. М.МГПИИЯ, 1975.С.8.

7.Нодиров Ф.М. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ.Душанбе, 2009. С.5-6.

РАИМБЕКОВА Х.К. – магистрант РТСУ

ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ МАРКЕТИНГОВОЙ СТРАТЕГИИ ПРЕДПРИЯТИЯ

Реализация принципа базирования на стратегическом маркетинговом анализе требует необходимости создания соответствующей системы стратегического анализа. При этом концепция маркетинговой стратегии отказывается от жесткой годовой плановой

регламентации и требует создания более мобильной цикличной системы сбора, анализа информации и принятия стратегических решений. Концепции, модели и методология стратегического анализа помогают получать и анализировать информацию для решения стратегических проблем, предлагают разработки соответствующих альтернативных маркетинговых стратегий предприятия на основе исследования рыночных возможностей и угроз. Принцип активной, наступательной стратегической деятельности предприятия предполагает, что предприятие должно не только исследовать рыночную среду и приспосабливаться к её условиям, не просто реагировать на события внешней маркетинговой среды, но и активно влиять на события среды.

Важной проблемой многих разновидностей бизнеса является развитие эффективных долгосрочных стратегий. Принцип долгосрочной направленности деятельности предприятия предполагает, что работа основана на стратегическом мышлении руководства и подтверждается турбулентностью современной рыночной среды. Управление, ориентированное на долгосрочный период, является более эффективным, но и более сложным, требует соответствующих методов воспроизводства стратегических перспектив. По выражению П. Дойля, «Сочетание усилий, направленных на решение текущих проблем, и действий, направленных на развитие долгосрочного стратегического мышления, необходимо для сохранения и укрепления конкурентоспособности фирмы» [4, с. 131].

Принцип интегрированного подхода к формированию и реализации маркетинговых стратегий предприятия является следствием вклада в концепцию и методологию стратегического маркетинга таких экономических наук, как: маркетинг — концепция, которая обеспечивает эффективное функционирование предприятия в рыночных условиях за счет изучения и удовлетворения потребностей потребителей; микроэкономика с ее эффектом экономии на масштабах производства и другими концептуальными принципами; организационное поведение с подходами относительно организационных структур и составными элементами организации (система, кадры, корпоративная культура, ценности); менеджмент — с методами эффективного организационного управления и системой стимулирования персонала; финансы — с методами финансового анализа и расчетам риска в деятельности предприятия; управление персоналом — с методами мотивирования и стимулирования работников предприятия в процессе реализации маркетинговой стратегии.

Принцип многовариантности предполагает учет различных вариантов возможных изменений маркетинговой среды на этапе формирования маркетинговой стратегии. Реализация этого принципа проявляется в том, что маркетинговая стратегия состоит, как правило, в трех вариантах: минимальном, оптимальном и максимальном.

Принцип эффективного размещения ресурсов предприятия объясняется ограниченностью ресурсов предприятия и необходимостью их рационального распределения между стратегическими бизнес-подразделениями и функциональными подразделениями предприятия. Игнорирование стратегического подхода при размещении ресурсов может привести к той ситуации, когда малоприбыльный, но перспективный бизнес будет страдать от нехватки ресурсов, в то время, когда прибыльный, но проблемный неперспективный, устаревающий бизнес будет оттягивать на себя основной ресурсный потенциал предприятия.

Важным является соблюдение принципа обеспечения синергетического стратегического развития предприятия. Синергетический эффект возникает тогда, когда общая прибыль от совокупной деятельности стратегических бизнес-подразделений предприятия будет больше, чем сумма рентабельностей (доходов) от обособленных деятельностей стратегических бизнес-подразделений. Именно на достижение этого эффекта ориентируется стратегический маркетинг при управлении портфелем бизнеса предприятия.

Принцип гармоничного сочетания аналитической составляющей с креативностью

означает, что стратегический маркетинг базируется на инструментарии маркетингового стратегического анализа с одной стороны и на применении творчества, новаторства - с другой. Если творческий подход не опирается на маркетинговый стратегический анализ, разработанные маркетинговые стратегии будут неэффективны. Если маркетинговый стратегический анализ не подкреплен творческим мышлением, то стратегическая деятельность будет лишена уникальности, что приведет к копированию опыта конкурентов и невозможности формирования конкурентного преимущества предприятия [4, с. 132].

Маркетинговая стратегия предприятия на современном рынке формируется под влиянием множества факторов и на основе большого количества маркетинговой информации. При формировании маркетинговой стратегии фирмы, прежде всего, следует учитывать следующие основные факторы: тенденции развития спроса и внешней маркетинговой среды (рыночный спрос, запросы потребителей, система товародвижения, правовое регулирование, тенденции в деловых кругах, условия территориального размещения); состояние и особенности конкурентной борьбы на рынке, основные фирмы-конкуренты и стратегические направления их деятельности; управленческие ресурсы и возможности самой фирмы (товарные, финансовые, торговые, кадровые, научно-технические, информационные), определение своих сильных сторон в конкурентной борьбе; основную концепцию развития фирмы, ее глобальные цели и задачи предпринимательской деятельности в основных стратегических зонах.

Этап реализации маркетинговой стратегии предприятия предусматривает четыре составляющие, которые необходимы доля внедрения выбранной стратегии: выделение и мобилизация необходимых ресурсов для внедрения и реализации стратегии; соответственно стратегическим изменениям необходимы адекватные изменения в организационной структуре предприятия; внедрение стратегических изменений; налаживание процесса коммуникаций между подразделениями организационной структуры, которые задействованы в реализации стратегии — как корпоративной, так и маркетинговой, а также координация процесса реализации стратегии [5]. При этом маркетинговая стратегия представляет собой процесс планирования и реализации различных маркетинговых мероприятий, которые подчинены достижению поставленных перед компанией целей. На сегодня существует большое количество различных стратегий. Все многообразные стратегии, которые организации демонстрируют в реальной жизни, являются различными модификациями нескольких базовых стратегий. Каждая из этих стратегий эффективна в определенной ситуации, определяемой факторами внутренней и внешней среды, поэтому важно рассматривать причины выбора определенного варианта. Каждая базовая стратегия имеет множество альтернативных вариантов. Например, стратегия роста может осуществляться путем приобретения другой фирмы (внешний рост) или путем значительного расширения ассортимента выпускаемой продукции (внутренний рост). Все маркетинговые стратегии можно разделить на наступательные, оборонительные и стратегии вертикальной интеграции. Наступательные стратегии применяются для сохранения конкурентного преимущества. Конкурентное преимущество обычно достигается за счет использования творческой наступательной стратегии, которой конкурентам не так просто противостоять. Оборонительные стратегии служат для защиты конкурентного преимущества и имеют целью удержать свою рыночную позицию, снизить риск быть атакованным, перенести атаку конкурента с меньшими потерями, оказать давление на бросающих вызов, чтобы переориентировать их на борьбу с другими конкурентами. Существует несколько путей, позволяющих защитить конкурентное преимущество. Один из подходов состоит в попытке помешать конкурентам начать наступательные действия. Второй подход к оборонительной стратегии состоит в доведении до сведения конкурентов, что их действия не останутся без ответа, и фирма готова к атаке. Сущность стратегии вертикальной интеграции заключается в том, что фирмы могут

расширить свою деятельность по направлению к поставщикам (назад) или по направлению к потребителю (вперед). Стратегии вертикальной интеграции могут преследовать цель полной интеграции в отрасли или частичной интеграции (создавая позиции на наиболее важных этапах отраслевой цепочки ценностей). Компания может осуществлять вертикальную интеграцию, начиная собственные действия в других звеньях отраслевой цепочки или приобретая фирмы, уже работающие в этой сфере, чтобы они были ближе к компании [6].

Таким образом цель разработки стратегии — определение основных приоритетных направлений и пропорций развития предприятия с учетом материальных источников его обеспечения и спроса рынка. При разработке маркетинговых стратегий предприятие должно принять решение: сфокусировать ли ему усилия на сравнительно небольшом круге сегментов с тем, чтобы завоевать ее сильные позиции, или осваивать одновременно ряд рынков. Для выбора подходящей стратегии необходимы соответствующие критерии. Для этого нужно учитывать следующие факторы: возможность сделать выбор в пользу стратегии концентрации, чтобы предотвратить распыление собственных средств и сосредоточить усилия на тех рынках, где потенциальный успех может быть достигнут сравнительно быстро; последовательность освоения рынков нескольких регионов для снижения степени риска; возможность стандартизированной политики продаж и получения прибыли; интенсивность конкуренции, что требует от фирмы постоянного ограничения издержек и достижимо путем концентрации на главных рынках. Основные принципы формирования маркетинговой стратегии обеспечивают преимущества стратегического маркетинга и объясняют его значение в качестве наиболее эффективной стратегической концепции управления предприятием.

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

1. Котлер Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер, Г. Армстронг, Дж. Сондерс, В. Вонг. — К.: Вильямс, 2010. — 1055 с.
2. Эткинсон Дж. Стратегический маркетинг. Ситуации и примеры / Дж. Эткинсон, И. Уилсон. — М.: ЮНИТИ, 2001. — 472 с.
3. Козлов С.В. Особенности разработки маркетинговой стратегии на предприятии теплоэнергетической отрасли / С.В. Козлов [Электронный ресурс]. — Режим доступа: edu.tltsu.ru/sites/sites_ content/site123 8/html/media66811/063-Kozlov.pdf.
4. Куденко Н.В. Принципы стратегического маркетинга / Н.В. Куденко // Ученые записки КНЭУ им. В. Гетьмана / Сборник научных трудов. — 2012. — № 14, Ч. 1. — С. 125-133.
5. Шталь Т.В. Модель формирования маркетинговой стратегии предприятия в системе его корпоративной стратегии / Т.В. Шталь [Электронный ресурс]. — Режим доступа: business-inform.net/ pdf/2011/9_0/194_197.pdf.
6. Гупанова Ю.Е. Факторы формирования маркетинговой стратегии предприятия / Ю.Е. Гупанова, А.Е. Гупанов [Электронный ресурс]. — Режим доступа: cyberleninka.ru/article/n/faktory- formirovaniya-marketingovoy-strategii-predpriyatiya.

ХАМИТОВА МАВДЖУДА ДЖУРАБАЕВНА
– магистрант РТСУ

К ВОПРОСУ ФИНАНСОВОЙ СТРАТЕГИИ ПРЕДПРИЯТИЯ

Разработка финансовой стратегии предприятия является итогом коллегиальной сессионной практики, и помимо этого ее предваряет серьезный этап подготовительной

работы до и контрольно-корректирующей работы после. В подготовке и контроллинге в основном занят финансовый департамент.

Выработка финансовой политики позволяет избежать трат на непрофильные или не важные задания. Выполнение и контроль такой работы, как правило, курирует финансовый директор и подчиненная ему вертикаль в компании [7].

В системе управления предприятием стратегическое планирование рассматривается как один из наиболее действенных инструментов менеджмента. Однако проверенный анализ показал, что у большинства субъектов хозяйствования отсутствует обоснованная стратегия развития. На каждом предприятии должен быть создан отдел стратегического планирования. Он должен определять направления работы технических, производственных, юридических, экономических служб предприятия [4].

Этому отделу следует формировать цели и задачи стратегического планирования, заниматься сбором и анализом необходимой информации, организовывать работу по выработке общей стратегии предприятия, координировать работу подразделений предприятий по разработке общих программ, осуществлять связь и согласованности перспективного и текущего планирования.

Финансы как функциональная сфера менеджмента может быть представлена в качестве системы отображения реальных процессов и событий бизнеса с разными степенями направленности и глубины проработки.

Как любой вид планирования, стратегический процесс может идти только сверху вниз в интересах собственников, однако у него присутствуют две параллельные «нитки»: взаимосвязанные планы реальных задач и планы финансовых показателей. К первым относятся планы продаж, снабжения, производства, маркетинга, персонала и т.п. Ко вторым относятся бюджетные планы, финансовые коэффициенты, индексы и т.д. [6].

Из сказанного следует вывод о том, что финансово-инвестиционную стратегию компании сложно отнести только к типу функциональных стратегий, осуществляя поиск ее места среди стратегии маркетинга, производственной стратегии, стратегии по персоналу. Она носит сквозной характер. Более того, разработка финансовой стратегии предприятия решает задачи моделирования и принятия стратегических финансовых решений в контексте безопасного развития компании, а также ресурсного обеспечения корпоративной стратегии. Отсюда и вытекают две основные функции финансовых стратегий: моделирующая и обеспечительная.

Система управления финансами обеспечивает такие распоряжения организационно-контрольной поддержкой через систему бюджетного управления с опорой, опять-таки, на стратегические решения. Следует отметить, что вертикаль финансового стратегического контура по своей структуре очень похожа на состав видов финансовых решений, вырабатываемых в финансовом менеджменте [2].

Принципы разработки финансовой стратегии, сформулированные более 10 лет назад Бланком И.А., до сих пор актуальны.

Состав основных принципов формирования финансовых стратегий по Бланку И.А.:

- Рассмотрение предприятия как открытой системы, способной к самоорганизации.
- Учет базовых стратегий операционной деятельности предприятия.
- Преимущественная ориентация на предпринимательский стиль стратегического управления финансовой деятельностью.
- Обеспечение гибкости финансовой стратегии.
- Выделение доминантных сфер стратегического финансового развития.
- Обеспечение альтернативности стратегического финансового выбора.
- Обеспечение постоянного использования результатов технологического прогресса в финансовой деятельности.

• Обеспечение разработанной финансовой стратегии соответствующими организационной структурой и организационной культурой.

• Ориентация на профессиональный аппарат финансовых менеджеров в процессе реализации финансовой стратегии.

• Учет уровня финансового риска в процессе принятия стратегических финансовых решений.

Во втором принципе можно предположить не учет не базовых стратегий операционной деятельности, а учет реальных материально-вещественных целей, которые занимают главенствующее место в корпоративной стратегии [3].

Третий принцип весьма ценен тем, что среди двух подходов стратегического управления (приростного и предпринимательского типа) последний должен иметь преимущество. Именно предпринимательская инициатива обеспечивает интенсивность и новое качество состояния бизнеса в отличие от консервативного приростного, экстенсивного подхода к стратегии.

В современных условиях десятый принцип формирования финансовых стратегий обретает все большее и большее значение. Наука развивается активно, особенно в условиях тех вызовов, с которыми сталкивается общество и бизнес. Роль оценки и методологии управления риском непрерывно растет. Многие, особенно крупные компании, выделяют из недр финансовых стратегий стратегии финансовой безопасности в отдельный документ и зону для реализации специализированного стратегического контроллинга [5].

В последнее время еще один принцип стал наиболее актуальным - принцип инновационности он особенно важен для инвестиционного раздела финансовых стратегий.

В последние годы стало более понятным, по какому алгоритму целесообразно формировать финансовые стратегии, хотя белых пятен еще достаточно.

Финансовые стратегии служат для выбора альтернатив во время принятия тактических решений в сфере операционного управления, движения финансов и инвестиций.

В литературе имеют место совершенно разные подходы к классификации видов финансовых стратегий. Наиболее цельная позиция, на мой взгляд, демонстрируется в предложении Т.А. Владимировой, которая выделяет такой немаловажный фактор для деления финансовых стратегий на виды, как масштаб финансовых целей компании [8].

Виды финансовых стратегий целесообразно делить на основе еще одного существенного фактора - стадии жизненного цикла самого бизнеса.

Для иллюстрации различий финансовых стратегий, связанных с периодом жизненного цикла, локализуем предметную область до уровня политики компании в сфере управления дебиторской задолженностью.

Разработка финансовой стратегии предприятия предваряет создание более локальной инвестиционной стратегии. Некоторые компании вполне оправданно объединяют две эти стратегии в одну.

Поэтому считаю, что владение методологией финансового стратегического планирования имеет непреходящее значение и для директора по развитию бизнеса, и для менеджеров, ведущих крупные бизнес-проекты уровня стратегических единиц бизнеса.

Список литературы:

1. Агапова И.В. Анализ моделей формирования финансовой стратегии как фактора экономического поведения предприятия / И.В. Агапова // Экономика, управление, финансы: материалы IV междунар. науч. конф. (г. Пермь, апрель 2015 г.). - Пермь: Зебра, 2015. - С. 64-71.

2. Ананидзе М.Г. Виды, цели и процесс разработки финансовой стратегии организации / М.Г. Ананидзе // Молодой ученый. - 2015. - С. 336.

3. Ветрова Е.Н. Совершенствование системы планирования развития промышленного предприятия / Е.Н. Ветрова, А.Л. Шульдешова // Инновационное развитие экономики. - 2016. - 215 - 223с.

4. Кудряшов В.С. Методическое обеспечение принятия управленческих решений в современных ситуациях

неопределенности и риска / В.С. Кудряшов, Т.С. Платонова // Менеджмент качества. - 2016. - 218 - 224с.

5. Кудряшов В.С. Теоретические и методические аспекты анализа платежеспособности финансовой устойчивости предприятий / В.С. Кудряшов // Стратегии бизнеса. - 2016. - С.11-19.

6. Курносова Е.А. Формирование финансовой стратегии предприятий малого бизнеса / Е.А. Курносова, И.И. Хасьянов // Вестник Самарского государственного университета. - 2015. - С. 65-68.

7. Рожковский А.Л. Применимость моделей оценки стоимости в системе финансового менеджмента компании / А.Л. Рожковский // Финансовый менеджмент. - 2016. - 39 - 52с.

8. Соколова Н.Н. Финансовая стратегия как важная составляющая общей стратегии компании / Н.Н. Соколова, Т.Н. Егорова // Фундаментальные исследования. - 2015. - С. 16-28.

НУРОВ Н.Қ. - устоди калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ

КОНСТИТУТСИЯИ- ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи бунёди иқтисоди бозориро пешгирифта, назарияи муайян, сиёсати иқтисодии ба ҷумҳурӣ мувофиқро пай дар пай амалӣ намуда истодааст. Ин сиёсат аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки дар он хусусияти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст. Аз он ҷумла: дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад»[135]. Дар партави ин сиёсат рушди иқтисодии бозорӣ дар Тоҷикистон бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ба манфиати мардум, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона карда шавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке воситаи асосӣ ва муҳими рушд ин фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад. Дар ин замина зери сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, ҷиҳати дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ ва бартараф намудани монеаҳо дар ин самт солҳои 2009-2010, 2012-2014 ва 2019-2020 ба ҳамагуна санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ мораторий эълон гардид, ки ин як заминаи рушд ва ба муваффақият ноил гаштани соҳа гардид. Ҷайд намудан ба маврид аст, ки ҷиҳати дастгирии давлатии соҳибкорон ва фаъолияти соҳибкорӣ, бунёди заминаҳои мувофиқи ҳуқуқӣ барои рушди сохибкорӣ, тарбияи кадрҳои соҳа, таъмини муҳити солим барои фаъолияти онҳо зина ба зина таҳия ва амалӣ шуда истодааст. Дар ин хусус дар Паёми навбатии худ чунин ишора намуданд: «Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

[135] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016


Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд».[136]

Маҳз роҳандозии чораҳои мушаххас, аз қабили қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, бунёди заминаи мусоид дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ ҳиссаи ин бахши муҳими иқтисодиётро дар ташаккули Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мунтазам афзуд ва он дар соли 2023 -юм 61,7 дарсадро ташкил дод. Агар дар соли 2013 даромади бахши хусусии соҳибкорӣ аз фурӯши маҳсулот 22 миллиарду 023,9 миллион сомонӣ ё 54,3 фоизро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли 2023 – 80 миллиарду 674,9 миллион сомониро дар бар мегирад[137].

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои хоҷагидор дар 5 соли охир аз 335306 ҳазор ба 358608 ҳазор расонидааст. Ҳукумати мамлакат минбаъд низ ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро низ роҳандозӣ менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки дар Моддаи дувоздаҳуми Боби яки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд.



Расми 1. Шумораи субъектҳои хоҷагидор дар панҷ соли охир (январ-июни солим 2024).[138]

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад».[139] Ин ҳама далели он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба мақсадҳои олии худ пайваста талош менамояд.

Адабиёти имстифодашуда

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» Душанбе-28.12.2023

[136] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» Душанбе-28.12.2023

[137] https://www.stat.tj/sohibkore-dar-jumhure-zina-ba-zina-rushd-meyobad/

[138] https://investcom.tj/sohibkori/63-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html

[139] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016

3. Основы предпринимательства: учеб. пособие / Д.М. Пашин, С.Н. Котенкова, А.Н. Мустафин, А.В. Рамазанов. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2019. – 152 с.
4. https://www.stat.tj/sohibkore-dar-jumhure-zina-ba-zina-rushd-meyobad/
5. https://investcom.tj/sohibkori/63-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html

МИРЗОЕВА Б.С. - муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ Донишгоҳӣ байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ НУТҚ ВА ИНКИШОФИ ОН БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ ГУНОГУН

Ҷиддияти масъалаи омӯзишӣ забони англисӣ дар суханрониҳои зиёди сарвари мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати Миллӣ, Пешвои миллат, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам садо медиҳад ва дар ҳама баромадҳои худ таъкид мекунад, ки ҷавонон бояд дар бозори ҷаҳони рақобатпазир бошанд, ва на кам аз ду ё се забони хориҷиро донанд. Зеро маҳз донистани забони англисӣ имкон медиҳад ки аз ҳаёти пешрафти мамлакатҳо ва халқҳои рӯи замин огоҳ шаванд ва имконияти сафар ба ин кишварҳо ва сайқал додани малакаи худро дошта бошанд. Аз ҳамин хотир хонандагони мактаби миёна ва донишҷӯёнӣ мактабҳои олии кишварро меёбад ки камари ҳиммат банданд ва дар омӯхтани забонҳо кушиши зиёд ба харҷ диҳанд. Омӯзишӣ забони англисӣ, ки воситаи алоқа ва тиҷорат ба шумор меравад, муҳим ва айни замон аст.

Ғани гардонидани захираи луғавии донишҷӯён яке аз роҳҳои инкишофи нутқи шифоҳии онҳо мебошад. Зикр кардан зарӯр аст, ки барои донишҷӯён дар дарс бояд хонда ва тарҷума карда тавонанд, мутолиа намоянд, машқҳои грамматикиро иҷро кунанд. Барои иҷрои ин талаботҳо захираи бойи луғавӣ лозим меояд. Аз ибтидо тарҷума муошират байнизабонии одамонро мконпазир гардонида вазифаи муҳими иҷтимоиро иҷро мекунад.Луғат дар ҳамбастаги бо фонетика ва грамматика асоси муоширатро ташкил мекунад.

Барои инкишофи нутқи шифоҳӣ аз усулҳои гуногуни таълим истифода бояд бурд. Масалан истифодаи усули бинои ва шунавоӣ.

Фаҳмонидан тавассути аёният. Чуноне, ки медонем чашм ба монанди суратгир амал мекунад. Сипас ҳамаи ин ахборот тавассути биноиш ба хортирот расонида мешавад.

Гӯш кардан ба аудио, ё ин ки тамошои филмҳо бо забони англисӣ ё гуш кардани сурудҳо бозабони англисӣ ҷараёни ёдгириро метезонад. Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки шунавоӣ низ яке аз қисматҳои муҳими омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Дар дарсҳои забони англисӣ тавассути гуфтугӯ кардан, саволу ҷавоб кардан ва дар масъалаҳои рузмара суҳбат доштан низ барои омӯзиши забон нақши муҳимро мебозад. Қайд кардан ба маврид аст, ки омода намудани муҳити омӯзиш ба донишҷӯён зарур ва айни муддао мебошад.

Усулҳои дигари омӯзиш низ вуҷуд доранд, ки ҷараёни азхудкуниро метезонад. Истифодаи антонимҳо ва синонимҳо, шаҳрдиҳии мавзӯи хондашуда, муҳокима ва нақли матнҳои хондашуда, истифодаи карточкаҳо дар дарс, хондани ҳикояҳо ва матнҳо ва супоридани корҳои мустақилона ва қабули онҳо ва ғ.

Барои ташкили кори мустақилона дар дарсҳои забони англисӣ усулҳои гуногуни таълим истифода мешаванд. Вазифахои асосии муаллим инкишоф додани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ва баромади донишҷӯён мебошад. Усулҳо ва намудҳои таълим ба омӯзиши донишҷӯён таъсири калон мерасонанд. Дар бораи дарсҳои забони англисӣ усулҳои

интерактивии таълим истифода мешаванд. Яке аз вазифаҳои афзалиятноки истифодаи усулҳои интерактивӣ ҷалби таваҷҷӯҳи хонандагон ба иҷрои вазифаҳои худ мебошад.Забони англисӣ дар тамоми ҷаҳон васеъ истифода мешавад. Шумо нутқи англисиро дар ҳама ҷо шунида метавонед: дар кӯча, дар магазину тарабхонаҳо, дар идорахо. Вақте ки шумо ба мамлакатҳои хориҷӣ меравед, ба шумо лозим нест, ки забони ин мамлакатро бидонед. Забони англисӣ ба шумо кӯмак мекунад, ки ҳамдигарро фаҳмед. Муҳандиси муосир ё ҳатто коргар бо асбобҳо ва мошинҳои дигар кишварҳо сарукор дорад ва бояд дастурҳоро, ки одатан ба забони англисӣ навишта шудаанд, хонда тавонад. Барномаҳои компютерӣ ва бозиҳо, аксари саҳифаҳои интернетӣ низ дар он навишта шудаанд. Маҷаллаҳои илмӣ асосан ба забони англисӣ нашр мешаванд, конфронсҳои илмӣ ва тиҷоратӣ низ ба забони англисӣ баргузор мешаванд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи барои миллати тоҷик ҳассос ва сарнавиштсоз таҳия ва қабул гардид, имрӯз яке аз беҳтарин Конститутсияҳои дунё эътироф шудааст. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Конститутсия – ҳамчун муҳимтарин омили таъмини истиқлоли миллӣ ва якпорчагии кишвар - тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократия, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат дода, халқи Тоҷикистонро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд».

Мазмун ва муҳтавои бобҳо ва моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ба меъёрҳои ҳуқуқии аҳли башар мувофиқат мекунанд, ки маҳз ин тамоюлгирӣ ҳамчун намунаи беҳтарин эътироф шудани онро аз ҷониби коршиносони Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо пайдо кард. Ҳамзамон Конститутсия аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки он дастоварди мукаммали даврони соҳибихтиёрии кишвар, сарчашмаи ҳуқуқии бунёди давлати тозатаъсиси миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъминкунандаи истиқлолият, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои тамоми шаҳрвандони кишвар мебошад.Конститутсия дар худ маҷмӯи арзишҳои эътирофшудаи ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос намуда кафили ҳифзи эътимоднокии онҳо, шукуфоии кишвар дар замони ҳассоси ҷаҳонишавӣ мебошад.

Аз ин нуқтаи назар Конститутсия ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ барои Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаётбахши ҷомеа, бахусус, фаъолияти созандагию бунёдкорӣ, шароити мусоиди сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангиро фароҳам оварда, мардуми кишварро ба меҳнати софдилона, татбиқи сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар, қарору қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳидоят намуд.

Азбаски Конститутсия ҳамчун Қонуни асосии кишвар ҳамрадифи ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷомеа маҳсуб меёбад, бинобар ин ба санади тақдирсоз низ бо назардошти манфиатҳои давлату ҷомеа зарурати ворид кардани тағйироту иловаҳо пеш омад. Зеро Конститутсия мустаҳкамкунанда, муайянкунандаи мақом ва манзалати инсон, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар ҳудуди давлат, таҳким ва устувории ҳокимияти давлатӣ, ба вижа, ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва суд маҳсуб ёфта, таҳкиму устуворӣ ва сулҳу суботи ҷомеаро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, вобаста ба талаботи замон ва ҳимояи тамомияти арзиву манфиатҳои миллӣ, амният ва сулҳу субот дар кишвар тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд давра тавассути райъпурсии умумихалқӣ ворид гардидааст.

Тағйироту иловаҳо ба Конститутсия тақозои онро доранд, ки минбаъд низ дар асоси талаботи бобҳо ва моддаҳои ин ҳуҷҷати тақдирсоз дар кишварамон Ваҳдати миллӣ таҳким ёфта, пояи он устувор мегардад. Зеро мазмуну муҳтаво ва талаботи ҳар як модда муайянкунандаи мақому манзалати инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа, дифои ҳуқуқу озодиҳои ӯ буда, бо ин назардошт аҳолии кишварро ба фаъолияти ободкорию созандагӣ, эҳтиром кардани арзишҳои фарҳангӣ ва муқаддасоти миллӣ, ҳифзи якпорчагӣ ва амнияти ҷомеа, нагаравидани ҷавонон ба ҳаргуна ҳаракату ташкилотҳои тамоюли ифротидошта ва расидан ба қадри Истиқлолияти давлатӣ ҳидоят менамояд.

Бо ташаббуси сиёсати оқилона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо заҳмати софдилонаи мардуми кишвар ба Ҳукумати мамлакат муяссар гардид, ки пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 инҷониб ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаву стратегияҳои милливу соҳавӣ рӯйи кор оянд. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки дастовардҳои бузургтарини мо пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди устувори молиявию иқтисодӣ, таҳкими бехатарии ҷомеа, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки ин ҳама маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳмату кӯшишҳои мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардидааст. Ҳар як шаҳрванди кишварро зарур аст, ки аз меъёрҳои ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз бохабар бошад ва риояи онро қарзи ҷонии хеш шуморад.

АДАБИЁТ

1. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Душанбе: Эр-граф, 2019. 746 с.

2. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2004. – 400 с.

АКИЛОВА М.М. – муовини декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнеси ва сиёсати Тоҷикистон

ЗАРУРИЯТИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚИ ҶИНОЯТИ ТАҶОВУЗ БА ҲАЁТИ АРБОБИ ДАВЛАТӢ Ё ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таърих гувоҳи он аст, ки дар марҳилаҳои гуногуни давлатдорӣ рушди давлат, таъмини сулҳу субот ва амнияти давлату ҷамъият ва шаҳрвандони он аз пешвоён, шахсиятҳои сарсупурдаи миллат, арбобони баргузидаи сиёсиву ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Ҳаёти сиёсӣ аз раванду ҳодисаҳо ва муносибатҳои мухталифу баҳамзид, муқовиматомезу моҷарогар ва мутаносибу мутассил дар ҷомеа таркиб ёфтааст. Дар маркази ҳамаи ин ҳодисаҳо ва муносибатҳои ҳаёти сиёсӣ инсон истодааст, ки моҳиятан он маҳсули муносибатҳо ва робитаҳои ҷомеаи сиёсист.

Инсон ба рафтор ва фаъолияти хеш дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва робитаҳо мақом ва нақши пешбарро соҳиб аст. Шахсони зиёде дар масири таърих буданд ва ҳастанд, ки ба ҳаёти ҷомеаву давлат такони пурзӯре додаанд. Бузургии ин гуна одамон дар он аст, ки тавонистаанд манфиатҳои умумии давлату миллатро ифода намоянд ва баҳри ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ ва истиқлолияти давлатӣ, дахлнопазирӣ ва тамомияти арзӣ, иқтидори мудофиавӣ, ҳамчунин амнияти дохиливу берунии давлат кӯшишҳо ба харҷ диҳанд. Аз ин хотир, оммаи мардум ва ҳокимияти давлатӣ ин гуна шахсонро эҳтиром намуда, ҳамчун арбоби давлативу ҷамъиятӣ эътироф менамоянд ва ба онҳо боварӣ доранд. Дар чунин маврид давлат бояд ба ҳимояи ҳуқуқии арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз таҷовузҳои ҷиноятқорона аҳамияти ҷиддӣ диҳад.

Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ дар шакли терроризми сиёсӣ яке аз роҳҳои ба амалбарорӣ ва тарзу усули бурдани муборизаи сиёсӣ бо истифодаи афкори даҳшатзо ва тарсафканӣ бо роҳи таҳдиду таҷовуз ва зӯроварӣ ҷиҳати бедор кардани тарсу ҳарос, ваҳмангезӣ дар вуҷуди инсонҳо мебошад.

Дар таърихи давлатдории тоҷикон таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ қариб, ки дар

ҳамаи даврaҳои он ҷой дошт ва ҷой дорад. Сабабҳои истифодаи терроризми сиёсӣ асосан муқовиматҳои шадид бо ноадолатии иҷтимоӣ, ихтилофоти мазҳабӣ ва ҳудудӣ, рукуди ҷомеа алоқаманд мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша зимни ироаи паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ ва суханрониҳояшон дар мулоқоту сӯҳбатҳо оид ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳори назар менамоянд. Аз ҷумла, Сарвари давлат зимни пешниҳоди Паёми навбатии худ охири моҳи декабри соли 2018 дар ин робита гуфта буданд: «Дар Паёмҳои қаблӣ ва дигар суханрониҳо ман андешаҳои худро доир ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳор карда будам. Шиддати ин хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, мутаассифона, имрӯз ҳам паст нашудааст». Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин Паём бо таҳлили дурбинонаи вазъ ва ёдоварӣ аз ҳодисаҳои мудҳиши террористии солҳои охир дар ҷаҳони муосир мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро ба ҳушёриву зиракии сиёсӣ даъват намуда, ба Прокуратураи генералӣ, ВКД ва КДАМ супориш дода буданд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқии пешгирӣ кардани экстремизм ва таҳияи тарзу усулҳои муосири муқовимат бо ин зуҳурот ҷиҳати мукамалнамоии қонунгузории мамлакатро дар ин самт чораандешӣ намоянд.

Ҳукумати ҶТ ва мақомоти марбутаи он ҷиҳати муборизa бар зидди терроризм ва экстремизм таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир намуда, як қатор корҳоро амалӣ мегардонад. «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар ҶТ барои солҳои 2021-2025», ки бо Фармони Президенти ҶТ 1 июни 2021-ум тасдиқ шудааст, ҳамчун ҳуҷҷати муҳими барномавии миллӣ баҳри тақвияти муқовимат бо терроризм ва экстремизм заминаи ҳуқуқӣ дошта, дар доираи он аксари масоил бо назардошти вазъи муқовимат бо ин зуҳурот дар кишвар ва таҷрибаи ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои узви ИДМ пешбинӣ гардидааст.

Дар арсаи байналмилалӣ, вобаста ба раддабандии давлатҳои аз рӯи шохиси терроризм (бо дарназардошти омори м. 310 КҶ ҶТ) Тоҷикистон чандон мавқеи хуб надорад. Масалан, вобаста ба раддабандӣ дар соли 2016 ҷойи 56 (бо шохиси 3.086), 2017 ҷойи 72 (бо шохиси 2.43), 2018 ҷойи 74 (бо шохиси 2.233), 2019 ҷойи 50 (бо шохиси 3.948), 2020 ҷойи 45 (бо шохиси 4.180), 2021 ҷойи 97 (бо шохиси 2.095), 2022 ҷойи 47 (бо шохиси 3.988)[148]. Ин нишондаҳо нигаронкунанда буда, асосҳои илмии решакан кардани терроризм, ба хусус терроризми сиёсӣ тақозои замон мебошад.

Асоси ҳуқуқии муборизa бар зидди терроризм Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ (минбаъд КҶ ҶТ) соли 1998 мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ, ки дар м. 310 КҶ ҶТ муқаррар шудааст яке аз намудҳои терроризм мебошад.

Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ ва инчунин як қатор омилҳое, ки ҷинояти террористиро ба вуҷуд меоранд, яке аз таҳдидҳои асосӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон номида шудааст. Таҳлили таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ, ҳамчунин таҷрибаи хориҷиии муқовимат бо таркиби ҷинояти тадқиқшаванда нишон медиҳад, ки терроризми сиёсӣ дар шароити муосир аз тарафи ташкилотҳои террористӣ ҳамчун яке аз методҳои муборизаи сиёсӣ истифода мегардад. Дар сатҳи қонунгузорӣ мавҷуд набудани мафҳуми “терроризми сиёсӣ” яке аз камбудиҳои ҷиддӣ мебошад. Дар КҶ ҶТ терроризми сиёсӣ дар шакли таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва арбоби ҷамъиятӣ ифода мегардад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» ба таври возеҳ изҳор менамояд, ки таҳдидҳо ба амнияти ҶТ ин фаъолияти ҷосусӣ, террористӣ, тахрибкорӣ ва фаъолияти дигари хадамоти махсус, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва шахсони алоҳида, ки барои расонидани зарар ба

[148] Global terrorism index 2016-2022.

амнияти миллии ҶТ равона шудаанд.[149]

Акти террористӣ (м. 310 КҶ ҶТ) ҳамчун усули муборизаи сиёсӣ барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешавад. Сабабҳои содир намудани ҷиноияти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва арбоби ҷамъиятӣ асосан муқовиматҳои шадид бо ноадолатии иҷтимоӣ, ихтилофоти мазҳабӣ ва ҳудудӣ ва рукуди ҷомеа алоқаманд мебошад. Вақте террористон роҳи дигаре намеёбанд, ё аз сабаби мавҷуд набудани дигар захираҳо ва ё кӯшиши тағир додани рафтори одамон ва тарсонидани онҳо аз амалҳои террористӣ истифода мебаранд.

Барои таҳқиқи таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ ҳамчун терроризми сиёсӣ, пеш аз ҳама, таҳлили моҳият ва мундариҷаи худи категорияи терроризми сиёсӣ талаб карда мешавад. Дар таълимоти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва сиёсатшиносӣ, мафҳуми ягонаи таърифи терроризми сиёсӣ вуҷуд надорад.

Бояд қайд кард, ки дар КҶ ҶТ маънидод кардани чунин ҷиноят, ба монанди таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба мафҳуми умумии муқарраротҳои дар КҶ ҶТ барои ҷиноятҳои хотимаёфта ва сӯиқасд ба ҷиноят мухолифат мекунад ва он имкон намедиҳад, ки ба тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста аз оқибатҳои рухдодаро муайян намоем. Ҳамзамон дар м. 310 КҶ ҶТ муайян намудани моҳияти мафҳумҳои “таҷовуз”, “арбоби давлатии ҶТ” ва “арбоби ҷамъиятии ҶТ”, ки дар рафти бандубаст ба мақомоти тафтишотӣ мушкилӣ меоварад, асосноккунии илмӣ талаб мекунад.

Гуфтаҳои дар боло зикргардида мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ муайян намуда, таҳияи пешниҳодҳоеро талаб мекунад, ки ба такмили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва ҷамъиятии ҶТ равона гардида бошад ва имконияти самаранокии бандубасти онро боз ҳам зиёд гардонад. Дар ин робита, муайян кардани роҳҳои боз ҳам самарабахш ва саривақтии ҳалли масоили дар боло зикршуда дар шароити воқеияти муосир басо муҳим арзёбӣ мегардад.

АКИЛОВА М.М. – муовини декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнеси ва сиёсати Тоҷикистон

САБАБИЯТИ ИҶТИМОИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТЕРРОРИЗМ

Пошхӯриии Империяи Шӯравӣ дар охири асри гузашта, на танҳо ба парокандагии давлати абарқудрат, балки ба вайрон гардидани як системаи мукаммали бехатарӣ дар шашяки масохати (6/1) сайёра овард. Дар заминаи аз байн рафтани Иттифоқи Шӯравӣ, кишварҳои соҳибистиқлолу мустақил пайдо шуданд, ки онҳо ба ивази системаи мукаммали қонунгузорӣ ба тағйироти ҷиддӣ, рӯҳафтодагии ҳуқуқӣ, зиддиятҳои сиёсӣ ва талоши ҳокимият гирифтор гардиданд. Аз ин раванди сиёсӣ ва таърихӣ, Тоҷикистони тозабунёд низ берун намонд ва бо соҳибистиқлол гардидани худ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Ихтилофи андешаҳо дар масоили гуногун ба зиддиятҳои мусаллаҳона табдил ёфта, маҳз ҳамин вазъи ба миёномада боиси дар ҷумҳурӣ пайдо шудан ва ташаккулёбии гурӯҳҳои терориству экстремистӣ гардид. Бо истифода аз гурӯҳҳои террористӣ роҳбарони тарафҳои муқобил зидди рақибони сиёсии худ мубориза мебурданд, дар мавридҳои алоҳида ба ҷисман нобуд кардани онҳо даст мезаданд ва бо ин роҳ на танҳо рақибон ва муқобилони хеш, балки аҳолии осоиштаро ба ваҳму таҳлука меандохтанд. Дар баробари фаъолони

[149] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 // АМО ҶТ, 2011. - №6. - м. 434; 2014. - №11. - м. 646; - 2016. - №3. - м.136

сиёсӣ, инчунин ходимони давлатӣ, шахсиятҳои соҳибэҳтирому боэътибори давлатӣ ва ҷамъиятӣ, зиёиён, кормандони соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг ва намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ қурбонии нав ба навӣ гурӯҳҳои террористӣ мегардиданд, ки ин амалҳо боиси хавотириву таҳлукаи асосноки аҳолии ҷумҳурӣ ба тақдири ояндаи худ ва давлату миллат гардида буд. Бинобар ин, роҳбарияти сиёсии мамлакат роҳи пешгирии амалҳои террористӣ ва экстремистиро дар мамлакат дар оштии миллӣ ва сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикон дид ва тавонист, дар муддати кӯтоҳтарин ба ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳуриамон хотима бахшад, ки ин ба қариб ба пуррагӣ аз байн рафтани содиршавии актҳои террористӣ дар мамлакат оварда ва ин боиси шукронаи пеш аз ҳама кормандони мақомоти ҳифзӣ ҳуқуқ аст. Зеро аз рӯи моҳияти худ ҳам терроризм ва ҳам экстремизм яке аз ҷиноятҳои хавфноктарини ҷомеаи ҷаҳони муосир буда, онҳо на танҳо характери миллӣ, балки байналхалқӣ доранд.

16 ноябри соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» қабул гардид, ки он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкили мубориза ба зидди терроризмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Тибқи Қонуни болозикр «терроризм – зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин нобуд сохтани (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан) амвол ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии амволӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё намояндаи ҳукумат вобаста ба фаъолияти давлатӣ ё ҷамъиятии онҳо, бо мақсади ноором сохтани вазъият ё расонидани таъсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ ё монеъ шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти байналхалқии таҳти ҳимояи байналхалқӣ қарордошта ё аъзои оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти ҳимояи байналхалқӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналхплқӣ содир шуда бошанд, мебошад»[150].

Ҳамчун амали террористӣ дар асоси ин Қонун, бевосита содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористиро дар шакли таркиш, оташзанӣ, истифода ё таҳдиди ядроӣ, моддаҳои радиактивӣ, биологӣ, токсикӣ, заҳрноки сахттаъсир, заҳролуд, нобуд сохтан, зарар расонидан ё забт кардани воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳо; сӯиқасд ба ҳаёти ходими давлатӣ, ҷамъиятӣ, намояндаи миллӣ, этникӣ, динӣ ё дигар гурӯҳҳои аҳолӣ; гаравгонгирӣ, дуздии одам; ба вуҷуд овардани хатари расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи шахсони доираи номуайян тавассути ташкили шароит барои садама ва фалокатҳои дорои хусусиятҳои техногенӣ ё таҳдиди воқеии ташкили чунин хатар; паҳн намудани таҳдид дар ҳар гуна шакл тавассути ҳар гуна воситаҳо; содир намудани дигар амалҳое, ки боиси хавфи ҳалокати одамонро доранд; расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол ё ба вуҷуд овардани дигар оқибатҳои барои ҷамъият вазнинро ҳисоб намудааст[151].

Ҳамчунин, Қонуни мазкур ба сифати ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ дошта, ҷиноятҳои дар моддаҳои 179 (терроризм), 180 (ғасби гаравгон), 182 (ғасби бино, иншоот,

---

[150] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1999. - №11. - м. 275.

[151] Имомов А.Х. Терроризм ва экстремизм. Дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» - № 4 (370) аз 27.01 соли 2005. - № 5 (371).

воситаҳои иттилоот ва алоқа), 185(ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ), 187 (ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷинотӣ), 310 (таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва 402 (ҳамла ба ашхос ва муассисаҳои таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта) КҶ ҶТ пешбинишударо ҳисобидааст. Инчунин, ҳамин Қонун муқаррар кардааст, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои террористӣ дошта, мумкин аст дигар ҷиноятҳое, ки КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, дар ҳолати бо мақсади террористӣ содир намудани онҳо дохил карда шаванд.

Терроризм – кирдоре ва ё таҳдид ба иҷрои кирдоре, ки дорои хавфи оммавӣ буда, ба таври ошкоро ва дурушт содир мешавад ва барои ба тарсу таҳлука овардани аҳолӣ, ё қисме аз он равона шуда, бо ҳамин роҳ бо таври бевосита ё бавосита қабул намудани қарор, ҳамчунин даст кашидан аз қарори қабулшуда, ки ба манфиати террористон, ҷонибдорон ва ҳаммаслакони он аст ба давлат, мақомотҳои он, ташкилотҳои байналхалқӣ, шахсони алоҳида, мансабдорони дараҷаи олӣ ва маҳаллӣ, инчунин шахсони ҳуқуқӣ фишор оварда мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки бори аввал бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи 179[1] таҳти номгӯи «Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо» ворид карда, ҷиноятҳои дар моддаҳои 179 (терроризм), 181 (ғасби гарвгон), 184 (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби киштии ҳавоӣ, обӣ ё қатораи роҳи оҳан), 185 (ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ), 310 (таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва 402 (ҳамла ба ашхос ва муассисаҳои таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарор дошта) КҶ ҶТ пешбинӣ шуда ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ҳисоб карда шуданд. Ҳамзамон, бар хилофи муқаррароти моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз номгӯи ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта, ҷиноятҳои дар моддаҳои 180 (иттилооти баръало бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ), 182 (ғасби бино, иншоот воситаҳои иттилоот ва алоқа) ва 187 (ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) КҶ ҶТ пешбинишуда бароварда шуда, ба ивази онҳо ҷинояти дар моддаи 184 (ғайриқонуни ҳай карда бурдан ё ғасби киштии ҳавоӣ, обӣ ё қатораи роҳи оҳан) КҶ ҶТ пешбинишуда, ҷинояти хусусияти террористӣ дошта ҳисобида шудааст. Дар натиҷа, дар байни ду қонуни ҷумҳурӣ, ки бар зидди терроризм равона карда шудаанд, тавофут ба миён омадааст, ки онро бояд бо роҳи ворид намудани тағйирот ба яке аз онҳо дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бартараф намуд. Зеро, мухолифати ба миён омада, дар мавридҳои алоҳида боиси нофаҳмиҳо хоҳад гардид, ки ин ба манфиати мубориза бар зидди терроризм немебошад[152].

Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризму ифротгароӣ дар ҷаҳони муосир қарор дошта, бо сиёсати устувори худ дар таъмини суботу амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми ҷиддӣ мегузорад. Ҳанӯз баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм соли 1999 як зумра санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул шуданд. Пешвои миллат 16 ноябри соли 1999 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо терроризм” имзо гузоштанд ва 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо экстремизм” ба тасвиб расид. Ин ду қонун барои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо терроризм ва экстремизмро фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз мамлакатҳое мебошад, ки дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешида, онҳоро амалӣ намуда истодааст. Инчунин, соли 2016 бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Стратегияи миллии

[152] Имомов А.Х. Терроризм ва экстремизм. Дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» - № 4 (370) аз 27.01 соли 2005; - 5 (371) аз 03.02.2005; - № 6 (372) аз 10.02.2005; - № 7 (373) аз 17.02.2005; - № 8 (374) аз 24.02.2005; - № 9 (375) аз 03.03.2005; - № 10 (376) аз 10.03.2005; - № 11 (377) аз 17.03.2005; - № 12 (378) аз 24.03.2005 ва - № 13 (379) аз 31.03.2005

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» тасдиқ гардид. Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, вазифаҳои мақомоти давлатиро ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас намуда, яке аз қадамҳои устувори мамлакати мо дар самти пешгирии ин зуҳурот мебошад.

Терроризм ва инчунин як қатор омилҳое, ки ҷиноят террористиро ба вуҷуд меоранд, яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти миллии Тоҷикистон номида шудааст. Тибқи раддабандии байналмилалӣ, Тоҷикистон давлати дорои сатҳи баланди терроризм дониста мешавад.

Раддабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи терроризм дар соли 2016[153].

№	Р а д д а б а н д ӣ	Д а в л а т	Ш о х и с
1.	1	Ироқ	9.96
2.	2	Афғонистоан	9.444
3.	3	Нигерия	9.314
4.	4	Покистон	8.613
5.	5	Сирия	8.587
6.	11	Украина	7.132
7.	30	Россия	5.43
8.	56	Тоҷикистон	3.086
9.	84	Қирғизистон	1.445
10.	86	Беларусия	1.357

Раддабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи терроризм дар соли 2017[154].

№	Р а д д а б а н д ӣ	Д а в л а т	Ш о х и с
1.	1	Ироқ	10.0
2.	2	Афғонистон	9.44
3.	3	Нигерия	9.01
4.	4	Сирия	8.62
5.	5	Покистон	8.40
6.	17	Украина	6.56
7.	33	Россия	5.33
8.	67	Қазоқистон	2.95
9.	72	Тоҷикистон	2.43
10.	75	Арманистон	2.37

Дар соли 2020, вебсайти Vision of Humanity (аз ҷониби Институти иқтисодиёт ва сулҳ нашр шудааст) рейтинги солонаи кишварҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи терроризм (Global Terrorism Index)–ро дар соли 2019 интишор намуд. Тибқи ин рейтинг Тоҷикистон ҷойи 50–умро ишғол мекунад ва ин ташвишовар аст.

Раддабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи терроризм дар соли 2019[155]

№	Р а д д а б а н д ӣ	Д а в л а т	Ш о х и с

[153] Global terrorism index 2016. - New York, 2017. - P. 124 c.
[154] Global terrorism index 2017. - New York, 2018. - P. 136 c.
[155] Global terrorism index 2019. - Sydney, 2019. - P. 101 c.

1.	1	Афғонистон	9.603
2.	2	Ироқ	9.241
3.	3	Нигерия	8.597
4.	4	Сирия	8.006
5.	5	Покистон	7.889
6.	24	Украина	5.547
7.	37	Россия	4.9
8.	50	Тоҷикистон	3.947
9.	85	Қазоқистон	1.566
10.	87	Қирғизистон	1,467

Сабаби якбора боло рафтани шохиси терроризм дар Тоҷикистон ин содир кардани баъзе амалҳои террористӣ дар солҳои 2018–2019 мебошад. Масалан, ҳамлаи ҷангҷӯёни созмони террористии Давлати Исломӣ (ДИИШ) 6 ноябри соли 2019 дар назди посгоҳи марзии Ишқобод дар Тоҷикистон[156] ва ғайра.

Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» ба таври возеҳ изҳор менамояд, ки таҳдидхо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фаъолияти ҷосусӣ, террористӣ, тахрибкорӣ ва фаъолияти дигари хадамоти махсус, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва шахсони алоҳида, ки барои расонидани зарар ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд.[157]

Терроризм ҳамчун усули муборизаи сиёсӣ, ки дар ҳолатҳои фавқулодда барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ истифода мешавад, буд ва мемонад. Сабабҳои истифодаи терроризми сиёсӣ асосан муқовиматҳои шадид бо ноадолатии иҷтимоӣ, ихтилофоти мазҳабӣ ва ҳудудӣ, рукуди ҷомеа алоқаманд мебошад. Вақте онҳо роҳи дигаре намеёбанд, ё аз сабаби мавҷуд набудани дигар захираҳо ва ё кӯшиши тағир додани рафтори одамон ва тарсонидани онҳо аз амалҳои террористӣ истифода мебаранд.

Аслан, терроризм идомаи муборизаи сиёсии таҷовузкорона ва бераҳмона мебошад, ки алайҳи созмонҳои сиёсӣ, роҳбарони сиёсӣ ё сохторҳои қудратии давлатӣ равона карда шудааст[158]. Террор шакли фаврии мубориза алайҳи рақибони сиёсӣ ва табақавӣ бо истифодаи зӯроварӣ то нобудшавии ҷисмонӣ мебошад.

Терроризм дар шароити муосири таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, бешубҳа, яке аз усулҳои муборизаи сиёсӣ гардид. Дар қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияи «терроризми сиёсӣ» вуҷуд надорад ва ин яке аз холигиҳо дар қонуни ҷиноятӣ мебошад. Дар КҶ ҶТ терроризми сиёсӣ дар шакли таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ва арбоби ҷамъиятӣ ифода мегардад.

Барои таҳқиқи ҳамла ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун терроризми сиёсӣ, пеш аз ҳама, худи моҳият ва мундариҷаи категорияи терроризми сиёсиро бояд таҳлил кард. Дар таълимоти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва сиёсатшиносӣ, мафҳуми ягонаи таърифи терроризми сиёсӣ вуҷуд надорад.

Терроризми сиёсӣ як намуди фаъолияти террористӣ буда, асосноксозии маънавиро талаб мекунад. Воқеияти имрӯза чунинанд, ки проблемаи омӯзиши зуҳуроти терроризми сиёсӣ пеш аз ҳама дар сурати мавҷуд набудани фаҳмиши ягона вуҷуд дорад. Бояд қайд кард,

---

156 Боевики ИГИЛ напали на погранзаставу в Таджикистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.dw.com/ru/боевики-иг-напали-на-погранзаставу-в-таджикистане/a-51130134 (Санаи муроҷиат 04.01.2022).

157 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 // АМО ҶТ, 2011. - №6. - м. 434; 2014. - №11. - м. 646; с.2016. - №3. - м.136.

158 Гумбатов Т. Террор и терроризм: плоскость понятийной взаимодействия // Научный журнал НПУ имени М.П. Драгоманова. Серия 22: Политические науки и методика преподавания социально-политических дисциплин. - 2013. - № 10. - С. 36.

ки ҳеҷ як назарияи омӯзиши терроризм то ҳол ба саволҳои марбут ба терроризми сиёсӣ ҷавоби мукаммал дода наметавонад. Баррасии зуҳуроти терроризми сиёсӣ ба андозаҳои муҳим ва моҳияти он дар сатҳи инъикоси иҷтимоӣ–фалсафӣ ба мо имкон медиҳад, ки танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи ин масъаларо омӯзем. Ҷомеа бояд сиёсати мутавозини мубориза бар зидди терроризми байналмилалиро дар маҷмӯъ ва сиёсӣ, аз ҷумла, стандартҳои дақиқи ҳамкориҳои байналмилалиро барои ҳалли ин мушкилот пеш барад.

AKILOV FIRDAVS ILKHAMOVICH - Head of the Department of Law and International Relations of the International Institute of Khujand, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor

HONOR AS AN OBJECT OF CRIMINAL LAW

Honor as an object of criminal law represents a fundamental value within legal systems that prioritize the protection of individual dignity, reputation, and social recognition. Honor encompasses both the internal sense of self-worth and the external evaluation of a person's character by society. It is a non-material asset, integral to an individual's moral and social identity, and is safeguarded against unlawful encroachments that could damage this intrinsic value. In criminal law, honor is protected to ensure the stability of societal norms, individual rights, and the moral fabric of the community.

Honor becomes a legal concern when it is targeted by acts such as defamation or insults, which have the potential to harm an individual's dignity and standing in society. Defamation typically involves the dissemination of false information that tarnishes a person's reputation, while insults are acts or statements aimed at degrading someone in a manner considered socially or morally offensive. These offenses are criminalized in many jurisdictions because they not only cause harm to individuals but also disrupt societal harmony by promoting hostility, mistrust, or moral degradation.

In the realm of criminal law, the protection of honor entails the recognition of its dual nature. First, honor is viewed as a personal, subjective experience of self-respect and dignity. Second, it has an objective dimension, being shaped by societal values, cultural norms, and collective perceptions. Criminal statutes addressing offenses against honor must balance these dimensions, ensuring that legal standards reflect both individual rights and societal expectations.

The criminalization of offenses against honor varies across jurisdictions. Many legal systems classify such acts under crimes against personal rights or dignity, often distinguishing between public and private offenses based on the context and method of execution. For instance, public dissemination of defamatory statements may carry harsher penalties than private insults due to the broader societal impact.

In jurisdictions such as Tajikistan, honor is specifically protected under provisions of the Criminal Code, such as:

- Defamation (Article 135): This offense involves knowingly spreading false information that damages an individual's honor, dignity, or reputation. The offense typically requires proof of malicious intent and actual harm caused to the victim.
- Insults (Article 136): This entails actions or words that intentionally demean or offend a person in an indecent manner, irrespective of whether the allegations are true or false.

The enforcement of laws protecting honor is not without challenges. Proving harm to honor often involves subjective judgments, as the perception of what constitutes an insult or defamatory statement can differ significantly between individuals and cultures. Additionally, legal practitioners must consider factors such as intent, context, and the broader societal implications of the act in question. The standard of evidence in these cases typically includes witness testimonies,

documentation of the offensive material (if applicable), and expert assessments of societal norms or psychological impacts.

With the advent of modern technologies, protecting honor has become increasingly complex. The rise of digital platforms has facilitated the rapid spread of defamatory content and insults, making it challenging to address violations effectively. Cyber defamation and online harassment are now prevalent issues, necessitating updates to traditional legal frameworks. Many countries have introduced cybercrime laws to address these challenges, imposing penalties for digital offenses that harm an individual's honor.

A key issue in the legal treatment of honor is maintaining a balance between its protection and the right to freedom of expression. While individuals have a right to their opinion, this freedom is not absolute; it must be exercised responsibly and without infringing on others' rights. Laws that protect honor aim to deter abuses of speech while preserving the democratic value of open dialogue.

In conclusion, honor as an object of criminal law underscores the importance of safeguarding individual dignity and societal cohesion. It requires carefully crafted legal provisions that address the nuances of personal and cultural perspectives while ensuring that justice is served in cases of unlawful encroachments. The evolving nature of societal interactions, particularly in the digital age, further necessitates ongoing legislative and judicial efforts to adapt and refine the mechanisms for protecting honor in a fair and effective manner.

ШЕРАЛИЗОД САМИАЛЛОҲИ МАҲМАДСАИД
– ассистенти кафедраи ҳуқуқи ДБССТ

ТАҲЛИЛИ ҲУҚҚӢ-ҶИНОЯТИИ ПРИНСИПИ АДОЛАТ

Принсипи адолат барои ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ аҳамияти калидӣ дорад, чунки адолат дар давлати ҳуқуқбунёд бояд ҳамчун шарти пешакӣ баромад карда, асоси татбиқи тамоми арзишҳои ҳуқуқӣ бошад. Д.Ю. Шапсугов қайд мекунад, ки "ҳуқуқ метавонад ҳамчун воситаи нозуки муқаррар кардани озодӣ ва баробарӣ дар ҷомеаи инсонӣ, амал кунад. Ба маънии муайян ченаки озодиву баробарӣ адолат аст, ки мазмуни он аз замонҳои қадим ҳамчун муҷозот ба ҳар як кас муайян карда шудааст... Меъёри адолат ченаки озодӣ ва ченаки баробариест, ки дар он қарор доранд"[159].

Адолат, ки дар тамоми низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷассум ёфтааст, ҳамчун ғояи ибтидоии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он низ мавқеи махсуси худро ишғол мекунад. В.В. Похмелкин ҷойгиршавии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро бо пирамида муқоиса мекунад, ки дар қулаи он принсипи адолат меистад. Ба гуфти ӯ, «адолат ибтидои ҷамъбасткунандаи танзими меъёрӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун баҳодиҳандаи интегративии принсипҳо, меъёрҳо ва санадҳои татбиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нуқтаи назари зарурати объективӣ, фоиданокии ҷамъиятӣ, иҷозатпазирии ахлоқӣ ва қонунияти ҳуқуқӣ, хидмат мекунад»[160].

Бешубҳа, принсипи адолат яке аз арзишҳои асосии иҷтимоию фарҳангӣ буда, ҳам мақсад ва ҳам идеали рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Лекин принсипи мазкур на дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва на дар Конститутсияи ҶТ мустақиман ифода нашудааст. Бо вуҷуди ин, он дар онҳо ҳамчун як қисми талаботи умумӣ оид ба мурофиаи одилонаи судӣ мустаҳкам карда шудааст. Масалан, м. 10 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар мекунад: "Ҳар як инсон барои муайян кардани ҳуқуқу уҳдадориҳояш ва муқаррар кардани асоснокии айбномаи ҷиноятие, ки ба дӯши ӯ гузошта шудааст, ба таври баробарии комил

[159] Шапсугов Д.Ю. Проблемы теории и истории власти, права и государства. – М., 2003. – С. 470-471.
[160] Похмелкин В.В. Социальная справедливость и уголовная ответственность. – Красноярск, 1990. – С. 24.

ҳуқуқ дорад, парвандаи ўро суди мустақилу бетараф ошкоро ва бо риояи талаботи адолат баррасӣ намояд”[161].

Дар м. 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ гуфта шудааст: “Ҳар кас ҳангоми баррасии ҳама гуна айбдоркунии ҷиноятӣ ва ё муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ дар дилхоҳ мурофиаи шаҳрвандӣ, ки аз ҷониби суди салоҳиятдор, мустақил ва беғараз, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ба муҳокимаи одилона ва ошкоро ҳуқуқ дорад”[162].

Принсипи адолат дар КҶ ҶТ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад, ки дар мазмуни он дохил карда шудааст. Дар м. 8-и КҶ ҶТ қонунгузор ду ҷанбаи муҳими принсипи адолатро нишон додааст: «1. Ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд. 2. Ҳеҷ кас барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест».

Аз матни м. 8-и КҶ ҶТ маълум мегардад, ки таърифи ҷавобгарии одилонаи ҷиноӣ ва адолат умуман, принсипи қонуни ҷиноятӣ мебошад. Дар баробари ин, аҳамияти ин принсипро танҳо ба арзёбии муносибати байни ҷиноят ва ҷавобгарӣ барои он, маҳдуд кардан нодуруст аст. Чунин ба назар мерасад, ки гарчанде як ҷанбаи муҳими адолат, нишондиҳандаи барҷастатарини он бошад ҳам, ба ҳар ҳол он тамоми доираи зуҳуроти адолатро дар қонуни ҷиноятии муосир фаро намегирад. Аз ин лиҳоз, принсипи адолати ҳуқуқи ҷиноятиро метавон дар 2 самт баррасӣ кард: адолати қонуни ҷиноятӣ ва адолати ҷазои аз ҷониби суд барои ҷиноят таъиншуда.

Принсипи адолати қонуни ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин амалӣ мегардад:

1) ҷиноятӣ ва ғайриқриминалӣ кардани кирдорҳо;

2) ҷаримабандӣ, яъне муқаррар намудани намуд ва андозаи ҷазо барои кирдорҳои ҷиноятӣ;

3) ба навъҳо ҷудо намудани ҷиноятҳо, яъне ҳангоми тасниф кардани онҳо ба дараҷаи махсусан вазнин, вазнин, миёна ё начандон вазнин ва ба ин ё он фасл ва боби КҶ ҶТ дохил кардани онҳо.

Адолат категорияи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам ахлоқӣ аст. Адолат мутаносибии зуҳуроти (падидаҳои) муайянро аз нуктаи назари хубӣ ва бадӣ нишон медиҳад (мутаносибӣ байни ҷиноят ва ҷазо, байни ҳуқуқ ва уҳдадорӣ ва ғ.). Аз нуктаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, принсипи адолат дар он ифода мегардад, ки ҷазо ва чораҳон дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содиркарда татбиқ карда мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне ба вазнинии ҷиноят, ҳолатҳои мушаххаси ҷиноятӣ содиршуда ва хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор (яъне, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор) мувофиқат намоянд. Дар натиҷаи риояи принсипи адолат принсипи ҷавобгарни фардӣ таъмин мешавад.

Принсипи адолатро КҶ пешбинӣ намуда, суд онро дар доираи меъёрҳои Кодекс таъмин месозад. Адолати ҳуқуқӣ бо он муайян мегардад, ки КҶ аз санксияҳои нисбатан муайян ва алтернатнвӣ иборат аст. Дар он намудҳои гуногуни ҷазо ва ҳадди поёнию болоии ҷазо, тартиби таъини ҷазо барои категорияҳои алоҳидаи одамон (ноболнғон, занҳои ҳомиладор ва ғ.), ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, асосҳои озод намудан аз

---

[161] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ / манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj. (санаи мурочиат: 06. 09. 2023).

[162] Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст ва ҷиҳати имзо, тасвиб ва ҳамроҳ шудан боз аст. Мутобиқи моддаи 27 аз 3 январи соли 1976 эътибор пайдо кардааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 26.08.2023).

ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо пешбинӣ шудаанд. Суд ҳангомн таъини ҷазо онҳоро ҳатман бояд ба инобат гирад. Ба судя озодии фаъолият ҳангоми таъини ҷазо, яъне имконн истифодан ҳолатҳон зикргашта (албатта, дар доираи қонун) муҳайё шудааст.

Адолати ахлоқиро аҳли ҷамънят (маҳкумшуда, хешовандонаш, иштирокчиёни мурофиан судӣ, ашхоси аз ҳукми айбдорӣ огоҳбуда ва дигарон) муайян месозанд. Онҳо ба ҳукми судӣ ва ҷазои таъиншуда аз нуктаи назари адолат баҳо медиҳанд. Агар ҷазо беадолат бошад, боварии одамон нисбати қонун гум мешавад, нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа рнвоҷ меёбад. Ҳукми беадолат боиси паст шуданн обруву эътибори мақомоти судӣ мегардад. Вайрон шудани принсипи адолат заминаи пастравии нуфузи ҳокимияти судӣ мешавад. Ва баръакс, таъмнни адолат дар ҷараёни таъини ҷазо асоси муҳими устувории ҳокимияти судӣ аст.

Танҳо қонуне, ки ба талаботи асоноккунии иҷтимоии ҷиноятқорӣ ва ҷаримабандии ҷиноятҳо мувофиқат мекунад, одилона ҳисобида мешавад. Қонуне, ки ба ин талабот ҷавобгуй нест, ба беҳаракатӣ маҳкум мегардад, зеро он шуури ҳуқуқии ҷамъиятро инъикос намекунад ва манфиатҳои онро ҳимоя намекунад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснокшуда қонунест, ки самаранок аст, яъне вазифаҳои муҳофизатӣ ва пешгирикунандаро иҷро менамояд, инчунин ба мақсадҳои ҷазо мерасад – барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав (қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ).

Қонуне одилона ҳисобида мешавад, агар он аз ҷиҳати криминологӣ асоснок бошад, яъне ба кам кардани шумораи ҷиноят аз руи сатҳ, динамика, сохтор ва пешгуии он нигаронида шуда бошад. Қонунгузории ҷиноятии нуқсондошта низ ноодилона ҳисобида мешавад, яъне кирдорҳои ҳақиқатан барои ҷамъият хавфнокро ҷиноятӣ нагардонидааст. Асосан чунин фосила (норасоӣ) ба ҷиноятҳои начандон вазнин, ки дар сарҳади ҷиноят ва ҳуқуқвайрокуниҳои ғайриҷиноятӣ ҷойгиранд, дахл дорад, ки ҷудо кардани онҳо душвориҳои муайянеро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷаи қарорҳои дертари қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба шаклҳои нави ҷиноят, камбудиҳо низ ба вуҷуд омада метавонанд.

НАБОТОВ С.Х. - Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикор-рупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори ҳуқуқ (PhD)

МАФҲУМИ ТОВОНИ ЗАРАРИ ДАР ҲУҚУҚИ ИСЛОМӢ

Дар ислом қоидаи маъруфе вуҷуд дорад ки ба қоидаи “Ло зарар” шуҳрат дорад. Маъмулан ин қоидаро қоидаи “Ло зарар” мегуянд. Ин қоида баргирифта аз ҳадисҳои муътабаре аст. Дар ин ҳадис дар як ҷумлаи кутоҳ ин қоидаро ба ин сурат баён фармуда аст ки “Ло зарара ва ло зирора фил ислом” [11 санаи мурочиат: 23.05.2023]. Тарҷумаи ин ҳадис чунин аст, ки “Зарар марасон ва зарар мабин” Бар асоси ин қоида ҳар ҳукме, ки зарар ва зиёнеро мутаваҷҷеҳи афроди ҷомеа кунад аз назари ислом он ҳукм бардошта шуда аст ва эътиборе надорад, ки аз ин тариқ роҳе барои ҷуброни хисорат ва дафъи зарар барои шахси мутазаррир дуруст шавад. Маҳз таҳти консепсияи ҳамин ҳадис тамоми сарчашмаҳои диннӣ товони зарароро пешбинӣ менамояд.

Дар қонунгузории муосири Тоҷикистон, хусусан Конститусия таъкид мегардад, ки ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад[1]. Ин асос ба он мегардад, ки дилхоҳ шахс ҳангоми поймол гардидани манфиатҳои шахсиаш ба мақомоти давлатӣ мурочиат намояд. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад қайд мегардад, ки агар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии

ғайримолумулкиаш ё амалҳои суиқасдкунанда ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ) расонда шуда бошад, суд метавонад шахси вайронкардаро ба товони зарар уҳдадор кунад (моддаи 16 КМҶТ). Тҳлили мазмуни моддаи болозикр гувоҳи он аст, ки объекти товони зарари маънавӣ аслан арзишҳои ҳуқуқ манфиат ва арзишҳои фитрии инсон мебошанд.

Масалан, аз нигоҳи ҳуқуқи исломӣ низ, ҷони инсон, молу мулк, покдоманӣ, сарватҳои моддӣ ва маънавии инсон таҳти ҳимоя қарор доранд. Чун зарар расонидан ба онҳо мамнӯъ аст, дар сурати расонидани зарар ба беҳтарин тарз товонпулӣ пардохта мешавад. Дар ҳуқуқи муосир зарар ба ду, яъне ҳамчун зарари моддӣ ва зарари маънавӣ ҷудо мешавад ва ин тақсимот аз ҷиҳати ҷубронпазирӣ ва товонпазирӣ бандубаст гардидааст. Ҳарчанд дар осори ҳуқуқи исломии классикӣ чунин номгузорӣ дучор вуҷуд надорад, аммо дида мешавад, ки ҳангоми баррасии мавзӯъҳо чунин тақсимот аз лиҳози ҳуқуқи исломӣ имконпазир аст. Тавре маълум аст, муайян кардан ва ҷуброни зарари моддӣ осонтар аст, вале дар усули муайян кардани товони зарари маънавӣ мушкилот вуҷуд дорад. Ба далели хислатҳои хисороти маънавӣ доштан мушкилоти товони он боиси ихтилофи иҷтиҳод шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар қонунгузори ду истилоҳ истифода мегарданд, ки аксари ҳолатҳо ҳангоми баёни мавзуъ дар як маъно истифода мегарданд, ки чунин тарзи корбурд мувофиқи мақсад нест. Масалан, калимаи ҷуброн ва калимаи товон вуҷуд доранд. Тибқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн ҳангоми расонидани зарари моддӣ истифода мегардад, аммо товон ҳангоми расонидани зарари маънавӣ (моддаҳои 14,15,16 КМ ҶТ).

Тавре маълум аст, ислом ҷон, мол, номус, сарватҳои моддӣ ва ғайримоддии инсонро ҳифз мекунад. Зарар расонидан ба онҳо ҳаром аст ва дар мавриди зарар дар ислом ҷуброн пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ, ҷуброни моддӣ ва ғайримоддӣ дар қонунгузории муосир гурӯҳбандӣ карда мешавад, гарчанде чунин гурӯҳбандӣ дар осори шариати исломии ибтидоӣ дида намешавад. Дар муқоиса муайян кардани зарари маънавӣ нисбат ба зарари моддӣ мушкилтар аст. Мушкилоти хоси муайян ва товони он боиси рушди иҷтиҳодҳои гуногун гардид.

Яке аз масъалаҳое, ки дар ҳуқуқи ислом таъкид шудааст, риояи ҳуқуқи инсон аст.Тибқи муқаррароти ҳам қонуни ҷиноятӣ ва ҳам дар қонуни маданӣ бартараф намудани зарари ба дигарон расонидашуда пеш аз фаро расидани зиён пешгирии онро тавсия намудааст. Агар он барои муддати кӯтоҳе бошад, ки ба ҳаёт ё молу мулк зарар расонад, бартарии парҳез муқарраротест, ки ба иҷрои ин шаъну шараф нигаронида шудааст. Зарари ба шахси дигар расонидашуда вобаста ба намуди зарар бо муқаррароти гуногун танзим карда мешавад.

Бояд таъкид кард, ки баъзан товонпулӣ мавзӯи қонуни ҷиноятӣ ва баъзан мавзӯи ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошад. Баъзан он хусусияти омехта дорад, ки ба ҳарду соҳаи ҳуқуқ якҷоя дахл дорад. Агар зарар бо кирдоре, ки ба ҳаёти инсон нигаронида шудааст, расонида шуда бошад, он ҷинояти марбут ба қонуни ҷиноятӣ ҳисобида мешавад, вале агар он ба шаъну шарафи инсон расонида шуда бошад, ин марбути қонунгузории маданӣ ҳисобида мешавад. Аз инрӯ дар инҷо зарур аст, мо пеш аз ҳама моҳияти масъаларо дарк намоем, ки мазмуни зарар ба кадом соҳаи ҳуқуқ дахл дорад ва аз рӯи тобеият онро тибқи муқаррароти қонунгузории он соҳа ҳаллу фасл намоем.

Масалан, барои он ки ҳуқуқвайронкунӣ мавзӯи товон бошад, зарур аст, ки кирдори ғайриқонунӣ содир шуда бошад ва дар натиҷаи ин кирдори содиршуда зарар расонида шуда бошад. Барои бавуҷуд омадани товон бояд дар байни ин амал ва зиён робитаи сабабӣ вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, айб, кирдори ғайриқонунӣ, робитаи

сабабӣ ва зарар унсури асосии кирдори ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад, ки асоси бавуҷуд омадани ҷуброн мегардад [5]. Муҳаққиқиони турк барон ақидаанд, ки он чизе, ки товонро пеш аз ҳама зарур мегардонад, зарари расонидашуда мебошад[4].

Масалан, агар зарар дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ расонида нашуда бошад, масъулият барои товон низ вуҷуд надорад. Ё инкӣ агар кирдоре барои зарар расонидан ба моли каси дигар сурат гирад ва зарар расонида нашавад, ба мисоли агар шахс девори ҳамсояро вайрон карданӣ шавад, вале онро вайрон кардан ғайриимкон бошад, дар ин ҳолат ба пардохт ва ё товон зарурат ба миён намеояд. Дар чунин мавридҳо товонро талаб кардан ғайриимкон аст, чунки асос барои ҳаҷм ва андозаи товон мавҷуд нест. Муҳаққиқон низ, дар чунин андешаанд, ки ҳадафи товон бартараф кардани зарари расонидашуда мебошад[3]. Зарар мафҳумест, ки доираи васеъ дорад. Аз инрӯ, мо аввал мафҳуми зарарро дида мебароем ва дар бораи навъҳои он истода мегузарем ва сипас таваҷҷуҳ ба он мекунем, ки чӣ гуна ин зарар товон пардохта мешавад.

Ҳоло мафҳум ва моҳияти маъноии калимаи зарар дар луғатҳо ба таври якранг маънидод гардидааст. Масалан, қайд мегардад, ки зарар решаи арбаӣ дошта, ҳамчун зидмаънои калимаи таваҷҷӯҳ истифода мешавад[6]. Дар луғати дигар зарар маънои вазъи бад, камбизоатӣ, мушкилот ва зӯровариро маънидод гардидааст. Инчунин дар Қуръон[7] ва ҳадисҳо[8] бо маъноҳои шабеҳ маъмул аст. Тибқи андеша ва мавқеи инҷониб, зарар вазъиятест, ки барои поймолӣ ҳуқуқи шахс, молу мулк шароит эҷод мекунад. Решаи калимаи зарар талафоти моддӣ ё маънавӣ, фақр, сахтӣ, беморӣ, хатар, ниёз ва ғайраро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, хисороти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё молиявӣ ё зарареро, ки баъдан ба шахс расонида мешавад, зарар ҳисобида мешавад. Дар ҳуқуқи муосир зарар ҳамчун «камшавии молу мулки шахс бе ризоияти ӯ» ё «фарқи байни ҳолати кунунии дороии ҷабрдида ва вазъи пеш аз амали ғайриқонунӣ» фаҳмида мешавад. Тавре муҳаққиқони турк таъкид менамоянд дар таърифе, ки ба сифати «камшавии арзиши дороие, ки бар хилофи иродаи шахси соҳиби ин дороиҳо ба амал меояд», истилоҳи «дорои» ҳамчун сарватҳои моддӣ ва маънавӣ шарҳ дода, доираи зарар васеъ карда мешавад. Аз инрӯ, зарар кам гаштани молу мулки шахс (шахси воқеӣ) бе иродаи шахс (дар арзишҳои ҳуқуқӣ ба ғайр аз дороиҳо) мебошад. Дар ин замина, зарар ҳамчун фарқияти байни ҳолати дороиҳои моддӣ ва маънавии бо қонун ҳифзшаванда, пас аз вайрон кардани онҳо, бар хилофи иродаи шахс муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҷанбаи умумӣ дар расонидани зарари моддӣ ва маънавӣ дар он аст, ки ҳарду дар натиҷаи вайрон кардани дороиҳои бо қонун ҳифзшаванда бавуҷуд меоянд[9].

Мавриди қайд аст, ки дар ҳуқуқи муосир мафҳуми зарар ҳамчун зарари моддӣ ва маънавӣ ба ду тақсим мешавад. Ҳарчанд ин тафовуте, ки дар ҳуқуқи римӣ ба вуҷуд омадааст, дар маъхазҳои ҳуқуқи исломӣ ба ин тариқ ба назар намерасад, аммо маълумоти сарчашмаҳо дар пажӯҳишҳои муосир ҷамъоварӣ шуда, ба хулосае омадааст, ки чунин тафовут дар ҳуқуқи ислом низ манфиатҳои амалӣ дорад. Дар ҳуқуқи исломӣ, вақте ҷиноят содир мешавад, чизи асосӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ аст ва шарти асосӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ аст. Аммо дар сурати поймол кардани ҳуқуқи шахс ва расонидани зарари моддӣ боиси ҷавобгарии маданӣ мегардад. Товони зарари ҷабрдидагон, махсусан дар кирдорҳои ғайриқонунӣ, аз қабили дуздӣ ва тамаъҷӯӣ, ки хисороти моддӣ мерасонад, ҷуброн карда мешаванд[10].

Ҳамин тариқ, дар ҳуқуқи исломӣ ва сарчашмаҳои исломӣ зарар шарти асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Зеро товони зарар дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки воқеан ба шахс зарар расида бошад. Зарар вазъиятест, ки бояд бо назардошти вазъи шахс ё молу мулк пеш аз расонидани зарар ва баъд аз он муайян карда шавад. Аммо муайян кардан ва пурра баргардонидани зарари расонидашуда як ҳолати хеле мушкил

арзёбӣ мешавад. Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки масъалаи товони зарари маънавӣ ва ҳамчунин аз даст додани фоиз ё фоидаи эҳтимолӣ мавриди баҳси фақеҳони (ҳуқуқшиносони) исломӣ гардидааст.

Адабиёт

1.Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2016

2.Кодекси Мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2016

3.Юлдуз Кемаль, Исламский закон об ответственности, внедоговорная ответственность, IFAV, Стамбул, 2013 г., стр. 128.

4.Velidedeoğlu, Hıfzı Veldet, “Umumi Bakımdan Zarar ve Tazminat”, Ebül-Ula Mardin’e Armağan, İstanbul Üniversitesi Hukuk Fakültesi, İstanbul 1944, s. 743.

5. Köse, Saffet, İslam Hukukunda Hakkın Kötüye Kullanılması, İFAV, İstanbul 1997, s. 73.

6. İbn Manzûr, Ebü'l-Fazl Muhammed b. Mükerrem b. Ali el-Ensârî (711/1311), Lisânul Arap, Dâru Sadır, Beyrut ty., IV. s.482; Fîrûzâbâdî, Ebü't-Tahir Mecdüddîn Muhammed b. Yakûb b. Muhammed (817/1415), el-Kâmûsü'l- muhît (8. Baskı), Müessesetü'r-Risâle, Beyrut, 2005, s. 428; Heyet, Mevsu- ati’l-Fıkhiyye I-XLV, Vizaretü’l-Evkaf ve'ş-Şuuni’l-İslâmiyye, Kuveyt 1993, XXVIII. s. 179.

7.Баккара: 2/102, 214, 231; Олӣ Имрон: 3/120, 134; Моида: 5/105; Юнус: 10/12, 106; Ҳаҷ: 22/12-13.

8.Муслим,: 24; Ибни Маҷа, Ахмад:17; Аҳмад ибни Ханбал, Муснед, XXXVII. s. 438.

9. Karahasan, Mustafa Reşit, Tazminat Hukuku, Beta Basım Yayım Dağıtım A.Ş., İstanbul 1996, s. 53; Velidedeoğlu, “Umumi Bakımdan Zarar ve Taz- minat”, s. 743; Akıntürk-Karaman, Borçlar Hukuku, s. 90.

10.Mardin’e Armağan, İstanbul Üniversitesi Hukuk Fakültesi, İstanbul 1944, s. 743.

11.https://tojikon.org/%D1%82%D0%B0%D0%BC%D0%BE%D1%81-%D0%B1%D0%BE-%D0%BC%D0%BE (санаи мурочиат 23.05.2023)

Мирзоева Қ.А. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

МОҲИЯТИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ДАР ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ, ДИГАР ҚЎШУНҲО ВА СОХТОРҲОИ ҲАРБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Назорати прокурорӣ аз болои иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳо дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз шаклҳои мустақили фаъолияти давлатӣ ҷиҳати мустаҳкамгардонии низоми қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амалигардонии адолати иҷтимоӣ дар мамлакат мебошад.

Назорати прокурорӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қўшунҳо ва сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қувваҳои Мусаллаҳ) - ин фаъолияти махсуси мустақилонаи мақомоти прокуратураи ҳарбӣ буда, аз номи давлат ва бо мақсади риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, оинномаҳои ҳарбиву сарҳадӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қўшунҳо ва сохторҳои ҳарбии амалӣ карда мешавад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қушўнҳои зерин иборат мебошад:

- Қушўнҳои хушкигард;
- Қушўнҳои зудамал;
- Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ.

Дар замони ҷанг, инчунин Қушӯнҳои мақомоти амният Қушӯнҳои сарҳадӣ, Қушӯнҳои дохила, Гвардияи миллӣ, Агентии таъмини амволи махсус ва сохторҳои ҳарбии мудофиаи гражданӣ.

Моҳият ва мазмуни назорати прокурорӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қушӯнҳо ва сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин назорати риояи қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои хизматчиёни ҳарбӣ, хизматчиён, кормандон, уҳдадорони ҳарбие, ки ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъват шудаанд, дигар шахсоне, ки мутобиқи қонунгузорӣ мақоми хизматчии ҳарбӣ доранд, аз тарафи мақомоти прокуратураи ҳарбӣ танҳо амалӣ мешавад.

Мустақилияти назорати прокурорӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун намуди фаъолияти давлатӣ ин намуди назоратро аз дигар назоратҳои мақомотҳои давлатӣ фарқ мекунонад.

Моҳияти назорати прокурориро дар Қувваҳои Мусаллаҳ мақсад ва вазифаҳои мақомоти прокуратураи ҳарбӣ ташкил медиҳанд. Фаъолияти прокуратураи ҳарбӣ ҳамчун мақомоти назоратӣ баҳри ба даст овардани ин мақсад ва вазифаҳо равона шудаанд.

Худи мақсад ва вазифаҳои назорати прокурорӣ - ин ду категорияҳое мебошанд, ки моҳияти назорати прокурориро ташкил дода, бо ҳам зич алоқаманд буда, ҳамзамон фарқкунандаанд.

Мувофиқи талаботи моддаи 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаҳои умумии назорати прокурорӣ аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Бо дарназардошти он, ки тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мақомоти таҳқиқ воҳидҳои таҳқиқи Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Гвардияи миллӣ ба ҳисоб мераванд ва мақомоти прокуратураи ҳарбӣ дар доираи ваколатҳои худ назоратро ҷиҳати риоя ва иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқи ин сохторҳо амалӣ менамояд.

Сарпрокурори ҳарбӣ ва прокурорҳои ҳарбии гарнизонҳо дар доираи салоҳияташон дорои ваколатҳое мебошанд, ки Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ муқаррар кардаанд, ки онҳоро новобаста аз роҳбарияти мақомоти идораи ҳарбӣ дар асоси қонунҳои ҶТ амалӣ менамоянд.

Дар асоси қонунгузории ҷумҳурӣ прокурорҳои ҳарбӣ ҳуқуқ доранд:

- дар маҷлисҳои ҳайати мушовара, шӯроҳои ҳарбӣ, ҷаласаҳои машваратии мақомоти идораи ҳарбӣ иштирок кунанд;

- санҷишу тафтиши ғайриидоравӣ таъин кунанд, ки хароҷоти гузаронидани онҳоро мутобиқи қарори прокурор мақомоти идораи ҳарбие мепардозад, ки қисми ҳарбӣ ва муассисаи мавриди тафтиш қарор гирифта дар таъминоти он мебошад;

- таъмини муҳофизат, нигоҳ доштан, посбонӣ карда бурдани шахсони дар гаупвахти гарнизон ва қисмҳои ҳарбӣ буда ва дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон ва маҳбусонро аз қисмҳои дахлдори ҳарбӣ, посбонони қушӯни дохилӣ, мақомот ва муассисаҳои корҳои дохилӣ талаб кунанд;

- аз гауптвахт, ҷойҳои дигари нигоҳдории боздоштшудагон ва маҳбусон шахсонеро фавран озод кунанд, ки ғайриқонунӣ дар он ҷо нигоҳ дошта мешаванд;

- дигар ваколатҳои дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо амалӣ гардонанд.

Дар раванди назорати қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ прокурорҳои ҳарбӣ низ аз ваколатҳое, ки моддаи 168 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар кардааст, бархурдор мебошанд. Аз ҷумла, прокурор назорати иҷрои қонунҳоро ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ амалӣ намуда, дар доираи салоҳияти худ:

- иҷрои талаботи қонунро ҳангоми қабул, бақайдгирӣ ва баррасии ариза ва иттилоот дар хусуси ҷиноят назорат мекунад;

- ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ иҷрои талаботи қонунро санҷида, дар як вақт ҳуқуқ дорад аз мақомоти тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуҷҷатҳо,

мавод ва маълумоти дигарро дар хусуси ҷиноятҳои содиршуда, ҷараёни таҳқиқ ва тафтиш, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ талаб кунад;

- ба таҳқиқбаранда, муфаттиш барои ба суд дархост пешниҳод намудан дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ба ҳабси хонагӣ гирифтан, аз ҷумла, дар бораи тағйир додан ва бекор кардани онҳо розигӣ диҳад;

- ба таҳқиқбаранда ва муфаттиш барои ба суд пешниҳод намудани дархост оид ба ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ, ёфта гирифтани онҳо аз муассисаҳои алоқаи почта ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо розигӣ диҳад;

- дар пешбурди тафтиши пешакӣ иштирок намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ шахсан амали тафтиширо анҷом диҳад, оид ба ҳар як парванда дар ҳаҷми пурра тафтиши ҳамаҷонибаи пешакӣ гузаронад;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор ё амали муфаттиш ва таҳқиқбарандаро тасдиқ намояд;

- муҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакиро дароз кунад;

- ариза оид ба радди таҳқиқбаранда, муфаттиш, инчунин прокурори поёниро баррасӣ мекунад;

- дар бораи амал ва қарори таҳқиқбаранда ва муфаттиш, инчунин прокурори поёнӣ шикоятҳоро баррасӣ мекунад;

- дар хусуси иҷрои талаботи қонун ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дастурҳои хаттӣ медиҳад;

- парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунад ё оғози онро рад мекунад;

- пешбурди парвандаи ҷиноятиро қатъ мекунад ё бозмедорад;

- оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ медиҳад;

- қарорҳои ғайриқонунии таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурори поёниро бекор мекунад;

- ба мақомоти таҳқиқ дар бораи анҷом додани амали тафтишӣ супориш медиҳад;

- дар бораи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ барои ошкор кардани ҷиноят ва пайдо кардани шахсони ҷиноят содиркарда доир ба парвандаҳое, ки таҳти пешбурди прокурор ё муфаттиш қарор дорад, дастур медиҳад;

- бо дастури худ дар хусуси пешбурди тафтиши иловагӣ парвандаҳои ҷиноятиро ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ бармегардонад;

- парвандаро аз мақомоти таҳқиқ гирифта, ба муфаттиш месупорад;

- парвандаро аз як муфаттиш гирифта, ба муфаттиши дигар ё бо риояи қоидаҳои тобеияти тафтишӣ аз як мақомоти тафтишот ба мақомоти дигари тафтишот месупорад, ба истиснои парванда оид ба ҷинояти хусусияти коррупсионидошта;

- таҳқиқбаранда ё муфаттишро, ки ҳангоми тафтиши парванда муқаррароти қонунро вайрон кардааст, аз пешбурди минбаъдаи тафтиш дур месозад;

- фикри айбдоркуниро тасдиқ мекунад;

- парвандаро ба суд ирсол мекунад;
- дигар ваколатҳои пешбининамудаи КМҶ ҶТ-ро анҷом медиҳад.

Мирзоева Қ.А. – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ҲАНГОМИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАҲОИ МАДАНИЮ ОИЛАВӢ ДАР СУДҲОИ МАРҲИЛАИ КАССАТСИОНӢ ВА НАЗОРАТӢ

Ба тариқи кассатсионӣ аз нав баррасӣ намудани санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо накардаанд, дар байни баррасии парванда аз тарафи суди марҳилаи якум ва аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ ба тариқи назоратӣ марҳилаи мобайниро ишғол менамояд.

Боби 39 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи кассатсионӣ бахшида шудааст. Бо ташаббуси шахсони иштирокчии парванда, ҳангоми аз ҷониби онҳо пешниҳод шудани шикояти кассатсионӣ ё хусусӣ, аз он ҷумла бо эътирози кассатсионӣ ё хусусии прокурор низ, ки талаботи даъвогиро пешниҳод кардааст ва ё дар сурате, ки дар баррасии парванда иштирок кардааст, оғоз карда мешавад.

Прокурор дар марҳилаи кассатсионӣ ва дар баррасии парвандаҳои гражданию оилавӣ иштирок менамояд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии прокурор дар ин марҳила бо дигар шахсони иштирокчии парванда баробар буда, танҳо бо он фарқ мекунад, ки прокурор оид ба моҳияти парванда **хулоса** медиҳад.

Дар асоси талаботи моддаи 37 Қонуни конститутсионии ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёрдамчии прокурор, прокурори Раёсат ва шӯъба метавонад фақат оид ба парвандае, ки дар баррасии он иштирок кардааст, эътироз биёрад.

Қонунгузории мурофиавӣ бо парвандаҳои маданию оилавӣ ду намуди асосии эътирози прокурорӣ - эътирози хусусӣ ва эътирози кассатсиониро пешбинӣ намудааст, ки онҳо вобаста ба санади судӣ байни худ фарқ мекунанд.

Эътирози кассатсионӣ чунин эътирози прокурор мебошад, ки он нисбати ҳалномаи судии ба қувваи қонунӣ надаромада оварда шудааст.

Эътирози хусусӣ чунин эътирози прокурор мебошад, ки он нисбати таъиноти судии ба қувваи қонунӣ надаромадаи суд оварда шудааст.

Прокурори иштирокчии парванда метавонад ба таъиноти ғайриқонунӣ ва беасоси суд, дар муҳлати мурофиавӣ ба марҳилаи кассатсионӣ эътирози хусусӣ баён намояд.

Прокурор метавонад нисбати таъиноти судӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоме, ки агар таъинот имконпазирии идомаи мурофиаи минбаъдаи парвандаро истисно намояд, **эътирози хусусӣ** баён намояд.

Бо парвандаҳое, ки аз рӯи даъвои прокурор баррасӣ гардида, даъво рад карда шудааст, прокурор метавонад дар муҳлати кассатсионӣ нисбати он ба марҳилаи кассатсионӣ эътироз баён намояд.

Хулосаи додаи прокурори иштирокчии парванда бо санади судии қабулшуда мувофиқат надошта бошад, прокурори иштирокчиро зарур аст, ки санади судиро гирифта, мавриди омӯзиш қарор диҳад ва дар сурати ғайриқонунӣ будани он, сари вақт тавассути пешниҳоди эътирози кассатсионӣ чораҷӯӣ намояд.[7]

Эътирозҳои кассатсионӣ ва хусусии прокурор бояд ба талаботи моддаи 328 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд.

Мӯҳлати эътирози кассатсионӣ аз рӯзи супоридани ҳалномаи пурра як моҳ, эътирози хусусӣ бошад, дар муҳлати дах рӯзи пас аз гирифтани нусхаи таъиноти судӣ бояд пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми бо сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати пешниҳоди эътирозҳои кассатсионӣ ва хусусӣ прокурор имконият дорад, ки дар як вақт бо он дархостро оид ба барқарор намудани муҳлати гузаронидашуда ирсол намояд.

Сабабҳои узрноки гузаронидани муҳлати пешниҳоди эътирози кассатсионӣ ё хусусӣ бемории шахси мансабдор, дар сафари хизматӣ будани ӯ, офатҳои табиӣ, низои ҳарбӣ ва ғайра буда метавонанд.

Дар асоси талаботи моддаи 329 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирозҳои кассатсионӣ ва хусусӣ, далелҳои ба онҳо замимагардида ба суд бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди шахсони иштирокчии парванда пешниҳод карда мешавад.

Эътирози кассатсионӣ ва хусусӣ, ки ба талаботи муқарраркардаи моддаи 328-329 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намебошанд, суд таъинот қабул намуда ба прокурори эътироз пешниҳод намуда барои ислоҳи норасогиҳо мӯҳлат муқаррар мекунад. Дар мӯҳлати муқарраргардида прокурори эътироз пешниҳод намуда нишондодҳои дар таъинот омадаро ичро накунад, эътироз аз рӯзи пешниҳоди ибтидоӣ ба суд воридгардида ҳисобидашуда мешавад.

Тартиби пешниҳод намудани эътирози кассатсионӣ ва хусусиро ба суди дахлдор моддаи 326 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.Эътирози кассатсионӣ ва хусусӣ ба воситаи суде, ки санади судиро(ҳалнома ва таъинот) қабул намудааст, пешниҳод карда мешавад.

Дигар марҳилаи муҳими мурофиавии судӣ ин марҳилаи назоратӣ мебошад, ки дар он санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда аз нав мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Мақсади ба тариқи назоратӣ аз нав баррасӣ намудани парвандаҳо бекор ё тағйир додани санадҳои судии беасос, бармаҳал ва ғайриқонунӣ мебошад.

Дар ин марҳила низ қонунгузор ба прокурор як қатор ваколатҳои мурофиавиро додааст, ки он дар шакли баёни эътирози назоратӣ ва иштирок дар мурофиаҳои судии суди марҳилаи назоратӣ ифода мегардад.

Оғози мурофиаи назоратӣ, ҳамчун давраи мурофиаи гражданию оилавӣ аз лаҳзаи ба истеҳсолоти судӣ қабул намудани эътирози назоратии прокурор ё шикояти назоратии шахси иштирокчии парванда ҳисоб карда мешавад.

Эътирози назоратӣ аз болои санадҳои судие оварда мешавад, ки онҳо ба қувваи қонунӣ даромадаанд.

Мутобиқи талаботи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 365 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ба суди марҳилаи назоратӣ нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда, ба истиснои қарорҳои Раёсати СО ҶТ овардани эътирозро додааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 365 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи муроҷиат ба суди марҳилаи назоратӣ ба инҳо дода шудааст.

1. Нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда, ба истиснои қарорҳои Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суди марҳилаи назоратӣ аз ҷониби шахсони иштирокчии парванда ва дигар шахсон, ки агар ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо бо санадҳои судии қабулкардаи суд вайрон гардида бошад, мумкин аст бо тартиби муқаррарнамудаи КММ шикояти назоратӣ ва прокурор дар доираи ваколатҳои худ эътирози назоратӣ пешниҳод карда шавад.

2. Нисбат ба санадҳои судӣ ба суди марҳилаи назоратӣ дар мӯҳлати як сол аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо мумкин аст шикоят ва эътирози назоратӣ пешниҳод гардад.

3. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиснои қарорҳои Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътирози назоратӣ пешниҳод менамояд. Прокурори ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори наҳлиётии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори наҳлиётии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори наҳлиётии Тоҷикистон ва шаҳру ноҳияҳои онҳо ба истиснои қарори раёсатҳои суди ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, мувофиқан ба марҳилаи назоратии ин судҳо эътирози назоратӣ пешниҳод менамояд.

4. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ прокурори ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори наҳлиётии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо метавонад парвандаро, ки санади судии аз рӯи он қабулшуда эътибори қонунӣ пайдо кардааст, бо мақсади баррасӣ намудани масъала оид ба пешниҳоди эътирози назоратӣ аз суди дахлдор талаб намояд.

Шикоят ё эътирози назоратӣ бевосита ба суди марҳилаи назоратӣ ба санадҳои судии зерин пешниҳод карда мешавад.

- оид ба қарори кассатсионии суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, оид ба фармон, ҳалнома ва таъиноти эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои шаҳр ва ноҳия - мутаносибан ба Раёсати суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе;

- оид ба ҳалнома ва ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, оид ба ҳалнома ва ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдокардаи суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва суди шаҳри Душанбе, ки ба сифати суди марҳилаи якум қабул кардаанд, агар ин ҳалнома ё таъинот дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии кассатсионӣ қарор нагирифта бошад, оид ба қарори Раёсати суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва суди шаҳри Душанбе, оид ба ҳалнома ва ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдокардаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар онҳо ба тариқи кассатсионӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифта бошанд мутаносибан ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии ва коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- оид ба ҳалнома ва таъиноти эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои ҳарбии гарнизонҳо–ба коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- оид ба қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, *оид ба қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон* оид ба қарори коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон–ба Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шикоят ё эътирози назоратӣ қаблан ба марҳилаи назоратӣ пешниҳод шуда бошад, дар он бояд ба қарори қабулнамудаи суд ишора гардад.

Шикояти назоратиро бояд шахси пешниҳоднамуда ё намояндаи ӯ имзо кунад. Ба шикояти назоратие, ки намоянда пешниҳод кардааст, ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколати намоянда замима мегардад. Эътирози назоратӣ бояд аз ҷониби прокуроре, ки эътироз овардааст, имзо карда шавад.

Шикоят ё эътирози назоратӣ бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди шахсони иштирокчии парванда пешниҳод карда мешавад.

Шикоят ё эътирози назоратӣ аз ҷониби судя дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи воридшавӣ ба суди марҳилаи назоратӣ бе баррасӣ дар ҳолатҳои зерин баргардонида мешавад, агар:

- шикоят ё эътироз ба талаботи пешбининамудаи КММ ҶТ ҷавобгӯи набошад;

- шикоят ё эътирозро шахсе пешниҳод карда бошад, ки барои муроҷиат ба суди марҳилаи назоратӣ ҳуқуқ надорад;

- мӯҳлати пешниҳоди шикоят ё эътироз нисбат ба санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ гузаронида шуда бошад;

- то қабули шикоят ё эътироз ҷиҳати моҳиятан баррасӣ намудани он дар хусуси баргардонидан ё бозхонди онҳо дархост ворид шуда бошад;

Парвандае, ки ба баррасии суди марҳилаи назоратӣ супурда шудааст, дар мӯҳлати на дертар аз ду моҳ бояд баррасӣ карда шавад.

Агар прокурор ҳамчун шахси иштирокчии парванда бошад ва инчунин аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби назоратӣ эътироз пешниҳод гардида бошад, дар маҷлиси судӣ моҳиятан баррасӣ кардани парванда дар марҳилаи назоратӣ иштирок мекунанд

Прокурори ВМКБ, прокурорҳои вилоят, прокурори шаҳри Душанбе ва ё муовинони онҳо - мутаносибан дар Раёсати суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе;

- Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, *коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон* ва коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нисбат ба санадҳои судӣ ба суди марҳилаи назоратӣ дар муҳлати як сол аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо шикоят ва эътирози назоратӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Агар прокурор шахси иштирокчии парванда бошад ва эътироз аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо марҳилаи назоратӣ пешниҳод гардида бошад, дар маҷлиси судии марҳилаи назоратӣ прокуроронии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ё муовинони онҳо, Прокурори генералӣ ва ё муовини ӯ иштирок намуда, оид ба моҳияти парванда хулоса медиҳанд.

Қарори суди марҳилаи назоратӣ аз рӯзи қабул намудани он эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

Ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамударо вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудан мумкин аст.

Ҳолатҳои нав ошкоргардида - ин чунин ҳолатҳои воқеие мебошанд, ки дар лаҳзаи аз ҷониби суд баровардани ҳалнома мавҷуд буданд, аммо ба аризадиҳанда ё суд маълум набуданд ва маълум буда ҳам наметавонистанд, вале мавҷудияти онҳо барои парванда аҳамияти ҷиддӣ дошта, қонунӣ ва асоснокии санади судии мазкурро зери шубҳа мегузоранд.

Ба прокурор низ ҳуқуқи пешниҳоди ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани парванда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида дода шудааст.

Аз нав баррасӣ намудани ҳалномаҳои суд вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида - ин давраи мустақили мурофиаи гражданию оилавӣ мебошад.

Ҳолатҳои нав ошкоргардида - ин чунин фактҳое мебошанд, ки аз онҳо ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гаштани ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони иштироккунандаи парванда вобастагӣ дорад, бинобар ин онҳоро аз далелҳое, ки мақсадашон бо муқаррар кардани чунин фактҳои ҳуқуқӣ маҳдуд мешавад, бояд фарқ кард.

Мутобиқи моддаи 383 КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ариза дар бораи аз нав дида баромадани ҳалнома, таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз ҷониби тарафҳо, прокурор, дигар шахсони иштирокчии парванда ба суде пешниҳод мегардад, ки ҳалнома ё таъиноти мазкурро баровардааст.

Чунин ариза мумкин аст дар муҳлати се моҳ аз рӯзи муқарраргардидани асосҳо барои аз нав дида баромадани ҳалнома ё таъинот пешниҳод карда шавад.

Суд аризаро дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида баррасӣ намуда ё аризаи пешниҳодгардидаро қонеъ мегардонад ва ҳалнома ё таъинотро бекор мекунад ё аз нав баррасӣ намудани онҳоро рад менамояд.

Оид ба таъинот дар хусуси қонеъ гардонидани ариза ҷиҳати аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида пешниҳоди шикоят манъ аст.

Ҳангоми бекор кардани ҳалнома ё таъинот парванда тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи КММ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад ва ҳангоми баррасии нави парванда прокурори иштирокчӣ ҳамаи ваколатҳоеро, ки қонунгузор мавриди баррасии парванда дар суди марҳилаи якум ба шахсони иштирокчии парванда додааст, доро мебошад.

Қурбонзода Дилшод – сардори кафедраи ҳарбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ОМОДАСОЗИИ КАСБИИ АФСАРОН-ОМӮЗГОРОНИ НАВКОР БА ФАЪОЛИЯТИ ҲАРБӢ-ПЕДАГОГӢ ДАР ШАРОИТИ КАФЕДРАИ ҲАРБӢ

Дар давраи муосир рушди пайвастаи равандҳои инноватсионии низоми таҳсилоти ҳарбӣ боиси пешниҳоди талаботи нав ба фаъолияти афсар-омӯзгори кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ ва омодагии касбии ӯ гардидааст. Мутобиқи санаду ҳуҷҷатҳои меъёрии таҳсилоти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман соҳаи маориф мақсад гузошта шудааст, ки сатҳи омодагии касбии афсарон-омӯзгорон тибқи онҳо ва талаботи фаъолияти ҳарбию касбӣ ба мувофиқа дароварда шавад. Дар марҳилаи мазкур аз афсар-омӯзгор дар интихоби методҳо ва шаклҳои таълим, тарбия ва ташаккули шахсияти курсантҳо мувофиқи талаботи имрӯза муносибати тафриқавӣ талаб карда мешавад. Таъмини сатҳи баланди салоҳиятнокии касбии афсарон-омӯзгорон, ҳайати профессорону омӯзгорон, ки ба талаботи баланди раванди раванди муосири таҳсилотӣ ҷавобгӯ мебошад, дар низоми маориф дар маҷмӯъ, ва дар кафедраҳои ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ аз ҷумла муҳим мебошад. Ба ғайр аз масъалаҳое, ки барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ватанӣ умумӣ мебошанд, муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ бо душвориҳои хоси муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбие низ дар фаъолияти рӯзмарраи худ дучор меоянд, ки раванди таҳсилот зимни онҳо аз ҷиҳати мазмун, вазифаҳо ва шиддатнокии пешниҳоди маводи таълимӣ торафт мураккабтар мегардад.

Дар ислоҳоти низоми таҳсилоти ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок ва калидӣ ҳалли масъалаи тайёрии касбии педагогии афсарон-омӯзгорони навкор ва ҳамчун категорияи маҳдудтар, омӯзгорони фанҳои ҳарбии касбӣ дар кафедраҳои тайёрии оташфишонӣ, тактика, тактикаи артиш, қушӯнҳои дохилӣ, воситаҳои нақлиёт, аслиҳа ва техникаи зиреҳпӯш, фаъолияти хидматӣ ва ҷангии артиш, қӯшунҳои дохилӣ ва ғайра маҳсуб мешавад.

Сифат ва самаранокии фаъолияти таълимии кафедраҳои ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ, пеш аз ҳама, бо он муайян мешавад, ки то кадом андоза дониш ва маҳорату малакаҳои касбкардаи хатмкунандаи кафедраи ҳарбӣ ба талаботи стандарти давлатии тайёрии касбӣ мувофиқат мекунанд. Ба дараҷаи зиёд чунин сатҳи тайёрӣ бевосита ба сатҳи

ташаккулёфтагӣ ва инкишофёфтагии салоҳиятнокии касбии афсарон-омӯзгорони муассисаи таҳсилот вобаста мебошад.

Вазъияти кунунии таҷдиди куллии мактаби касбии ҳарбӣ дар заминаи татбиқи Консепсияи маорифи миллӣ, Консепсияи ислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати тайёр кардани кадрҳои баландихтисои фармондеҳӣ барои артиш ва сохторҳои қудратӣ, кадрҳои баландихтисосе, ки ба худтаҳсилкунӣ, болоравии касбӣ ва зудҳаракатии шахсиятӣ мубрам гардонидааст. Талаботи баланд ба омодагии касбии афсарон гарави асосии фаъолияти бомуваффақияти тамоми низоми Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад, ки ҷузъи асосии онро мутахассисони дорои таҳсилоти олии ҳарбӣ-махсус ташкил медиҳанд. Ба туфайли ин низоми омодасозии касбии мутахассисони ҳарбии баландихтисос барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираи васеи талабот ва дархостҳои ҷомеа ва иқтисодиёт бештар мутобиқ мегардад.

Бояд қайд кард, ки ҳолати омодагии ҷангии қӯшунҳо дар шароити ташаккулёфтаи муосир аз бисёр ҷиҳат бо сифати ташкил ва гузаронидани омодагии ҷангии ҳайати шахсӣ, ки бевосита ба сатҳи қобилият, маҳорату малакаҳои педагогии афсарон-омӯзгорон, ба маҳорати онҳо дар таълиму тарбияи самаранок ва босифати зертобеъон вобаста аст, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, барои афсар-хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ зарур аст на танҳо мутахассиси соҳаи худ, балки ҳатман методист, тарбиятгар, омӯзгор ва психологи бомаҳорат низ бошад.

Муосиркунонии таҳсилоти ҳарбӣ-касбӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ба баланд бардоштани сифати таълим, сатҳи салоҳиятнокии омӯзгорон ва мураббиёни муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олии шаҳрвандӣ, вусъат бахшидан ба зудҳаракатии иҷтимоӣ нигаронида шудааст, ки ба худтатбиқкунӣ ва худинкишофдиҳӣ мусоидат мекунад. Дар ин росто, ислоҳоти артиши муосири ҳар гуна мамлакат баррасии як қатор масъалаҳои муҳим ва мубрами марбут ба ақибмонӣ дар соҳаи ташкили раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ ва кафедраҳои ҳарбиро дар муқоиса бо муассисаи таҳсилоти олии шаҳрвандӣ пешбинӣ мекунад. Ҳамгирошавии суст ба низоми умумии маориф ба андозаи пурра натиҷаи мусбати ниҳоиеро, ки ба барномаи таълимӣ-тарбиявӣ ва фаъолнокии афсарони оянда, инчунин ба эътибори хизмати ҳарбӣ таъсир мерасонад, таъмин карда наметавонад. Азбаски дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ афсарон-омӯзгорон ҳамеша дар фазои пӯшидаи тарбиявӣ-педагогӣ бо курсантҳо қаро доранд, ки ин яке аз хусусиятҳои фаъолияти ҳаётии онҳо ба шумор меравад, зарурти таҳияи талаботҳои дахлдори методикӣ-ташкилӣ ва механизмҳои психоолгӣ-педагогӣ, инчунин тадбирҳои махсусе ба миён меояд, ки ба омили муайян кунанда зимни ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва омодасозии ҳайати афсарон-омӯзгорон ба идоракуни педагогӣ ва методӣ дар низоми таҳсилоти олии ҳарбӣ-касбӣ ва татбиқи минбаъдаи онҳо табдил ёфтаанд [4].

Ҳангоми тарроҳии раванди таҳсилотӣ, бо тағйир додани ва пурра кардани моҳияти мазмуни он, ягонагии манфиатҳо, масъулияти тарафайн, дастаҷамъӣ ва ҳамкории ҳарбӣ ба ҳисоб гирифтан мумкин аст. Зеро маҳз ҳамкорӣ он микрофазое маҳсуб мешавад, ки мафҳумҳоеро, аз қабили: ҳамдилӣ ҷа ҳамраъйӣ, кумаки мутақобила, анъанаҳо, одатҳо ва меъёрҳои рафторро муттаҳид месозад. Маҳз ҳамин меъёрҳо хусусияти хоси ҳаёти артиширо ташкил дода, муносибатҳои педагогӣ ва муколамавиро байни субъектҳои он: омӯзгор-курсант-мураббӣ; курсант-мураббӣ; омӯзгор-курсант; мураббӣ-курсантро муайян мекунанд [15].

Бозсозии ташкили таълиму тарбияи дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, пеш аз ҳама, таҳияи пузӯр кардани дастгирии психологӣ-педагогӣ, яъне баланд бардоштани фарҳанги умумӣ маҳорату малакаҳо ва донишҳои касбӣ ва педагогии афсарон-омӯзгорон ва мураббиён, дасткашӣ аз чизҳои барзиёд дар соҳаи маъмурикунонӣ, намоишкорӣ, беҳурматӣ

ва нобоварӣ нисбат ба таълимгирандагон ва тарбиягирандагон ҳамчун нисбат ба объектҳои ғайрифаъоли таъсиррасонииро талаб мекунад [15].

Хусусиятҳои муҳимтар ва аз ҷиҳати касбӣ муҳими фаъолияти афсар-омӯзгори кафдераи ҳарбиро дида мебароем, ки аз он самаранокии ташкил ва фаъолияти рафанди таълимӣ дар шароити кафедраи ҳарбӣ вобаста хоҳад буд:

- талаботҳои махсус нисбат ба афсарон-омӯзгорон, яъне баланд бардоштани сифати фаъолияти касбӣ-педагогӣ, хислатҳ ва сифатҳои шахсиятӣ, баланд бардоштани салоҳиятнокии касбӣ-пеагогӣ;

- дар мутахассисони ҳарбӣ мавҷуд будани вазифаҳои идоракуние, ки аз маҷмӯи ҷузъҳои усулан муҳиме иборатанд, ки хусусияти фармондиҳӣ-маъмурии идоракунии рафанди таҳсилотӣ, аз қабили педагогӣ, тарбиявӣ, методӣ, инчунин ягонагии талабот нисбат ба оинномаи ҳарбӣ ва ғайраро муайян мекунанд;

- иттилоотикунонии раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар кафедраи ҳарбӣ бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои навтарини иттилоотӣ-иртиботӣ, ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар он;

- худомодасозӣ ва худтаҳсилкунӣ, ки мушкилоти маҳдудияти вақти таълимиро истисно карда, имкон медиҳад маҳорату малакаҳои амалӣ ҳамаҷониба ва бодиққат азхуд карда шуда, қобилияти мустақилона такмил додани ҳамаи намудҳои фанҳои таълимӣ ташаккул ва инкишоф дода шавад;

- ташкили ғайристандартӣ ва мазмуни кори тарбиявӣ, яъне қобилиятҳо ва маҳорату малакаҳои ҳалли вазифаҳои дорои хусусияти махсус ҳам дар шароити ҳарбӣ, ҳам дар замони осоишта азхуд карда шавад [4, С. 45].

Ҳамин тариқ, низоми мураккаби иҷтимоӣ-педагогиеро дар ташкил ва фаъолияти раванди таълимӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки самарабахшии он аз сатҳи омодагии касбӣ-сифатии афсарон-омӯзгорон ва мураббиён, бо дарназардошти он хусусиятҳои таҳсилоти ҳарбӣ-касбие, ки дар боло муаррифӣ шуда буданд, вобаста хоҳад буд.

Талаботи баланд ба сифати таҳсилот ва масъулияти шахсии афсар-омӯзгор барои натиҷа ва самарабахшии фаъолияти ҳарбӣ-касбии худ низоми омодасозии мутахассисони ҳарбиро барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммалтар карда, онро ҷиҳати таъмини артиши мамлакат бо кадрҳои баландихтисоси аҳрбие, ки таъйинот ва вазифаҳои худро дониста ва дарк карда, дорои маҳорату малакаҳои идора кардани худ, истифодаи донишҳо ва таҷрибаи худ дар таълим ва тарбияи зертобеон мебошанд, қодир месозад.

Имрӯз ҳамчун самти асосӣ ба таври анъанавӣ такмили низоми ҳарбӣ-педагогӣ ва таҳсилотие маҳсуб мешавад, ки қодир аст аст анъанаҳо ва инноватсияҳоро дар омодасозии афсари баландихтисосе, ки ба талаботи ба фаъолияти ҳарбӣ-касбӣ пешниҳодшаванда мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошад, дар худ муттаҳид намояд. Ҳамин тавр, тағйирот ва дигаргуниҳо дар низоми таҳсилоти олии ҳарбӣ мувофиқи талаботи нави ба афсар ворид карда мешаванд, ки ба шахсият нигаронида шуда, ба сифатҳо, таҳислот ва ҳолати он дахл мекунанд [11, с. 524-531].

Дар шароити ислоҳоти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни омодасозии афсарон оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар онҳо ташаккул ва инкишоф додани сифатҳои муҳими шахсиятӣ ва ҳарбӣ-касбӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Дар ин росто, раванди ҳарбӣ-касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ, аз ҷумла дар кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олии шаҳрвандӣ, самтҳои зерини омодасозии мутахассисони ояндаи ҳарбиро дар бар мегирад:

- «тарбияе, ки аз таъсиррасонии муташакили бо низомнокӣ тавсифшаванда ба ҳиссиёт, шуур ва шуури хизматчиёни ҳарбӣ бо мақсади дар онҳо ташаккул ва инкишоф додани идеалҳои баланди ахлоқӣ, маънавӣ-сиёсӣ, сифатҳои касбӣ ва ҷангӣ, ҷаҳонбинии илмӣ-зебоишиносӣ, инчунин омодагии ҷисмонӣ иборат мебошад;

- таълиме, ки аз омӯзонидани донишҳо, маҳорату малакаҳо дар хзматчиёни ҳарбӣ ҷиҳати иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои хизматӣ ва ҷангӣ иборат мебошад;

- таҳсилоте, ки аз як тараф, худ раванди азхудкунии низоми донишҳо ва маҳорату малакаҳо, аз тарафи дигар, натиҷаи чунин равандеро дар бар мегирад, ки онро бо сатҳи омодагии хизматчиёни ҳарбӣ, нерӯҳои зеҳнии онҳо баҳодиҳӣ кардан мумкин аст;

- рушд ва инкишоф, яъне раванди мақсадноки такмилёбии ақлонӣ ва ҷисмонӣ мутобиқ ба шароити хизмати ҳарбӣ ва вазифаҳои дар раванди он ҳалшаванда;

- омодагии психологӣ, яъне раванди устувори дар хизматчиёни ҳарбӣ ташаккул ва инкишоф додани чунин сифатҳои пихологие, ки барои иҷрои бомуваффақияти қарзи ҳарбӣ дар ҳар гуна шароит зарур мебошанд» [3, 56].

Омӯзиши муфассали ҷузъҳои дар боло пешниҳодшудаи раванди ҳарбӣ-педагогӣ дар таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳад пай бурда шавад, ки ҳамаи онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни инкишофи афсари оянда – рушди омодагии он ба фаъолияти ҳарбӣ-касбӣ нигаронида шудаанд.

Дар робита ба хулосаҳои баровардашуда талабот ба омӯзиши муфассалтари таърифоти илмии «омодагӣ» мубрам гардидааст. Ҳамин тавр, бори аввал мафҳуми «омодагӣ» дар заминаи назарияи рефлексҳо ва муносибатҳо ифода меёбад, ки маҳз ҳамин ибтидои таҳияи масъалаҳои омодагӣ ба фаъолиятро дар охири асри XIX – аввали асри XX хотирмон месозад. Дар давраи минбаъда аз солҳои 20 то миёнаи солҳои 40-уми асрии XX масъалаи омодагӣ аз мавқеи нейрофизиология ва имконияти танзими рафтор мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар давраи аз миёнаи солҳои 40-ум то миёнаи солҳои 60-уми асри гузашта омодагӣ аз мавқеи назарияи фаъолият мавриди омӯзиш қарор гирифта, механизмҳои психологӣ ва физиологие, ки ба ҳолати омодагии инсон умуман ба фаъолият таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд. Аз миёнаи солҳои 60-ум ва то охири солҳои 80-уми асри XX таваҷҷуҳи олимон ба ҷанбаҳои психологии омодагӣ ва шароити педагогии ташаккули он мутамарказ шуда буд. Аз солҳои 90-уми асри гузашта сар карда ва то даҳсолаи аввали асри нав принсипҳо ва шароити психологӣ-педагогии омодагӣ ба фаъолияти касбӣ, инчунин омодагӣ ба фаъолияти таълимӣ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилотӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Бояд қайд кард, ки марҳилаи муосир, яъне аз даҳсолаи якуми асри XXI то вақти ҳозир, аввалан, бо муносибати маҷмӯӣ ба омӯзиши масъалаи омодагӣ ба фаъолият, сониян, бо таҳқиқу таҳлили фаъоли омодагӣ ба фаъолияти ҳарбӣ-касбии курсантҳо ва афсарон тавсиф мешавад. Дар айни замон, таърияи мафҳуми ягонаи «омодагӣ» дар адабиёти илмӣ ба назар намерасад, зеро ҳанӯз ҳам дар омӯзиши таърифи мазкур дар он муносибати ягона вуҷуд надорад [2, с. 54-58].

Ба таври васеътар дар адабиёти психологӣ-педагогӣ «омодагӣ» ҳамчун хислат ва хосияти шахсият пеш аз оғози ҳар гуна фаъолият таъриф карда мешавад. Ҳамин тавр, дар кори А.Г. Ковалев [7, с. 295-298] он ҳамчун мақула (категория)-е, ки ҷанбаҳои ахлоқӣ-психологӣ ва касбиро дар бар мегирад, таъриф шудааст.

Мавқеи психологӣ-биологии омӯзиши омодагӣ аз ҷониби Н.Д. Левитов пешниҳод шудааст, ки байни омодагии тӯлонӣ ва вазъиятӣ фарқгузорӣ кардааст. Аз нуқтаи назари ӯ, «Ҳолати омодагии муқаррарӣ дар инсон пеш аз кори ҳаррӯза, қолибӣ вуҷуд дорад. Ҳолати омодагии баланд пеш аз оғози кори нав, эҷодӣ, шаклҳо ва методҳои ғайрианъавии кор ба вуҷуд меояд. Ҳолати омодагии пастро фаъолияти ҳавасанд карданашуда боис мешавад» [8, с. 156].

Дар пайравӣ ба Н.Д. Левитов, муҳаққиқон омодагиро ба омодагии муваффқатӣ ва тӯлонӣ тақим мекунанд. Омодагии муваққатӣ бо мавҷуд будани фаҳмиш ва дарки вазифаи гузошташуда, дарки масъулияти шахсӣ, саъю талош барои ноил шудан ба муваффақият, бо мавҷуд будани нақшаи фаъолияти дарпешистода муайян мешавад. Дар мавриди омодагии тӯлонӣ бошад, ба назари мо, он бо муносибати мусбат ва бомасъулият ба фаъолияти

дарпешистода; мавҷуд будани талаботҳои ба имкониятҳо мувофиқ ба фаъолияти дарпешистода; устувории равандҳои эҳсосотӣ-иродавӣ; ҳаҷми донишҳои барои иҷрои фаъолияти дарпешистода зарур муайян мешавад.

Масъалаи омодагиро ба таҳаввулот ва истифоаи нерӯи фарҳанги педагогии афсар-омӯзгор дар фаъолияти ҳарбӣ-педагогии ӯ мавриди баррасӣ қарор дода, Д.А. Солонитсин меъёрҳо ва нишондиҳандҳои зерини он: «... пуррагӣ, мукаммалӣ ва устувории тамоюли шахсият; зоҳир кардани маҳорату малакаҳои педагогӣ дар таълиму тарбияи ҳайати шахсӣ; муносибати эҳтиромона ва бомасъулият ба анъанаҳои фаъолияти ҳарбӣ-касбӣ ва истифодаи он дар раванди таълиму тарбияи ҳайати шахсӣ; донистани технологияҳои муосири ҳарбӣ-педагогӣ ва доштани маҳорату малакаҳои таҳия ва ҷорӣ намудани онҳо; пуррагӣ ва устувории тамоюли ҳарбӣ-касбии шахсият; донистани низоми донишҳои ҳарбӣ-илмӣ; истифодаи таҷрибаи шахсӣ ва азхудкардашудаи фаъолияти ҳарбӣ-касбӣ; инкишоф додани тафаккур ва нутқи педагогӣ; зоҳир кардани қобилия, маҳорату малакаҳо ҷиҳати ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак дар раванди педагогӣ» ва ғайраро инъикос кардааст [14].

Ба ақидаи мо, дар ташаккул ва инкишофи омодагии афсар-омӯзгор ба фаъолияти ҳарбӣ-педагогӣ дар кафедраи ҳарбӣ нуқтаи назари О.А. Матайс ба шумор меравад. Муҳаққиқи мазкур омодагиро ҳамчун: «ба таври якопрча зоҳир шудани шахсият, ки ҳолати инсонро пеш аз оғози фаъолият инъикос намуда, аз хосиятҳо, хислатҳо ва сифатҳои шахсиятӣ (ҷанби инфиродӣ), тайёрии он ҷиҳати рафъ кардани душвориҳо дар ҳалли масъала (ҷанбаи ҳавасмандӣ) ва тайёрии амалӣ ба фаъолияти дарпешистода (ҷанбаи маърифатӣ-амалиётӣ) вобаста мебошад [10, с 14].

Таҳлили заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ва кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии шаҳрвандӣ нишон медиҳад, ки омодасозии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ дар низоми таҳсилоти олии ҳарбӣ тибқи талаботҳои дахлдори Вазорати мудофиа, ки ҳамчун вазорати равиявӣ ба ҳисоб меравад, ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Илова бар ин, омодасозии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ бояд ба талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили: Эъломияи Болония, стандартҳои ташкилоти байналмилалии ISO ва ғайра, ки тамоюлҳо ва самтҳои рушди таҳсилоти олии ҳарбиро дар ҷаҳон муайян мекунанд, мувофиқат кунад.

Айни замон низом таҳсилоти ҳарбӣ ҳамчун механизми хуб ба роҳ мондашуда ва ба таври самарабахш фаъолияткунанда ба ҳисоб рафта, вазифааш аз тайёр кардан, бозомӯзии касбиро анҷом додан ва такмил додани ихтисоси кадрҳои ҳарбӣ иборат мебошад.

Дар шароити муосири ҷаҳон муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ бояд вазифаҳоеро, аз қабили: тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси дорои таҳсилоти олӣ барои Қуввaҳои Мусаллаҳ ва дигар ҷузъу томҳои ҳарбӣ, кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва илмии баландихтисос; таъмин намудани талаботҳои таълимгирандагон ба инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ, ба гирифтани таҳсилоти олӣ ё баъдидонишгоҳии касбӣ, баланд бардоштани ихтисос дар соҳаи интихобшудаи фаъолияти касбӣ ҳал намоянд [5, с. 4-12].

Ташкили раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ: таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо кадрҳои илмӣ-педагогӣ (таълимгиранда) ва дар ин асос ташаккул ва рушд додани воҳидҳои сохтории илмӣ-педагогӣ, аз қабили кафедраҳо, озмоишгоҳҳо ва ғайра; таъмин намудан бо ҳайати (таълимгирандагони) тағйирёбанда ва дар ин асос ташаккул ва рушд додани ҷузъу томҳои сохтории таълимӣ, аз қабили: баталонҳои курсантӣ, ротаҳо таълимӣ, гурӯҳҳои таълимӣ; ташаккул додани низоми дахлдои идоракунӣ, ки мақомоти муайяни идоракунӣ, аз қабили: шуъбаҳо, гурӯҳҳои идоракунӣ ва ғайраро дар бар мегирад; ташкили таълиму тарбияи таълимгирандагон, яъне таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, маводи методӣ ва дидактикӣ, аз ҷумла муайян кардани фанҳои зарурии таълимӣ ва мавзӯоти дахлдори машғулиятҳои таълимӣ; ташкил кардани пояи моддӣ-техникии ташкилоти таҳсилотӣ ва такмили онро дар бар мегирад [13, с. 170-175].

Сифати ташкили раванди таҳсилотӣ дар муасисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ аз ҷанбаҳое, аз қабили: сатҳи омодагии довталабоне, ки барои таълим интихоб карда мешаванд, ҳавасмандии онҳо ба гирифтани таҳсилоти олии ҳарбӣ; сатҳи омодагии ҳайати илмӣ-педагогӣ ва роҳбарикунанда ва ҳавасандии он ба фаъолияти педагогӣ, идоракунӣ ва илмӣ; мавҷуд будани пояи моддӣ-техникӣ ва вазъи маблағгузори муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ ва ғайра вобаста мебошад.

Таҳлили сохторӣ-функсионалии низоми ташкили таҳсилоти олии ҳарбӣ ба чунин хулоса меорад, ки барои муасисаҳои таҳсилот олии ҳарбӣ, ба мисли муассисаҳои таҳяилоти олии равияҳио дигар фазои пасошӯравӣ, ташкили устувори интизомӣ хос мебошад.

Муасисаи таҳсилоти олӣ аз ташкилоте иборат мебошад, ки аҳамияи он барои ҷомеа ба дараҷаи зиёд бо ихтисоси хоси профессорҳо ва омӯзгорони он муайян мешавад. Дар анъанаи шӯравӣ онҳо дар воҳидҳои мушаххас, ба монанди кафедраҳо ва озмоишгоҳҳо, ва сохторҳои дигар, ба монанди шӯроҳои диссертатсионие ташкил карда шуда буданд, ки ин тамоюли махсуси фанниро нигоҳ медоштанд, масалан, дар муассисаи таҳсилоти олӣ – кафедраи таъминоти моддӣ-техникӣ, кафедраи тактика, кафедраи омодасозии оташфишонӣ.

Чунин тақсимот ва махсусгардонии қатъии унсурҳо ҳамгирошавии амудӣ, ва на уфуқии онҳоро пешбинӣ менамояд. Мувофиқи ин принсип тақсимоти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилотӣ муайян карда шуда буд.

Ҳамин тариқ, кафедра ҳамчун қисми низоми муассисаи таҳсилоти олӣ, воҳиди худвижаи стратегии рушди он ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, кафедра ҳамчун унсури сохтории низом (зернизом) худаш аз воҳиди низомие иборат мебошад, ки бо маҷмӯи унсурҳои махсусе фарқ мекунад, ки якпорчагии унсурҳои бо ҳамдигар алоқаманд ва ба таври муштарак амалкунандаро ташаккул медиҳанд [18, с. 98-100; 19, с. 139-143]. Дар чунин зернизом муносибатҳои бисёрсатҳии субъект-субъектие ташаккул меёбанд, ки бисёрсохторӣ (сардори кафдера-омӯзгор, омӯзгор-омӯзгор, омӯзгор-курсант ва ғайра) низ ба ҳисоб мераванд [12, с. 51-27].

Бояд қайд кард, ки фазои кафедраи ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ аз маҷмӯи шароите иборат мебошад, ки ҳамкории босамари кормандони кафедраро дар раванди фаъолияти таҳсилотӣ, таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайра таъмин менамояд. Фазои кафедраи ҳарбӣ ин доираи васеи муносибатҳои гуногуни касбӣ ва ҷамъиятие мебошад, ки дорои нерӯ ва имкониятҳои азим барои инкишофи шахсиятии афсарон-омӯзгорон дар самти фаъолияти фарҳангӣ-маърифатноксозӣ, фаъолияти аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муфид ва ғайра мебошад.

К.Д.Ушинский дар бораи нақши шахсияти тарбиятгар навиштааст, ки дар тарбия ҳама чиз бояд ба шахсияти тарбиятгар асос ёбад. Зеро қувваи тарбиятӣ аз сарчашмаи зиндаи шахсияти инсон ҷорӣ гардида, танҳо шахсият ба шахсият таъсир расонида тавониста, танҳо хислат хислатро ташаккул ва инкишоф дода метавонад [17]. Бинобар аҳамияти хоса ва мураккаб будани вазифаҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули сифатҳои шахсияти афсари оянда нисбат ба шахсияти афсар-омӯзгори ҳарбӣ талаботи зиёд гузошта мешавад. Талаботи асосӣ нисбат ба омӯзгори кафедраи ҳарбӣ ин эътиқоди ғоявӣ ба фоиданок ва зарур будани кору касби худ мебошад. Омӯзгор танҳо ба ҳамин шарт эътиқодмандии шогирдони худ, садоқат ва меҳру муҳаббати онҳоро нисбат ба Ватан, омодагии онҳоро ба мудофиаи мусаллаҳонаи он тарбия карда метавонад.

Дар робита ба ин, дар раванди ташаккули тамоюли ҳарбӣ-касбии донишҷӯёни кафедраҳои ҳарбӣ ба онҳо бояд эътиқодмандии омӯзгор ба бартарияти маънавӣ ва техникии Қуввaҳои Мусаллаҳ, иқтидори ҷангии онҳо, эҳтиром ба анъанаҳои пуршарафи ҷангии онҳо, хисси масъулият дар назди Ватан барои иҷрои қарзи ҳарбии худ, эътимод ба ғалабаи мо, меҳру муҳаббат ба кори ҳарбӣ ва касби афсарӣ интиқол дода шавад. Омӯзгори кафедраи ҳарбӣ бояд дорои ифоданокии эҳсосотӣ дар гуфтор ва рафтори худ бошад, яъне ӯ бояд

эътиқодот, назарҳо, муносибати худро ба падидаҳо баён карда, ба фикр, эҳсосот, табъу иродаи донишҷӯён низ таъсир расонида тавонад.

Вазифаи сардори (мудири) кафедраи ҳарбӣ аз зарурати фаро гирифтани афсарон-омӯзгорон бо шабакаҳи робитаҳои иҷтимоӣ-касбие, ки аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олӣ ва худи афсарон-омӯзгорон муқаррар карда шудаанд, ва азхуд намудани ин ё он тамоюлҳои ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ, азбар кардани амалияи риояи меъёрҳо ва қоидаҳои ҷомеаи касбии педагогии муассисаи таҳсилоти олӣ иборат мебошад.

Дар сохтори фази кафедраи ҳарбӣ ҷузҳои зерин, аз қабили: ҷузъи иҷтимоӣ (майдони маъноҳо), ҷузъи фардӣ (майдони маъниҳо) ва ҷузъи ҳамкорӣ ё фаъолияти муштарак (мақдони арзишҳо)-ро муайян кардан мумкин аст. Ҷузъҳои ишорашуда дар муколамаи пайваста қарор дошта, муколамаи мазкури маъноҳо, маъниҳо ва арзишҳо бо таҳияи мавқеи ягона маҳдуд нагардида, балки бо мавҷудияти худ ҳамчун заминаи арзишӣ-маъноии ҳамкорӣ ва фаъолияти муштараки кормандони кафедраи ҳарбӣ ба ҳисоб меравад [9].

Дар шароити муосир фазои кафедраро аз ҳисоби портали интернетӣ васеъ кардан мумкин аст, ки ин имкон медиҳад кор бо ҷараёнҳои зарурии иттилооти дорои хусусияти таълимӣ, таҳқиқотӣ, маърифатноксозӣ, соҳибкорӣ босаводона ташкил ва ба роҳ андохта шавад [1, с. 46-50]. Сарфи назар аз возеҳӣ ва муҳимияти чунин абзор, чунин ҳалҳо дар захираҳои электронии кафедраҳои ҳарбии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан вуҷуд надоранд. Абзорҳои мавҷуд асосан ба ташаккул ва тақсимоти сарбории таълим дар кафедра ва биҳисобгирии ҳуҷҷатҳои дохилидонишгоҳӣ зимни идоракунии фаъолияти кафдера нигарониида шудааст.

Дар ин росто, В.В. Бабенко ва Ю.В. Голчевский консепсияи фазои иттилоотии кафедраро пешниҳод мекунанд, ки бо кумаки технологияи «абри серверҳои дастрас», вақте ки ҳамаи истифодабарандагон ба иттилооти зарурӣ дастрасӣ доранд, ташкил карда мешавад [1, с. 49].

Кафедраи ҳарбӣ аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун маркази татбиқи ғояҳои ислоҳоти таҳсилоти ҳарбӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ баррасӣ шуда, таваҷҷуҳ ба зарурати муттаҳид намудани донишҳо ва маҳорату малакаҳо ҳарбӣ аз ҷониби афсарон-омӯзгорон бо сифтаҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳими омӯзгори донишгоҳӣ, инчунин азхуд намудани асосҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби онҳо зоҳир карда мешавад [9]. Ғояи мазкур инчунин бо он дастгирӣ меёбад, ки соҳибкасбӣ ва салоҳиятнокии касбӣ дар меҳнати педагогӣ ҳамчун ҷузъи меҳварии ислоҳоти таҳсилоти ҳарбӣ ва нишондиҳандаи асосии афсарон-омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ба фаъолияти ҳарбӣ-касбӣ ба ҳисоб мераванд [16, с. 128-132].

Аз нуқтаи назари муносибати фаъолиятӣ, мавриди зикр аст, ки фаъолияти ҳарбӣ-педагогии афсар-омӯзгори навкор бо ҳолати омодагии ӯ ба дарки якпорчаи вазъиятҳои педагогӣ ва ҳалли онҳо дар асоси салоҳятҳо ташаккулёфтаи касбӣ муайян мешавад.

Ба ин ҷанбаи омодагӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, Л.В. Кондрашова қайд мекунад, ки «омодагӣ ба фаъолияти педагогӣ ҳамчун омезиши мураккаби хусусиятҳои психикӣ ва ахлоқии шахсият, ки асоси муносибати педагогро ташкил медиҳанд», дониста мешавад. Омодагӣ ба раванди педагогӣ аз дидгоҳи назариявӣ ҳамчун раванд ва натиҷаи омодасозии касбӣ муаррифӣ карда мешавад. Аз дидгоҳи мурофиавӣ, ташаккули омодагӣ ба фаъолияти ҳарбӣ-педагогии афсарон-омӯзгорони навкорро ҳамчун пайдарпайии дар замону вақт бамалояндаи ҳолатҳои гуногуни психологӣ-педагогии курсант тасаввур кардан мумкин аст, ки бо сохтори ботинии шахсияти ташаккулёбанда ба вуҷуд меоянд. Аз ҷиҳати мавзӯӣ ташакули омодагии афсар-омӯзгорро ба фаъолияти ҳарбӣ-педагогӣ ҳамчун ҳамгирошавии низомноки салоҳиятҳои алоҳидаи психологӣ-педагогие баррасӣ кардан мумкин аст, ки аз ҷониби курсант дар раванди таҳсилотӣ азхуд карда мешаванд. Ҳамин тариқ, омодагӣ афсар-омӯзгори навкор ба фаъолияти ҳарбӣ-касбӣ ҳамчун ҳолати рушд ва инкишофи касбӣ-шахсиятии курсант дорои сохтори сатҳие мебошад, ки дар он ҳар як сатҳи омодагӣ бо

ченаки зуҳуроти миқдорӣ ва сифатии ҳамаи аломатҳо ва нишонаҳое, ки падидаи мавриди омӯзиши педагогиро тавсиф мекунанд, арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчун марҳилаи аввали ташаккули низоми арзёбии сатҳи омодагии афсар-омӯзгор ба фаъолияти ҳарбӣ-педагогӣ тарҳрезии меъёрҳо ҳамчун «маҷмӯи нишондиҳандаҳои объективӣ ва субъективие, ки тавсифи сифати вазъи раванд ё падидаро пешниҳод мекунанд» ба ҳисоб меравад [6].

Ҳамин тариқ, талабот ба афсарон-омӯзгорони кафедраи ҳарбӣ нисбат ба омӯзгорони кафедраҳои илмҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии шаҳрвандӣ, ки дар он ҷо таҳсимоти меҳнати педагогии омӯзгорон ба таври табиӣ инкишоф меёбад, мураккабтар мебошанд. Дар кафедраҳои ғайриҳарбӣ устодон лексияҳо хонда, ба тайёрии назариявии донишҷӯён роҳбарӣ карда, ёварон ва аспирантҳо бошанд, дарсҳо, машғулиятҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои таълимиро мегузаронанд. Дар кафедраи ҳарбии муасссисаи таҳсилоти олӣ чунин таҳсимот вуҷуд дошта натавониста, афсар-омӯзгори он бошад, наметавонад бояд ҳама чизеро, ки мехоҳад, медонад ва метавонад ба донишҷӯён-курсантҳо таълим диҳад. Дар фаъолияти афсар-омӯзгори кафедраи ҳарбӣ маҳз омодагии ҳамаҷониба, донишҳои амиқи асосҳои назариявии ихтисоси ҳарбӣ, маҳорату малакаҳои хуби муносибат ба таслиҳот, обрӯю эътибори ӯ ба ташаккул ва инкишофи тамоюли ҳарбию касбӣ дар донишҷӯён-курсантҳо мусоидат мекунад.

Хулоса, дар замини маводи омӯхташуда имконияти муайян кардани моҳияти омодагии афсарон-омӯзгорони навкор ба фаъолияти ҳарбӣ-педагогӣ дар шароити кафедраи ҳарбӣ ҳамчун маҷмӯи таъсирот ва таъсиррасониҳои ташаккулдиҳанда ба онҳо фароҳам меояд, ки дар асоси мубрамсозӣ ва навсозии мазмуни таъсиррасонӣ, низоми муносибатҳои мутақобила, ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак дар маҷмӯъ ба амал бароварда мешаванд. Аён аст, ки низоми таҳсилоти ҳарбӣ бояд бо додани афзалият ба ҷузъи таркибии ҳарбӣ-педагогии қумондон ва зертобеон бунёд карда шавад. Ҳамчун ҷузъҳои асосии ташаккул ва инкишофи омодагии афсарон-омӯзгорони навкор ба фаъолияти ҳарбӣ-педагогӣ дар шароити кафедраи ҳарбӣ ҷузъҳои инфиродӣ-психологӣ, ҳавасмандӣ-арзишӣ ва касбӣ-амалиётӣ ба ҳисоб мераванд.

Ниҳоят, дар кафедраҳои ҳарбӣ барои баланд бардоштани омодагии афсарон-омӯзгорон ба фаъолияти ҳарбӣ-педагогӣ ба мақсад мувофиқ аст дар раванди ташаккули омӯзгорони навкор барои онҳо ба сифати кураторон омӯзгорони пуртаҷриба, ки қобиланд барои азхуд намудани ҷузъҳои асосии фаъолияти педагогӣ кумаки воқеӣ расонанд, таъйин карда шаванд; барои таъмини назорати фосилавии самаранокии фаъолияти педагогӣ фаъолияти амалии омӯзгорони навкор мунтазам баҳо дода шуда, ба раванди омодасозии онҳо ислоҳот ворид карда шаванд; масъалаҳои таҳияи технологияҳои педагогӣ ва истифодаи усулҳои таълими фаъол аз тарафи омӯзгорон дар ҷаласаҳои комиссияҳои фаннӣ-методӣ ва кафедраҳо мавриди муҳокима қарор дода шаванд.

АДАБИЁТ:

1. Бабенко, В.В. Концепция информационного пространства кафедры вуза на основе веб-портала / В.В. Бабенко, Ю.В. Гольчевский // Открытое образование. – 2014. – №2. – С. 46-50.

2. Барабанщиков А.В. Военная педагогика и психология. М.: Воениздат, 1986. С. 54-58.

3. Барабанщиков А.В. О закономерностях военно-педагогического процесса. М., 1967. – 67 с.

4. Бархаев Б.П. Психология и педагогика профессиональной деятельности офицера. – М.: Воениздат, 2006. – 488 с.

5. Горемыкин В.П. Военное образование – цель на развитие / В.П. Горемыкин // Вестник военного образования. – 2017. – №1(4). – С. 4–12.

6. Капустин В.Б. Профессиональная компетентность советских офицерских кадров. М., 1992. – 59 с.

7. Ковалев А.Г. Психология личности. М.: Просвещение, 1970. С. 295-298.
8. Левитов Н.Д. О психических состояниях человека. М., 1964.
9. Локтев, Е.М. Функциональные особенности деятельности военной кафедры университета в условиях реформирования военного образования: дисс... канд. пед. наук: 13.00.01 / Е.М. Локтев. – Воронеж, 2001. – 185 с.
10. Матайс О.А. Формирование готовности старшеклассников к обучению в вузе в условиях начальной инженерной школы: автореф. дис. ... канд. пед. наук. Оренбург, 1999.
11. Михайленко А.Г. Сущность готовности курсантов военных вузов к военнопедагогической деятельности // Педагогический журнал. 2022. Т. 12. № 3А. С. 524-531. DOI: 10.34670/AR.2022.53.83.036
12. Монахов, О.Н. Организационные, дидактические и методические вопросы деятельности военно-научной секции кафедры военного вуза / О.Н. Монахов // Вестник Ярославского высшего военного училища противовоздушной обороны. – 2017. – №1(1). – С. 51-57.
13. Сивак, А.Н. Организация учебного процесса в военных образовательных организациях высшего образования / А.Н. Сивак, М.М. Гупалов // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2016. – №3(71). – С. 170-175.
14. Солоницын Д.А. Развитие педагогической культуры офицера в процессе военной службы: автореф. дис. ... канд. пед. наук. М., 2015. 24 с.
15. Тарасова Л.И. Организация деятельности преподавателя -служащего в военно-инженерном вузе: Автореф. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.08. – Ставрополь, 2005. – 24 с.
16. Тарская, О.Ю. Профессионально-педагогическая подготовка преподавателей военных вузов в контексте реформы военного образования / О.Ю. Тарская // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2009. – С. 128-132.
17. Ушинский, К. Д. Человек как предмет воспитания. Опыт педагогической антропологии / К. Д. Ушинский. – М.: Просвещение, 1992
18. Шальнова, О.А. Проблемы научной и образовательной деятельности в сфере управления кафедрой вуза / О.А. Шальнова, М.В. Зинцова // Евразийский союэ ученых. – 2016. – №2-3(23). – С. 98-100.
19. Kem, J.S.Answering the hottest question in army education: What is Army University? / J.S. Kem, E.J. LeBoeuf, J.B. Martin // Journal of Continuing Higher Education. – 2016. – 64(3). – С. 139–143.

Исматзода Тоҳир – унвончӯи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ДЕКРИМИНАЛИЗАТСИЯИ КИРДОРҲОИ БА ҶАМЪИЯТ ХАВФНОК

Масоили декриминализатсияи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир мебошад. Декриминализатсия чун ҷараёне, ки кирдорҳои муайнро чун ҷиноят беэътибор эълон менамояд, дар назария ва амалияи ҳуқуқтабиққунии ҷиноятӣ таври мукамал мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Вобаста ба ин, дар адабиётҳое, ки масъалаи декриминализатсияро таҳлил намудааст, оид ба мафҳуми ин зуҳурот ақидаи ягона мавҷуд нест. Масалан, яке аз муҳақиқони масоили сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ А.И. Коробеев декриминализатсияро ҳамчун «ҷараёни муқарар намудани асосҳои аз байн рафтани ба ҷамъият хавфнокии кирдор, эътирофи мақсаднок набудани муборизаи ҳуқуқии ҷиноятӣ бекор намудани ҷазо

барои содир намудани чунин кирдор» меномад[163]. Аммо ин мафҳум аз камбудиҳо орӣ нест. Масалан, ба мафҳуми декриминализатсия ворид намудани бекорнамудани ҷазо барои кирдорҳои пештар ба ҷамъият хавфнок қобили қабул нест. Чунин мафҳуми декриминализатсия аз ҷониби олими дигари шинохта,А.В. Наумов пешкаш гаштааст. Ба ақидаи ӯ декриминализатсия-ин хориҷ намудани таҳти татбиқи ҷазо қарор гирифтани кирдори ба ҷамъият хавфнок, яъне бекор намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад[164]. Бекор намудани ҷазо барои кирдори ба ҷамъият хавфнок -ин ба дигар институти сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ-депенализатсия таалуқ дораду ба ҷараёни декриминализатсия дохил намешавад.

Л.В. Баринова ва В.П. Ревин зери мафҳуми декриминализатсия ҷараёни ҳуқуқии азнав банду баст намудани қисме аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки таҳти татбиқи ҷазо қарордошта ва гузаронидани онҳо ба гуруҳи кирдорҳои маъмурӣ, интизомӣ ва ғайра мебошад[165].

Ба ақидаи мо, декриминализатсия – ҷараёне мебошад, ки дар натиҷаи он қонунгузор бо дарназардошти қонуниятҳои объективии инкишофи ҷомеа бекор намудани ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдорҳои муайни ба ҷамъият хавфноки дар қонуни ҷиноятӣ муқараршуда амалӣ месозад.

Декриминализатсия пеш аз ҳама ин ҷараёни объективӣ мебошад. Чуунки он дар натиҷаи инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан иваз шудани сохти ичтимою иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо ба миён меояд. Мисоли ин гуфтаҳоро мо дар декриминализатсияи як қатор ҷиноятҳое, ки барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шуда буданд, бинобар интихоб намудани роҳи инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон чун иқтисодӣ бозорӣ дида метавонем.

Мафҳуми декриминализатсия имкон медиҳад, ки кирдорҳои нисбаташон репрессияи ҷиноятӣ татбиқшаванда ҳамчун тарзи амалишавии назорати иҷтимоӣ ҳақиқатан манфиатнок бошанд.

«Барои аз ҷониби қонунгузор дохил намудани ин ё он кирдор ба ҷумлаи кирдорҳои ҷиноятӣ, одилона П.А. Фефелов, қайд менамояд, ки хавфнокии ҷамъиятии кирдор нақши ҳалкунандаро дорад»[166]. Дар байни асосҳои декриминализатсия ин асос мавқеи якуминдараҷаро ишғол мекунад. Зери хавфнокии ҷамъиятӣ «хусусияти объективии кирдор фаҳмида мешавад, ки бо зарари расонидашуда ё мерасонида ба ҷамъият муайян мегардад»[167]. Кирдор криминализатсия мешавад, агар хавфнокии ҷамъиятии он зиёд бошад, ки ин боиси татбиқи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ гардад.

Хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдор пеш аз ҳама аз арзиши он дастовардҳое вобаста аст, ки ба он зарар тавассути кирдори мушаххаси инсон расонида мешавад, яъне арзиши ин ё он муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста аст. Бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибатҳои нисбатан муҳими ҷамъиятӣ ҳифз карда мешаванд. Дигар муносибатҳо бошанд на бо ёрии татбиқи ҷазо, балки тавассути чораҳои дигари таъсиррасонӣ ҳифз карда мешаванд. Зарар расонидан ба ин муносибатҳо ҷиноят эътироф намегардад. Вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ, чун қоида, боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад, вайрон кардани қоидаҳое, ки тартиботро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ танзим мекунанд боиси ҷавобгарии маънавӣ ё граждани мегардад. Арзишнокии гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ аз тарафи қонунгузор дар лаҳзаи қабули қонун вобаста аз шароити мушаххаси ҳаёти ҷамеа дар ин ё он марҳила муайян карда мешавад. Масалан, то соли 1940 интизоми меҳнат дар

---

[163] Коробеев А.И. Советская уголовно-правовая политика: проблемы криминализации и пенализации. С. 59.

[164] Наумов А.В. Российское уголовное право. Курс лекций: В 2 т. Т.1. Общая часть. С. 161.

[165]

[166] Фефелов П.А. Критерии установления уголовной наказуемости деяний // Советское государство и право. 1970. № 11. С. 101.

[167] Коробаева А.И. Советская уголовно-правовая политика. Владивасток. 1987 С. 69.

корхонаҳо объекти муҳофизати ҳуқуқи ҷиноятӣ набуд. Дар солҳои пеш аз ҷангӣ аҳамияти ин муносибатҳои ҷамъиятӣ якбора афзуда, қонунгузор муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятиро барои прогул ва худсарона баромадан аз коронаро зарур шуморид.

Ба ғайр аз арзиши дастовардҳо ҳангоми ҳалли масъалаи эътирофкунӣ ё эътироф накардани кирдор ҳамчун ҷиноятхусусияти зарар ба назар гирифта мешавад, яъне тарзи расонидани зарар. Ҷиноят танҳо он кирдоре ҳисоб меёбад, ки аз рӯи хусусиятҳои объективии худ метавонад ба ба арзишҳои ҳифзшаванда зарари ҷиддӣ расонад. Масалан, ба ҳуқуқҳои молумулкӣ, ки объекти таҷовуз ҳисобида меёбанд, кирдорҳое эътироф мешаванд, ки хусусияти дуздӣ (м. 244 КҶ), ғоратгарӣ (м. 248 КҶ), роҳзанӣ (м. 249 КҶ), таъмаҷӯӣ (м. 250 КҶ) несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (м.м. 255 КҶ) дохил мешаванд. Ин кирдорҳо мутобиқи қонун ҷиноят эътироф шудаакнд. Вале зарар ба ҳуқуқҳои молумулкӣ метованад аз кирдорҳое расад, ки дигар хусусият доранд ва чунин кирдорҳоро қонунгузор ҷиноят эътироф накардааст.

Дар муайян кардани сарҳади кирдори ҷиноятӣ аз дигар кирдорҳо хусусият ва ҳаҷми зарари расонидашуда низ аҳамияти муҳим дорад. Дар баъзе ҳолатҳо маҳз ин нишонаи ягонаи фарқкунанда ба ҳисоб меравад. Масалан, вайрон кардани қоидаҳои ветеринарӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мешавад, агар он боиси паҳншавии эпизоотий ё дигар оқибатҳои вазнин шавад. Ҳангои фаро расидани дигар иоқибатҳо аалҳои зикршуда ҷиноят ҳисоб наеёбад.

Хавфнокии ҷаъиятӣ нишонаи умумии тамоми ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад, на танҳо нишонаи амали муайян. Бинобар ин, ба сифати яке аз критерияи баҳодиҳӣ ба сатҳи хавфнокии ҷамъиятӣ тавсифи субъекти ҷиноят низ ба ҳисоб меравад. Як қатор нишонаҳо , ки ба субъект дахл доранд, метавонанд барои ҷудо намудани сарҳади кирдорҳои ҷиноятӣ аз кирдор ғайриҷиноятӣ ва баҳо додан ба сатҳи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти ҳамон як намуд таъсир расонанд. Ба чунин нишонаҳо синну сол, вазъи мансабӣ дохил мешаванд.

Масалан, фарқ намудани сатҳи хавфнокии кирдори аз тарафи калонсолон ва ноболиғон содиршударо зарур аст. Кирдоре, ки а тарафи шахсони ба синни 14 нарасида содир мешаванд, ҷиноят эътироф намешаванд. Шахсони синнашон аз 14 то 16 танҳо барои содир намудани намудҳои муайяншудаи ҷиноятҳо ҷавобгар мешаванд, ва танҳо аз 16 солагӣ ҷавобгарӣ барои тамоми кирдорҳое, ки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд фаро мерасад. Табиист, ки ин ба ҳолатҳое, ки ҷиноят аз тарафи шахсони аз 16 боло содир мешавад паҳн намешавад. Масалан, ҷавобгарӣ барои баровардани ҳукми ошкоро ноодилона аз синни 25 солагӣ фаро мерасад, чунки судя танҳо он нафароне буда метавонанд, ки ба ин синну сол расидаанд, барои ҷиноятҳои ҳарбӣ ҷавобгарӣ аз сини 18 солагӣ оғоз меёбад, чунки хизматчии ҳарбӣ танҳо шахсони 18 сола ва аз он боло шуда метавонанд. Ҳангоми ҳалли ин масъала ба назар гирифта мешавад:

А) имконияти дарк намудани аҳамияти кирдори содиршуда дар ҷамъият;

Б) хавфнокии объективии ҷамъиятии ин ё он намуди кирдор;

В) паҳншавии ин намуди кирдор;

Г) мақсаднокии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Вазъи мансабии шахс дар як қатор ҳолатҳо ба ӯ имкон медиҳад чунин кирдори хавфноке содир намояд, ки онро шахси чунин мансабро ишғол накарда содир карда наметавонад. Чунончӣ, барои ҷиноятҳои мансабӣ танҳо шахсони ансабдор ҷавобгар мешаванд, барои ҷиноятҳои ҳарбӣ танҳо хизатчиёни ҳарбӣ ва ғ.

Устувории кирдори ҷиноятӣ зоҳиран дар такроран содиркунии ҷиноят ифода меёбад.

Ба баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят хусусияти муносибати рӯҳии шахс ба кирдори содирнамудааш ва оқибати ин кирдор таъсир мерасонад. Сиёсати ҳуқуқӣ-

ҷиноятӣ ба сифати яке аз идеяҳои асосӣ дар фарқият аз таълимот ҷавобгариро танҳо барои кирдори гунаҳкорона содиршуда эътироф мекунад.

Сатҳи хавфнокии ҷамъиятии кирдор на танҳо аз мавҷудияти гуноҳ ва шаклҳои он, балки аз мақсади содиркунии ҷиноят аз тарафи ҷиноткор, ки дар наздаш гузоштааст, ангезае, ки он дар содири ҷиноят ба роҳбарӣ гирифтааст вобастагӣ дорад. Бинобар ин, ҳамон як кирдор вобаста аз мақсаду ангеза метавонад ҷиноят бошад, ё метавонад ҷиноят набошад, ва ё ба таркиби ҷинояти дигар дохил шавад. Сӯистифода аз ваколатҳои хизматӣ ҷиноят эътироф мешавад, агар он аз қасд ё манфиатноки шахсии дигар содир шавад (м. 314 КҶ), ва кирдори интизомӣ мешавад, агар он аз рӯи ангезаи дигар содир шавад.

Хавфнокии ҷамъиятии кирдор аз дигар ҳолатҳо, ки ба содир шудани кирдор вобастагӣ доранд вобастагӣ дорад. Ба чунин ҳолатҳо вақт, ҷой, вазъият, тарз, хусусияти воситаҳои содиркунии ҷиноят дохил мешаванд. Ин ҳолатҳо аз тарафи қонунгузор ҳангоми муайян кардани таркиби ҷиноятҳо ба назар гирифта мешавад. Содир намудани кирдор дар вақт, ҷой, ҳолати дар қонун муқаррарнашуда ҷиноят эътироф намешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки муқаррар намудани критерияи умумие, ки аз рӯи он муайян кардани сатҳи кофии хавфнокии ҷамъиятии кирдор барои криминализатсияи он мумкин бошад ғайримкон аст. Принсипи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ҳангоми муҳокимаи ҳар кадом навгонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зарурати ҳалли масъалаи мавҷудияти онро дар кирдори намуди мушаххас нишон медиҳад. Хусусияти хоси принсипи мазкур дар он аст, ки сатҳи хавфнокии ҷамъиятӣ метавонад барои криминализатсия кофӣ набошад, вале он наметавонад аз ҳад зиёд бошад.

Ин ҷо боз яке аз асосҳои муҳими ҳуқуқӣ-криминологии криминализатсия маълум мегардад, ки ин мавҷуд будани зарурати таъсир ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути чорабиниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ буда, чунин ифода меёбад: «криминализатсияи кирдор танҳо он вақт рост, ки агар дигар меъёри дуруст танзимкунандаи муносиабтҳои мазкур тавассути методҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ набошанд ва буда натавонад»[168]. Чунин асосноккунии криминализатсия ба принсипи сарфакории репрессия корреспонденсия мешавад.

Зарурати чуқур баҳодиҳии асоснок кардани криминализатсия дар он аст, ки ҷавобгари ҷиноятӣ ҳангоми амалигардонии он оқибатҳои манфии иҷтимоиро ба вуҷуд меоварад. Натиҷаи манфии татбиқи қонуни ҷиноятӣ хеле гуногун шуда метавонад: ташаккули шахсияти манфӣ дар маҳкумшудагон; тағйири шакли муносибатҳои байни шахсон; вайрон шудани амали иқтисодиёт ва ғайра. Ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқаи манфиатовари маҳкумшударо шикаста, ҷомеаро аз иштирокчии муносибатҳои истеҳсолӣ маҳрум месозад. Ҳамин тавр, криминализатсия на ин ки дастоварда, балки зарурати қурбони як манфиати ҷомеа ба хотири манфиатҳои дигар, яъне манфиатҳои нисбатан муҳимтар мебошад. Бинобар ин, криминализатсияро танҳо он вақте истифода кардан лозим, ки агар дигар воситаҳои таъсиррасонӣ мавҷуд набошанд, агар методҳои алтернативии танзими иҷтимоӣ, аз ҷумла танзими иҷтимоие, ки ба татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ репрессия вобаста нест, самара наоварданд.

Вобаста ба ин, масъалаи чи тавр муайян кардани сатҳи самаранокии ин ё он меъёр, ки тадқиқоти чуқури он дар кори мо ғайриимкон аст, зеро аз сарҳади он берун мебарояд ва хаҷман хеле зиёданд, ба вуҷуд меояд. Дар баробари ин, қайд кардан зарур, ки зери мафҳуми самаранокии меъёрҳо «таносуби байни натиҷаи воқеии таъсири меъёрҳо ва он мақсадҳои иҷтимоие, ки барои расидан ба онҳо ин меъёрҳо қабул шуда буданд» фаҳмида мешавад[169]. Агар мақсади ниҳоии қабули меъёри иҷтимоии мазкур

[168] Основания уголовно-правового запрета. М. 1982. - С. 217.
[169] Эффективность правовых норм. М., 1980. - С. 22.

бартараф сохтани намуди муайяни рафтори зидди иҷтимоӣ бошад, онгоҳ агар бораи самаранокии татбиқи маҳз чораҳои ҷазои ҷиноятӣ барои кирдори намуди мазкур кам кардани ҷазо шаҳодат нашавад ҳам, нигаҳдории шумораи онҳо «дар ҳамон як сатҳе, ки дар ҳолати он зуҳуроти объективии ҷомеа минималӣ мебошад»[170]. Хусусан, шарти зарурии муқаррар кардани мавҷудияти асоси баррасишавандаи криминализатсия иттилоот дар хусуси он мебошад, ки татбиқи методҳои алтернативии таъсири иҷтимоӣ боз доштани онро таъмин намекунад.

Омили мазкур бо чунин асоси ҳуқукӣ-криминологии криминалитатсия, чун ба назар гирифтани инкишофи амалҳои барои ҷамъият хавфнок бо назардошти сабаб ва шароитҳои онҳоро ба вуҷуд оваранда алоқамандӣ дорад. Асоси мазкур хусусияти дуҷониба дорад. Аз як ҷиҳат, асоси муқаррар намудани меъёрҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд вақте ба вуҷуд меояд, ки агар «инкишофи кирдори зидди ҷомеа (ҷиноятқорӣ), яъне тағйир ёфтани ҳолат ва сохтори он ба майли зиёдшавии ин ё он кирдорҳои ба ҷомеа зарароварӣ оварад расонад»[171]. Чунин далелҳо онро нишон медиҳанд, ки татбиқи дигар методҳои мубориза бо намуди мазкури кирдори зидди ҷамиятӣ самара намедиҳад.

Аз ҷиҳати дигар, ҳангоми криминализатсия на танҳо ба назар гирифтани инкишофи кирдорҳои мазкур, балки сабаби онҳо низ зарур аст, зеро муайян намудани онҳо вобастагии қонуни ҷиноятиро аз омилҳое, ки сарчашмаи кирдори ҷиноятиро тавсиф менамояд, нишон медиҳад. Ба назар гирифтани сабаб ва шароитҳое, ки кирдори барои ҷомеа хавфнокро ба вуҷуд меоваранд, чи барои дуруст муқаррар намудани манъкунии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва чи барои муайян намудани сарҳади он аҳамияти хеле муҳим доранд.

АДАБИЁТ

1. Коробаева А.И. Советская уголовно-правовая политика. Владивасток. 1987. С. 69.
2. Коробеев А.И. Советская уголовно-правовая политика: проблемы криминализации и пенализации. 1987. С. 59.
3. Наумов А.В. Российское уголовное право. Курс лекций: В 2 т. Т.1. Общая часть. С. 161.
4. Основания уголовно-правового запрета. М. 1982. С. 217.
5. Фефелов П.А. Критерии установления уголовной наказуемости деяний // Советское государство и право. 1970. № 11. С. 101.
6. Эффективность правовых норм. М., 1980. С. 22.

Исматзода Тоҳир – унвончӯи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

МАФҲУМИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

Категорияи ҳуқуқии “ҳифзи ҷиноӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон” бо нуқтаи назари онтологӣ ва гносеологӣ ин як синтези категоияи “ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон” ва “ҳифзи ҷиноӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳо” мебошад. Бинобар ин муайян намудани хусусиятҳои ин категорияҳо, мазмуну моҳияти илмӣ-ҳуқуқии онҳо имкон медиҳад, ки хусусияти синтезии категория кушода гардад ва он хосиятҳои ҳангоми мустаҳкамкунии қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқӣ ба инобат гирфитан зарур мебошад.

[170] Исмоилов И.А. Приступность и уголовная политика. Баку, 1990. - С. 189.
[171] Филимонов В.Д. Криминологические основы уголовного права. Томск, 1981. - С. 68.

Дар кори мазкур тавақуҳи асосӣ ба татқиқи категорияҳои ҳуқуқӣ, ҳангоми синтез бо категорияи “ҳуқуҳои меҳнатии шаҳрвандон”-и ташаккулдиҳандаи категорияи “ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҳуқуққо” равона карда мешавад. Сухан роҷеъ ба “ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҳуқуққо” меравад. Бо вуҷуди ин ҳифзи ҷиноӣ-ҳуқуқии ҳуқуққои меҳнатӣ аз ҷониби мо ҳамчун як услубу усули самараноки ҳифзи ин категорияҳои ҳуқуққо дар шакли умум дида баромада мешавад. Чӣ тавре, ки муаллифони муосир иброз медоранд, “мақоми асосии меъёрҳои ҷиноӣ-ҳуқуқӣ дар системаи кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуққои меҳнатии шаҳрвандон бо он муайян карда мешаванд, ки онҳо нисбатан воситаҳои амалкунандаи барқароркунии адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи вайронкардашуда ва ҳамчунин барқароркунии зарари бо таҷовуз расонидашуда” муайян карда мешавад.[172]

Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки “мавҷуд набудани консепсия оид ба такмили ҳифзи меҳнат, механизми самараноки ҳифзи давлатии ҳуқуққои меҳнатии шаҳрвандон мустаҳкамкунии таъсири комплексӣ, аз ҷумла бо ёрии қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод мекунад. Вазъи душвору мураккаб дар соҳаи ҳифзи ҳуқуққои меҳнатии шаҳрвандон тақозои тағдиди назар ва аз нав дида баромадани баъзе аз самтҳои сиёсати ҷиноятиро дорад.”[173]

Муҳаққиқони муосир доир ба он, ки “Консепсияи ҳифзи ҳуқуқӣ ва дифои ҳуқуқу озодиҳои шахсият леймотиви фаъолияти ҳаёти ҷомеаи россиягӣ шудааст. Инъикоси он на танҳо дар қонунгузории солҳои охири россиягӣ дидан мумкин аст, балки дар муроҷиатҳою баромадҳои пеш аз интихоботии ходимони сиёсӣ, фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумат ҳам вохурдан мумкин” аст. Бо вуҷуди ҳамин қайд карда мешавад, ки “ҳамзамон бебаҳс тасаввур карда мешавад, ки эъломи конститутсионии ҳуқуқу озодиҳо арзиши олитарин дар ҳаёти воқеӣ ҳоло маънои амалишавии самараноки онҳоро надорад, зеро механизми амалкунанда ва аслан фаъолияткунандаи амаликунандаи онҳо, таъминкунии дифоъ ва ҳифзи ҳуқуққои шахсӣ аз нигоҳи кафолат зарур аст”.[174]

Омор доир ба миқдори вайронкуниҳо дар соҳаи ҳифзи меҳнат нисбат ба нишондодҳо дар миқёси ҷаҳон ҳам умуман оромбахш нест. Масалан, тибқи маълумотҳои Созмони байналмилалии меҳнат (МОТ) дар ҷаҳон аз ҳолатҳои фалокатбор ва касалиҳои касбият ҳамасола қариб 2,2 млн. нафар ҳалок мешавад. Тахминан 270 млн. нафар ҷароҳатҳои ҷисмонӣ мегиранд ва боз 160 млн. аз касалиҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат бо сабабҳои бо фаъолияти меҳнатӣ вобаста азият мекашанд. Мувофиқи баҳо ва таҳлили МОТ талафоти умумии аз ҳолатҳои фалокатбор ба сар омада ва бад шудани вазъи саломатӣ тахминан 4% маҷмӯи маҳсулоти умумии ҷаҳониро ташкил медиҳанд.[175]

Ҳамин тариқ, бо ақидаи он олимон, ки “вазъи муосир бо риояи ҳуқуққои меҳнатии шаҳрвандон чун мушкилу буҳронӣ тавсиф мешаванд” пешниҳод мекунанд, розӣ шудан мумкин аст.

Вайронкуниҳои бештари ҳуқуққои меҳнатии шаҳрвандон на танҳо дар корхонаю ташкилотҳои мушаххас вазъиятро мутшанниҷ мегардонанд, балки вазъи умумии ҷамъиятро мушкил гардонида боиси корпартоиҳо ва дигар эътирозу норозигиҳо мешаванд

Мо бо И.Е. Эмирова пурра розӣ ҳастем, ки қайд мекунад, “мустаҳкамкунии ҳуқуққо ба меҳнат дар шароитҳои ба талаботҳои бехатарӣ ва гигиена на сатҳи конститутсионӣ ҷавобгӯ, маънои эътироф ва таъмини афзалияти ҳаёт ва саломатии коргарон дар нисбати натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои тамоми шакли моликиятро дорад. Хатарнокии вайронкунии тартиботу қонунҳои ҳифзи меҳнат дар марҳилаи муосири рушди

[172] .Уголовное-провове обеспечения реаливация трудовых прав. По законодательству Российской Федерации и Республика Казахстан. Эмиров И.Е. М 2005.
[173] .Лукьянова Н.А. Преступления против трудовых прав граждан. Самара 2005.
[174] .Попов З.В. Охрана защита прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации. Челябинск 2004. С.145
[175] .Вакулин Ю.В. Предупреждения преступления, посягающих на трудовых правоотношения. Г 2005.

ҷомеа чашмрас меафзояд – дар шароитҳои прогресси илмӣ-техникии бо худ неруи техникаро зиёд мегардонад, таҳқизоти истеҳсолотӣ мураккаб мешаванд ва технологияҳои нав ҷорӣ мекунад ва ҳоказо”[176]

Моҳияти васеъи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва мураккабии вазъият бо ҳифозати онҳо дар амал зарурату моҳияти чораҳои ҷиноӣ-ҳуқуқии ҳифзи меҳнатро ҳамчун яке аз методҳо ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби давлат маҳсуб меёбанд.

Вале бо ин гуна муҳимияти ҳифзи ҷиноӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон, бояд илова намуд, ки дар амал ба парвандаҳои ин категорияҳо дар раванди ҷиноятӣ на ҳама вақт таваҷҷуҳи лозима дода мешавад. Муҳаққиқон дар бораи “нокомии аслӣ дар соҳаи таъмини бехатарии шароитҳои меҳнати умуман дар мамлакат ва чӣ дар минтақаҳои алоҳида изҳор мекунанд. Ҳамчунин бо омузиши маводҳои санҷишии то тафтишотии амалияи тафтишотӣ доир ба далелҳои ҳолатҳои фалокатбор дар истеҳсолот нишон дод, ки аз ҷониби кормандони прокуратура ба амалҳои шахсони барои риояи қоидаҳои ҳифзи меҳнат баҳои нодуруст дода мешавад, ки доир ба ин категорияи парвандаҳо шумораи зиёди раддияҳо дар кушодани парвандаҳои ҷиноӣ мавҷуд аст. Миқдори парвандаҳои ҷиноии тафтишшуда ва ба итмомрасида бо баровардани ҳукм хеле кам мебошанд”.[177]

Ба таҳқиқоти категорияи “ҳифзи ҷиноӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳо” муроҷиат намуда, пеш аз ҳама бояд тазаккур дод, ки категорияи “ҳифзи ҳуқуқҳо” умуман хеле васеъ дар қонунгузории россиягӣ , аз ҷумла дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ-мурофиавӣ мустҳкам карда шудааст.

Масалан дар Кодекси мурофиавӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2001 моддаи махсуси 11 “Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судӣ” ҷой дорад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.1998 №648 вазифаҳои Кодекси мазкур инҳоянд: ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, низоми ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити зист, сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузҳои ҷиноӣ, таъмини сулҳ ва амнияти инсоният ва ҳамчунин пешгирии ҷиноятҳо.

Ҳамин тариқ, ҳифзи ҳуқуқҳо (ё худ ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон) аллакай дар моддаҳои аввали КҶ ҶТ ба сифате яке аз вазифаҳои кодекси мазкур номбар карда мешвад. Бо вуҷуди ин дар номгуи вазифаҳои КҶ ҶТ дар ҷои аввал маҳз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ишғол кардаанд, ки ҳамаи дигар вазифаҳояш аз он сохта мебошанд ва то ин ё он дараҷа ба онҳо баробар карда мешаванд.[178]

Ба он ки ба вазифаи мазкур дар ибтидои руйхат тавсифи аввалия дода шудааст, дигар муҳаққиқон ишора мекунанд. Масалан, Т.Н. Нуркаева менависад, ки “вақт лозим аст, ки қонунгузории соҳавии россиягӣ бо арзишҳои шахсияти инсонӣ афзалият дошта бошад. Қадамҳои аслӣ дар ин самт аллакай гузошта шуданд. Ба ин Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998, кодекси ҷиноӣ-иҷроиши ҶТ соли 1997, Кодекси мурофиавӣ-ҷиноятии ҶТ соли 2001, Кодекси меҳнати ҶТ соли 2001, Кодекси ҶТ доир ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ соли 2001 шаҳодат медиҳанд. Ҳаминро гуфтан кофӣ аст, ки дар макони аввал аз байни вазифаҳи қонунгузории ҷиноӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (моддаи 2 КҶ) дода мешавад ва Қисми махсуи КҶ ҶТ аз фасли “Ҷиноят ба муқобили шахсият” оғоз мешавад.

[176] .Эмиров И.А. Уголовное-правове обеспечения реализатция трудовых прав. По законодательству Россиской Федератции и Республика Казахстан. Г 2005.

[177] Великий А.А. Нарушение правила охрана труда. Уголовно-правовые и криминалогические аспект. Челябинск 2004.

[178] .Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия. 13 июни соли 1996 №63. Моддаи 2.

Ҳамчунин дар ҳуқуқи ҷиноии Тоҷикистон консепсияи афзалиятноки ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам карда шудааст”[179] .

Қайд мекунем, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми “дифои ҳуқуқ” истифода намешавад, ба ҷои он ибораи “ҳифзи ҳуқуқ” истифода мегардад. Масалан, мутобиқи моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои вай арзиши оли мебошанд мебошанд. Эътироф, риоя ва ҳифзи инсон ва шаҳрванд – вазифаи давлат аст.” Ҳамзамон мафҳуми “дифоъ (ҳифз)” дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба объектҳои дигар татбиқ мешавад масалан, мутобиқи қисми 2 моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳнат ва саломатии одамон ҳифз карда мешаванд. Ба назар мерасад, ки аз тезиси конститутсионӣ доир ба ҳифзи меҳнат зарурати ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон аз ҷумла бо методҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ба миён меояд.

Гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, мафҳуми “дифоъи ҳуқуқҳо” ва “ҳифзи ҳуқуқҳо”, ки агар муҷовир ва наздик мебошанд, бо вуҷуди ин ҳаммаъно нестанд ва мазмуни ҳуқуқии худро доранд.

Масалан, З.В. Попов пешниҳод мекунад, ки зери дифоъи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, органҳои худидораи маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷаъиятӣ ва фардҳои ҷудогона оид ба таъмини амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳо, фаҳмида шавад. Ва зери мафҳуми ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд механизми маҷбуркунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби органҳои давлатӣ, органҳои худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва фардҳои ҷудогона бо усулҳои мувофиқ фаҳмида шавад (масалан: бартараф намудани монеъаҳо барои амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳо, пешгирии вайронкуниҳо ва ғ.)[180]

Баъзе муҳаққиқон яке аз ин категорияҳоро чун инъикоси дигар, қисми он дида баромадан пешниҳод мекунанд. Масалан, А.Н.Сайгашкин фарз мекунад, ки мафҳуми “дифоъ” аз вожаи “ҳифз” нисбатан васеътар мебошад. Аввалаш дуюмиро дар худ фаро мегирад. Дифоъ ба шакли маъноии васеъ аз ду таркиб иборат аст: “пассивӣ” – фазаи нигоҳдорӣ ва контрол (дифоъ ба маънои фишурда) ва “фаъол” – фазаи амал эътино анҷоми кори хатарнок, тағйироти нохоҳам (муҳофизат).

Ба андешаи мо дифои ҷиноӣ-ҳуқуқии ҳуқуқҳои меҳнатиро ҳамчун қисми системаи кафолатҳои ҳуқуқҳои меҳнатӣ ба таври умда дида баромадан ҷоиз аст. Бо вуҷуди ҳамин зери кафолатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии меҳнат донистани “маҷмуи қонунан мустаҳкамшудаи васоити ташкилию ҳуқуқӣ (меъёрҳои ҳуқуқӣ, органҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳуқуқӣ, чораҳои пешгирӣ, усулҳои барқароркунӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда чораҳои ҷавобгарӣ)-и ба таъмину ҳифзи бмамоният, самаранок ва пурраи амалисозии ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандони қобилияти меҳнатии худро озодона амаликунанда равонашуда”.

Дар илм шарҳи дигари дифои ҷиноӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад: “дифои ҷиноӣ-ҳуқуқӣ ин дар марҳалаи муайяни рушди таърихии фаъоляити муфиди ҷамъиятии объективан зарури органҳои махсусан масъули давлатӣ оид ба таъмини бехатарии объектҳои тавассути амалӣ намдани амрияҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мебошад” [181] .

Дар ин сурат муносибатҳои меҳнатӣ ҳачун объекти муҳофизати ҷиноӣ-ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла ба ақидаи Ю.В. Вакулин муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ҳамчун объекти муҳофизати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқи шаҳрванд ба меҳнат ва ҳамчунин ба шароитҳои бехатари меҳнат, музди меҳнат, корпартоӣ, имкониятҳои баробар барои амалисозии ҳуқуқҳои меҳнатии худ, ки мувофиқи қонунгузории меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатиро дар бар гирифта, ки дар натиҷаи содиркунии таҷовузи ҷиноӣ вайрон карда мешаванд, фаро мегиранд.

---

[179] .Нуркаева Т.В. Уголовно прововая охрана лиячнҷх прав и свобод человека. Авторед дисс. канд.наук.юрид. 2006.

[180] .Попов З.В. Охрана и защита прав и свобод человека и гражданина в Р.Ф. Челябенск 2004.

[181] .Лукямова Н.А. Преступления против трудовых прав граждан. Самара 2005.

Муҳаққиқони муосир иброз мекунанд, ки “хусусияти кирдори ба ҷамъият пеш аз ҳама бо объекте, ки ба он таҷовуз карда мешавад муайян мегардад. Ҳар чӣ қадар арзиши иҷтимоии объекти муҳофизати ҷиноӣ-ҳуқуқӣ баландтар бошад, ҳамон қадар таҷовуз ба он ҷамъиятан хатарноктар эътироф карда мешавад. Агар маълум нест, ки кадом муносибати ҷамъиятӣ объекти таҷовуз будааст, пас маълум нест гап дар бораи кадом ҷиноят меравад”[182]
.

Ҳамзамон қайд мегарадад, ки муайянкунии объекти муҳофизати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ “на танҳо имкон медиҳад, ки мазмун ва зарурати манфиати бо қонун дифоъшударо муайян кунем, балки пешбинӣ намудани чорабиниҳои комплексии ба бартарф намудан, бетарафсозӣ ё сустар кардани амалҳои сабаб ва шароитҳои ба содиркунии ҷиноятҳо мусоидаткунанда низ аён шаванд”.

Дар ин ҳол дастурҳои мувофиқи қонунгузор ба оқибатҳои мушаххас дар диспозитсияи меъёрҳо моро ба хулоса меорад, ки маҳз онҳо он доираи муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд, ки бо қонуни ҷиноятӣ муҳофизат карда мешаванд. Ба элементҳои муносибатҳои ҷамъиятии нишондодашуа таъсир расонда, субъект онро тағйир медиҳад ва ҳамин тариқ зарари иҷтимоӣ хатарнокро мерасонад. Объекти таркиби ҷиноят элементи ягона буда, ки ҳеҷ гоҳ бевосита дар матни диспозитсияи меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ инъикос намегардад ва бо роҳи тадқиқоти амиқи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади муҳофизати онҳо меъёри мувофиқи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ нашр карда шудааст.

Ҳамин тариқ мувозигии байни объекти ҷиноят, объекти муҳофизати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба онҳо ин ё он кирдори ҷиноӣ таҷовуз ё таадӣ мекунад, муайян кардан имконпазир мешавад.

Дар категорияи ҷиноии аз тарафи мо тадқиқшаванда чунин объекти ҷиноят ва муҳофизати ҷиноӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон мебошанд ва намудҳои вобастаи муносибатҳои ҷамъиятӣ – муносибатҳои меҳнатӣ ё муносибатҳои ҷамъиятии дар соҳаи меҳнат мебошанд. Ҳамчун сатҳҳои гуногун дар дарки объекти вайронкунии ҷиноятӣ ҷудо кардан мумкин мешавад.[183]

Масалан, А.А.Великий тақсимоти объектҳои вайронкунии ҷиноии қоидаҳои муҳофизати меҳнат ба: объекти хелӣ – муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсиятро дифоъкунанда; объекти намудӣ – муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи риояи бо Конститутсиия эълоншудаи алайҳи ҳуқуқҳои умумишаҳрвандии сиёсӣ ва иҷтимоӣ; объекти асосии бевосита – шароитҳои бехатарии меҳнат, ки вобаста ба онҳо зарардидагон дар ин ҷо метавонанд коргарони корхонаи мушаххас (муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо, соҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ) ва ҳамчунин дигар ашхос (аз ҷумла шаҳрвандони хориҷӣ ва шаҳрвандони бетабаа), ки фаъолияти доимӣ ё муваққатии онҳо бо ин истеҳсолот вобаста аст; объекти бевоситаи иловагӣ, - ҳаёт ва саломатии инсон.

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани он, ки кадоме аз муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳуқуқҳои меҳнатӣ бояд объекти муҳофизати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бошанд (ва на маъмурӣ-ҳуқуқӣ, муҳофизат бо методҳои ҳуқуқи меҳнатӣ ва манфиати иҷтимоӣ, дигар ҳуқуқҳо), лозим аст, ки кадом вайронкунӣ дар соҳаи мазкур оқибатҳои хатарнокро ба бор меоранд, муайян намуд, ҳамчунин меъёрҳои чунин хатари ҷамъиятиро бояд муайян намуд.

Аз руи натиҷаҳои муайянкунии ин категорияҳо, доир ба он ки оё ин номгуи ҳуқуқҳои меҳнатии дар айни замон бо ҳуқуқи ҷиноӣ муҳофизатшаванда, кофӣ ё зиёдатӣ мебошад, он ба саҳеҳкунӣ ба самти васеъшавӣ ё баръакс ихтисоршавӣ ниёз дорад ё, хулоса кардан мумкин аст.

АДАБИЁТ

[182] .Проценко С.В. Предмет и объект уголовно-прововой охраны в составе транспортного преступлениях. Российский следователь 2010 №14.

[183] .Коржанский Н.И. Объект посягателство и квалификатции преступлений. Волгоград 1976.

1. Вакулин Ю.В. Предупреждения преступления, посягающих на трудовых правоотношения. М., 2005.
2. Великий А.А. Нарушение правила охрана труда. Уголовно-правовые и криминалогические аспект. Челябинск 2004.
3. Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия. 13 июни соли 1996 №63.
4. Коржанский Н.И. Объект посягателство и квалификатции преступлений. Волгоград 1976.
5. Лукямова Н.А. Преступления против трудовых прав граждан. Самара 2005.
6. Нуркаева Т.В. Уголовно прововая охрана лиячнҷх прав и свобод человека. Авторед дисс. канд.наук.юрид. 2006.
7. Попов З.В. Охрана защита прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации. Челябинск 2004. С.145
8. Проценко С.В. Предмет и объект уголовно-прововой охраны в составе транспортного преступлениях. Российский следователь 2010 №14.
9. Эмиров И.Е. Уголовное-провове обеспечения реаливация трудовых прав. По законодательству Российской Федерации и Республика Казахстан. М., 2005.

Ба чопаш 22.11.2024 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 1/8. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 29,57. Адади нашр 100 нусха.